**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ**
**ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН**
**ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**



# МАВОДИ

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ–АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ
ДАР МАВЗУИ «МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»
(ш. Душанбе, 08 ноябри соли 2025)

# МАТЕРИАЛЫ

МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО–ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ НА ТЕМУ «АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА И АУДИТА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ И УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН»
(г. Душанбе, 08 ноября 2025 года)

# MATERIALS

INTERNATIONAL SCIENTIFIC PRACTICAL CONFERENCE ON THE TOPIC OF "CURRENT ISSUES OF ACCOUNTING AND AUDIT IN THE CONDITIONS OF THE DIGITAL ECONOMY AND ACCELERATED INDUSTRIALIZATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN"
(Dushanbe, November 08, 2025)

**ДУШАНБЕ– 2025**

УДК 336+339.7(075.8)
ББК:65.88+65.9(2-тоҷ)
К-13

Маводи 2-юмин конференсияи илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (08 ноябри соли 2025, шаҳри Душанбе) – Душанбе: ҶДММ «Соҳибкор», 2025. – 328 саҳ.

Мушовир:
Асрорзода Убайдулло Саттор - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мураттибон ва муҳаррирони масъул:
Ҷуразода Хайринисо Ҳайдар н.и.и, дотсент, Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ;
Бобоев Алимурод Меликмуродович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ

Ҳайати таҳририя:
Ғуломов Зикрулло Тошмуродович.,номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ;

Маҷмуаи мазкур маводи 2-юмин конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ, ки дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (08 ноябри соли 2025, шаҳри Душанбе) дар заминаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибаҳои байналмилалӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баргузор гардида буд, фарогир мебошад.
Ҳайати таҳририя ва мураттибон мақолаҳои муаллифонро вобаста ба талаботи муқарраргардида дар доираи ин маҷмуа ба чоп тавсия намудаанд. Бинобар ин, саҳеҳияти муҳтавои илмӣ, мазмун, далел ва иқтибосҳо ба зиммаи муаллифони мақолаҳо вогузошта мешавад.
Маҷмуаи маводи конференсия барои истифодаи донишҷӯён, унвонҷӯён, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мутахассисони мақомоти давлатӣ тавсия карда мешавад.

ISBN 978-99975-0-843-0

© Коллективи муаллифон, 2025
© МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», 2025

## ПЕШГУФТОР

Дар шароити муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ бознигарии нақш ва мавқеи касби муҳосибӣ ва фаъолияти баҳисобгирӣ аҳамияти хоса дорад. Муайян карда шудааст, ки технологияҳои иттилоотӣ ҳам дар методология ва ҳам дар самти амалии илми баҳисобгирии муҳосибӣ тағйиротҳо куллиро ба вуҷуд оварда, роҳи ҳалли масъалаҳои пешниҳоди саривақтии иттилоот, рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ замина мегузорад.

Дар айни замон, дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти назаррас, мутобиқи талаботи иқтисоди бозорӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ки бо ислоҳоти он алоқамананд ба амал меоянд. Яке аз самтҳои афзалиятнок дар ин ҷода такмил додани ташкил ва методологияи баҳисобгирии муомилоти ҳисоббаробаркунӣ байни агентҳои иқтисодӣ, инчунин ташаккул ва инъикоси маълумоти боэътимод дар бораи қарзи дебиторӣ ва кредитории субъектҳои хоҷагидор мебошад, ки ғайринақдикунонии пардохтҳо усули самарабахшии он махсуб меёбад.

Гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва тавсеаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар мадди назари давлату ҳукумат қарор дошта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт дастуру супоришҳои мушахас медиҳанд.

Тараққиёти иқтисодиёти ҳар як давлат ҳоло бе системаи самарабахши муомилоти пул ва истифодаи механизмҳои ҳозиразамони пардохт имконнопазир аст.

Истифодабарандагони дохилӣ ва берунии ҳисоботи молиявӣ ба гирифтани маълумоти боэътимод оид ба вазъи амволии корхона ва натиҷаҳои фаъолияти он манфиатдоранд. Дар ҳисобот мавҷуд набудан ё нопурра инъикос намудани маълумот оид ба муомилоти ҳисоббаробаркунӣ, талабҳо ва ӯҳдадориҳо метавонад боиси таҳлили носаҳеҳ ва хулосаҳои нодуруст оид ба динамикаи гардиши дороиҳо ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагидории корхона, пардохтпазирии тавозунӣ ва қобилияти пардохт дар давраи кӯтоҳ ва дарозмуддат гардад.

Танҳо системаи дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ ва методологияи таҳияшудаи баҳисобгирии ҳисобҳо, ки бо тавассути технологияи инноватсионии рақамӣ анҷом дода мешаванд, метавонад ташаккули маълумоти босифати ҳисобот ва мувофиқан самаранокии қарорҳои дар асоси он қабулшударо таъмин намояд.

Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ аз хусусиятҳои миллӣ, рушди муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва сохтори сиёсии мамлакат вобастагӣ дорад. Чунин ҳолат барои таҳия ва амалӣ намудани заминаҳои танзими меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии миллӣ замина фароҳам меорад.

Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ барои идоракунии самараноки тиҷорат иттилооти саривақтӣ ва муфассалро дар бораи равандҳои идоракунӣ

таъмин намуда, имкон медиҳад, ки таҳлили муфассал, моделсозии равандҳо ва пешгӯии рушди ояндаро фароҳам оранд.

Баҳисобгирии муҳосибӣ базаи иттилоотӣ мебошад, ки дар он аз ҷониби корбарони дохилии иттилоот – роҳбарияти ширкат қарорҳои муҳими идоракунӣ қабул карда мешаванд ва корбарони берунӣ, аз қабили мақомоти танзимкунандаи давлатӣ, саҳҳомон, сармоягузорон ва кредиторон дар асоси он баҳодиҳии худро дар бораи ширкат қарор медиҳанд.

Дар равандҳои муосири бизнес автоматикунонии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳо барои кам кардани вақти корӣи кормандони баҳисобгирӣ ва сарфаи захираҳои молиявӣ, инчунин сари вақт бо маълумоти зарурӣ таъмин намудани роҳбарият имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Бо ин мақсад зарур аст, ки барои таъмини самарнокии ин низом ва истифодаи дурусту илман асосноки технологияи инноватсионӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит мутахассисони дорои донишҳои нав ва такмилёфта омода карда шаванд.

Дар ин росто дар назди кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳ, синфхонаи компютерии бо воситаҳои техникӣ ва барномавии муосири коркарди ахбори баҳисобгирӣ ҷиҳозонидашуда амал мекунад, ки барои омода намудани мутахассисони соҳибкасб нақши муассир дорад.

Дар партави сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Пешвои маҳбуби миллатамон ва иҷрои нақша – чорабиниҳои Стратегияи рушди донишгоҳ барои давраи то 2040 дар самти такмил ва рушди таҳсилоти дуалӣ, тасмим гирифтаем дар донишгоҳ намояндагиҳои ширкатҳои байналмилалии аудиторӣ, маркази аутсорсинг ва дигар марказҳои омӯзиширо таъсис дода барои боз ҳам баланд бардоштани иқтидори илмии донишҷӯён ҳиссагузор бошем.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар пояи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит 2–мин конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиро дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор намуд, ки хушбахтона маводҳои зиёде ҷамъоварӣ гардид.

Маҷмӯаи маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ, ки дар даст доред, фарогири натоиҷи тадқиқоти илмии ҳайати профессорӣ-омӯзгории донишгоҳ, олимони варзидаи ҷумҳурӣ ва хориҷӣ, инчунин аспирантону унвонҷӯён доир ба масоили мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба андешаи мо, баргузории конфронси илмии мазкур боз ҳам дар самти инкишофи пажӯҳиши илмӣ дар ин соҳа мусоидат мекунад.

***Асрорзода У.С.*** *– д.и.и., профессор,*
*ректори Донишгоҳи байналмилалии*
*сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

## БАХШИ I: МАСОИЛИ МУБРАМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

## МЕХАНИЗМИ НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ХАВФҲОИ АМАЛИЁТӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

**Асрорзода Убайдулло Саттор** – д.и.и., профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
**Бобоев Алимурод Меликмуродович** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ.

Дар шароити рушди муносибатҳои молиявию иқтисодӣ бонкҳои низомсоз дар раванди фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба идоракунии хавфҳои амалиётӣ диққати махсус зоҳир менамояд. Идоракунии хавфҳои амалиётии бонкҳо пеш аз ҳама ба кам намудани эҳтимолияти талафоти ғайричашмдошт дар фаъолияти амалиётии бонк бо назардошти таносуби оптималии таваккал ва даромаднокӣ нигаронида шудааст.

Аз ҷониби ҳар як бонки низомсоз воситаҳои идоракунии хавфҳои амалиётӣ мутобиқи талаботи муқарраршудаи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаҳои беҳтарини идоракунии хавфҳо таҳия ва татбиқ карда мешавад. Принсипи асосии идоракунии хавфҳои бонк ин иштироки фаъоли тамоми кормандон дар доираи салоҳияти худ ҳангоми муаянсозии омилҳои хавфи амалиётӣ ва татбиқи тадбирҳо вобаста ба нигоҳ доштани сатҳи хавфҳои амалиётӣ дар сатҳи қобили қабул мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2024 65 ташкилоти қарзии молиявӣ, 16 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият менамояд. Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар интиҳои соли 2024 дар маҷмуъ 52 526,2 млн сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023 ба андозаи 26,0 фоиз зиёд мебошад. Дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 34,2 фоиз баробар гардид.

| Р/т | НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР | Адад | Дороиҳо (млн сомонӣ) | Ҳисса бо % | Афзоиши дороиҳо нисбат ба соли 2023 бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои қарзии молиявӣ | | 65 | 47478,0 | 90,4 | 26,0 |
| | Бонкҳо | 16 | 40511,5 | 77,1 | 26,8 |
| | Бонки давлатӣ | 2 | 9816,3 | 18,7 | 17,4 |
| | Бонки исломӣ | 1 | 328,1 | 0,6 | 34,7 |
| | Бонк бо сармояи хориҷӣ | 5 | 4814,6 | 9,2 | 25,4 |
| | Бонкҳои дигар | 8 | 25552,6 | 48,6 | 31,1 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | | 1 | 233,4 | 0,4 | - |
| Ташкилотҳои маблағгузории хурд | | 48 | 3733,1 | 12,8 | 19,8 |
| | Ташкилоти амонатии қарзии хурд | 22 | 5643,7 | 10,7 | 21,7 |
| | Ташкилоти қарзии хурд | 3 | 299,9 | 0,6 | 12,3 |
| | Фонди қарзии хурд | 23 | 789,5 | 1,5 | 10,4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 344 | | | |
| Ташкилотҳои суғуртавӣ | 16 | 901,5 | 1,7 | 10,5 |
| Ташкилотҳои лизингӣ | 6 | 492,4 | 0,9 | 16,2 |
| Биржаҳои фондӣ | 2 | | | |
| АСИН | 1 | 3654,3 | 7,0 | 31,5 |
| ҲАМАГӢ | 90,0 | 52526,2 | | 26,0 |
| Нисбат ба ММД (%) | | 34,2 | | |

**Сарчашма: Таҳлили муаллиф аз маълумотҳои сомонаи расмии БМТ**

Аз нақшаи пешбинишуда бармоеояд, ки 90,4 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои АСИН (7,0 фоиз), ташкилотҳои суғуртавӣ (1,7 фоиз) ва ташкилотҳои лизингӣ (0,9 фоиз) ташкил медиҳанд1. Ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ иборат буда, ташкилотҳои қарзӣ дар навбати худ бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд)–ро дар бар мегиранд. Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба соли 2023 ба андозаи 26,0 фоиз афзоиш ёфта, ба 47 478,0 млн сомонӣ баробар гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 344 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла 3 равзанаи бонкии исломӣ), 3 воҳиди сайёр ва 1 575 маркази хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузории хурд ба аҳолии кишвар хизматрасонии худро пешниҳод намуданд. Дар ин давра 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиали худ хизматрасонии суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба интиҳои соли 2023 ба андозаи 10,5 фоиз зиёд шуда, ба 901,5 млн сомонӣ баробар гардид. Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба интиҳои соли 2023 ба андозаи 16,2 фоиз зиёд шуда, 492,4 млн сомониро ташкил намуд. Дороиҳои АСИН бошад, дар давраи ҳисоботӣ 3 654,3 млн сомониро ташкил намуд.

Дар низоми имрӯзаи бонкдорӣ хавфи амалиётӣ - хавфест, ки дар натиҷаи ба мақсад, хусусиятҳо, миқёси фаъолияти бонк ва талаботи қонунгузории амалкунанда мувофиқ наомадани тартиботи дохилӣ ва расмиёти гузаронидани амалиёти бонкӣ, вайронкунии онҳо аз тарафи кормандони бонк ва шахсони дигар дар натиҷаи амалҳои тасодуфӣ ё барқасдона (ё беамалӣ), номутаносибии (норасоӣ) имкониятҳо (тавсияномаҳо) ва вазифаҳои низомҳои иттилоотӣ, технологӣ ва дигар барномаҳои дар истифодаи бонк қарор дошта, нуқсони (аз кор мондан) онҳо, ҳамчунин дар натиҷаи таъсири рӯйдодҳои берунӣ, пайдо шуда, зиёновар мебошад.

Омилҳои рух додани хавфи амалиётӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи бонҳо инҳоянд:

- амалҳои тасодуфӣ ё барқасдонаи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки ба манфиатҳои Бонк муқобил мебошанд;

- номукаммалии сохтори бонк дар самти тақсими ваколатҳои воҳидҳои сохтор ва кормандон, тартиб ва расмиёти гузарондан, сабт, баҳисобгирӣ ва назорати амалиёти бонкӣ, аз тарафи кормандон риоя нагардидани тартибу қоидаҳои муқарраршуда, ғайрисамаранокии назорати дохилӣ;

- шароит ва ҳолатҳои номусоиди берунӣ, ки аз доираи таъсир ва назорати бонк берун мебошанд.

Натиҷаи бо ҳам омадани омилҳои амалиётии зерин, бояд ҳамчун зиён аз хавфи амалиётӣ тасниф карда шаванд:

- сӯистифода ё амалҳои ғайриқонуние, ки аз тарафи кормандони Бонк ё бо иштироки онҳо амалӣ мегарданд (масалан, дуздӣ, сӯиистифода аз мақоми хизматӣ, барқасд пинҳон кардани далелҳои гузарондани амалиёти бонкӣ ва дигар муомилот, бе иҷозат истифода бурдани низомҳо ва захираҳои иттилоотӣ);
- амалҳои ғайриқонунии шахсони бегона нисбат ба бонк (масалан, сохтакорӣ ва қалбакии ҳуҷҷатҳои пардохт ва дигар ҳуҷҷатҳо, бе иҷозат ба системаҳои иттилоотӣ дохил шудан);
- аз тарафи бонк ё кормандони бонк вайрон кардани қонунгузории меҳнат (масалан, риоя накардани шартҳои шартномаи меҳнатӣ, расондани зарар ба саломатии кормандон);
- риоя накардани қонунгузории дахлдор аз ҷумла, қонунҳои бонкӣ, зиддимонополӣ, мубориза ба муқобили қонунигардонӣ (софкории) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст омадаанд ва маблағгузории терроризм;
- дар назди мизоҷон, контрагентҳо ва ё дигар шахсони сеюм иҷро накардан ё дуруст иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномаҳо, ки ба фаъолияти асосӣ алоқаманд мебошанд;
- риоя накардани талаботи муомилоти расмӣ (хизматӣ) (масалан, дуруст истифода накардани маълумоти махфӣ ва забон як кардан аз рӯи нархҳо);
- осеб дидан ё гум шудани воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои моддӣ (дар натиҷаи амалиёти террористӣ, офатҳои табиӣ, сӯхтор);
- аз кор баромадани таҷҳизот ва низомҳо (масалан, нуқсон гардидани раванди корӣ, аз кор мондани низоми автоматишудаи бонкӣ, низоми алоқа, шикасти таҷҳизот);
- дуруст ба роҳ намондани фаъолият, хатогӣ дар идорасозӣ ва иҷро (масалан, дар натиҷаи нодуруст ташкил кардани раванду қоидаҳои дохилӣ, набудани (номукаммалии) системаи ҳимоя ё тартиби дастрасӣ ба иттилоот, ташкили нодурусти гардиши иттилоот дар дохили бонк, ӯҳдадориҳои худро иҷро накардан аз тарафи хизматрасонандагон дар назди бонк, роҳ додан ба хатогиҳо ҳангоми дохил кардан ва коркарди маълумот оид ба амалиёт ва муомилот, гум кардани ҳуҷҷатҳо) ва ғайра.

Ҳамзамон зиёни амалиётӣ метавонад дар шаклҳои зерин зуҳур намояд:

- пастшавии арзиши дороиҳо;
- пеш аз мӯҳлат аз ҳисоб хориҷ кардани (баровардани) дороиҳои моддӣ;
- пардохтпулиҳои дар асоси қарори судҳо, мақомотҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор шудаанд, анҷомдодашаванда;
- хароҷотҳое, ки барои барқарор кардани фаъолияти хоҷагӣ ва рафъи камбудиҳо, оқибатҳои садама, офатҳои табиӣ ё дигар ҳолатҳои ба ин монанд сарф мешаванд.

Идора кардани хавфи амалиётӣ, ба системаи идорасозии хавфҳои бонк дохил мешавад. Зарурати идораи хавфи амалиётӣ аз рӯи андозаи назарраси зиёнҳои эҳтимолии амалиётӣ, ки метавонанд ба устувории молиявии бонк таҳдид кунанд, муайян карда мешавад.

Идоранамоии хавфи амалиётӣ аз ошкор, баҳодиҳӣ, таҳқиқ (мониторинг), назорат, пешгирӣ ё кам кардани хавфи амалиётӣ иборат аст.

Ошкорсозии хавфи амалиётӣ таҳлили тамоми шарту шароити фаъолияти бонкро нисбати мавҷудият ё имконияти ба миён омадани омилҳои хавфи амалиётӣ дар назар дорад, ки гузарондани он дар якчанд зинаҳо гузаронида мешавад:

- таҳлили тағйиротҳои умумии соҳаи молиявӣ (масалан, ҷорӣ кардани технологияи нав ё навовариҳои молиявӣ), ки ба самаранокии фаъолияти Бонк метавонанд таъсир расонанд;
- таҳлили амалиётҳои алоҳидаи бонк ва дигар муомилот;

- таҳлили расмиёти дохилӣ, аз ҷумла таҳлили низоми ҳисоботдиҳӣ ва табадули маълумот.

Бонк дар давраи ошкорсозии хавфи амалиётӣ ба ҳолатҳои боҳам омадани ваколатҳо ва масъулияти сохторҳои дахлдори кормандони бонк диққати махсус медиҳад. Ҳамаи навовариҳои бонк, дигар кардани сохтор ё қоидаҳо, ҷорӣ кардани технология ва намуди хизматҳои нав аз худ кардани самтҳои нави фаъолият ҳанӯз дар давраи таҳия шуданашон барои ошкорсозии омилҳои хавфи амалиётӣ аз тарафи сохторҳои дахлдори Бонк аниқ таҳлил карда мешавад.

Бо мақсади таъмини шароит барои дуруст ошкор кардани хавфи амалиётӣ, ҳамчунин баҳодиҳии он аз тарафи Бонк манбаи таҳлилии маълумот дар бораи зиёни амалиётӣ ташкил карда шудааст. Дар он дар бораи намуд ва ҳаҷми зиёни аз фаъолият, амалиёти алоҳидаи бонкӣ ва дигар муомилот расонидашуда, ҳолатҳои пайдоиш ва ошкор кардани он акс меёбад. Барои соддаву осон ва муқоисаи маълумот “Таснифи ҳолатҳои зиёни амалиётии Бонк” муқаррар карда шудааст.

Баҳодиҳии хавфи амалиётӣ ин баҳодиҳии эҳтимолияти рӯй додани ягон воқеа ё ҳолатро, ки ба зиёни амалиётӣ меоварад ва инчунин баҳодиҳии ҳаҷми зиёни эҳтимолиро дар назар дорад.

Бонк барои баҳодиҳии хавфи амалиётӣ чунин усулҳои дар амалияи бонкдорӣ қабулшударо истифода мебарад:

- таҳлили омории тақсими зиёни воқеӣ;
- усули бо хол ва вазн андоза кардани хавф (усули харитаҳои баҳодиҳӣ);
- моделсозӣ (таҳлил дар асоси пешгӯиҳои шартӣ).

Усулҳое, ки ба таҳлили омории тақсими зиёни воқеӣ асос ёфтаанд, барои пешбинӣ кардани зиёни эҳтимолии амалиётӣ бо назардошти ҳаҷми зиёни амалиётӣ, ки дар ин бонк дар гузашта ҷой дошт, имкон медиҳанд.

Ҳангоми истифодаи ин усулҳо маълумоти дар манбаъи таҳлилии маълумот оид ба зиёни амалиётӣ ҷамъгардида ба сифати маълумоти ибтидоӣ истифода бурда мешавад.

Моҳияти усули бо хол ва вазн андоза кардани хавф дар баҳодиҳии хавфи амалиётӣ дар муқоиса бо тадбирҳое, ки баҳри кам кардани он андешида мешаванд, ифода мегардад.

Дар асоси таҳлили коршиносӣ нишондиҳандаҳои ахборотӣ барои идоракунии хавфҳои амалиётӣ интихоб гардида, муҳимияти нисбии онҳо (коэффитсиенти вазн) муайян карда мешавад. Баъдан нишондиҳандаҳои интихобшуда ба ҷадвал (харитаҳои баҳодиҳӣ) ҷой дода шуда, бо истифода аз тақсимотҳои гуногун (шкалаҳо) баҳогузорӣ мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада бо назардошти коэффитсиенти вазн коркард шуда, аз рӯи самтҳои фаъолияти бонк, навъҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ ва дигар муомилот байни ҳам муқоиса карда мешаванд.

Истифодаи усули бо хол ва вазн андоза кардани хавф (усули харитаҳои баҳодиҳӣ) дар баробари баҳодиҳии хавфи амалиётӣ инчунин барои ошкорсозии ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати идоракунии хавфи амалиётӣ имконият медиҳад.

Бо усули моделсозӣ (таҳлил дар асоси пешгӯиҳои шартӣ) дар асоси таҳлили коршиносӣ барои самтҳои фаъолияти бонк, навъҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ ва дигар муомилот сенарияҳои эҳтимолии рух додани ҳодиса ё ҳолати марбут ба зиёни амалиётӣ муайян карда шуда, модели тақсимоти зуддии такроршавӣ ва ҳаҷми зиён, ки баъдан барои баҳодии хавфи амалиётӣ истифода мегардад, таҳия карда мешаванд.

Бонкҳо муназзам баҳодиҳии хавфи амалиётиро аз рӯи самтҳои фаъолият, равандҳои дохилӣ, низомҳои иттилоотию технологӣ ва хизматрасонии бонкӣ анҷом медиҳанд.

Даврахои баходихӣ ба хавфи амалиётӣ бо ҳуҷҷатҳои дохилии бонкҳо муайян карда мешавад. Бо мақсади пешгирии эҳтимолияти зиёд шудани дараҷаи хавфи амалиётӣ таҳқиқи хавфи амалиётӣ гузаронида мешавад. Таҳқиқи хавфи амалиётӣ бо роҳи омӯзиши муназзами нишондиҳандаҳои фаъолияти бонк (аз ҷумла, нишондиҳандаҳои оморӣ, молиявӣ) гузаронида мешавад.

Шумора ва давраҳои гузарондани таҳқиқи хавфи амалиётӣ бо назардошти муҳимияти он дар самти дахлдори фаъолият, раванди дохилӣ ё низоми маълумотию технологӣ на камтар аз як маротиба дар семоҳа гузаронида мешавад.

Барои таҳқиқ кардани хавфи амалиётӣ низоми нишондиҳандаҳои дараҷаи хавфи амалиётӣ- нишондиҳандаҳое, ки ба таври назариявӣ ва таҷрибавӣ бо дараҷаи хавфи амалиётии бонк алоқаманданд, ба сохтори дахлдоре, ки масъали идоранамоии хавфҳои бонкӣ мебошанд, маълумотҳои дахлдорро пешниҳод намоянд.

Таҳқиқи хавфи амалиётӣ ҳам дар сатҳи воҳидҳо ва ҳам дар худи бонк гузаронида мешавад. Иттилооте, ки дар рафти таҳқиқи хавфи амалиётӣ дар бораи тағйироти эҳтимолии дараҷаи хавф ба даст омадааст, сари вакт бояд ба роҳбарияти Бонк расонида шаванд.

Кам кардани хавфи амалиётӣ андешидани маҷмӯи тадбирҳоро барои кам кардани эҳтимолияти сар задани воқеа ё ҳолати марбут ба зиёни амалиётӣ ва ё кам кардани андозаи зиёни эҳтимолии амалиётиро дар назар гирифта мешавад.

Усули асосии кам кардани хавфи амалиётӣ, ки дар сатҳи бонкҳо назорат мешавад, ин таҳияи сохтори ташкилӣ, қабули қоидаву расмиёти дохилии гузарондани амалиёти бонкӣ ва дигар муомилот мебошад ва тарзе анҷом мегирад, ки эҳтимолияти ба миён омадани омилҳои хавфи амалиётиро кам менамояд.

Дар ин маврид бояд ба риояшавии усулҳои тақсими ваколатҳо, тартиби тасдиқ (мувофиқа) ва ҳисоботдиҳӣ аз рӯи амалиёти бонкӣ ва дигар муомилот аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

Назорати риояшавии қоидаву расмиёти муқарраршуда дар доираи низоми назорати дохилӣ дар самтҳои зерин амалӣ мегардад:

- назорати риояшавии меъёрҳои муқарраршуда анҷомдиҳии амалиётҳои бонкӣ ва дигар муомилот;
- муқоисаи муназзами ҳуҷҷатҳои аввалия ва ҳисобҳо аз рӯи амалиётҳои бонкӣ ва дигар муомилоте, ки гузаронда мешаванд.
- риояи тартиби муқарраршудаи дастрасӣ ба иттилоот ва дороиҳои моддии бонк;
- тарбияву бозомӯзии дурусти кормандон;
- назорати сатҳи хавф муқаррар карда мешавад, яъне риояи назорат аз рӯи сифати хизматрасониҳо мувофиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо мақсади маҳдуд кардани хавфи амалиётӣ ва таъмини муназзамии фаъолияти молиявию хоҷагӣ ҳангоми ҷорӣ кардани амалиёти нави бонкӣ ва дигар муомилот, бояд маҷмӯи чорабиниҳо, аз ҷумла дар ҳолатҳои ғайричашмдошт нақшаҳои таъмини муназзамӣ таҳия карда шаванд.

Ҳангоми таҳияи нақшаҳои таъмини муназзамӣ ва барқароркунии фаъолияти молиявии хоҷагӣ бояд ба зарари эҳтимолӣ аз рӯйдодҳои ғайричашмдошт, хароҷоти пешбинишаванда барои таҳия ва татбиқи нақшаҳои дахлдор, чараёни минбаъдаи рӯйдодҳое, ки хатари зиёнро ба миён меоранд, баҳо дода шавад.

Нақшаи таъмини муназзамӣ ва барқароркунии фаъолияти молиявии хоҷагӣ, масоили зеринро дар бар мегирад:

- муайян кардани соҳаи дохилии муҳофизатшаванда;

- сатҳи таъминшавандаи муҳофизат (муддати муайян мӯътадил нигоҳ доштани кор, муддати муайян дар сатҳи камтарини ҷоиз нигоҳ доштани кор, идома додани кор дар реҷаи пастравии (деградатсияи) тадриҷӣ, нисбатан зудтар ва безарар қатъ кардани кор ё раванди халалдоршуда, барқароркунии минбаъдаи реҷаи мӯътадили кори қатъгардида);

- қоидаву расмиёти гузаштан ба реҷаи имдодӣ ва тартиби кор дар ин реҷаъ;

- захираҳои зарурӣ (масалан, биноҳо, таъмин кардан бо кормандони соҳибтахассус, таҷҳизот ва техникаи ҳисоббарор, барномаҳо, васоити алоқа);

- аз нав тақсим кардани вазифаю ваколатҳо ва ӯҳдадориҳои воҳидҳои корӣ ва кормандон;

- тартиби барқарор кардани қобилияти кории равандҳо ва низомҳои дохилии халалдоршуда ва бозгашт ба реҷаи мӯътадили кор;

- қоидаҳои иловагии реҷаи мӯътадили кор, ки барои фароҳам овардани шароити гузариш ба реҷаи имдодӣ ва имконияти бо ин реҷаъ кор кардан равона шудаанд (масалан, нусхабардории эҳтиётии иттилоот, ташкили бойгонии низоми автоматишуда дар коғаз);

Дар шароити имрӯза ҳар як бонки низомсоз бояд чунин тартиби анҷом додани назорати самаранокии низоми идорасозии хавфи амалиётиро муайян менамояд.

Дар ҳуҷҷатҳои дохилӣ Бонк муқаррар карда шудааст:

- тартиби баррасӣ ва тафтиши далелҳои зиёни амалиётӣ ва сабабҳои пайдоиши он, ҳамчунин тартиби истифодаи чораҳои маъмурӣ нисбати сохторҳои дахлдор ва кормандоне, ки ба пайдоиши ин гуна хавфҳо гунаҳкоранд;

- шумора ва давраи баҳогузорӣ кардани натиҷаи ин тафтишҳо аз тарафи роҳбарияти Бонк мутобиқи салоҳияти онҳо, ки дар асоси оиннома ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк ба онҳо дода шудаанд ҳамчунин баҳодиҳии сатҳи идоракунии хавфи амалиётӣ.

Илова бар ин бонкҳо дар мавриди ошкор кардани манбаҳои хавфи амалиётӣ, ки пештар ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, муназзам равандҳо, расмиёту қоидаҳо ва низомҳои истифодашавандаи иттилоотию технологиро аз нав дида мебароянд.

Умуман дар низоми рушди рақобатҳои молиявию қарзӣ бонкҳои низомсоз раванди се хати муҳофизатро ҷорӣ гардидааст, ки масъулияти ҳар як иштирокчии раванди идоракунии хавфҳоро муайян мекунад. Камсозии хавфи амалиётӣ иҷрои маҷмӯи чораҳо, аз ҷумла инҳоро дар бар мегирад:

Тақсимоти вазифаҳо, назорати минбаъдаи воридшавии маълумот, санҷиши мувофиқати маълумот, назорати иҷро, аудити дохилӣ, тасдиқи амалиёт, назорати ваколати иҷрои амалиёт, аудити берунӣ, такмили низомаҳои автоматикунонидашудаи бонкӣ, муқаррар намудани лимитҳо, муайян кардани “иштиҳои хавф” (Risk appetite), мониторинги сатҳи хавфҳо, ҳифзи иттилоот ва ғайра. Бонк барои пешниҳоди маълумот ба шарикон, мизоҷон ва дигар шахсони манфиатдор дар бораи системаи идоракунии хавфҳои амалиётӣ бо дархости онҳо омода аст.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА


1. Раджабов Р.К. Проблемы развития банковского обслуживания национальной экономики / Р.К. Раджабов, Х.М. Ятимов. - Душанбе: Ирфон, 2003. – 93 с.
2. Рахимов З. А. Инвестиционная деятельность банковской системы в условиях рынка / З.А. Рахимов. - Душанбе: Ирфон, 2002. – 110 с.
3. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз: китоби дарсӣ / ш. Душанбе: «ЭР-граф» - 2009 – 450 с.

4. Безналичные расчеты: легко, быстро, удобно [Электронный ресурс]: - Режим доступа: https://www. newsarmenia.am/ /25 марта 2020.
5. Смоленская, В. Без купюр. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.odnako.org/magazine/material/bez-kupyur/ (дата обращения: 05.08.2021).
6. Операции с наличными будут ограничены (Армения) [Электронный ресурс]: - Режим доступа: https://www.ilex.am/ / 19 Февраль 2022
7. Четыре способа развития электронной коммерции в Центральной Азии [Электронный ресурс]: - Режим доступа: www.adb.org/ / 25 мая 2022.
8. Всемирный банк: Доклада о мировом развитии «Цифровые дивиденды» [Электронный ресурс]: - Режим доступа: https: //openknowledge. worldbank.org
9. Рынок носимых платежных устройств по типу (смарт-часы, фитнес-трекеры и платежные браслеты) и применению (розничная торговля, фестивали и живые мероприятия, тематические парки, транспорт, спортивные стадионы и др.) — прогнозы по сегментам с 2020 по 2028 год [Электронный ресурс]: - Режим доступа: https://www.reportsanddata. com/report-detail/wearable-payments-devices-market.
10. Цифровая стратегия ЦАРЭС 2030: Ускорение цифровой трансформации для региональной конкурентоспособности и инклюзивного роста [Электронный ресурс]: - Режим доступа: www.adb.org/ / Учредительный документ | февраль 2022 г.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» аз 23 декабри соли 2024;
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 декабри соли 2016, №636;
13. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, аз 1 июли соли 2022, №314;
14. Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025», аз 31 октябри соли 2014, №679;
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ», аз 7 августи соли 2020, №1723;
16. Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ бо охирон тағйиру иловаҳо аз 14 июли соли 2020, №130;
17. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 декабри соли 2019, №642;
18. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, аз 28 декабри 2016, №678;
19. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, аз 26 октябри соли 2021, №460;

## МЕХАНИЗМИ НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ХАВФҲОИ АМАЛИЁТӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

Дар мақолаи мазкур омӯзиши масъалаҳои рушди муносибатҳои молиявию иқтисодӣ бонкҳои низомсоз, раванди баҳисобгирии хавфҳои амалиётӣ ва механизми идоракунии онҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи ташкилотҳои молиявию қарзӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудаанд. Бо мақсади таъмини шароит барои дуруст ошкор кардани хавфи амалиётӣ, ҳамчунин таҳлил ва мониторинги он аз тарафи ташкилотҳои молиявӣ манбаи таҳлилии маълумот дар бораи

тартиби баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии он мутобиқ ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии низоми молиявию бонкӣ таҳқиқ карда шудааст. Дар он дар бораи намуд ва ҳаҷми зиёни аз фаъолият, амалиёти алоҳидаи бонкӣ ва дигар муомилот расонидашуда, ҳолатҳои пайдоиш ва ошкор кардани он мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор меёбад. Ҳамзамон роҳҳои идоракунӣ ва бартарафнамои хавфҳои амалиётӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи ташкилотҳои қарзӣ омӯхта шудааст.

**Мафҳумҳои калидӣ:** *хавфи амалалиётӣ, идоракунии корпоративӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва мониторинг, нишондиҳандаҳои молиявӣ, низоми бонкӣ, баҳодиҳӣ, тавакал, рақобатҳои молиявию қарзӣ, амнияти иқтисодӣ.*

## МЕХАНИЗМ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ И УЧЕТА ОПЕРАЦИОННЫХ РИСКОВ В КРЕДИТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЯХ

В данной статье исследуются развитие финансово-экономических отношений между регулирующими банками, процесс учета операционных рисков и механизм управления ими в повседневной деятельности финансово-кредитных организаций. В целях обеспечения условий для правильного выявления операционного риска, а также его анализа и мониторинга финансовыми организациями изучен аналитический источник информации о порядке его учета и оценки в соответствии с нормативными правовыми актами финансово-банковской системы. В нем рассматриваются и изучаются виды и размеры убытков, причиненных деятельностью, отдельными банковскими операциями и иными сделками, обстоятельства их возникновения и выявления. Одновременно изучались способы управления и устранения операционных рисков в повседневной деятельности кредитных организаций.

**Ключевые слова:** *операционный риск, корпоративное управление, учет, анализ и мониторинг, финансовые показатели, банковская система, оценка, риск, финансовая и кредитная конкуренция, экономическая безопасность.*

## MECHANISM OF THE OPERATIONAL RISK MANAGEMENT AND ACCOUNTING SYSTEM IN CREDIT INSTITUTIONS

This article examines the development of financial and economic relations between regulatory banks, the process of accounting for operational risks and the mechanism for managing them in the daily activities of financial and credit organizations. In order to ensure conditions for the correct identification of operational risk, as well as its analysis and monitoring by financial organizations, an analytical source of information on the procedure for its accounting and assessment in accordance with regulatory legal acts of the financial and banking system was studied. It examines and studies the types and amounts of losses caused by activities, individual banking operations and other transactions, the circumstances of their occurrence and identification. At the same time, methods of managing and eliminating operational risks in the daily activities of credit institutions were studied.

**Keywords:** *operational risk, corporate governance, accounting, analysis and monitoring, financial indicators, banking system, assessment, risk, financial and credit competition, economic security.*

# ЭВОЛЮЦИЯ И СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ СИСТЕМЫ ОБЯЗАТЕЛЬНОГО ПЕНСИОННОГО СТРАХОВАНИЯ (ОПС) В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Давлатзода Дилмурод Ашурбек** доктор экономических наук, профессор, профессор кафедры финансовая экономика Таджикского государственного финансово-экономического университета
**Шамсова Маҳпора Шамсиддиновна** - докторант PhD второго года обучения на кафедре «Бухгалтерский учет и аудит» факультета «Бухгалтерский учет и цифровая экономика» Таджикского национального университета (ТНУ).

Пенсионная система Республики Таджикистан прошла путь от советской распределительной модели до попыток построения многоуровневой системы с элементами обязательного пенсионного страхования (ОПС).

Система Обязательного Пенсионного Страхования (ОПС) в Республике Таджикистан претерпела значительную эволюцию после обретения независимости, переходя от советской распределительной модели к **страховой системе**, основанной на индивидуальном учете взносов.

Система основана на страховом принципе, где право и размер пенсии зависят от страхового стажа и уплаченных пенсионных взносов. Предусмотрен накопительный элемент. Управляется Уполномоченным государственным органом (Государственное страховое учреждение).

**Эволюция системы ОПС**

- **Начальный этап (до 2000-х):** После распада СССР система пенсионного обеспечения Таджикистана продолжала функционировать по **советскому распределительному принципу** (солидарная система), при котором пенсии выплачивались за счет текущих взносов работающего населения. Правовое поле регулировалось, в основном, Законом **«О пенсионном обеспечении граждан Республики Таджикистан»**.
- **Реформы и переход к страховой модели (2000-е – 2010-е):**
    - Была инициирована **пенсионная реформа**, направленная на обеспечение финансовой устойчивости системы и повышение уровня пенсионного обеспечения.
    - **Введены принципы обязательного пенсионного страхования** и индивидуального (персонифицированного) учета, что закрепило связь между уплаченными взносами и правом на пенсию.
    - Значимой вехой стало принятие **Закона Республики Таджикистан «Об обязательном пенсионном страховании»** (действующая редакция которого обновлялась, в частности, в 2015 и 2020 годах), который установил **правовые основы ОПС**.

- Был определен **Уполномоченный государственный орган обязательного пенсионного страхования**, ответственный за сбор взносов, ведение индивидуального учета, назначение и выплату страховых пенсий.

**Современное состояние системы ОПС**

Современная система ОПС в Таджикистане характеризуется следующими ключевыми особенностями:

- **Страховой принцип:** Система функционирует на принципах обязательного **страхования**, где право на пенсию и ее размер зависят от **страхового стажа** и суммы уплаченных **пенсионных взносов** застрахованного лица.
- **Законодательная база:** Основу составляет **Закон РТ «Об обязательном пенсионном страховании»**, который регулирует общественные отношения, определяет правовое положение субъектов ОПС (страхователи, страховщик, застрахованные лица) и виды страхового обеспечения.
- **Накопительный элемент (Пенсионные накопления):** Закон об ОПС также предусматривает понятие **пенсионных накоплений** — страховых средств, отчисленных застрахованным лицом, которые учитываются на специальной части его индивидуального лицевого счета.
- **Органы управления:** Уполномоченный государственный орган (государственное страховое учреждение), определяемый Правительством РТ, является страховщиком по ОПС и осуществляет сбор взносов, учет, назначение и выплату пенсий.
- **Виды пенсий:** Застрахованные лица имеют право на **страховую пенсию** по возрасту, по инвалидности и по случаю потери кормильца, при условии наличия необходимого страхового стажа.

**Проблемы и вызовы:**

Несмотря на реформы, система ОПС сталкивается с рядом вызовов:

1. **Неформальная занятость и миграция:** Значительная часть трудоспособного населения занята в неформальном секторе или является трудовыми мигрантами, что приводит к низкому охвату ОПС и недополучению взносов.
2. **Демографическая нагрузка:** Рост числа пенсионеров при относительно небольшом числе плательщиков взносов создает нагрузку на солидарный компонент системы.
3. **Низкий уровень пенсий:** Размеры пенсий часто не соответствуют актуальным экономическим потребностям, что требует дальнейшего совершенствования пенсионного законодательства и обеспечения финансовой устойчивости системы.

**1. История развития пенсионной системы**

### 1.1. Советский период и ранние годы независимости

- **Солидарная система:** До и сразу после распада СССР пенсионное обеспечение полностью базировалось на **солидарном (распределительном) принципе**, характерном для советской системы: пенсии выплачивались за счет текущих поступлений от работающего населения.
- **Раннее законодательство:** Регулировалось Законом **«О пенсионном обеспечении граждан Республики Таджикистан»**, который устанавливал относительно низкий пенсионный возраст (позже он был поэтапно повышен).

### 1.2. Период реформ (2000-е – 2010-е)

- **Необходимость реформ:** Экономические и демографические изменения, высокая доля неформальной занятости и трудовой миграции привели к **дефициту** пенсионного бюджета. Старая система перестала быть устойчивой.
- **Внедрение страховых принципов:** Основной целью реформ стало усиление **страховых принципов** и увязка размера пенсии с трудовым вкладом гражданина.
- **Ключевой закон:** В 2010 году (с последующими редакциями) был принят **Закон «О страховых и государственных пенсиях»** (или его преемники), который официально положил начало формированию **многоуровневой пенсионной системы** и ввел концепцию **Обязательного Пенсионного Страхования (ОПС)**.
- **Создание Агентства:** В 2013 году для централизованного управления системой было создано **Агентство социального страхования и пенсий при Правительстве РТ**.

**2. Текущая структура пенсионной системы**Современная пенсионная система Таджикистана формально является **многоуровневой**, но фактически доминирует государственный уровень.Таблица 2. Структура пенсионной системы Таджикистана

| **Уровень** | **Тип обеспечения** | **Источник финансирования** | **Принцип работы** |
|---|---|---|---|
| **I. Государственный/Базовый** | **Базовая пенсионная выплата** (Гарантированная) | **Государственный бюджет** | Предоставляется всем пенсионерам по возрасту и обеспечивает минимальный уровень социальной защиты (часто привязан к прожиточному минимуму). |

| Уровень | Тип обеспечения | Источник финансирования | Принцип работы |
|---|---|---|---|
| **II. Обязательное Пенсионное Страхование (ОПС)** | **Страховая пенсия** (По возрасту, инвалидности, потере кормильца) | **Страховые взносы** (отчисления работодателей и работников) | **Солидарно-страховой принцип.** Размер пенсии зависит от **страхового стажа** и суммы уплаченных взносов, учитываемых на **индивидуальном лицевом счете** (условно-накопительный элемент). |
| **III. Добровольный (Накопительный)** | **Пенсионные накопления** (Добровольные и обязательный 1% отчисления) | **Личные взносы** граждан и/или работодателей | **Накопительный принцип.** Направлен на дополнительное обеспечение. На практике этот уровень **развит слабо**; средства, накопленные в рамках ОПС, часто не инвестируются и могут выплачиваться единовременно. |

**Органы управления:**

- **Агентство социального страхования и пенсий при Правительстве РТ** — ключевой уполномоченный государственный орган, осуществляющий сбор взносов, учет, назначение и выплату пенсий.

**3. Основные проблемы пенсионной системы**

Пенсионная система сталкивается с рядом структурных и экономических вызовов, которые ставят под угрозу её долгосрочную устойчивость и адекватность пенсионных выплат:

1. **Высокая доля неформальной занятости и трудовая миграция:**
    - Большое количество трудоспособного населения работает в **неформальном секторе** или находится на **заработках за рубежом** (особенно в России).

    - Это приводит к **низкому охвату** системой ОПС и хроническому **недополучению страховых взносов**, подрывая финансовую базу солидарной системы.
2. **Низкий уровень пенсионного обеспечения:**
    - Размеры пенсий часто не соответствуют актуальному **прожиточному минимуму** или стоимости жизни, что ведет к **бедности среди пожилого населения**.
    - Слабая индексация и низкая покупательная способность выплат усугубляют эту проблему.
3. **Слабость накопительного элемента:**
    - Несмотря на законодательное закрепление, **накопительный элемент** (III уровень) практически не работает.
    - **Отсутствие реальных инвестиций** накопленных средств означает, что они не приносят дохода, обесцениваются из-за инфляции и не выполняют функцию "пенсионного капитала".
    - **Недоверие населения** и отсутствие развитых негосударственных пенсионных фондов (НПФ) тормозят его развитие.
4. **Дефицит бюджета ОПС:**
    - Недостаточность поступлений от взносов (см. п. 1) вынуждает государство покрывать дефицит Пенсионного фонда за счет **трансфертов из госбюджета**, отвлекая средства от других социальных нужд.
5. **Административные и технические сложности:**
    - Проблемы с **индивидуальным учетом** пенсионных прав, а также с подтверждением стажа для трудовых мигрантов и лиц, занятых в неформальном секторе.
    - Сложность администрирования в условиях высокой мобильности населения.

**Назначения пенсии трудовым мигрантам**

Методика назначения пенсии трудовым мигрантам из Таджикистана, особенно работающим в Российской Федерации (РФ), регулируется **международным договором** и основана на **пропорциональном принципе**.

**1. Правовая основа: Договор о сотрудничестве в области пенсионного обеспечения**

Пенсионное обеспечение граждан Таджикистана, работающих в РФ, регулируется **Договором между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан о сотрудничестве в области пенсионного обеспечения** (подписан в 2021 г., вступил в силу в октябре 2022 г.).

Этот Договор заменил ранее действовавшее Соглашение СНГ 1992 года, которое основывалось на принципе страны проживания.

**2. Методика назначения пенсии (Пропорциональный принцип)**

Новый Договор использует **пропорциональный принцип** (или принцип страны работы), согласно которому пенсия мигранта формируется из двух или более частей, выплачиваемых разными государствами.

**А. Основной принцип: Разделение обязательств**

Каждая Договаривающаяся Сторона (Таджикистан и Россия) **назначает и выплачивает пенсию** только за те **страховые периоды (стаж)**, которые были приобретены **на ее территории**.

Таблица 2. Механизм назначенные и выплата пенсии между Таджикистаном и России.

| **Компонент пенсии** | **Страна, назначающая и выплачивающая пенсию** | **На основании чего рассчитывается** |
|---|---|---|
| **Таджикская часть** | Агентство социального страхования и пенсий при Правительстве РТ | Страховой стаж и взносы, уплаченные в Таджикистане |
| **Российская часть** | Социальный фонд России (СФР) | Страховой стаж, взносы и индивидуальные пенсионные коэффициенты (баллы), приобретенные в России |

**Б. Учет стажа (Пропорциональное суммирование)**

1. **Суммирование стажа:** Если для возникновения права на пенсию (достижения необходимого минимального стажа) мигранту **не хватает** стажа, приобретенного в одной стране, учитывается стаж, накопленный в другой стране.
2. **Назначение пенсии:** После возникновения права на пенсию (с учетом суммированного стажа), каждая страна рассчитывает размер своей части пенсии только **пропорционально** стажу, приобретенному на ее территории.

**В. Порядок учета стажа, приобретенного до 1992 года**

Стаж, приобретенный на территории бывшей СССР до 1992 года, учитывается для назначения пенсии в соответствии с законодательством той страны, на территории которой мигрант **постоянно проживал** на 31 декабря 1991 года.

**3. Условия для приобретения пенсионных прав в РФ**

Чтобы трудовой мигрант из Таджикистана мог претендовать на получение российской части пенсии, необходимо **официальное участие в системе ОПС РФ**:

- **Легальное трудоустройство:** Официальное заключение **трудового договора** с работодателем в РФ.

- **Регистрация:** Обязательное получение **СНИЛС** (Страховой номер индивидуального лицевого счета) и регистрация в системе Социального фонда РФ.
- **Уплата взносов:** Регулярная и полная **уплата работодателем страховых взносов** (социальных налогов) в СФР за работника-мигранта.

Таким образом, методика заключается в том, что пенсия мигранта будет состоять из **двух независимых выплат** от разных государств.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. «Расходы на пенсионные программы составляют около 88% общего бюджета, выделенного на социальную защиту населения.» С.91
Комилова З.А. Управление системой социальной защиты населения Республики Таджикистан // Власть. 2018. Т. 26. № 2. С. 89–93.

2. «Пенсионная система, являясь постоянно реформирующейся системой, пока не лишена недостатков.»
Абдурахманова М.З. Некоторые тенденции в решении проблем пенсионного обеспечения. // Известия Санкт-Петербургского государственного аграрного университета// (2017). № 1 (46), С.234-238.

3. «Пенсионное обеспечение является основным видом социальной защиты нетрудоспособных граждан.» Стр.: 19.
Иброхимзода И.Р.; Сафарова М.И. «Анализ современного состояния и тенденции развития Пенсионного фонда в Республике Таджикистан», Паёми молия ва иқтисод №1(25), 2021.

4. Конвенции Международной организации труда № 102 служащей эталоном уровня социального обеспечения, к которому должно стремиться каждое государство
Конвенция МОТ № 102 (1952 г.) о минимальных нормах социального обеспечения. URL: http:// hro-uz.narod.ru/konvencia.html (дата обращения: 22.07.2025).
Соловьев А.К. Коэффициент замещения трудовой пенсии: конфликт макроэкономических и социальных целей // Труд и социальные отношения. – 2014. – Т. 25. – № 4. – С. 56-64.

5. С вопросами бюджетного планирования средств социального и пенсионного страхования с учетом реалий переходной экономики, их адаптации к вызовам современности и трансформации с целью более полного соответствия задачам социального страхования и пенсионного обеспечения граждан, вероятно, сталкиваются во всех постсоветских странах. С.154
Давлатзода, Д. А. Особенности бюджета социального страхования и пенсий в Республике Таджикистан / Д. А. Давлатзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 3. – С. 143-156. – EDN NKXWFX.

6. Пенсионные фонды являются главным компонентом социальной защиты населения страны и затрагивают важные вехи в жизни человека, что подтверждает особую актуальность цифровизации системы пенсионного обеспечения, а также её роль в системе информационного взаимодействия государства и населения. С.76
Давлатзода, Д. А. Текущее состояние пенсионной системы Таджикистана и оценка влияния цифровых технологий на её развитие / Д. А. Давлатзода // Труд и социальные отношения. – 2023. – Т. 34, № 5. – С. 65-77. – DOI 10.20410/2073-7815-2023-34-5-65-77. – EDN BBMCJY.

7. Закон Республики Таджикистан «О государственном социальном страховании» (действующая редакция; первоначально от 13.12.1997 № 517). URL: https://mehnat.tj/files/laws/b77a9817-e864-4394-bfbf-5519c441b597.pdf (дата обращения 24.08.2025).

8. Закон Республики Таджикистан «О государственных финансах Республики Таджикистан» (действующая редакция). URL: https://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?asosi_id=1681&showdetail= (дата обращения 24.08.2025).

9. Закон Республики Таджикистан «О казначействе» от 2 января 2020 года № 1674. URL: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=135589 (дата обращения 24.08.2025).

10. Закон Республики Таджикистан «О персонифицированном учёте в системе обязательного пенсионного страхования» (действующая редакция). URL: https://nafaka.tj/102-zakon-respubliki-tadzhikistan-o-personificirovannom-uchete-v-sisteme-objazatelnogo-pensionnogo-strahovanija.html (дата обращения 24.08.2025)

11. Закон Республики Таджикистан «О страховых и государственных пенсиях» от 12 января 2010 года № 595. URL: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?conttype=3&rgn=15062 (дата обращения 24.08.2025).

12. Закон Республики Таджикистан «Об обязательном пенсионном страховании» (действующая редакция). URL: https://nafaka.tj/105-zakon-respubliki-tadzhikistan-ob-objazatelnom-pensionnom-strahovanii.html (дата обращения 24.08.2025)

13. Налоговый кодекс Республики Таджикистан от 23 декабря 2021 года № 1844. URL: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?conttype=5&rgn=140741 (дата обращения 24.08.2025).

14. Постановление Правительства Республики Таджикистан «Об Агентстве социального страхования и пенсий при Правительстве Республики Таджикистан» (действующая редакция). URL: https://cis-legislation.com/document.fwx?rgn=66847 (дата обращения 24.08.2025)

15. Стратегия управления государственными финансами Республики Таджикистан на период до 2030 года (официальный портал правовой информации). URL: https://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?asosi_id=23020&showdetail= (дата обращения 24.08.2025).

## ЭВОЛЮЦИЯ И СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ СИСТЕМЫ ОБЯЗАТЕЛЬНОГО ПЕНСИОННОГО СТРАХОВАНИЯ (ОПС) В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье представлено сущность системы ОПС в Таджикистане где заключается в создании механизма **социальной защиты** граждан в старости, при инвалидности или потере кормильца, который основывается на **обязательных страховых взносах** работающих граждан (и их работодателей). Система построена на **солидарном принципе** (текущие взносы идут на выплату текущих пенсий) с элементами **многоуровневости**. В настоящее время функционирует **многоуровневая пенсионная система** (согласно Закону о пенсионном обеспечении), которая включает: 1. **Первый уровень:** Гарантированные пенсионные выплаты за счет средств **государственного бюджета** (солидарная и базовая выплаты). 2. **Второй уровень:** Предполагается развитие **накопительного** элемента (хотя доминирующим остается солидарный).

Основным источником являются отчисления **социального налога** (взносов), который работодатели отчисляют от фонда оплаты труда работников (составлял 25% от заработка для обеспечения страховой пенсии). Размер страховой пенсии по возрасту должен составлять не менее **40% от заработной платы** при условии уплаты социального налога в течение нормативного стажа (25 лет для мужчин, 20 лет для женщин).

Эволюция системы ОПС в Таджикистане связана с переходом от советской системы пенсионного обеспечения к независимой национальной системе, соответствующей рыночным условиям и международным стандартам.

**Ключевые слова:** обязательное пенсионное страхование; страховых принципов; социальная защита; социального налога; социальной стабильности; размер пенсий; финансовая устойчивость; накопительного элемента;

## ТАҲАВВУЛ ВА ВАЗЪИ КУНУНИИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚА (СҲН) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.

Дар мақола моҳияти низоми СҲН дар Тоҷикистон, ки аз таъсиси механизми ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон дар синни пиронсолӣ, маъюбӣ ё аз даст додани саробон дар асоси саҳмҳои суғуртаи ҳатмии шаҳрвандони коркунанда (ва корфармоёни онҳо) иборат аст, оварда шудааст. Система дар асоси принсипи ҳамбастагӣ (саҳмияҳои ҷорӣ ба пардохти нафақаҳои ҷорӣ равона мешаванд) бо унсурҳои бисёрзинагӣ сохта шудаанд. Айни замон системаи бисёрзинагии нафақа амал мекунад (мувофиқи Қонун дар бораи таъминоти нафақа), ки дар бар мегирад: 1. Зинаи якум: Пардохтҳои нафақаи кафолатнок аз буҷети давлатӣ (пардохтҳои ҳамраъйӣ ва асосӣ). 2. Зинаи дуюм: Таҳияи унсури маблағгузорӣ пешбинӣ шудааст (гарчанде ки унсури ҳамбастагӣ бартарият дорад).

Сарчашмаи асосӣ тарҳи андози иҷтимоӣ (сахмгузорӣ) мебошад, ки корфармоён аз фонди музди кор (ба андозаи 25% маош барои таъмини нафақаи суғуртавӣ) ситонида мешаванд. Маблаги нафакаи сугуртаи пиронсолӣ бояд на камтар аз 40 фоизи музди корро ташкил дихад, ки бояд дар давраи мукаррарии кор (барои мардон 25 сол, барои занон 20 сол) андози ичтимоӣ супурда шавад.

Таҳаввули системаи СҲН дар Тоҷикистон бо гузаштан аз низоми нафақаи шӯравӣ ба низоми мустақили миллии, ки ба шароити бозор ва стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ аст, алоқаманд аст.

**Калидвожаҳо:** суғуртаи ҳатмии нафақа; принсипҳои суғурта; ҳифзи иҷтимоӣ; андози иҷтимоӣ; устувории иҷтимоӣ; андозаи нафақа; устувории молиявӣ; унсури маблағгузорӣ;

## EVOLUTION AND CURRENT STATE OF THE COMPULSORY PENSION INSURANCE (OPS) SYSTEM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article presents the essence of the social security insurance system in Tajikistan, which consists in creating a mechanism for social protection of citizens in old age, disability or loss of a breadwinner, which is based on mandatory insurance contributions from working citizens (and their employers). The system is based on the principle of solidarity (current contributions are used to pay current pensions) with elements of multilevel. Currently, there is a multi-level pension system (according to the Law on Pension Provision), which includes: 1. The first level is guaranteed pension payments from the state budget (joint and basic payments). 2. The second level: It is assumed that the accumulative element will develop (although the solidarity element remains dominant).

The main source is social tax deductions (contributions), which employers deduct from the employee's salary fund (it was 25% of earnings to provide an insurance pension). The amount of the old-age insurance pension must be at least 40% of the salary, subject to payment of social tax during the standard length of service (25 years for men, 20 years for women).

The evolution of the OPS system in Tajikistan is associated with the transition from the Soviet pension system to an independent national system that meets market conditions and international standards.

**Keywords:** compulsory pension insurance; insurance principles; social protection; social tax; social stability; pension amount; financial stability; accumulative element;

**Сведения об авторе**: **Давлатзода Дилмурод Ашурбек** доктор экономических наук, профессор, профессор кафедры финансовая экономика Таджикского государственного финансово-экономического университета
Тел.+9 92933450101. E@mail: d.a.davlatov@mail.ru
**Шамсова Маҳпора Шамсиддиновна** - докторант PhD второго года обучения на кафедре «Бухгалтерский учет и аудит» факультета «Бухгалтерский учет и цифровая экономика» Таджикского национального университета (ТНУ).

**БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ШУҒЛ ВА ТАЪМИНИ СУБОТИ ИҚТИСОДӢ РУШДИ УСТУВОРИ СОҲИБКОРИИ ХУРД**

**Ҷуразода Х. Ҳ** –директори Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии ДБССТ.

Дар шароити дигаргуниҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва пешрафти босуръати технологияҳо таъмини рушди устувори соҳибкории хурд ва миёна (СХМ) ба яке аз вазифаҳои асосии сиёсати иқтисодии миллӣ табдил меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бахши СХМ дар таъсиси ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва таъмини суботи иқтисодӣ нақши муҳим дорад, ҷустуҷӯ ва дарёфти равишҳои нави рушди он аҳамияти хоса дорад.

Яке аз самтҳоиояндадор дар ин замина рақамикунонӣ – ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба равандҳои соҳибкорӣ мебошад. Воситаҳои рақамӣ барои соҳибкорон имкониятҳои навро мекушоянд, аз қабили: беҳсозии равандҳои идоракунӣ, васеъ намудани фарогирии бозор, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, дастрасӣ ба хатҳои электронии фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ. Ҳамзамон, рақамикунонӣ на танҳо ҳамчун омили рушди инноватсионӣ, балки ҳамчун шарти устувории соҳибкорӣ дар шароити номуайянӣ ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ низ амал мекунад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи муҳаққиқон пеш аз ҳама ба ҷанбаҳои умумии рушди соҳибкорӣ, монеаҳои институтсионалӣ ва нақши давлат дар дастгирии СХМ нигаронида шудааст: Ҳ.А. Абдуалимзода [1], С.И. Абдуллоев [2], С.А. Деҳқонов [6]. Ҳамчунин доир ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ низ интишорот зиёд мебошанд, аз ҷумла: Х.Ҳ. Алишоев [3], У.С. Асрорзода [4; 5], Б.Ҳ. Каримов [7; 8; 9] ва дигарон. Масъалаҳои рақамикунонӣ дар заминаи стратегияи давлатии иқтисодиёти рақамӣ ва таҳсилоти рақамӣ дар интишороти Т.Р. Ризоқулов [14], Ш.Ф. Сулаймонзода [15] ва дигарон баррасӣ шуданд, аммо ба мавзуи табдили рақамии корхонаҳои хурд ва миёна ва робитаи он бо рушди устувор таваҷҷуҳ зоҳир нашудааст. Махсусан чунин самтҳо, аз қабили арзёбии рушди рақамии СХМ, таъсири технологияҳои рақамӣ ба устувории амсилаҳои тиҷоратӣ ва тафовутҳои минтақавӣ дар дастрасӣ ба захираҳои рақамӣ суст омӯхта шудаанд. Ҳамин тариқ, дар шароити суръатбахшии табдили рақамӣ, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи робитаи байни рақамикунонӣ ва рушди

устувори корхонаҳои хурд ва миёна бо дарназардошти воқеияти иқтисодӣ ва институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

Аммо, сарфи назар аз иқтидори назарраси табдили рақамӣ, СХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ аст, ки татбиқи технологияҳои рақамиро маҳдуд мекунад, аз қабили: сатҳи пасти саводнокии рақамӣ, дастрасии маҳдуд ба интернет дар минтақаҳо, инфрасохтори заифи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инчунин норасоии захираҳои молиявӣ ва инсонӣ.

Мақсади мақолаи мазкур таҳлили нақши рақамикунонӣ дар таъмини рушди устувори СХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳодҳо оид ба рафъи онҳо бо дарназардошти воқеияти муосири иқтисодӣ мебошад. Дар мақола усулҳои таҳлили муқоисавӣ, ҷамъбасти таҷрибаи амалӣ, инчунин унсурҳои равишҳои муназзам ва институтсионалӣ истифода мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои ташаккули сиёсати муассири дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба табдили рақамӣ ва рушди устувор муфид бошанд.

Ҳалли мушкилоти рушди устувори СХМ дар шароити табдили рақамӣ, пеш аз ҳама, дарки илмии моҳият ва робитаи мафҳумҳои калидӣ, аз қабили «рушди устувор» ва «рақамикунонӣ»-ро талаб мекунад. Сарфи назар аз сатҳи баланди таваҷҷуҳи амалӣ ба ин масъала, асоснокии пурраи назариявии нақши технологияҳои рақамӣ дар таъмини устувории корхонаҳои хурд ва миёна ҳанӯз ҳам пароканда боқӣ мемонад, махсусан дар шароити мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар робита ба ин, зарурати ба низом даровардани равишҳои илмии мавҷудаи тафсири рушди устувор ва рақамикунонӣ, инчунин муайян намудани амсилаҳои консептуалӣ, ки механизмҳои таъсири воситаҳои рақамиро ба устувории иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои хурд ва миёна шарҳ медиҳанд, ба миён меояд. Бидуни дарки дурусти ҷанбаҳои назариявӣ, таҳияи стратегияҳои муассири табдили рақамӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна, ки ба устувории дарозмуддат, фаъолияти инноватсионӣ ва мутобиқшавӣ ба таҳдидҳои берунӣ нигаронида шуда бошанд, ғайриимкон аст.

Мафҳуми рушди устувор (sustainable development), ки дар амалияи байналмилалӣ муқаррар шудааст, як шакли рушди иқтисодиро дар назар дорад, ки қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти насли имрӯзаро бидуни осеб расонидан ба имкониятҳои наслҳои оянда таъмин менамояд [12; 16]. Дар шароити СХМ рушди устувор на танҳо устувории молиявӣ ва мутобиқшавӣ, балки иштироки фаъолонаро дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист низ дар назар дорад. Тавре А.Б. Мирсаидов қайд мекунад, «рушди устуворро дар маънии фарогир, чун навъи нави арзи ҳастӣ ва инкишофи тамаддуни ҷомеа, ки таъғйироти куллии тамоюлҳои тарихан

ташаккулёфтаро дар кулли ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, фарҳангӣ, ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва ғ., тақозо дорад, метавон арзёбӣ кард» [11, с. 128].

Устувории корхонаҳои хурд ва миёна се ченаки асосиро дар бар мегирад:

- ҷанбаи иқтисодӣ (устуворӣ ва суботи ҷараёнҳои молиявӣ, даромаднокӣ, қобилият ба густариши фаъолият, ҷолибияти сармоягузорӣ ва муқовимат ба зарбаҳои иқтисодии берунӣ);

- ҷанбаи иҷтимоӣ (риояи қонунгузории меҳнат, рушди сармояи инсонӣ, иштирок дар ташаббусҳои иҷтимоӣ, саҳм дар баланд бардоштани сатҳи шуғл ва сифати зиндагӣ);

- ҷанбаи экологӣ (татбиқи технологияҳои каммасраф ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, истифодаи оқилонаи захираҳо, риояи стандартҳои экологӣ ва масъулияти корпоративӣ).

Ҳамин тариқ, рушди устувори корхонаҳои хурд ва миёна ин пешбурди мутавозини манфиатҳои иқтисодӣ бо таваҷҷуҳи ҳамзамон ба масъулияти иҷтимоӣ ва амнияти экологӣ мебошад. Ин амсилаест, ки имрӯз барои иқтисодиёти муосир, аз ҷумла барои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи дигаргунсозиҳои институтсионалӣ ва сохторӣ қарор дорад, афзалиятнок дониста мешавад.

Рақамикунонӣ ба маънои васеъ раванди ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхона мебошад. Барои СХМ ин маънои табдили амсилаҳои тиҷорат, беҳсозии равандҳо, кам кардани хароҷоти амалиётӣ, суръат бахшидан ба дастрасӣ ба бозорҳо ва беҳтар кардани сифати ҳамкорӣ бо муштариён ва мақомоти давлатӣ мебошад.

Технологияҳои рақамӣ ба корхонаҳои хурд ва миёна дастрасӣ ба чунин воситаҳоро фароҳам меоранд:

- тиҷорати электронӣ ва платформаҳои онлайн;

- хизматрасониҳои «абрӣ» ва низомҳои баҳисобгирии автоматикунонидашуда;

- пардохтҳои рақамӣ ва технологияҳои муосири молиявӣ;

- маркетинги онлайн, низомҳои CRM (Customer Relationship Management - идоракунии муносибатҳои муштариён) ва таҳлили маълумот.

Илова бар ин, рақамикунонӣ ба муоширати нисбатан муассир, омӯзиши босуръати кормандон ва рушди шаклҳои фасеҳи шуғл мусоидат мекунад. Дар шароити бuҳронҳои берунӣ (масалан, пандемияи COVID-19), маҳз корхонаҳои хурд ва миёна, ки ба рақамикунонӣ таваҷҷуҳ доштанд, устувории бештарро ба дигаргуниҳо ва таҳдидҳои берунӣ нишон доданд.

Ҳамин тариқ, технологияҳои рақамӣ имрӯз на танҳо ҳамчун воситаи ёрирасон, балки ҳамчун омили стратегии рақобатпазирӣ ва устувории корхонаҳои хурд ва миёна дар муҳити зудтағйирёбанда амал мекунанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад, ки рушди муваффақонаи корхонаҳои хурд ва миёна дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бо мавҷуд будани дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ, инфрасохтори пешрафта ва дастрасӣ ба донишҳои нав имконпазир аст. Масалан, дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо барномаҳое бо номи «Аврупои рақамӣ» (Digital Europe) ва «Стратегияи корхонаҳои хурд ва миёна барои Аврупои устувор ва рақамӣ» (SME Strategy for a sustainable and digital Europe) амал мекунанд, ки ба табдили рақамии корхонаҳои хурд ва миёна ва ба даст овардани устуворӣ тавассути инноватсияҳо равона шудаанд.

Дар мамлакатҳое чун Эстония, Сингапур ва Кореяи Ҷанубӣ рақамикунонии корхонаҳои хурд ва миёна бо иштироки фаъоли давлат тавассути маблағгузорӣ, машваратҳо, таъсиси марказҳои рақамӣ ва омӯзиши соҳибкорон сурат мегирад. Дар доираи «Рӯзномаи СММ то соли 2030» (The 2030 Agenda for Sustainable Development) устувории тиҷорат ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи Ҳадафҳои Рушди Устувор (SDGs) баррасӣ мешавад ва рақамикунонӣ яке аз механизмҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо эътироф шудааст. Ин мисолҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи мутобиқ кардани таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити миллӣ бо дарназардошти зарурати рушди инфрасохтори рақамӣ, механизмҳои ҳуқуқӣ ва низомҳои дастгирии субъектҳои СХМ хеле арзишманд мебошанд.

СХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як бахши муҳими иқтисодиёт буда, ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва фаъол гардидани ташаббусҳои соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Аммо яке аз мушкилоти асосии омӯзиш ва арзёбии нақши корхонаҳои хурд ва миёна дар иқтисоди миллӣ набудани омори расмии муназзам ва мукаммал доир ба ин бахш мебошад. Дар ҳисоботҳо ва нашрияҳои мавҷудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон СХМ ҳамчун категорияи алоҳида ҷудо карда намешавад ва бисёр нишондиҳандаҳои миқдории тавсифдиҳандаи соҳибкорӣ дар шакли умумӣ ҷамъ оварда шудаанд ё дар шакли миёнакардашуда пешниҳод карда мешаванд.

Ин ҳолат таҳлили ҳамаҷонибаи самаранокии корхонаҳои хурд ва миёна, саҳми онҳо дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, сохтори шуғл, ҳаҷми сармоягузорӣ ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро хеле мушкил мекунад. Инчунин набудани омори алоҳида дар бораи фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна, соҳибкорони инфиродӣ ва шаҳрвандони худмашғул мушоҳида мешавад, ки ин дар шароити дар ҷумҳурӣ бартарӣ доштани ин шаклҳои соҳибкорӣ махсусан муҳим аст. Дар натиҷа миқёси воқеии фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна, аҳамияти иқтисодии СХМ ҳам дар ҳисоботи таҳлилӣ ва ҳам дар ҳуҷҷатҳои рушди стратегӣ аксаран нодида гирифта мешавад.

Илова бар ин, як қатор корхонаҳо, бахусус дар деҳот ва манотиқи дурдаст дар бахши «иқтисоди торик» ё соҳибкории танзимнашаванда (дар мақомоти андоз ба қайд нагирифташуда) фаъолият мекунанд, ки ҷамъоварӣ ва тафсири маълумоти боэътимодро боз ҳам мушкилтар мекунад. Набудани маълумоти дақиқ имкони давлатро барои таҳияи чораҳои ҳадафнок ва суроғавии муассири дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна маҳдуд карда, инчунин ба соҳибкорон барои асоснок кардани эҳтиёҷоти худ ва ҷалби сармоя монеъ мешавад.

Ҳамин тариқ, таъмини шаффофият ва мониторинги мунтазами фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна дар асоси маҳакҳои дақиқ муайяншуда, инчунин ҷорӣ намудани баҳисобгирии алоҳидаи оморӣ барои соҳибкории хурд ва миёна, ҳамчун шарти зарурии бунёди иқтисоди устувор ва фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад. Бидуни иттилооти боэътимод саҳми корхонаҳои хурд ва миёнаро воқеъбинона арзёбӣ кардан ё таҳияи механизмҳои муассири рушди он ғайриимкон аст.

Дастгирии давлатии корхонаҳои хурд ва миёна тавассути барномаҳо ва ташаббусҳои гуногун, ки ба содагардонии бақайдгирии соҳибкорӣ, коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои андоз равона шудаанд, амалӣ карда мешавад. Дар солҳои охир якчанд санадҳое қабул шудаанд, ки самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба маблағгузорӣ, такмили ихтисоси кормандон ва рушди инфрасохтори соҳибкориро муайян мекунанд.

Инчунин барои дастгирии субъектҳои СХМ қарзҳои хурд ва барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок бо иштироки ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ пешниҳод карда мешаванд [10; 13]. Бо вуҷуди ин, самаранокии татбиқи сиёсати давлатӣ аз сабаби зиёд будани хароҷоти маъмурӣ, парокандагии тадбирҳои дастгирӣ ва ҳамоҳангсозии суст байни мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи соҳибкорӣ маҳдуд боқӣ мемонад.

Сарфи назар аз иқтидори иқтисоди рақамӣ, рушди СХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст. Монеаҳои асосӣ инҳоянд:

- сатҳи пасти саводнокии рақамӣ дар байни соҳибкорон;

- маҳдуд будани дастрасии технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан дар минтақаҳои дурдаст;

- арзиши баланди пайвастшавӣ ба Интернет ва хариди таҷҳизоти рақамӣ;

- набудани платформаҳои маҳаллии рақамӣ ва низомҳои автоматикунонидашуда, ки ба талаботи СХМ мутобиқ карда шуда бошанд;

- ҳамкории заиф бо бахши технологияҳои муосири молиявӣ ва сатҳи пасти эътимод ба воситаҳои рақамӣ (хусусан ба пардохтҳои электронӣ бо сабаби паст будани сатҳи хизматрасонии бонкҳо, суръати сусти интернет).

Гузашта аз ин, доираҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва танзимкунӣ, ки дар соҳаи табдили рақамӣ ташаккул меёбанд, ба коркарди иловагӣ ва такмил бо назардошти манфиатҳои СХМ ҷиҳати андозбандии тиҷорати электронӣ, ҳифзи маълумот ва ҳуҷҷатгардиши электронӣ ниёз доранд.

Сатҳи рақамикунонии СХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввалӣ қарор дорад. Тибқи арзёбиҳои коршиносони ниҳодҳои тахассусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аксарияти корхонаҳои хурд ва миёна дар шаҳрҳо ба интернет дастрасӣ доранд, аммо вазъ дар деҳот хеле бад аст.

Истифодаи платформаҳои рақамӣ ва хизматрасониҳои абрӣ маҳдуд аст ва аксар вақт ба вазифаҳои появии пешбурди саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, кор тавассути паёмнавис (мессенҷер)-ҳо ва почтаи электронӣ вобаста аст. Ҳамгироии низомҳои ERP, хазинаҳои онлайн, платформаҳои CRM ва технологияҳои электронии ҳисобот дар айни замон танҳо аз ҷониби якчанд корхонаҳои калон амалӣ карда мешавад.

Истифодаи пардохтҳои электронӣ тадриҷан васеъ мешавад, аз ҷумла ба шарофати фаъолияти бонкҳо ва ширкатҳое, ки бо хизматрасониҳои муосири молиявӣ машғуланд, аммо ҳиссаи назарраси пардохтҳои нақдӣ ҳанӯз дар корхонаҳои хурд ва миёна мушоҳида мешавад.

Ҳамин тариқ, рақамикунонии корхонаҳои хурд ва миёна муносибати муназзамро аз ҷониби давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои таълимӣ бо мақсади баланд бардоштани салоҳияти рақамии соҳибкорон ва бунёди инфрасохтори дастрасии рақамӣ талаб мекунад.

Рақамикунонӣ имкониятҳои навро барои баланд бардоштани устуворӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои хурд ва миёна, махсусан дар шароити маҳдуди захираҳо ва хавфҳои зиёд фароҳам меорад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки равандҳои истеҳсолот ва идоракуниро беҳтар кунанд, хароҷотро кам карда, логистикаро такмил диҳанд ва ба мубодилаи иттилооти тиҷоратӣ суръат бахшанд. Платформаҳои онлайнӣ барои баромадани субъектҳои СХМ аз доираи бозорҳои маҳаллӣ, пайдо кардани мизоҷон, шарикон ва таъминкунандагони нав, аз ҷумла дар сатҳи байналмилалӣ имкон медиҳанд.

Илова бар ин, технологияҳои рақамӣ, аз қабили низомҳои пардохтҳои электронӣ, онлайн-банкинг, барномаҳои хизматрасониҳои молиявӣ ва платформаҳои краудфандинг дастрасии корхонаҳои хурд ва миёнаро ба захираҳои молиявӣ васеъ мекунанд. Воситаҳои рақамӣ тавассути истифодаи таҳлил, маркетинг, автоматикунонии ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботдиҳии электронӣ имкон медиҳанд, ки шаффофият ва идоракунии соҳибкорӣ ба таври назаррас баланд бардошта шавад.

Гарчанде сатҳи умумии рақамикунонии фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паст боқӣ мемонад, дар ҷумҳурӣ аллакай баъзе ҳолатҳои муваффақи табдили рақамӣ ба назар мерасанд. Масалан, баъзе соҳибкорон дар бахшҳои тиҷорати онлайн, агросаноат ва хизматрасонӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои фурӯши онлайн ва замимаҳои мобилӣ барои таблиғи маҳсулоти худ ва муошират бо муштариён фаъолона истифода мебаранд.

Аз ҷумла, дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд ширкатҳои хурди бозори онлайн, ё худ маркет-плейсҳо, ки тавассути замимаҳои мобилӣ интиқоли маводи ғизоӣ ва дигар молҳоро пешниҳод мекунанд, бо ҳамгироии пардохтҳои электронӣ ва низомҳои CRM рушд карданд. Ҳамчунин мисолҳои мусбати рақамикунонӣ дар соҳаҳои ҳунарҳои мардумӣ ва нассоҷӣ мушоҳида мешаванд, ки дар он ҷо маҳсулоти дастии ҳунармандон берун аз мамлакат тавассути платформаҳои тиҷорати электронӣ (аз ҷумла байналмилалӣ) фурӯхта мешаванд.

Чунин ташаббусҳо аз ҷониби ташкилотҳо ва барномаҳои инфиродии байналмилалӣ, масалан, UNDP (United Nations Development Programme - Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид), GIZ (**Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit -** Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ), ки барои соҳибкорон грантҳо, омӯзиш ва таҷҳизоти рақамиро пешниҳод мекунанд, дастгирӣ карда мешаванд.

Дар ҷадвали 1 намунаҳои бомуваффақи тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Намунаҳои лоиҳаҳои тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 1. Examples of e-commerce projects in the Republic of Tajikistan**

| **Номи лоиҳа** | **Тавсифи мухтасар** | **Вазифаҳои асосӣ ва бартариҳо** | **Аҳамият барои СХМ** |
|---|---|---|---|
| **AVVAL Market** | Бозори онлайн (маркет-плейс) бо платформаи омӯзишии AVVAL Academy | Нигоҳдорӣ, бастабандӣ, интиқоли молҳо, омӯзиши соҳибкорон оид ба фурӯши онлайн. | Ба корхонаҳои бахши СХМ барои ворид шудан ба бозори тиҷорати электронӣ кӯмак мекунад, монеаҳои вурудро тавассути омӯзиш коҳиш медиҳад. |
| **Alif Shop** | Платформаи савдо аз гурӯҳи хизматрасонии молиявии «Alif» | Ҳамгироӣ бо низомҳои пардохти электронӣ, расонидани молҳо, экосистемаи рақамӣ. | Табдили рақамии корхонаҳои хурд ва миёнаро пеш мебарад, воситаҳои молиявии муносиб пешниҳод мекунад. |
| **MyBabilon** | Замимаи мобилии калон | Харидҳо, пардохтҳо, молрасонии онлайн, | Вазифаҳои сершуморро дар як замима муттаҳид мекунад, ҷалби рақамии |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | таъмини пардохти QR. | тиҷоратро зиёд мекунад. |
| **Kitobz** | Дӯкони интернетии китобҳо | Фармоиши онлайн ва расонидани китоб, рушди китобхонаҳои кӯча. | Ташаккул додани макони тиҷорати рақамӣ, омезиши тиҷорат ва рисолати иҷтимоӣ. |
| **Salomat.tj** | Дорухонаи онлайн | Фармоиши онлайнӣ ва расонидани доруҳо ва дигар маводи тиббӣ, доираи васеи дору ва мавод. | Дастгирии фурӯши рақамӣ дар соҳаи тандурустӣ, беҳтар кардани дастрасии маҳсулот. |
| **Venda.tj** | Созандаи дӯконҳои онлайн | Воситаҳо барои сохтани дӯконҳои онлайн, идоракунии молҳо ва пардохтҳо. | Раванди воридшавии корхонаҳои хурд ва миёнаро ба фазои интернет сода мекунад, хароҷоти инфрасохтори рақамиро коҳиш медиҳад. |
| **iBozor.tj** | Маркетплейс бо доираи васеи молҳо | Овардан ва расонидани молҳо, қарздиҳӣ, гурӯҳҳои молҳо аз ғизо то электроника. | Молҳои гуногун, осон кардани дастрасӣ ба тиҷорати онлайн барои бахшҳои гуногуни СХМ |
| Намояндагии **Wildberries** | Маркетплейси байналмилалӣ | Омӯзиши соҳибкорон, омодагӣ барои воридшавӣ ба платформаи рақамӣ. | Густариши иқтидори содиротии субъектҳои СХМ, ташаккули хатҳои байналмилалии фурӯш. |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Мисолҳои дар ҷадвали 1 овардашуда аз рушди фаъоли тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иқтидори он барои дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна шаҳодат медиҳанд. Ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба равандҳои тиҷортӣ ба васеъ кардани бозорҳои фурӯш, беҳсозии амалиёт ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои бахши СХМ мусоидат мекунад.

Табдили рақамӣ бидуни рушди салоҳиятҳои дахлдор дар байни худи соҳибкорон ғайриимкон аст. Бо вуҷуди ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи саводнокии рақамӣ дар байни корхонаҳои хурд ва миёна, бахусус дар байни соҳибони корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфиродӣ дар деҳот паст боқӣ мемонад. Набудани дониш дар бораи қобилиятҳои платформаҳои рақамӣ, фаҳмиши заифи принсипҳои киберамният ва натавонистани кор бо воситаҳои асосии технологияҳои иттилоотӣ иқтидори рушди соҳибкории хурдро дар асри рақамӣ ба таври назаррас маҳдуд мекунад.

Дар ин замина ташкили барномаҳои таълимии рақамӣ ва машваратӣ, аз ҷумла дар доираи ташаббусҳои давлатӣ ва байналмилалӣ аҳамияти хоса дорад. Муҳим аст, ки чунин барномаҳо бо назардошти сатҳи омодагӣ ва хусусиятҳои соҳаҳо ба шароити корхонаҳои хурд ва миёна мутобиқ карда шаванд.

Рақамикунонии СХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор маҳдудиятҳои ҷиддие ҳамрадиф аст, ки ба истифодаи пурраи иқтидори технологияҳои рақамӣ монеъ мешаванд. Ин мушкилот хосияти ҳам инфрасохторӣ ва ҳам ташкилию марбут бо таъмини кормандонро доранд. Дар ҷадвали 2 монеаҳои асосӣ дар роҳи рақамикунонии СХМ, тавсиф ва паёмадҳои эҳтимолии онҳо ба низом оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2. Мушкилоти рақамикунонии СХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 2. Problems of digitalization of SMEs in the Republic of Tajikistan**

| Мушкилот | Муҳтаво ва хосият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Паёмад барои СХМ |
|---|---|---|
| 1. Рушди нокифояи инфрасохтори технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ | Суръати паст ва сифати ноустувори интернет, махсусан дар минтақаҳо. Набудани дастрасии фарохмаҷро ва фарогирии сусти телефонҳои мобилӣ дар минтақаҳои дурдаст. | Кам шудани дастрасии хизматрасониҳои рақамӣ, имконнопазирии амалисозии тиҷорати онлайн, халалдор шудани аҳдҳои электронӣ. |
| 2. Сатҳи пасти саводнокии рақамии соҳибкорон | Аксари соҳибони корхонаҳои хурд ва миёна малакаи истифодаи платформаҳои электронӣ, маркетплейсҳо, низомҳои CRM ва дигар технологияҳои рақамиро надоранд. Барномаҳои таълимии оммавӣ вуҷуд надоранд. | Истифодаи маҳдуди имкониятҳои тиҷорати электронӣ, коҳиши рақобатпазирӣ, вобастагӣ аз хатҳои анъанавии фурӯш. |
| 3. Норасоии кормандони соҳибхтисоси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ | Корхонаҳои хурд ва миёна барои ҷалби мутахассисони рақамӣ душворӣ доранд. Дар минтақаҳо кормандони соҳибихтисос намерасанд ва мутахассисони пойтахт бо сабабҳои молиявӣ барои СХМ дастнорасанд. | Таъхир дар табдили рақамӣ, нотавонӣ барои дастгирии технологияҳои рақамӣ, вобастагӣ аз паймонкорони берунӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| 4. Набудани ангеза барои рақамикунонӣ | Соҳибкорон манфиатҳои мустақими табдили рақамиро намебинанд. Ҳавасмандии давлатӣ ва намунаҳои лоиҳаҳои бомуваффақияти рақамӣ, махсусан дар бахшҳои кишоварзӣ ё ҳунармандӣ вуҷуд надорад. | Муқобилият бо инноватсияҳо, , сустшавии таҷдиди равандҳои тиҷорат, рукуд дар бозори хизматрасонӣ. |
| 5. Дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ барои рақамикунонӣ | Маҳсулоти қарзӣ барои рушди технологияҳои рақамӣ рақамӣ маҳдуд аст. Механизми грантҳо, кӯмакҳои давлатӣ ва имтиёзҳои андоз вуҷуд надорад. | Ғайриимкон будани сармоягузорӣ ба инфрасохтори рақамӣ, қафо мондан аз рақибон, афзоиши хароҷот. |
| 6. Сатҳи пасти боварӣ ба воситаҳои рақамӣ | Бисёре аз соҳибкорон бо сабаби ҳолатҳои қаллобӣ ва нокомиҳои техникӣ аз пардохтҳои онлайн, хизматрасониҳои абрӣ ва ҳуҷҷатҳои рақамӣ ҳарос доранд | Сустшавии гузариш ба низомҳои онлайн, истифодаи бештари ҳисобикуниҳои накдӣ ва ҳуҷҷатҳои коғазӣ, сатҳи пасти автоматикунонӣ. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, рақамикунонӣ метавонад ва бояд яке аз василаҳои асосии рушди устувори корхонаҳои хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад, аммо ин сиёсати ҳамаҷонибаи давлатии ба рушди инфрасохтор, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва фароҳам овардани ҳавасмандӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳибкории хурд нигаронидашударо талаб мекунад. Рақамикунонии СХМ як самти стратегӣ буда, барои рушди он ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва шарикони байналмилалӣ зарур аст. Бино бар ин, барои ба кор даровардани иқтидори корхонаҳои хурд ва миёна дар иқтисодиёти рақамӣ як қатор қадамҳои пайвастаро амалӣ кардан лозим аст.

Пеш аз ҳама, барои суръат бахшидан ба табдили рақамии корхонаҳои хурд ва миёна тадбирҳои асосии зерин пешниҳод карда мешаванд:

- таҳия ва татбиқи стратегияи миллии рақамикунонии СХМ, аз ҷумла муқаррар кардани ҳадафҳо, воситаҳои молиявӣ ва нишондиҳандаҳои пешрафт;

- таъсиси платформаҳо ва маркетплейсҳои ягонаи рақамӣ, ки ба эҳтиёҷоти соҳибкорони маҳаллӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла логистика, пардохт ва таблиғ;

- татбиқи механизмҳои маблағгузории хурд барои лоиҳаҳои рақамӣ бо шартҳои содакардашуда барои корхонаҳои хурд ва миёна;

- гузаронидани тренингҳо ва курсҳои минтақавӣ оид ба малакаҳои рақамӣ, махсусан дар деҳот ва маҳаллҳои кӯҳистон.

Давлат бояд дар дастгирии рақамикунонии корхонаҳои хурд ва миёна нақши фаъолро оид ба ташаккули низом дошта бошад. Барои ин роҳандозӣ намудани тадбирҳои муассир лозим аст, аз қабили пешниҳоди кӯмакҳои буҷетӣ ва грантҳои мустақим барои рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ, харидани таҷҳизот ва нармафзор; имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна, ки ба технологияҳои рақамӣ сармоягузорӣ мекунанд, аз ҷумла меъёрҳои пасти андоз аз даромад ва андоз аз арзиши иловашуда барои хизматрасониҳои рақамӣ; барномаҳои давлатӣ оид ба таълим ва баланд бардоштани саводнокии рақамӣ, ки дар якҷоягӣ бо донишгоҳҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ширкатҳои технологӣ амалӣ карда мешаванд; ҷорӣ намудани равзанаи ягона барои дастгирии тиҷорати рақамӣ, ки дар он соҳибкорон метавонанд маслиҳат, хизматрасонӣ ва дастрасӣ ба барномаҳои маблағгузорӣ гиранд.

Ҳамин тариқ, рушди стратегии СХМ дар шароити табдили рақамӣ муносибати муназзамро тақозо мекунад, ки таҷдиди технологиро бо устувории иқтисодӣ ҳамгиро мекунад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ба корхонаҳои хурд ва миёна имкон медиҳад, ки ба шароити тағйирёбандаи бозор чандир ва мутобиқшаванда бошанд, хароҷоти амалиётиро коҳиш диҳанд, ҳамкорӣ бо муштариён ва шариконро беҳтар созанд ва фаъолияти тиҷоратии худро зуд васеъ кунанд. Бо вуҷуди ин, барои рушди устувор муҳим он аст, ки рақамикунонӣ пароканда набошад. Зарур аст, ки технологияҳои рақамӣ ба тамоми равандҳои асосӣ - аз идоракунии молиявӣ ва кормандон то маркетинг ва логистика ворид карда шаванд. Илова бар ин, дастгирии стартапҳо, рушди экосистемаи соҳибкории рақамӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои мониторинг ва арзёбии самаранокии рақамикунонӣ ба таъмини натиҷаҳои дарозмуддат мусоидат мекунад. Рушди устувори корхонаҳои хурд ва миёна дар шароити рақамикунонӣ бояд ба принсипҳои инноватсия, дастрасӣ, мутобиқшавӣ ва фарогирии иҷтимоӣ асос ёбад.

**АДАБИЁТ**

1. Абдуалимзода, Ҳ.А. Мушкилот ва роҳҳои такмили фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.А. Абдуалимзода, У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – № 2(56). – С. 15-21

2. Абдуллоев, С.И. Баъзе масъалаҳои назариявии рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.И. Абдуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 6. – С. 168-174

3. Алишоев Х.Ҳ., Раҳимов М.А. Сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти кишвар / Х.Ҳ. Алишоев, М.А. Раҳимов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. - № 4. – С. 102-106
4. Асрорзода, У.С. Заминаҳои иқтисодӣ ва пешомадҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 4-1. – С. 22-32
5. Асрорзода, У.С., Болтаев, Б.Б. Искусственный интеллект в малом и среднем бизнесе Таджикистана: от автоматизации к стратегическому развитию / У.С. Асрорзода, Б.Б. Болтаев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2025. – № 1(56). – С. 64-72
6. Деҳқонов, С.А. Рушди соҳибкории хурду миёна ҳамчун сарчашмаи рушди иқтисодиёти мамлакат: моҳият ва паҳлӯҳои асосии танзими / С.А. Деҳқонов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – № 2(2). – С. 95-98
7. Каримов Б.Ҳ., Аҳтамов Ҳ.С. Асосҳои идоракунии стратегии рушди сайёҳӣ / Б.Ҳ. Каримов, Ҳ.С. Аҳтамов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. - № 11. – С. 144-151
8. Каримов Б.Ҳ., Раҳимов М.А. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). - С. 180-188
9. Каримов, Б.Ҳ. Сармоягузорӣ ҳамчун омили пешбарандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он / Б.Ҳ. Каримов, З. Аҳмади // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 4-1(49). – С. 236-243
10. Каримов, Б.Ҳ., Тохтаров, И.Х. Дастгирии давлатии қарздиҳии кишоварзӣ / Б.Ҳ. Каримов, И.Х. Тохтаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 12. – С. 139-148
11. Мирсаидов, А.Б. Моҳияти рушди устувор ва механизмҳои татбиқи он / А.Б. Мирсаидов, Н.Б. Файзов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – № 2(78). – С. 122-133
12. Осипов В.И. Устойчивое развитие. Экологический аспект / В.И. Осипов // Вестник Российской академии наук. - 2019. - Т. 89. - №7. - С. 718-727
13. Раҳимзода, Ш., Махшулов, С.Ҷ. Масъалаҳои арзёбии иқтидори қарзӣ ва қарзпазирии субъектҳои кишоварзӣ дар шароити муосир / Ш. Раҳимзода, С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 12. – С. 165-172
14. Ризоқулов, Т.Р. Нақши интернет-савдо дар ташаккули иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Р. Ризоқулов, М. И. Ҳасанова // Ахбори Донишгоҳи давлатии

ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – № 4(89). – С. 73-81

15. Сулаймонзода, Ш.Ф. Афзалиятҳои иқтисодиёти рақамӣ дар рушди бизнес-хизматрасонӣ дар шароити муосир / Ш.Ф. Сулаймонзода, М.А. Самиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – № 3(27). – С. 124-130

16. Ҷумаев, А.Қ. Консепсияи рушди устувор: мафҳум ва мундариҷаи он / А.Қ. Ҷумаев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2021. – Т. 56. - № 1. – С. 69-73

## АННОТАТСИЯ

Дар мақола масъалаҳои мубрами рақамикунонии соҳибкории хурд ва миёна (СХМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди устувори мамлакат он баррасӣ шудааст. Таҳлили вазъи муосири СХМ гузаронида шуда, хусусиятҳои умумии он бо назардошти маҳдудиятҳои мавҷудаи оморӣ, сохтор, пӯёи рушд ва нақш дар иқтисоди мамлакат оварда шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи дастгирии СХМ, аз ҷумла ба барномаҳо ва ташаббусҳои ҷорӣ, инчунин монеаҳо ва мушкилоте, ки дар натиҷаи табдили рақамии иқтисодиёт ба вуҷуд омадаанд, зоҳир мегардад.

Имкониятҳое, ки тавассути татбиқи технологияҳои рақамӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна кушода мешаванд, аз ҷумла беҳсозии равандҳои тиҷорат, дастрасии васеъ ба бозорҳо, пардохтҳои электронӣ ва хизматрасониҳои абрӣ ошкор карда мешаванд. Намунаҳои ташаббусҳои муваффақи тиҷорати электронӣ ва истифодаи маркетплейсҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Нақши саводнокии рақамии соҳибкорон дар ташаккули муҳити устувори тиҷорат баррасӣ мешавад. Мушкилоти асосии рақамикунонӣ низ таъкид шудаанд, аз цабили инфрасохтори заифи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, норасоии кормандони соҳибхтисос, сатҳи пасти малакаҳои рақамӣ ва маблағгузории маҳдуд.

Дар асоси таҳлилҳо самтҳои рушди рақамикунонии СХМ, аз ҷумла тадбирҳои дастгирии давлатӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, тавсеаи барномаҳои таълимӣ ва ташаккули платформаҳои рақамии фарогир пешниҳод шудаанд. Хулоса мешавад, ки рақамикунонӣ шарти зарурии рушди устувори корхонаҳои хурд ва миёна буда, равиши ҳамаҷонибаи стратегии давлат, соҳибкорӣ ва ҷомеаро талаб мекунад.

**Калидвожаҳо**: соҳибкории хурд ва миёна, рақамикунонӣ, рушди устувор, тиҷорати электронӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, соҳибкорӣ,

маркетплейс, инфрасохтори рақамӣ, дастгирии давлатӣ, табдили рақамӣ, технологияҳои рақамӣ.


### *АННОТАТЦИЯ*

В статье рассматриваются актуальные вопросы цифровизации малого и среднего предпринимательства (МСП) в Республике Таджикистан как одного из ключевых факторов устойчивого развития страны. Проведен анализ современного состояния МСП, дана его общая характеристика с учетом существующих статистических ограничений, структуры, динамики развития и роли в экономике страны. Особое внимание уделено государственной политике в сфере поддержки МСП, включая действующие программы и инициативы, а также существующим барьерам и вызовам, обусловленным цифровой трансформацией экономики.

Раскрыты возможности, которые открываются перед малыми и средними предприятиями благодаря внедрению цифровых технологий, в том числе оптимизация бизнес-процессов, расширение доступа к рынкам, электронные платежи и облачные сервисы. Приведены примеры успешных инициатив электронной торговли и использования маркетплейсов в Республике Таджикистан. Рассмотрена роль цифровой грамотности предпринимателей в формировании устойчивой бизнес-среды. Также выделены ключевые проблемы цифровизации, среди которых — слабая инфраструктура информационно-коммуникационных технологий, нехватка квалифицированных кадров, низкий уровень цифровых навыков и ограниченность финансирования.

На основе анализа предложены направления развития цифровизации МСП, включающие меры государственной поддержки, развитие цифровой инфраструктуры, международное сотрудничество, расширение образовательных программ и формирование инклюзивных цифровых платформ. Сделан вывод о том, что цифровизация является неотъемлемым условием устойчивого роста малых и средних предприятий и требует комплексного, стратегически ориентированного подхода со стороны государства, бизнеса и общества.



**Ключевые слова: м**алое и среднее предпринимательство, цифровизация, устойчивое развитие, электронная торговля, информационно-коммуникационные технологии, предпринимательство, маркетплейс, цифровая инфраструктура, государственная поддержка, цифровая трансформация, цифровые технологии.

*ANNOTATION*

The article examines current issues of digitalization of small and medium entrepreneurship (SMEs) in the Republic of Tajikistan as one of the key factors in the country's sustainable development. An analysis of the current state of SMEs is conducted, its general characteristics are given, taking into account existing statistical limitations, structure, development dynamics and role in the country's economy. Particular attention is paid to state policy in the field of SME support, including existing programs and initiatives, as well as existing barriers and challenges caused by the digital transformation of the economy.

The article reveals the opportunities that are opening up for small and medium enterprises due to the introduction of digital technologies, including optimization of business processes, expanded access to markets, electronic payments and cloud services. Examples of successful e-commerce initiatives and the use of marketplaces in the Republic of Tajikistan are given. The role of digital literacy of entrepreneurs in the formation of a sustainable business environment is considered. Key problems of digitalization are also highlighted, including weak infrastructure of information and communication technologies, lack of qualified personnel, low level of digital skills and limited funding.

Based on the analysis, directions for the development of SME digitalization are proposed, including government support measures, development of digital infrastructure, international cooperation, expansion of educational programs and the formation of inclusive digital platforms. It is concluded that digitalization is an integral condition for the sustainable growth of small and medium-sized enterprises and requires a comprehensive, strategically oriented approach from the state, business and society.



**Keywords:** small and medium entrepreneurship, digitalization, sustainable development, e-commerce, information and communication technologies, entrepreneurship, marketplace, digital infrastructure, government support, digital transformation, digital technologies.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷуразода Хайринисо Ҳайдар** –н.и.и.,дотсент директори Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии ДБССТ Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. Тел.: +992 989184343.

# НИЗОМИ НАЗОРАТ ВА СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТАШКИЛОТҲОИ АУДИТОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҷалилов Р.Р.-*** *сардори раёсати таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

***Ғуломов З.Т.-*** *н.и.и.,дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои аудитории зиёде пайдо шудаву дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ мавқеи худро устувор карда истодаанд. Фаъолияти босамараи чунин ташкилотҳо аз мавҷудияти низоми муносиби назорати сифати кори онҳо вобаста мебошад.

Масъалаҳои сифати фаъолияти аудиторӣ (хизматрасониҳои аудиторӣ) ва назорати он дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, чун Р. Адамс, М.А. Азарская, Э.А. Аренс, Л.А. Бернстайн, С.М. Бичкова, А.В. Глушенко, Е.М. Гутсайт, Ю.А. Данилевский, Е.Ю. Итигилова, А.В. Крикунов, С.В. Панкова, В.И. Подолский, Ҷ.К. Робертсон, А.А. Савин, В.П. Суйтс , А.С. Худякова ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Вале дар интишороти илмии олимон ва муҳаққиқони ватанӣ доир ба таҳқиқи масъалаҳои сифати аудит ва низоми назорати он таҳқиқотҳо ба назар намерасанд.

Назари олимон ва муҳаққиқон дар бобати муайян кардани мафҳуми сифати аудит мухталиф мебошад. Аксари муҳаққиқони хориҷӣ мафҳуми сифати аудитро аз диди пайравӣ ба стандартҳои аудит баррасӣ менамоянд.

Назари дигар ба маънидодкунии мафҳуми сифати аудит аз диди истеъмолкунандаи ниҳойии хизматрасониҳои аудиторӣ дар асари Панкова С.В. намоён аст. Вай сифати аудитро чун самари ҷамъбастии санҷиши аудиторӣ, ки бо сатҳи мувофиқати ақидаи аудитор ба эҳтиёҷоти истифодабарандагони манфиатдор ба ахбори воқеъбинонаи дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда ифода ёфтааст, маънидод менамояд [5, с. 137]. Ҳамин тариқа, вай мафҳуми “сифати аудит”-ро аз диди қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истифодабарандагони манфиатдор дар ифодаи воқеъбинонаи ақидаи аудитор аз натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ баррасӣ менамояд.

А.В. Глушенко ва А.С. Худякова сифати аудитро чун “мувофиқати равандҳои аудитории бо гузаронидани санҷиш, эҳтиёҷоти истифодабарандагони ахбори дар хулосаи аудиторӣ дарҷгардида алоқаманд” маънидод менамоянд [4, с. 21].

М.А. Азарская сифати аудитро чун тавсифи фаъолияти аудиторӣ, ки дар маҷмӯи хосиятҳои назариявӣ, методӣ ва ташкилӣ зоҳир гардида, қодир мебошад, ки эҳтиёҷоти истифодабарандагони манфиатдорро қонеъ кунад ва бовариро ба аудитор баланд намояд, маънидод менамояд [2].

Тарзи маънидодкунии нисбатан васеътари мафҳуми “сифати аудит”-ро С.М. Бичкова ва Е.Ю. Итигилова пешниҳод намудаанд, ки як қатор ҷиҳатҳои муайянкунандаи сифати аудитро дар бар мегирад, чун [3, с. 7-9]:

- сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ва сифати хулосаи аудиторӣ натиҷаи мустақими салоҳияти касбӣ ва таҷрибаи аудитор мебошанд;

- сифати аудитор аз мартабаи ташкилоти аудиторӣ муайян гардида, чунин ҷиҳатҳоро баҳисоб мегирад, масалан, бартариҳои рақибона, нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ, давомнокии кор дар бозори хизматрасониҳои аудиторӣ, таҷриба ва кордонии аудиторҳо, шумораи мизоҷон, андозаи ташкилот;

- сифати аудит – ин мувофиқат ба талаботи стандартҳои аудиторӣ ва дигар санадҳои меъёрии фаъолияти аудиторӣ мебошад;

- ченкунии сифат аз диди хизматрасониҳои аудитории иҷрогардида;

- сифати аудит аз ҳамҷоягии мувофиқати ҳамзамони масрафҳо ва арзиш муайян мешавад;

- сифати аудит чун натиҷаи иштироки истеъмолкунанда дар баҳодиҳии сифати санҷиши аудиторӣ;

- сифат – ин мувофиқат ба талаботи ниҳонии мизоҷон.

Ба қавли дигар, сифати аудит чун мувофиқат ба талаботи санадҳои меъёрӣ, эҳтиёҷоти истифодабарандагон, масрафҳо ва арзиш фаҳмида мешавад ва натиҷаи салоҳиятнокӣ ва таҷрибаи аудитор буда, аз мартабаи ташкилоти аудиторӣ муайян мешавад.

Мо ҳама назарҳои баррасишударо ҷамъбаст намуда, пешниҳод менамоем, ки сифати аудит (фаъолияти аудиторӣ) чун таъмини боварии муносиб оид ба риоягардии санадҳои меъёрӣ, стандартҳои аудит, меъёрҳои ахлоқи аудиторӣ ва ҷавобгӯ будан ба манфиатҳои гурӯҳҳои асосии истифодабарандагон дарк карда шавад.

Тавре амалия нишон медиҳад, масъалаҳои сифати хизматрасониҳои аудиторӣ пас аз гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ҳангоми аз ҷониби мақомоти андоз ва дигар мақомоти назоратӣ ошкор шудани хатоҳои муҳим дар ҳуҷҷатҳои санҷидашуда ба миён меояд. Дар ин гуна ҳолатҳо аудитор барои номуносиб гузаронидани аудит тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият мебарад. Аз ин хотир, барои роҳ надодан ба гузаронидани аудити номуносиб ва ба миён омадани даъвоҳо сифати фаъолияти касбии ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ бояд назорат карда шавад.

Зарурати назорати сифати аудит инчунин азбоисе ба миён омада метавонад, ки дар баъзе мавридҳо санҷиши аудиторӣ баргузорнашуда мемонад. Баргузор нашудани аудит ҳолате мебошад, ки аудитор аз гузаронидани санҷиши аудиторӣ натиҷаи

нодуруст гирифта, хулосаи аудитории хато пешниҳод менамояд [6, с. 38]. Бо вуҷуди ин фармоишгари аудит ва дигар истифодабарандагони натиҷаҳои аудит (сармоягузорон, қарздиҳандагон ва дигарҳо) ба хулосаи аудиторӣ бовар намуда, дар асоси он қарорҳои идоракунии худро қабул менамоянд. Ҳангоми аудити бесифат ин қарорҳо хато мебароянд ва истифодабаранда иштибоҳи худро дарк намуда, дарҳол сатҳи эътимоди вай ба ақидаи аудитор паст мешавад.

Назорати сифати хизматрасониҳои аудиториро метавон ба ду намуд ҷудо кард: назорати дохилӣ ва назорати берунӣ.

Бо қабул гардидани тариқаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" (аз 22 июли соли 2013, № 993) масъалаҳои нави ба сифати аудит дахлкунанда, хоса ҷиҳати ташкили низоми назорати дохилии сифат дар корхонаҳо ба миён омаданд. Моддаҳои 13 ва 14 қонуни мазкур ба масъалаҳои ташкили низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳо ва вазифаҳои он бахшида шудаанд [1].

Низоми аудити дохилӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ ба манфиати соҳибмулкон бунёд карда шуда, тибқи номгӯйи ҳуҷҷатҳои дохилии корхона ва бо такя ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои аудити дохилӣ ва талаботи Кодекси одоби касбии аудиторон фаъолият менамояд. Объектҳои аудити дохилиро корхонаҳо мутобиқ ба мақсадҳои худ ба хотири ташкил, банақшагирӣ ва назораи равандҳои фаъолияти хоҷагидорӣ муайян менамоянд.

Низоми аудити дохилӣ дар корхонаҳо барои ба ҷо овардани чунин вазифаҳо амал менамояд: санҷиши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, назораи онҳо ва таҳия кардани тавсияҳо барои беҳгардонии кори ин низомҳо; санҷиши ахбори баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии фаврӣ, дар асоси онҳо таҳия намудани ҳисобот, омӯзиши вижаи моддаҳои алоҳидаи ҳисобот, аз ҷумла санҷиши муфассали амалиёти баҳисобгирӣ ва бақияҳои ҳисобҳои муҳосибӣ; санҷиши корбурд ва риоягардии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, низомномаҳо, қарорҳо ва нишондодҳои роҳбарият ва соҳибмулкони корхона; таҳқиқи вижаи ҳолатҳои алоҳида; таҳия ва ироаи пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ва тавсияҳо оид ба баландбардории самаранокии идоракунии корхона.

Муқаррароти баррасишуда танҳо дар мавриди ташкили низоми аудити дохилӣ дар корхонаҳои аудитшаванда ба кор бурда мешаванд. Онҳо ба масъалаҳои бунёдсозӣ ва амалкунии низоми назорати дохилӣ дар ташкилотҳои аудиторӣ дахл намекунанд. Доир ба масъалаҳои бунёдсозӣ ва амалкунии низоми назорати дохилӣ дар ташкилотҳои аудиторӣ таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ба назар намерасанд.

Назорати дохилии сифати аудитро ташкилоти аудиторӣ мустақилона анҷом медиҳад. Назорати берунии сифати аудити ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони

инфиродӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи аудит (Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон) ва ташкилотҳои касбии аудиторон анҷом дода мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои касбии аудиторон дар асоси созишнома бо ташкилоти аудиторӣ ё аудитори инфиродӣ назорати сифати кори онҳоро ба ҷо меоранд [1].

Мақсади назорати берунии сифати кори ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ ин таъмин намудани мувофиқати фаъолияти онҳо ба талаботи муқарраршуда мебошад. Ин талаботро низоми стандартҳо оид ба ташкил ва технологияи гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва баҷоории хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудит муқаррар менамояд.

Стандартҳои аудит фаъолияти касбии аудиторҳоро танзим намуда, дар тамоми ҷаҳон эътироф шудаанд, чунки онҳо имкон медиҳанд, ки воқеияти бештар дар изҳоркунии ақидаи аудитор оид ба мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба принсипҳои умумимақбули пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва бунёдсозии ҳисоботи молиявӣ ноил гардад, инчунин онҳо маҳакҳои сифатии ягонаи муқоисакунии натиҷаҳои фаъолияти аудиториро муқаррар менамоянд [7, с. 96].

Низоми стандартҳои аудит се гурӯҳи стандартҳоро дар бар мегирад: миллӣ, байналмилалӣ ва дохилӣ (дохилиташкилотӣ). Тавре дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" қайд гардидааст, *стандартҳои миллии аудит* (СМА) – стандартҳое мебошанд, ки барои истифода аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ гардидаанд; *стандартҳои байналмилалии аудит* (СБА) – стандартҳоеанд, ки Федератсияи байналмилалии муҳосибон ба нашр расонида, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи аудит онҳоро барои истифода тасдиқ кардааст. Ташкилоти аудиторӣ ва аудитори инфиродӣ аудитро бояд дар асоси стандартҳои миллӣ ё байналмилалии аудит роҳандозӣ кунанд [1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудан ва тасдиқ кардани стандартҳои аудит, инчунин назорати риоягардии онҳоро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон анҷом медиҳанд.

Ҳангоми ташкили низоми назорати сифат ташкилотҳои аудиторӣ ба талаботи стандартҳои СБА 1 "Назорати сифат барои ширкатҳое, ки аудит ва санҷишҳои доираи назари ахбори молиявии таърихӣ ва супоришҳои дигари оид ба таъминкунии эътимоднокӣ ва хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаро мегузаронанд" (Quality Control for Firms that Perform Audits and Reviews of Historical Financial Information, and Other Assurance and Related Services Engagements) ва СБА 220R "Назорати сифат барои

аудитҳои ахбори молиявии таърихӣ” (Quality Control for Audits of Historical Financial Information), такя менамоянд.

Бунёд намудани низоми назорати сифат дар ташкилоти аудиторӣ дар таҳияи пояҳо ва амалҳои назорати сифати аудит, таҳлил ва баҳодиҳии беисти онҳо ифода меёбад. Поя (princip) чун муқаррароти сарогози кор ва амал (procedure) чун тартиби муқарраршудаи пешбурд, баррасии ягон кор фаҳмида мешаванд. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ поя чун бунёд, асос, таҳкурсӣ шарҳ дода шудааст [9, с. 117], амал – чун кор, меҳнат, таъсир, асар [8, с. 59].

Дар бунёд кардан ва амалкунии боэътимоди пояҳо ва амалҳои назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ нақши муҳимро роҳбарияти ташкилоти аудиторӣ мебозад. Вай бояд пояҳои асосгузор ва амалҳои назоратиро муайян кунад, вазифаҳои назоратиро ба кормандони мушаххаси ташкилот вогузор намояд.

Барои таҳия намудани пояҳо ва амалҳои назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ муқаррароти СБА 1 “Назорати сифат барои ширкатҳое, ки аудит ва санҷишҳои доираи назари ахбори молиявии таърихӣ ва супоришҳои дигари оид ба таъминкунии эътимоднокӣ ва хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаро мегузаронанд”, ба роҳбарияти ташкилоти аудиторӣ кӯмак мерасонанд. Стандарти мазкур муқаррар менамояд, ки “низоми назорати сифати хизматрасониҳои ташкилоти аудиторӣ бояд пояҳо ва амалҳои аудиториро нисбат ба ҳар яке аз чунин унсурҳо муқаррар намояд:

- уҳдадориҳои роҳбарияти ташкилоти аудиторӣ оид ба таъмин намудани сифати хизматрасониҳое, ки ташкилоти аудиторӣ ба ҷо меорад;
- талаботи ахлоқӣ;
- ба хизматрасонӣ қабул намудани мизоҷи нав ва идома додани ҳамкорӣ;
- кор бо кормандон;
- иҷрои супориш;
- назора (мониторинг)”.

Пояҳо ва амалҳои назорати сифати хизматрасониҳо бояд бо ҳуҷҷатҳо нигориш карда шуда ва ба маълумоти кормандони ташкилоти аудиторӣ расонида шаванд.

Пояҳои асосие, ки амалкунии муносиби низоми назорати сифатро дар ташкилоти аудиторӣ таъмин менамоянд, инҳо мебошанд:

- нигарониши фаъолият ба баландбардории сифат – амалҳои пайдарҳам ва ҳамешагии роҳбарияти ташкилоти аудиторӣ, ки ба сиёсат ва амалҳои назорати сифат равона гардида, иҷрои корҳоро мувофиқи стандартҳои касбӣ, талаботи мақомоти танзимкунанда ва қонунгузорӣ талаб менамоянд;
- масъулият – аудитор барои гузаронидани корҳои назоратии номуносиб бояд ҷавобгарии иқтисодӣ, маъмурӣ ва интизомӣ барад;

- мутаносибӣ – ба аудитор пешбинӣ намудани вазифаҳои назоратии барои иҷроишашон маблағ набуда мумкин нест, уҳдадориҳои назоратӣ бояд ҳаҷми мувофиқи ҳуқуқ ва имконотро дошта бошанд;

- саривақт огоҳ намудан оид ба тамоилот – дар назар аст, ки ахбор оид ба тамоилоти ошкоршуда бояд дар муҳлати кӯтоҳтарин ба шахсони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ пешниҳод карда шавад;

- бонизомӣ – ҳангоми ба ҷо овардани назорат ҳама ҷиҳатҳои фаъолият пурра дар алоқамандӣ баррасӣ мешаванд;

- тақсими уҳдадориҳо – тақсим кардани вазифаҳои назоратӣ дар байни кормандони ташкилоти аудиторӣ;

- риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ – такя намудан ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби касбии аудиторҳо (бо Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001, № 69 қабул шудааст).

Татбиқи мушаххас ва муҳтавои амалҳои назорати сифат дар сатҳи ташкилоти аудиторӣ аз омилҳои гуногун (ҳаҷм ва хосияти фаъолияти ташкилоти аудиторӣ, сохтори вазифавӣ-ташкилии он, таносуби масрафҳо ва манфиатҳо ҳангоми корбурди амалҳои низоми назорати дохилии сифат), ки дар ташкилотҳои аудитории гуногун ҳархела мебошанд, вобаста аст.

Самти муҳими назорати берунии хизматрасониҳои аудиторӣ дигаркунии сохтори омодасозии аудиторҳо ва ба онҳо додани шаҳодатномаи сифат мебошад.

Фаъолияти аудиториро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аудиторҳои инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторие анҷом дода метавонанд, ки иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатиро барои фаъолияти аудиторӣ доранд. Ин гуна иҷозатнома мутобиқи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”, “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, “Дар бораи низоми иҷозатномадиҳӣ”, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 230 аз 3 июни соли 2006 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия барои ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти аудиторӣ” ва № 172 аз 3 апрели соли 2007 “Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” дода мешавад.

Барои гирифтани иҷозатнома довталаб бояд дорои аттестати (шаҳодатномаи) тахассусии аудитор бошад. Ҳамчунин вай бояд собиқаи кории на кам аз сесола бо таҳсилоти олии касбӣ (на кам аз панҷсола бо таҳсилоти миёнаи касбӣ)-и тахассуси муҳосиб, иқтисодчӣ, ревизор, молиячӣ, корманди андоз, ҳуқуқшинос дошта бошад.

Ба хотири дар сатҳи муносиби касбӣ иҷро шудани фаъолияти касбии аудиторҳо аттестатсияи онҳо барои ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти аудиторӣ гузаронида мешавад. Ин гуна аттестатсия мутобиқи “Қоидаҳои гузаронидани аттестатсия барои

ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти аудиторӣ” гузаронида мешавад. Ҳама шахсони воқеие, ки хоҳиши ба фаъолияти аудиторӣ машғул шуданро доранд, бояд аз аттестатсия барои гирифтани ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти аудиторӣ гузаранд.

Аттестатсия пас аз гузаштани довталаб аз курсҳои омӯзишӣ дар заминаи курсҳои таълимӣ-методӣ оид ба омӯзиш ва бозомӯзии аудиторҳо ва супоридани имтиҳонҳои муайяннамудаи комиссияи тахассусии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бонки миллии Тоҷикистон) баргузор мегардад. Ҳар як аудитори дорандаи аттестати тахассусӣ бояд дар давоми се соли пас аз соли гирифтани аттестат оянда курси омӯзиширо бо барномаи баландбардории тахассус, ки комиссияи тахассусӣ тасдиқ намудааст, гузарад.

Ҳамин тариқа, низоми дуруст бароҳмондашудаи назорати сифати аудит дар ташкилоти аудиторӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои мураккаби бо ташкили кори кормандон ва коркарди ахбор алоқамандбуда босарфа ва бомақсад ҳалли худро ёбанд, қонеъкунонии ҳамаҷонибаи талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои аудиторӣ ва масрафҳои мақбулро барои сифати аудит таъмин намояд.

АДАБИЁТ:


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 22 июли соли 2013, № 993. – http://mmk.tj.

2. Азарская М.А. Методология аудита и развитие методического обеспечения его качества: монография. Йошкар-Ола: ООО «Стринг», 2009. - 190 с.

3. Бычкова С. М., Итыгилова Е. Ю. Контроль качества аудита. М.: Эксмо, 2008. – 240 с.

4. Глущенко А. В., Худякова А. С. Система обеспечения качества аудита // Международный бухгалтерский учет. 2011. № 6 (156), с. 21

5. *Панкова С. В.* Сущность аудита и подходы к определению его качества // Вестник Оренбургского государственного университета. 2002. № 2, с. 137

6. Смекалов П.В., Терехов А.А., Терехов М.А. Теория и практика аудита: учеб. пособие. СПб:СПбГАУ; АОЗТ «Балтийский аудит», 1995. - 320 с.

7. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 582 с.

8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1 /Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. (нашри дувум). Душанбе, 2010. – 996 с.

9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 2 /Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. (нашри дувум). Душанбе, 2010. – 1095 с.

## НИЗОМИ НАЗОРАТ ВА СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТАШКИЛОТҲОИ АУДИТОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба омӯзиши масъалаҳои бунёдкунии низоми назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ бахшида шудааст. Назари олимон ва муҳаққиқон дар бобати муайян кардани мафҳуми сифати аудит таҳлил карда шудааст. Ҷаҳд карда шудааст, ки мафҳумҳои сифати аудит, назорати сифати аудит, сифати хизматрасониҳои аудиторӣ, назорати дохилии аудит, назорати берунии аудит ҷакушода дода шуда, ҳолатҳои корбурди онҳо таҳқиқ карда шаванд.

Қайд карда шудааст, ки низоми аудити дохилӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ ба манфиати соҳибмулкон бунёд карда шуда, тибқи номгӯйи ҳуҷҷатҳои дохилии корхона ва бо такя ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои аудити дохилӣ ва талаботи Кодекси одоби касбии аудиторон фаъолият менамояд. Назорати дохилии сифати аудитро ташкилоти аудиторӣ мустақилона анҷом медиҳад. Назорати берунии сифати аудити ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи аудит ва ташкилотҳои касбии аудиторон анҷом дода мешавад.

Дар асоси омӯзиши санадҳои қонунгузорӣ ва адабиёти соҳа хулоса бароварда шудааст, ки дар бунёд кардан ва амалкунии боэътимоди пояҳо ва амалҳои назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ нақши муҳимро роҳбарияти ташкилоти аудиторӣ мебозад. Вай бояд пояҳои асосгузор ва амалҳои назоратиро муайян кунад, вазифаҳои назоратиро ба кормандони мушаххаси ташкилот вогузор намояд.

Омилҳои ба татбиқкунии амалҳои назорати сифат ва муҳтавои онҳо таъсиррасонанда дар сатҳи ташкилоти аудиторӣ муайян карда шудаанд. Қайд карда шудааст, ки ин омилҳо дар ташкилотҳои аудитории гуногун ҳархела мебошанд. Бино бар ин, яке аз самти муҳими назорати берунии хизматрасониҳои аудиторӣ дигаркунии сохтори омодасозии аудиторҳо ва ба онҳо додани шаҳодатномаи сифат мебошад.

**Вожаҳои калидӣ:** аудит, хизматрасониҳои аудиторӣ, сифати аудит, сифати хизматрасониҳои аудиторӣ, назорати сифати аудит, назорати дохилии аудит, назорати берунии аудит, пояҳои назорати сифати аудит, амалҳои назорати сифати аудит, атестатсияи аудиторҳо.

## СИСТЕМА КОНТРОЛЯ КАЧЕСТВА УСЛУГ АУДИТОРСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена изучению вопросов формирования системы контроля качества аудиторских услуг. Анализированы мнения различных ученых и исследователей по определению понятия качества аудита. Сделана попытка раскрыть понятия качества аудита, контроль качества аудита, качества аудиторских услуг, внутренний контроль аудита, внешний контроль аудита и исследовать обстоятельства их применения.

Отмечается, что система внутреннего аудита в хозяйственных субъектах формируется в интересах их собственников и функционирует в соответствии с перечнем внутренних документов предприятия и на основе законодательства Республики Таджикистан, внутренних стандартов аудита и требований Кодекса профессиональной этики аудиторов. Внутренний контроль качества аудита осуществляет аудиторская организация самостоятельно. Внешний контроль качества аудита аудиторские организации и индивидуальные аудиторы осуществляется со стороны уполномоченных государственных органов и профессиональных аудиторских организаций.

На основе изучения законодательных актов и специальной литературы по аудиту сделан вывод, что в формировании и надежном функционировании принципов и процедур контроля качества аудиторских услуг ведущая роль отводится руководству аудиторской организации. Оно должно определит и утвердить основополагающие принципы и контрольные процедуры, возложить контрольные функции на конкретных работников аудиторской организации.

Определены факторы, влияющие на процедуры контроля качества и их содержание на уровне аудиторской организации. Отмечается, что эти факторы в разных аудиторских организациях существенным образом отличаются. В связи с этим, одним из основных направлений внешнего контроля аудиторских услуг является изменение порядка подготовки профессиональных аудиторов и выдачи им аттестата качества.

**Ключевые слова:** аудит, аудиторские услуги, качества аудита, качества аудиторских услуг, контроль качества аудита, внутренний контроль аудита, внешний контроль аудита, принципы контроля качества аудита, процедуры контроля качества аудита, аттестация аудиторов.

## SYSTEM OF SUPERVISION AND QUALITY OF SERVICES OF AUDIT ORGANIZATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article is devoted to the study of the formation of the quality control system of audit services. The opinions of various scientists and researchers on the definition of the concept of audit quality are analyzed. An attempt was made to disclose the concepts of audit quality, audit quality control, quality of audit services, internal audit control, external audit control and investigate the circumstances of their application.

It is noted that the internal audit system in business entities is formed in the interests of their owners and operates in accordance with the list of internal documents of the enterprise and on the basis of the legislation of the Republic of Tajikistan, internal audit standards and the requirements of the Code of Professional Ethics of Auditors. Internal audit quality control is carried out by the audit organization on its own. External audit quality control audit organizations and individual auditors are carried out by authorized state bodies and professional audit organizations.

Based on the study of legislative acts and specialized audit literature, it was concluded that the leadership of the audit organization is assigned a leading role in the formation and reliable functioning of the principles and procedures for controlling the quality of audit services. It should determine and approve the fundamental principles and control procedures, assign control functions to specific employees of the audit organization.

The factors affecting the quality control procedures and their content at the level of the audit organization are identified. It is noted that these factors in different audit organizations differ significantly. In this regard, one of the main areas of external control of audit services is to change the procedure for training professional auditors and issuing a quality certificate to them.

**Keywords:** audit, audit services, audit quality, quality of audit services, audit quality control, internal audit control, external audit control, audit quality control principles, audit quality control procedures, certification of auditors.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ғуломов Зикрулло Тошмуродович** –н.и.и.,дотсенти ДБССТ, Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. Тел.: +992 902626276. E-mail: ghulomov.z@mail.ru.
**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷалилов Ромиш Рустамович** –сардори раёсати таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. Тел.: +992 933125346. E-mail: Dean_010187@inbox.ru

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ

***Раҳимов С.Х.****-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ.*

Омили муҳими сохтори баҳисобгирии муҳосибиро шакли ташкилии фаъолияти ширкати сайёҳӣ, ҳамчун субъекти ташаккулдиҳанда ва пешниҳодкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ, фурӯш ва пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ ва фаъолияти миёнаравӣ оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои хос ва ба он алоқаманд муайян менамояд.

Аз ин рӯ, ба эътибор гирифтан бамаврид аст, ки таркиб ва хусусияти хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ба хусусиятҳои ташкилию методологии баҳисобгирии онҳо, баҳисобгирии хароҷот, таҳлил ва гурӯҳбандии минбаъдаи онҳо вобаста ба аломатҳои хоси онҳо асос меёбад. Дар назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ хароҷоти сайёҳӣ вобаста ба намудҳои маҳсулот (хизматрасонӣ) ва вобаста ба технологияи сайёҳӣ тасниф карда мешавад, ки аз якчанд равандҳои марбут ба ташаккул

(ташкил ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ), пешбарӣ, фурӯш ва пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ иборат аст.

Маҷмӯи муомилоти тиҷоратӣ, ки бо ташкил ва таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ алоқамананд (таҳияи маршрути сайёҳӣ, муайян кардани сохтори хизматрасонии сайёҳӣ, ба даст овардани созиш бо ширкатҳое, ки хизматрасониҳои дахлдорро пешниҳод мекунанд, роҳбаладии сайёҳон ҳангоми сафар ва мониторинги хизматрасонӣ) дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун як ҷузъи раванди истеҳсолот тасниф карда мешаванд. Хароҷоти дахлдор хароҷоти истеҳсолӣ ҳисобида мешаванд. Дар робита ба объекти баҳисобгирӣ хароҷоти истеҳсолӣ ба хароҷоти мустақим ва ғайримустақим ҷудо карда мешаванд [2, с.240].

Ҳангоми ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ хароҷоти намудҳои асосии хизматрасониҳои сайёҳӣ одатан хароҷоти бевоситаи истеҳсолӣ мебошанд. Бояд ба назар гирифт, ки маҳсулоти сайёҳӣ маҷмӯи ҳадди ақал ду хадамоти сайёҳӣ: ҳамлу нақл, ҷойгир кардан, хӯрока, расмиёти раводид, ташкили боздид ба мавзеъҳои фарҳангӣ, фароғатӣ ва истироҳатӣ, истифодаи захираҳои рекреатсионӣ ва амсоли он мебошад.

Таркиб ва арзиши чунин хизматрасониҳои сайёҳӣ омилҳои асосии муайянкунандаи арзиши умумии маҳсулоти сайёҳӣ мебошанд. Азбаски маҳсулоти сайёҳӣ инчунин аз хизматрасониҳои ташкилотҳои беруна низ иборат аст, шартҳои эътироф ва ҳаҷми хароҷот, инчунин тартиби дохил кардани онҳо ба арзиши маҳсулоти сайёҳӣ бо шакл ва шартҳои шартнома муайян карда мешаванд. Тамоми муносибатҳо бо шарикони хизматрасонии сайёҳӣ дар масири сайёҳӣ бо шартномаҳо ба расмият дароварда мешаванд. Инҳо метавонанд шакли стандартии шартномаи хариду фурӯш, комиссия, агентӣ, мубодила (барои мубодилаи ройгони гурӯҳҳои сайёҳӣ) ё шартномаи агентиро дошта бошанд. Шакл ва шартҳои мушаххаси шартнома тартиби инъикоси арзиши хизматрасониҳои сайёҳиро дар таркиби хароҷоти корхона муайян мекунанд. Масалан, муносибатҳои байни ширкати сайёҳӣ ва мехмонхона, ки мувофиқи амалияи байналмилали бо шартномаи хариду фуруш танзим карда мешаванд, аз намудхои зерин иборатанд:

• шартномаи ҷории ҷойбандкунӣ (хароҷоти ширкати сайёҳӣ тағйирёбанда буда, аз арзиши банд кардани ҷойҳо ва манзил аз рӯи нархҳои стандартӣ иборат аст);

• шартномаи квотаи ҷойи нишаст бидуни кафолати ишғол (хароҷоти агентии сайёҳӣ тағйирёбанда ва ба арзиши ҷойҳои воқеъан ишғолшуда бо нархҳои стандартӣ баробар аст);

• шартномаи квотаи ҷойи нишаст бо кафолати 30-80% (хароҷоти ширкати сайёҳӣ ҷузъҳои доимӣ ва тағйирёбанда дорад. Маблағи хароҷоти доимӣ ба лимити поёнии хароҷот баробар мешавад, яъне арзиши 30-80% ҷойҳои аз рӯи квота ҷудошуда. Маблағи

хароҷоти аз ҳад зиёд истифодашуда ҳамчун квота хароҷоти тағйирёбанда ҳисоб карда мешавад;

• шартномаи хариди воқеии ҷойҳо бо пардохти пурра (хароҷоти ширкати сайёҳӣ аниқ буда, ба арзиши квотаҳои ҷойҳо бо нархҳои камшуда баробар аст) [3,с.130].

Ҳамин тариқ, тибқи шартҳои шартнома хароҷоти ҷойгиркунии сайёҳон вобаста ба пешниҳоди хизматрасонӣ метавонад тағйирёбанда ё доимӣ бошад. Ҳангоми ҳисоб кардани арзиши маҳсулоти сайёҳӣ арзиши ҷойгиршавии меҳмонхона бояд мувофиқи шартҳои шартнома бо меҳмонхона ҳисоб карда шавад.

Аз ин рӯ, барои ташкили баҳисобгирии хароҷоти ширкати сайёҳӣ шартҳои стандартии шартномаҳоро бо ҳамаи таъминкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ, миёнаравҳо, мизоҷон, сайёҳон ва дигар ташкилотҳо таҳлил кардан лозим аст [2, 3, 4].

Агар гурӯҳи сайёҳӣ ҳангоми саёҳат бо ҳамроҳии намояндагони ширкати сайёҳӣ бошад, хароҷоти мувофиқ хароҷоти бевоситаи истеҳсолӣ мебошад: ба онҳо арзиши манзил, хӯрока, хароҷоти сафар, интиқол, раводид ва боҷҳои гумрукӣ дохил мешаванд – ҳамаи инҳо бояд ҳангоми таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ ва ҳисоб кардани арзиши он ба назар гирифта шаванд.

Хизматрасонии суғуртаи ҳатмии сайёҳӣ бояд алоҳида баррасӣ карда шавад. Тибқи қонун, ширкати сайёҳӣ танҳо ба сифати миёнарав дар пешниҳоди ин хизматрасониҳо баромад мекунад. Аз ин рӯ, арзиши онҳо хароҷоти корхонаи сайёҳӣ нест ва ба арзиши сайрҳо дохил карда намешавад. Дар баҳисобгирии муҳосибӣ арзиши суғурта бо роҳи тарҳи он аз даромади фурӯш инъикос карда мешавад.

Илова ба хароҷоти бевоситаи истеҳсолӣ, ки дар боло баррасӣ шуд, хароҷоти тиҷоратӣ дар раванди таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла:

– хароҷоти меҳнати кормандони истеҳсолӣ, ки маҳсулоти сайёҳиро ташкил медиҳанд;

– ҳисоб кардани ҳиссаҷудокунии иҷтимоӣ аз фонди музди меҳнати кормандони истеҳсолӣ;

– фарсудашавии таҷҳизот ва дигар воситаҳои асосии эҳтиёҷоти истеҳсолӣ;

- фарсудашавии дороиҳои ғайримоддӣ барои мақсадҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла нармафзори махсус, иҷозатномаҳо барои фаъолияти сайёҳӣ ва ғайра [6, с.122];

• арзиши лавозимоти корӣ, варақаҳои визитӣ, маводи масрафи мошинҳои нусхабардорӣ, принтерҳо ва дигар маводҳои барои мақсадҳои истеҳсолӣ истифодашаванда;

• арзиши хизматрасониҳои шахсони сеюм вобаста ба дастгирии раванди истеҳсолот;

• дигар хароҷоти ғайримустақими истеҳсолӣ.

Ҳисоботи солонаи молиявии ширкатҳои сайёҳӣ ё меҳмонхонаҳо бо истифода аз методологияи стандартӣ мутобиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешавад.

Минбаъд, мо баъзе ҷанбаҳои сиёсати баҳисобгирии муҳосибиро шарҳ медиҳем. Нозукиҳо аз он сабаб ба вуҷуд меоянд, ки қонунҳои инфиродӣ табиати ҳуқуқии бастаи хизматрасониҳоро ба таври гуногун ҳал мекунанд. Баъзе ҳуҷҷатҳо нишон медиҳанд, ки он шартномаи хариду фурӯш аст. Дар ин ҳолат, лаҳзаи фурӯш ҳангоми супурдани бастаи хизматрасониҳо ба муштарӣ дар ширкати сайёҳӣ рух медиҳад. Муқаррароти дигар муқаррар мекунад, ки бастаи хизматрасониҳо шартномаи пешниҳоди хизматрасонӣ буда, нархи он маблағи пешпардохтро ифода мекунад. Дар ин ҳолат лаҳзаи фурӯш санаи бехатар баргаштани сайёҳон аз сайр (саёҳат) ҳисобида мешавад. Муҳосиб инчунин бояд ҳамаи мӯҳлатҳои пешниҳоди хидматҳои дар бастаи хизматрасониҳо ба мизоҷ пешниҳодшударо ба назар гирад [4, с.160]. Ҳаҷми фурӯши хизматрасонӣ дар ин мавридҳо гуногун хоҳад буд: бархе аз сайёҳон барои соли оянда бастаҳои сайёҳӣ харидорӣ кардаанд, бархеи дигар то 31 декабр таътил ё сафари худро ба анҷом нарасонидаанд. Бинобар ин, сармуҳосиб дар аввали ҳар сол бояд усули баҳисобгириро барои корхона фоидаовар хисоб карда, ин ҳисобро ба роҳбар пешниход намояд. Менеҷери ташкилот бояд оиди ин масъала барои соли оянда дар тавзеҳот қарор қабул кунад.

*Хулоса, бояд қайд кард, ки ба сохтор ва хусусияти хароҷоти ширкати сайёҳӣ, ташкили онҳо ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ як қатор омилҳо, аз ҷумла: шакли ташкилии фаъолияти сайёҳӣ, таркиби сайрҳо, шартҳои шартнома оид ба хизматрасонии сайёҳӣ, талаботи қонунгузорӣ нисбати субъектҳои сайёҳӣ, мавҷудияти ҳолатҳои фавқулода ва ғайра таъсир мерасонанд.*

***Адабиёт***

1. Николенко П.Г., Терехов А.М., Терехова А.В., Попова И.Ю. Формирование кадровой инфраструктуры в сфере сервиса // Экономика и предпринимательство. 2016. № 2-1 (67-1). С. 1018-1027.

2. Раҳимов С.Х. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ / Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо. // Маҷмӯаи маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш.Душанбе, 7-уми декабри соли 2023). – Душанбе, ДБССТ, 2023. – 363 с. – С. 238-242.

3. Рахимов С.Х. Совершенствование учета и контроля для измерения туристских услуг / Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 2 (41). – С. 126-132.

4. Рахимов С.Х. Организация бухгалтерского учета деятельности предприятий туристического бизнеса // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2020. – № 1(30). – С. 155-161

5. Чумаченко, Н.Г. Роль бухгалтерского учета в управлении себестоимостью продукции [Текст] / Н.Г. Чумаченко // Бухгалтерский учет. – 1982. – № 5. – С. 3-9.

6. Шобеков, М., Саидов, Д. Классификация издержек производства: теория, практика и новый подход / М. Шобеков, Д. Саидов // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2010. – № 3. – С. 120-134.

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ

Дар мақола баъзе масоили ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Тасдиқ карда шудааст, ки барои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматасониҳои сайёҳӣ таснифоти хоси хароҷот, вобаста ба намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ зарур мебошад. Вобаста ба омилҳои таъсиррасон, истифодабарии усулҳои муосири баҳисобгирии муҳосибии хароҷот ва арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст.
**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосибӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, хизматрасониҳои сайёҳӣ, ширкати сайҳӣ, хароҷот, арзишуайянкунӣ.

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ОРГАНИЗАЦИИ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В ТУРИСТИЧЕСКИХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

В статье рассматриваются вопросы организации и ведения бухгалтерского учета в туристических компаниях в зависимости от специфики их деятельности. Установлено, что для формирования туристического продукта и туристических услуг необходима определенная классификация затрат по отдельным видам услуг. В зависимости от влияющих факторов предлагается использование современных методов учета затрат и оценки себестоимости туристического продукта.
**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, туристический продукт, туристические услуги, туристические компании, затраты, калькуляция.

## SOME ASPECTS OF ACCOUNTING ORGANIZATION IN TOURISM ENTERPRISES

This article examines the organization and maintenance of accounting in tourism companies, depending on the specifics of their activities. It is established that the formation of a tourism product and tourism services requires a specific classification of costs by individual types of services. Depending on the influencing factors, the use of modern methods of cost accounting and cost estimation of the tourism product is proposed.
**Keywords:** accounting, tourism product, tourism services, tourism companies, costs, costing.

**Раҳимов С.Х.**-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон,E-mail: saidali-tfi@mail.ru

# ЭКОНОМИКО-МАТЕМАТИЧЕСКОЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ ВЛИЯНИЕ НАЛОГОВ НА ТУРИСТСКОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО

**Ходжаев Парвиз Давронович**-*доктор экономических наук, профессор, зав. отдела НИИ туризма и предпринимательства МИТИПРТ.*

Рыночные преобразования индустрии туризма были начаты на фоне глубоких макроэкономических диспропорций, которые заметно углублялись в условиях переходного типа организации общества. Отсутствие внутреннего и внешнего равновесия сервисной системы привело к разбалансировке туристской индустрии. Формирование эффективной туристской системы требует создания нового механизма государственного регулирования отрасли, одной из составляющих которой является бюджетно-налоговое регулирование.

От того, насколько правильно организован процесс формирования и использования финансовых ресурсов индустрии туризма напрямую зависит эффективность его влияния на экономические процессы, туристскую сферу и другие жизненно важные составляющие отрасли. Налоговая система является базой стабилизационной политики, которую проводит государство, и одновременно, она является главным орудием макроэкономической политики.

Различным проблемам функционирования туристской отрасли посвящены работы Р.Ш. Абакаровой [1], Е.В. Агамировой [2], Т.М. Воеводиной [3], Д.А. Коняевой [5], А.С. Мадияровой [8], Д.Н. Малолетко [9], С.А. Новикова [11], И.К. Ткаченко [12] и др. При этом вопросы влияния налогов на туристское предпринимательство еще не достаточно изучены.

Целью статьи является анализ влияния налогов на туристское предпринимательство.

Методологической основой исследования служили методы: системного анализа (в частности при обосновании и выборе системы показателей налоговой нагрузки и показателей деловой активности), моделирования (в частности при построении экономико-математической модели и методов для анализа связей между показателями налоговой нагрузки и деловой активности и оценки уровня налоговой нагрузки на туристское предпринимательство). Информационную основу исследования составили законодательные и нормативно-правовые акты, научные материалы.

Практика показала, что с помощью налогов государство обеспечивает себя необходимыми финансовыми ресурсами для выполнения своих функций [4, 14, 16]. Через систему налоговых льгот государство может стимулировать развитие индустрии туризма, защищать национальные туристские предприятия, развивать инвестиционные источники, достигать полной занятости, уменьшать циклические колебания и тому подобное. Однако, пытаясь решить проблему чрезмерной налоговой нагрузки и административного контроля, субъекты туристского бизнеса могут переносить отношения и свои доходы в теневой сектор экономики.

Исследования налогового регулирования экономических процессов в туризме не новы. В то же время туристские предприятия часто испытывают потребность в получении надежной информации относительно налоговой политики, как в краткосрочном, так и долгосрочном периоде. Без надежного прогнозирования налоговой политики невозможно правильно оценивать результаты экономической деятельности, планировать прибыльную и расходную части различных бюджетов, разрабатывать эффективную сервисную политику, направленную на защиту экономических интересов субъектов туристского бизнеса, определять цены на услуги и тому подобное.

Методы моделирования, основанные на теории нечеткой логики, современные компьютерные технологии, позволяют поднять уровень прогнозирования на качественно новую ступень. В связи с этим исследования указанной проблемы, предусматривающие применение эффективных методов моделирования для прогнозирования налоговой политики, являются актуальными и перспективными. В

развитом обществе основной задачей государства должно быть повышение благосостояния его граждан. Согласно традиционному подходу, благосостояние и справедливость распределения туристского продукта можно анализировать на основании построения функции благосостояния, которая основывается на соотношении благосостояния отдельного туристского предприятия и благосостояния общества.

Исследования свидетельствуют, что снижать уровень налогообложения субъектов туристского бизнеса нужно, но поэтапно, одновременно отыскивая источники компенсации возможного уменьшения поступлений в бюджет за счет сокращения бюджетных расходов или за счет привлечения неинфляционных источников финансирования. В вопросах реформирования налоговой системы основное внимание нужно обратить на совершенствование состава и структуры налоговой системы, механизма исчисления и уплаты налогов. Нет четкого понимания к такому элементу налоговой политики, как налоговые льготы, целью которых является стимулирование (или, наоборот, сдерживание) отдельных сфер индустрии туризма.

В то же время влияние налоговой ставки на поступления в бюджет вследствие уплаты налогов от туристской деятельности можно осуществлять с учетом фактора наличия в стране теневой экономики [6, 13, 15]. В качестве коэффициента уровня теневой экономики принята доля теневого сектора в индустрии туризма. Более того, недостаточное внимание уделено выявлению влияния налогообложения на деловую активность субъектов туристской деятельности. Исходя из этого разработка методики для количественной оценки связи между налоговым давлением на туристские предприятия и их деловой активностью является чрезвычайно актуальной проблемой.

Экономические процессы, которые имеют место, препятствуют получению достоверных данных о состоянии и тенденциях развития экономических ситуаций на туристском рынке. Имеющиеся официальные данные о состоянии индустрии туризма в современный период часто бывают малопригодными для моделирования. При этом управление налоговой политикой – сложный процесс, обусловленный взаимосвязью различных факторов. Поэтому при прогнозировании ситуаций учитываются факторы и их неоднозначное влияние на налоговую политику в зависимости от конкретных условий.

Эти показатели являются обязательными элементами в нашей модели аналитического исследования прогноза изменений налоговой стратегии. Перечень данных показателей охватывает совокупность традиционных показателей, характеризующих состояние налоговой политики. Основными этапами прогнозирования будем считать: расчет статистических показателей, имеющих влияние на процессы налогообложения; формирование экспертных знаний относительно влиятельных факторов и событий, которые могут существенно влиять на налоговую политику; оценка уровня рефлективности действий; определение глубины прогноза. На основе конкретной характеристики процессов формирования налоговой политики создается математическая модель, которая обеспечивает расчет такого параметра как вероятность изменения налоговой стратегии в индустрии туризма.

Функциональные зависимости параметров в общем виде будут такими:

$y_1 = f_1 (x_1, x_2)$ (1)

$y_2 = f_2 (x_3, x_4, x_5, x_6, x_7)$ (2)

$y_3 = f_3 (x_8, x_9, x_{10}, x_{11}, x_{12})$ (3)

$y_4 = f_4 (x_{13}, x_{14})$ (4)

$y_5 = f_5 (x_{15}, x_{16})$ (5)

$y_6 = f_6 (c)$ (6)

$y_7 = f_7 (ф)$ (7)

На первом этапе осуществляется построение структурных схем зависимостей для начальных переменных модели, показывающих зависимость результативного параметра Р от входных параметров, приведенных. Данная структурная модель оценки успешности реализации проекта фактически содержит в себе семь моделей: а) уровня налоговой нагрузки; б) уровня экономического содействия; в) уровня сервисной

деятельности; г) уровня политического содействия; д) уровня естественного содействия; е) рефлексивного состояния; ж) уровня глубины прогноза.

Оценка налоговых стратегий базируется на основных переменных [7, 10]. Факторы, используемые для оценки отобранных влиятельных факторов (переменных модели) и их диапазоны изменения определены с использованием экспертных оценок. В модели используются параметры в качественном и количественном виде. Для переменной $y_7$ используются условия, соответствующие глубине прогноза краткосрочного прогнозирования – от одного до трех лет.

Вероятность изменения налоговой стратегии P в индустрии туризма находится в зависимости от параметров $y_1,...,y_7$ в виде функции $P = \xi(f_1, f_2,..., f_7)$. Ее изменение определяется в следующих диапазонах: $P_1$ – высокое (от 80% до 100%); $P_2$ – выше среднего (от 60% до 80%); $P_3$ – среднее (от 40% до 60%); $P_4$ – ниже среднего (от 20% до 40%); $P_5$ – малое (от 0% до 20%). Результатом модельных экспериментов будет ее процентное изменение (от 0% до 100%).

Нечеткие значения функций принадлежности исходной переменной переводятся в их четкое значение через операцию дефазификации, которая является последним этапом моделирования и является обратным преобразованием найденного нечеткого логического решения в исходную физическую величину. Применение того или иного метода дефазификации зависит от типа объекта моделирования. В нашем случае исходные параметры носят дискретный характер, поэтому наиболее целесообразно применять метод центра весов. Он обеспечивает высокий уровень точности и эффективен при дискретной и непрерывной выходной величине.

Подводя итоги можно отметить, что на основе нечеткой логики модели имеют то преимущество, что дают возможность использовать экспертные знания о структуре объекта моделирования в туризме. Благодаря этому компенсируется отсутствие аналитических зависимостей между входными и выходными переменными, характеризующими объект исследования. В этих условиях одной из важных задач является формирование налоговой системы, которая бы усиливала финансовую состоятельность индустрии туризма и обеспечивала возможность ее государственного регулирования экономическими преобразованиями.

Существующая в индустрии туризма налоговая система носит фискальный характер и не стимулирует развитие сервисной деятельности. Анализ существующих методов управления налоговой политикой подтвердил актуальность повышения требований к достоверности сделанных прогнозов эффективности налоговых стратегий. Решение этой проблемы требует использования научно-обоснованных методов моделирования, включая новейшие, доказавшие свою эффективность в построении процедур принятия решений в туристской сфере.

**Литература**

1. Абакарова Р.Ш. Налог на добавленную стоимость и развитие туризма в России // Теория и практика общественного развития. 2014. № 7. С. 105-107.
2. Агамирова Е.В., Кожина В.О., Лебедев К.А., Лебедева О.Е. Совершенствование подходов к реструктуризации предприятий в современных условиях // Экономика и предпринимательство. 2016. № 12-4 (77). С. 353-356.
3. Воеводина Т.М., Боброва Е.А. Туризм: учет и налогообложение затрат в организациях малого бизнеса // Научные Записки ОрелГИЭТ. 2014. № 1 (9). С. 101-106.
4. Зонова А.В., Ливанова Р.В. Целевая государственная помощь сельскохозяйственным организациям по страхованию урожаем сельскохозяйственных культур // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. 2009. № 2. С. 50-52.
5. Коняева Д.А. Особенности бухгалтерского учета и налогообложения в сфере туризма // Студенческий вестник. 2023. № 21-7 (260). С. 69-71.
6. Лебедева О.Е. Развитие маркетинговой инфраструктуры на рынке молокопродукции // Проблемы и перспективы развития предпринимательства: сборник материалов IV международной научно-практической конференции. 2010. С. 86-87.

7. Ливанова Р.В., Бачаева А.Х. Основные аспекты о внедрении электронного документооборота в организации // Перспективные направления научных исследований: сборник статей по материалам V ежегодной научно-практической конференции. 2019. С. 88-93.

8. Мадиярова А.С., Бертаева К.Ж., Блембаева А.Н. Некоторые аспекты налогообложения туристической деятельности // Статистика, учет и аудит. 2018. № 4 (71). С. 207-214.

9. Малолетко Д.Н. Проблемы налогообложения в сфере туризма (на примере налога на добавленную стоимость) // Сервис в России и за рубежом. 2012. № 9 (36). С. 45-61.

10. Матюнина О.Е., Завалько Н.А., Кожина В.О., Соколов А.А., Лебедева О.Е. Развитие финансовой инфраструктуры в системе государственного регулирования цифровой экономики // Экономика и предпринимательство. 2018. № 12 (101). С. 26-29.

11. Новиков С.А. Курортный сбор как инструмент развития туризма в России // Молодой ученый. 2019. № 34 (272). С. 125-132.

12. Ткаченко И.К. Туризм как фактор экономического развития Российской Федерации // Экономика и предпринимательство. 2024. № 1 (162). С. 75-77.

13. Ухина Т.В., Троицкая Н.Г., Подсевалова Е.Н., Зикирова Ш.С., Лебедева О.Е. Совершенствование управления персоналом в туристской индустрии // Экономика и предпринимательство. 2017. № 12-4 (89). С. 1194-1197.

14. Хоружий Л.И., Каратаева О.Г., Шитикова А.В., Манохина А.А. и др. Организация агробизнеса. Цифровая трансформация. М.: Ай Пи Ар Медиа, 2022. 189 с.

15. Цвзорко М.Г. Роль инновационного предпринимательства в развитии национальной экономики // Журнал экономических исследований. 2024. Т. 10, № 1. С. 30-35.

16. Rudenko L., Goryachikh S., Bykova O., Livanova R.V., Lapteva S. Mechanism providing information infrastructure support of sustainable development of small business in the region // IV International Scientific and Practical Conference ‘Anthropogenic Transformation of Geospace: Nature, Economy, Society’ (ATG 2019). 2020. P. 249-252.

## МОДЕЛИ ИКТИСОДИЮ РИЁЗИИ ТАЪСИРИ АНДОЗХО БА СОХИБКОРИИ САЙЁҲИ

Дар ин мақола моделсозии иқтисодию математикии таъсири андозҳо ба соҳибкории сайёҳӣ оварда шудааст. Муқаррар шудааст, ки ҳолатҳои пешгӯӣ ба инобат гирифтани омилҳо ва таъсири норавшани онҳоро ба сиёсати андоз вобаста ба шароити мушаххас талаб мекунад. Ин нишондиҳандаҳо унсурҳои ҳатмӣ дар модели омӯзиши таҳлилии мо барои пешгӯии тағйирот дар стратегияи андоз мебошанд. Номгӯи ин нишондиҳандаҳо маҷмӯи нишондиҳандаҳои анъанавиро дар бар мегирад, ки вазъи сиёсати андозро тавсиф мекунанд. Марҳилаҳои асосии пешгӯӣ иборатанд аз: ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои оморӣ, ки ба равандҳои андозбандӣ таъсир мерасонанд; Таҳияи донишҳои коршиносӣ дар бораи омилҳо ва рӯйдодҳои таъсирбахш, ки метавонанд ба сиёсати андоз таъсир расонанд; баҳодиҳии сатҳи рефлексивии амалҳо; ва муайян кардани амиқи пешгӯӣ. Дар асоси хусусиятҳои мушаххаси равандҳои таҳияи сиёсати андоз модели математикӣ таҳия шудааст, ки эҳтимолияти тағир додани стратегияи андозро дар соҳаи сайёҳӣ ҳисоб мекунад.

**Калидвожаҳо:** моделсозии иқтисодию математикӣ, таъсири андоз, соҳибкории сайёҳӣ, пешгӯӣ, омилҳои сиёсати андоз, нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаҳои оморӣ.

## ЭКОНОМИКО-МАТЕМАТИЧЕСКОЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ ВЛИЯНИЕ НАЛОГОВ НА ТУРИСТСКОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО

В статье осуществлено экономико-математическое моделирование влияние налогов на туристское предпринимательство. Установлено, что при прогнозировании ситуаций учитываются факторы и их неоднозначное влияние на налоговую политику в зависимости от конкретных условий. Эти показатели являются обязательными элементами в нашей модели аналитического исследования прогноза изменений

налоговой стратегии. Перечень данных показателей охватывает совокупность традиционных показателей, характеризующих состояние налоговой политики. Основными этапами прогнозирования будем считать: расчет статистических показателей, имеющих влияние на процессы налогообложения; формирование экспертных знаний относительно влиятельных факторов и событий, которые могут существенно влиять на налоговую политику; оценка уровня рефлективности действий; определение глубины прогноза. На основе конкретной характеристики процессов формирования налоговой политики создается математическая модель, которая обеспечивает расчет такого параметра как вероятность изменения налоговой стратегии в индустрии туризма.

**Ключевые слова:** экономико-математическое моделирование, влияние налогов, туристское предпринимательство, прогнозирование, факторы налоговая политика, показатели, статистические показатели.

## ECONOMIC AND MATHEMATICAL MODELING OF THE IMPACT OF TAXES ON TOURISM ENTREPRENEURSHIP

This article presents an economic and mathematical modeling of the impact of taxes on tourism entrepreneurship. It is established that forecasting situations requires taking into account factors and their ambiguous impact on tax policy depending on specific conditions. These indicators are mandatory elements in our analytical study model for forecasting changes in tax strategy. The list of these indicators covers a set of traditional indicators characterizing the state of tax policy. The main stages of forecasting will be: calculating statistical indicators that influence taxation processes; Developing expert knowledge regarding influential factors and events that can significantly impact tax policy; assessing the level of reflexivity of actions; and determining the depth of forecasting. Based on specific characteristics of tax policy development processes, a mathematical model is created that calculates the probability of changing tax strategy in the tourism industry.

**Keywords:** economic and mathematical modeling, tax impact, tourism entrepreneurship, forecasting, tax policy factors, indicators, statistical indicators.

## ТАҲИЯ ВА ТАТБИҚИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРИИ СУБЪЕКТҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ СБҲМ

**Каримов Б.Ҳ.-н.и.и.,дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ.**

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи байналмилалӣ таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ бо назардошти талаботи СБҲМ ҳамчун як унсури муҳими ташкили самараноки баҳисобгирии молиявӣ маҳсуб меёбад. Аз он ки сиёсати баҳисобгирӣ дар корхона то чӣ андоза дуруст тартиб дода шудааст ва дар доираи он тамоми расмиёт ва қоидаҳои бақайдгирӣ ва коркарди маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар шуда ва баён гардидаанд, ҳамоҳангии баҳисобгирии молиявӣ ва нишондиҳандаҳои ниҳоии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ вобаста мебошад. Муҳтавои сиёсати баҳисобгирии дар субъекти иқтисодӣ таҳияшуда бояд ба ҳадафи асосии ҳисоботи молиявӣ дар шароити СБҲМ – қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ аз ҷониби истифодабарандагон дар асоси иттилооти ин ҳисоботи молиявӣ мувофиқ бошад ва «маҳз ҳамин таъиноти ҳисоботи молиявии омодашуда муҳим будани раванди таҳияи сиёсати баҳисобгириро муайян мекунад» [1, с. 282].

Солҳои охир олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ба масъалаи омӯзиши механизми таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ дар субъектҳои иқтисодии соҳаҳои гуногуни

иқтисодиёт таваҷҷуҳ мекунанд, ки ин аз мубрамии масъалаи мазкур дар шароити СБҲМ шаҳодат медиҳад.

Қобили зикр аст, ки қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, ки дар мамлакат амал мекунанд, барои субъектҳои иқтисодӣ дар таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ мустақилияти кофӣ фароҳам овардаанд, вале «Роҳбарияти корхона бояд сиёсати баҳисобгириро чуноне интихоб карда ва ба кор барад, ки ҳисоботи молиявӣ ба талаботи СБҲМ мувофиқ бошад. Корхона сиёсати баҳисобгириро мустақилона, вобаста ба сохтор, тобеияти соҳавӣ ва дигар хусусиятҳои фаъолияти худ таҳия мекунад» [3, с. 37]. Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» сиёсати баҳисобгириро ҳамчун «принсипҳои дақиқе, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти ташкилот маҷмуи қоидаҳо, усулҳо ва тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян менамояд» [4], шарҳ додааст. Яъне қонуни мазкур санади асосие мебошад, ки сиёсати баҳисобгириро муайян намуда, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро дар мамлакат танзим мекунад.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати баҳисобгирӣ ҷузъи муҳими ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мебошад. Ба субъектҳои иқтисодӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки сиёсати баҳисобгириро бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти худ, инчунин хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва стандартҳои барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ истифодашаванда мустақилона таҳия кунанд. Сиёсати баҳисобгирӣ, ки онро роҳбарияти субъекти иқтисодӣ тасдиқ кардааст, бояд принсипҳо ва қоидаҳоеро дарҷ намояд, ки ҳам ба талаботи миллӣ ва ҳам ба талаботи байналмилалӣ (СБҲМ) мутобиқ бошанд, ки ин барои ҷаҳонишавии амалиёти молиявӣ ва ҳамгироии самараноки субъектҳои иқтисодии мамлакат бо иқтисодиёти байналмилалӣ муҳим аст.

Қабули сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун унсури муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ танҳо бо таҳияи принсипҳо ва қоидаҳои бунёдӣ маҳдуд намешавад. Мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро сармуҳосиб таҳия намуда, роҳбари субъекти иқтисодӣ бо фармон ё қарори худ тасдиқ мекунад. Бояд қайд кард, ки сиёсати баҳисобгирӣ якчанд ҷанбаҳои асосиро дар бар мегирад, аз қабили:

- нақшаи кории ҳисобҳо, ки ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилии барои пешбурди саривақтӣ ва пурраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дар корхона заруриро дар бар мегирад;

- номгӯй ва шаклҳои ҳуҷатҳои аввалӣ, ки барои нигориши амалиёти хоҷагидории корхона зарур мебошанд, вале санадҳои меъёрӣ шаклҳои намунавии онҳоро муқаррар накардаанд. Ҳамчунин шаклҳои ҳуҷҷатҳо барои ҳисоботи дохилии муҳосибӣ муқаррар ва тасдиқ карда мешаванд;

- усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, ки бояд барои баҳисобгирии тамоми намудҳои дороиҳо ва ухдадориҳои корхона дақиқ муайян карда шаванд;

- тартиби гузаронидани барӯйхатгирӣ, аз ҷумла тартиби санҷиш ва баҳисобгирии дороиҳо ва ухдадориҳои корхона;

- қоидаҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва технологияи коркарди иттилооти муҳосибӣ, ки бонизомӣ, пайдарпайӣ ва аниқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро таъмин мекунанд;

- тартиби назорати амалиёти хоҷагидорӣ, ки бахши ҷудонопазири низоми назорати дохилӣ ва воситаи муҳими ҳифзи манфиатҳои субъекти иқтисодӣ мебошад.

Ин унсурҳо, тавре дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, бояд ба таври ҷиддӣ таҳия ва аз ҷониби роҳбарияти корхона тасдиқ карда шаванд. Муҳим аст, ки сиёсати баҳисобгирии корхона на танҳо риояи талаботи миллӣ, балки мутобиқати пешбурди баҳисобгирӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро ба стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили СБҲМ, ки ба ҳамгироии корхона бо иқтисодиёти байналмилалӣ мусоидат мекунанд, низ таъмин намояд.

Илова бар ин, НБМ 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхона» ба якчанд фарзияҳои асосӣ, ки ҳангоми ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ бояд ба инобат гирифта шаванд, тамаркуз мекунад, аз қабили [6]:

- фарзияи алоҳида будани амвол (дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона бояд аз дороиҳо ва уҳдадориҳои соҳибмулкон ва дигар корхонаҳо алоҳида ба ҳисоб гирифта шаванд;

- фарзияи беистии фаъолияти корхона (корхона фаъолияти худро дарояндаи наздик идома медиҳад ва уҳдадориҳои он бо тартиби муқарраршуда баргардонида мешаванд);

- фарзияи корбурди муттасили сиёсати баҳисобгирӣ аз як соли ҳисоботӣ то соли ҳисоботии дигар, ки ба устуворӣ ва пешбинишаванда будани ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, сиёсати баҳисобгирии корхона асоси ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мебошад. Он бояд бо назардошти омилҳои дохилӣ ва берунӣ таҳия шуда, ҳам ба қонунгузории миллӣ ва ҳам ба талаботи байналмилалӣ мувофиқат кунад, ки барои ҳамгироии бобарори корхона бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ муҳим аст.

Сиёсати баҳисобгирӣ ба ташаккули натиҷаи молиявии фаъолияти субъекти иқтисодӣ таъсири муҳим мерасонад. Тавре муҳаққиқ Е.В. Полякова қайд мекунад, «фоида фарқи байни даромад ва хароҷот аст, пас интихоби усули эътирофи онҳо метавонад натиҷаи молиявии ниҳойиро зиёд ё кам кунад. Сиёсати дуруст таҳияшудаи баҳисобгирӣ аз бисёр ҷиҳат имкон медиҳад, ки ҳаҷми фоида муносиб гардад ва аз ҳисоби интихоби қоидаҳои методологӣ вазъи молиявии субъекти иқтисодӣ ва натиҷаи молиявии он дар як намуди муайян пешкаш карда шавад» [7, с. 433].

Моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» роҳбарони субъектҳои иқтисодиро вазифадор кардааст, ки сиёсати баҳисобгириро сол то сол муттасил ва пайгирона татбиқ намоянд. Ин омили муҳими таъмини саҳеҳӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявӣ мебошад. Қонунгузорӣ инчунин имкон медиҳад, ки сиёсати баҳисобгирӣ дар ҳолати табдили санадҳои қонунгузорӣ, қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ё ҳангоми татбиқи усулҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона тағйир дода шавад, ки ин зарурати мутобиқ шуданро ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ инъикос мекунад.

Ин равиш чандирии корбурди сиёсати баҳисобгириро таъмин намуда, ба субъектҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, ки ба дигаршавии муҳити иқтисодӣ бо назардошти талаботи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ

Конструктори сайтхо. Сайт бо бекенди система хеле зич ҳамгиро шудааст, яъне агар меҳмон дар сайт фармоиш диҳад, пас дар фурӯш фармоиши **Фурӯш** ичро карда мешавад. Намунаҳои сайтҳои дар ODOO сохташуда инҳоянд: https://rybakavun.com.ua/ru/, https://metromart.ge/ka_GE/, https://a-zone.com.ua/. рӯйхати мукаммалтар дар: https://trends.builtwith.com/websitelist/Odoo

CRM ин системаи идоракунии муносибатҳо бо муштариен мебошад (аз англ. Customer Relationship Management). Ба ибораи оддӣ, ин як барномаи тиҷоратӣ мебошад, ки ба ҷамъоварии ҳама маълумот дар бораи муштариен, идоракунии дархостҳо ва фурӯши онҳо ва автоматикунонии равандҳои муқаррарӣ ба монанди паемнависӣ ва едраскуниҳо кӯмак мекунад. CRM кори менеҷеронро шаффофтар ва муассиртар мекунад, барои аз даст надодани муштариен ва афзоиши фоидаи ширкат кӯмак мекунад.

Шӯъбаи ширкат: Маркетинг, Фурӯш. Дар ин барнома лид ба кор гирифта мешавад ва аз санҷиш гузаронида мешавад, тахассус дода мешавад ва агар ҳама амалҳо хуб бошад, ба созишнома (opportunity) табдил меебад. Агар лид бо ягон сабаб аз байн равад, он дар система муқаррар карда мешавад.

Интегратсия бо хидматҳои тарафи сеюм. Дар баробари CRM, ширкат ба функсияи "Телефония" ниез дорад, зеро менеҷерон бояд бо муштариен тамос гиранд. Дар ин ҳолат зарурати ҳамгироӣ бо ягон хидмат ба миен меояд. Бо Odoo, танҳо чунин ҳамгироӣ кардан кофист. Танҳо дар ширкати мо ҳамгироӣ Бо Бинотел ва Некстел анҷом дода шуд. Инчунин зарурати ҳамгироӣ бо хидматҳои фиристодани паемҳо (смс, вайбер) ба миен меояд. Чунин ҳамгироӣ низ дар татбиқ осон аст. Пас аз он ки лид соҳибихтисос аст ва аз ӯ маълумот гирифта мешавад, ки ӯ мехоҳад аз ширкати мо чизе бихарад он ба муомила табдил меебад. Созишнома аз тугмаи фурӯш мегузарад. Бо ин роҳ дар система ҳар гуна фаъолият ба вуҷуд меояд ва бо ин роҳ таърихи муошират бо муштарӣ ҷамъ мешавад. Агар созишнома муваффақ бошад, менеҷер онро ғолиб нишон медиҳад ва пешниҳоди тиҷоратиро оғоз менамояд. Бо истифода аз барномаи мазкур гузаронидани аудит хеле самаранок аст. Ҳамаи ҳисоботҳо, ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ,

маълумот оид ба тартиби харид ва фуруши молҳо, шартнома бо контрагентҳо дар барномаи мазкур пурра ва боэътимод нигоҳ дошта мешаванд.

Муаллифони китоби тозанашршуда профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва профессор Пласкова Н.С. қайд мекунанд, ки тайи чанд соли охир дар низоми муносибатҳои муосири иқтисодӣ тағийроти куллӣ ба қайд гирифта шуда, яке аз сабабҳои глобалии он рақамикунонии фаъоли ҷомеа мебошад, ки ба тавсеаи соҳаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ ҳам барои ҳалли масъалаҳои рӯзмараи ҷомеа ва ҳам дар сатҳи муносибатҳо дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

Хулоса, истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ба маълумоте ниёз доранд, ки ба онҳо барои арзёбии вазъи молиявӣ ва фаъолияти ташкилотҳо дар давраи ҷорӣ ва қабули қарорҳои дахлдори иқтисодӣ кумак мерасонанд. Системаи кунунии ҳисоботи молиявӣ қодир нест, ки ба истифодабарандагон иттилооти саривақтӣ ва босифат пешниҳод кунад, зеро на аз рӯйи мазмуни дохилии худ - сохтор ва на аз рӯйи суръати ташаккули он ба талаботи бозорҳои молиявӣ ва истифодабарандагон, аз ҷумла ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ нест. Шартҳои асосии ислоҳоти низоми ҳисоботдиҳии ташкилотҳо, ки дар доираи кор таҳлил ва ба низом даровардани он анҷом дода шудаанд, инҳоро дар бар мегиранд: хусусиятҳои заифи сифати ҳисобот, шумораи зиёди шаклҳои ҳисоботӣ, риояи нопурра ба принсипҳои ҳисобот, хусусияти маҳдуди гузариш, осебпазирии татбиқи модели табдилдиҳӣ, фишори мақомоти назоратӣ ва андоз ба системаи ҳисоботӣ, ки дар ниҳоят боиси норозигии истифодабарандагони манфиатдори ҳисоботи молиявӣ мегардад.

Бо вуҷуди ин зарур аст, ки баҳисобгирии арзиши одилона тибқи методологияи он дар ҳисоботи молиявии ташкилотҳо, ноустувории молиявии ғайричашмдошт ба вуҷудорандаро таҳқиқ намояд. Се манбаи эҳтимолӣ мавҷуданд, ки тавассути онҳо арзиши одилона метавонад ноустувориро дар ҳисоботи молиявӣ ҷорӣ кунад:

-якум, ноустуворӣ аст, ки бо тағйирёбии параметрҳои асосии иқтисодӣ алоқаманд аст;

-дуюм ноустуворӣ аст, ки дар натиҷаи хатогиҳои андозагирӣ ва ё тағйир додани дарки дурнамои иқтисодӣ дар тамоми давраи тиҷорат ба вуҷуд омадааст;

-сеюм, ноустуворӣ метавонад бо модели баҳисобгирии муҳосибӣ, ки баҳисобгирии арзиши одилонаро ба баъзе асбобҳо ва баҳисобгирии арзиши фарсудашавӣ ба дигарон татбиқ мекунад, ки таъсири холисро коҳиш медиҳад.

Нуқтаҳои асосии хулоса:

- Рақамикунонӣ барои аудит имкониятҳои нав ва самаранокро мекушояд.
- Барои иҷрои пурраи аудит дар муҳити рақамӣ омодагии кадрҳо ва инфрасохтори техникӣ зарур аст.

- Дастгирии давлатӣ ва рушди қонунгузорӣ дар ин самт муҳим мебошад.

Дар анҷом пешниҳоди муаллиф барои аудит барои рақамикунонии молиявӣ чунин аст:

1. Таҳияи барномаҳои таълимӣ барои тайёр кардани аудиторони рақамӣ.
2. Ҷорӣ намудани платформаҳои рақамии ягона барои ширкатҳои саноатӣ ва аудиторҳо.
3. Рушди ҳамкорӣ миёни ширкатҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ.
4. Рақамикунонии раванди аудит дар сатҳи давлатӣ ва корпоративӣ бо истифодаи технологияҳои муосир.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28.12.2024.
2. Хушвахтзода К.Х., Пласкова Н.С. Методология учета и анализа цифровых активов кредитной организации. – Душанбе: Дониш, 2025, - 131 с.
3. Хушвахтзода Қ.Х. Баррасии тақвиятбахши иқтисоди рақамӣ. –Душанбе. 2025.
4. Салимов Ф. «Аудит ва назорати молиявӣ», Душанбе, 2022.
5. Мусоев А. «Технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти муҳосибӣ», Душанбе, 2021.
6. International Federation of Accountants (IFAC). “Digital Transformation and the Future of Audit”, 2020.
7. PricewaterhoseCoopers. “Audit and Assance in the Digital Age”, 2021.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», 2011 (бо ислоҳот то 2023)
9. Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.


## НАҚШИ АУДИТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ МОЛИЯВӢ

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки равандҳои иқтисодӣ бо суръати бесобиқа рақамикунонида мешаванд, нақши аудит ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими таъмини шаффофият ва эътимод дар фаъолияти молиявии субъектҳо боз ҳам бештар мегардад. Рақамикунонӣ, яъне табдили равандҳои анъанавии идоракунӣ ва муҳосибӣ ба шаклҳои рақамӣ, на танҳо муҳити фаъолияти ташкилотҳоро тағйир додааст, балки талабот ба аудит ва мазмуни он низ куллан дигар шудааст. Мақсади асосии мақола таҳлили нақши

аудит дар шароити рақамикунонӣ, муайян намудани афзалиятҳо, мушкилот ва дурнамои он дар мисоли фаъолияти амалии як ширкати ватанӣ мебошад.

***Калидвожаҳо:*** равандҳои иқтисодӣ, фаъолияти молиявии субъектҳо, иттилооти рақамӣ, рақамикунонӣ, блокчейн, зеҳни сунъӣ, таҳлили маълумоти калон блокчейн

## РОЛЬ АУДИТА В УСЛОВИЯХ ФИНАНСОВОЙОЙ ЦИФРОВИЗАЦИИ

В условиях современного мира, где экономические процессы оцифровываются с беспрецедентной скоростью, роль аудита как одного из важнейших элементов обеспечения прозрачности и доверия в финансовой деятельности субъектов еще больше возрастает. Цифровизация, то есть преобразование традиционных процессов управления и бухгалтерского учета в цифровые формы, не только изменила среду деятельности организаций, но и радикально изменила требования к аудиту и его содержанию. Основная цель статьи-проанализировать роль аудита в условиях цифровизации, определить его преимущества, проблемы и перспективы на примере практической деятельности отечественной компании.

***Ключевые слова:*** экономические процессы, финансовая деятельность субъектов, цифровая информация, цифровизация, блокчейн, искусственный интеллект, анализ больших данных блокчейн

## THE ROLE OF AUDIT IN THE CONTEXT OF FINANCIAL DIGITALIZATION

In today's world, where economic processes are digitizing at an unprecedented rate, the role of auditing as one of the most important elements of ensuring transparency and trust in the financial activities of entities is increasing even more. Digitalization, that is, the transformation of traditional management and accounting processes into digital forms, has not only changed the environment of organizations, but also radically changed the requirements for audit and its content. The main purpose of the article is to analyze the role of auditing in the context of digitalization, to identify its advantages, problems and prospects using the example of a domestic company's practical activities.

***Key words:*** *economic processes, financial activities of subjects, digital information, digitalization, blockchain, artificial intelligence, big data analysis, blockchain, artificial intelligence and big data analytics.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳоҷиева Шаҳодатхон Абдураҳмоновна**, омузгори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, унвонҷуи Донишгоҳи милли Тоҷикистон.,Суроға: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 787-35-20-20

# ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Мирзоев С.А.-** *н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.*
**Юнусов А.Қ-***омӯзгори калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.*

Дар ҷаҳони имрӯза, ки ҳар рӯз тағйир меёбад ва рушд меёбад, ёфтани чизе, ки солҳои дароз бетағйир монад, душвор аст. Ҳар як ҳодиса шакл ва намуди дигарро ба даст меорад, дар ҳоле ки хусусиятҳои асосии худро нигоҳ медорад. Имрӯзҳо ба ёд овардани он ки ташкилот 10 ё 20 сол пеш чӣ гуна душвор буд. Албатта, маркази ташкилот ҳамон аст: бахши молиявӣ, бахши ҳуқуқӣ, бахши идоракунии кадрҳо, бахши фурӯш ва ғайра. Агар ба ин масъала бодиққат назар афканем, тағйиротеро мушоҳида мекунем, ки дар бахши молиявӣ ҳисобҳо бо истифода аз технологияҳои нав, барномаҳои гуногун анҷом дода мешаванд. Идоракунии кадрҳо мусоҳибаҳоро тавассути порталҳои интернетӣ мегузаронад ва шӯъбаи фурӯш аз шакли муқаррарии "хариду фурӯш" дер боз дур шудааст. Ҷаҳон дар замони рақамисозӣ қарор дорад ва ин ба ҳисобдорӣ таъсир намерасонад. Раванди илмӣ-техникӣ суръат мегирад ва дар айни замон тамоми соҳаҳои фаъолиятро ба соҳаҳои нав табдил медиҳад. Дар назди инсон ҳадафи нав пайдо мешавад - риоя кардани суръати рушд ва пайваста такмил додани донишҳои худ, то ба суръати муқарраршуда мувофиқат кунад. Иқтисоди рақамӣ, ба ақидаи мутахассисон, тақрибан дар нимаи дуюми асри 20 пайдо шудааст. Омили асосии рушди иқтисоди рақамӣ истифодаи васеи технологияҳо ба монанди компютерҳо, телефонҳои мобилӣ, навигаторҳо ва ғайра мебошад. Ин технологияҳо дар якҷоягӣ бо имкониятҳои Интернет воридшавии инсонро ба давраи нави рақамикунони муқаррар кардаанд.

*Иқтисодиёти рақамӣ* - фаъолияти иқтисодии ба технологияҳои рақамӣ асосёфта мебошад.

Ба ибораи дигар, ин равандҳои иқтисодие мебошанд, ки бо истифода аз технология ба ҳадди аксар ё пуррагӣ бо истифодаи ҳадди аққали меҳнати инсонӣ амал мекунанд. Дар замони пешрафти илмию техникӣ рақамисозӣ як чизи муқаррарӣ аст. Имрӯзҳо бе системаҳои автоматикунонидашуда фаъолияти ташкилотро тасаввур кардан душвор аст, ки дар навбати худ фаъолияти бисёр равандҳои тиҷоратиро хеле осон мекунанд ва сифати онҳоро баланд мебардоранд.

*Иқтисоди рақамӣ, ба монанди ҳама гуна падида, хусусиятҳои худро дорад, ки инҳоянд:*

1. *Виртуалӣ будани иқтисоди рақамӣ.* Иқтисоди рақамӣ танҳо дар ҷаҳони виртуалӣ, ки маҷмӯи сигналҳои электрикӣ ва маълумотест, ки дар воситаҳои гуногуни иттилоотӣ нигоҳ дошта мешавад, вуҷуд дорад.
2. *Вобастагӣ аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва техникаи компютерӣ.* Ин фарқияти калидии байни иқтисодиёти рақамӣ ва воқеӣ мебошад. Вақте ки шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва техникаи компютерӣ аз байн мераванд, иқтисоди рақамӣ ғайриимкон мегардад, зеро дар асоси онҳо тамоми шаклҳои фаъолияти хоҷагии виртуалӣ сохта мешаванд.
3. *Сатҳи баланди афзоиш.* Технологияи рақамӣ бе компютер ё дигар техника имконнопазир аст, бинобар ин татбиқи равандҳои иқтисодӣ бо ёрии технологияҳои ҳисоббаробаркунӣ, дар асоси инфрасохтори IT сурат мегирад.

Аз ин лиҳоз чунин ташкили ин инфрасохтор бояд кормандони махсуси соҳаи IT ҷалб карда шаванд, ки маҳсулоти гуногуни нармафзорро ба соҳаи мушаххаси фаъолият ё ширкат табдил медиҳанд.

*Барои равшантар намунаҳои равандҳои рақамиро, ки аллакай имрӯз кор мекунанд, инҳоянд:*

- амалиёти онлайн;

- асъорҳои рақамӣ;
-ҳамёнҳои онлайнӣ (Qiwi- ҳамён ва ғайра);
- тиҷорати электронӣ;
- бонкдории электронӣ ва ғайра

Автоматикунонии бисёр равандҳо дар доираи ташкилот ба ҳисобгирии муҳосибӣ низ таъсир расонида наметавонист. Имрӯз ҳеҷ ширкате ба мисли солҳои пеш бо истифода аз қоғаз ва қалам ҳисоббаробаркуниро анҷом намедиҳад.

Барномаҳои зиёди баҳисобгирӣ мавҷуданд ва фаъолона амал мекунанд, ба монанди: 1С; SAP; Сармуҳосиб ва ғайра; Онҳо вазифаҳои муҳосибони сатҳҳои гуногунро ба таври назаррас содда мекунанд, аммо раванди рақамисозӣ қатъ намешавад. Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад ба ду зернизом тақсим карда шавад: *баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ.* Агар сухан дар бораи баҳисобгирии идоракунӣ равад, имрӯз аллакай бисёр маҳсулоти барномавӣ мавҷуданд, ки қодиранд идоракунии буҷетиро автоматӣ кунанд, ба онҳо ҳам маҳсулоти барномавии хориҷӣ ва ҳам ватанӣ дохил мешаванд, ба онҳо дохил мешаванд: *PROPHIX; Hyperion Pillar; Adaytum e.Planning; Bjet; Comshare MPC.* Мушкилоти автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар кишварҳои ғарбӣ нисбат ба мо хеле пештар пайдо шуд. Яке аз хусусиятҳои муштараки барномаҳои хориҷӣ - таъҷилӣ мебошад. Ҳар як маҳсулоти тайёркадашуда на танҳо мушкилоти баҳисобгириро ҳал мекунад, балки равандҳои марбут ба он, ба монанди таҳияи баҳисобгирии идоракунӣ, идоракунии буҷет ва ғайра. Аз як тараф, ин барои чунин нармафзорҳо як афзалияти бузург аст. Аммо аз тарафи дигар, кӯшиши дар як маҳсулот ҷойгир кардани бисёр хусусиятҳо боиси аз даст додани қувваи барнома мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дар хориҷа, ташкилотҳои миёна ва калон зарурати автоматикунонии ин равандҳо ба миён омад. Бо вуҷуди он, ки имрӯзҳо ҳисобкунӣ бидуни истифодаи маҳсулоти гуногуни автоматикунонидашудаи барномавӣ амалан ғайриимкон аст, бекор кардани пурраи меҳнати инсон дар ин соҳа ва дар ин вақт низ ғайриимкон аст. Ба ибораи дигар, имрӯз, касбҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва касбҳои ба онҳо алоқаманд, ба монанди аудитор, таҳлилгари молиявӣ ва ғайра, танҳо бо як навъ ҳамгироии инсон ва технология имконпазир аст.

Аксар вақт, байни ин ду унсур - инсон ва технология - мушкилот ба миён меояд.

*Якум,* барои ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва истифодаи фаъолонаи онҳо, омӯзиши кормандон, баланд бардоштани дониш ва малакаҳои техникии онҳо зарур аст. Мутаассифона, баъзан омӯзиш барои кормандони ботаҷрибаи корӣ ҳамчун омили ночиз, ки ба кори асосӣ халал мерасонад, ба назар мерасад. Бояд дар хотир дошт, ки иқтисоди рақамӣ танҳо бо ҷорӣ намудан ва истифодаи фаъолонаи технологияҳои нав рушд карда метавонад, ки дар навбати худ сифати кори иҷрошударо баланд мебардоранд ва миқдори вақти сарфшударо кам мекунанд. Инсоният бояд ба технологияи нав кушода бошад.

*Дуюм,* барои дар дохили ширкат ҷойгир кардани технологияҳои нав захираҳои зиёде лозим аст, ки дар ин давраи бӯҳронӣ ба ҳама гуна ҷиҳатҳо хеле кам одамон имконият доранд. Ба ибораи дигар, рушди иқтисоди рақамӣ на танҳо аз хоҳиши ширкат ва кормандони он, балки аз омилҳои беруна, ба монанди вазъи иқтисодӣ, сиёсӣ ва дар натиҷа, имкониятҳои моддии ширкат низ вобаста аст. Ҳамин тариқ, мо метавонем хулосаи мухтасаре барорем, ки барои рушди фаъоли иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама, муҳити устувори фаъолияти ширкатҳо зарур аст, дуюм, ҷомеа бояд ба рушд омода бошад (хоҳиши омӯхтан, истифодаи технологияҳои нав дар кор).

Баҳисобгирии муҳосибӣ таъминкунандаи иттилоот барои фаъолияти аудиторӣ мебошад. Дар робита ба ин, дар ташкилотҳои бузурги аудиторӣ сол аз сол шумораи зиёди маҳсулоти барномавӣ сохта мешаванд, ки равандҳои гуногуни санҷиш ва таҳлили баҳисобгирии ширкатро автоматӣ мекунанд.

*То имрӯз, дар доираи ширкатҳои Big4 аллакай арсенали бузурги маҳсулоти барномавӣ сохта шудааст, ки:*

1. Дурустии ҳисоботи молиявиро тавассути барномаҳои 1С, ОСВ ва дигар маълумоти ҳисобӣ ба таври худкор санҷида мешавад.
2. Бо ёрии маълумоти ҳисоб фаъолияти ширкатро аз нуқтаи назари ҳисобҳои ҳисоби хатарноктарин таҳлил кардан мумкин аст.
3. Тартиб додани диаграммаҳо ва графикҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳои ҷорӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои соли гузашта.
4. Фаъолияти шубҳанокро дар ин ё он раванди баҳисобгирӣ ва ғайра ошкор мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ба ғайр аз барномаҳое, ки бевосита бо баҳисобгирӣ алоқаманданд, ширкатҳои аудиторӣ бисёр маҳсулоти барномавиро таҳия мекунанд, ки ба ташкилотҳо дар таҳлили равандҳои гуногуни тиҷорат кӯмак мерасонанд. Масалан, интихоби муштариёни бовиҷдон яке аз ҷанбаҳои муҳими фаъолияти ҳар як ташкилот мебошад. Барномае вуҷуд дорад, ки онро аллакай имрӯз аз *EY* харидан мумкин аст, ки бо ёрии барномаи автоматикунонидашуда ба шумо имкон медиҳад, ки аз байни муштариёни бозорӣ муштариёни боинсофонаро фаҳмед ва интихоб кунед. Бинобар ин, метавон хулоса кард, ки имрӯз аллакай бузурги барномаҳо мавҷуд аст, ки ба автоматикунонии баҳисобгириҳо ва аудити ширкатҳо машғуланд. Технологияи рақамӣ бо суръати хеле баланд рушд мекунад, бо вуҷуди он ки инсон метавонад ба ин раванд муқобилат кунад, ин раванд боздошта намешавад.

Барномае, ки имрӯз хеле истифода мешавад, агар пайваста нав карда нашавад, ҳар лаҳза метавонад аз кор барояд. Агар мо фикр кунем, ки технологияҳои нав ва барномаҳо дар давоми даҳ соли оянда ба таври комил ба ҷои касбҳои муҳосибӣ, ҳисобкунӣ ва ғайра кор хоҳанд кард, пас набояд фаромӯш кард, ки баъзе қобилиятҳои махсуси инсон вуҷуд доранд, ки онҳоро ақли сунъӣ ҳеҷ гоҳ иваз карда наметавонад. Ин ба ҳукми касбӣ дахл дорад. Масалан, касби аудиторӣ бе ҳукми касбӣ имконнопазир аст. Дар баробари ҳукми касбӣ, омили иҷтимоӣ низ вуҷуд дорад, ки ба ҳисобгирандагон нисбат дода мешавад. Ин шахсест, ки бо мақомоти давлатӣ, андоз, баъзан чизеро шарҳ медиҳад, исбот мекунад ва ғайра. Агар тасаввур кунед, ки чунин шахс дар ширкат вуҷуд надорад, пас ин вазифа бояд ба ягон корманди дигар супурда шавад, аммо ба ғайр аз муҳосиб, кӣ метавонад равандҳои молиявии ширкатро хуб донад ва бифаҳмад. Аз рӯи ин ду омил, инсоният наметавонад аз касби муҳосибӣ комилан даст кашад, аммо шумораи кормандони зарурӣ барои ин ихтисос коҳиш меёбад, аммо чанд маротиба ин масъала дигар аст. Мутахассисон мегӯянд, ки сеяки кормандони сатҳи поёнӣ ва миёнаи кормандонро ба таври осоишта аз кор озод кардан мумкин аст. Танҳо ба муҳосибони ботаҷриба, одатан сармуҳосибони ботаҷриба ниёз аст, ки бо истифода аз технология тамоми вазифаҳоро хуб иҷро мекунанд. Саволе ба миён меояд, ки чӣ тавр сармуҳосибони ботаҷриба пайдо мешаванд, агар дар баробари ин муҳосибони поёнӣ ва миёна мавҷуд набошанд. Зеро маълум аст, ки танҳо дониши назариявӣ барои ин касб кофӣ нест. Ҳанӯз ягон компютер ҷойи мутахассисонеро, ки ҳисоботи андоз ва ҳисоббаробар кунииро, ҳуҷҷатҳоро барои сармоягузорон, роҳбарият, ташкилотҳои қарзӣ тартиб медиҳанд, гирифта наметавонад. Зеро дар ин ҷо қарорҳои муҳиму стратегӣ бояд қабул карда шаванд, ки ба тамоми тиҷорат таъсир мерасонанд.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**

1. Бабаев Ю. А., Петров А. М. Бухгалтерский учет в торговле и общественном питании. — М. : Вузовский учебник, 2015.
2. Бухгалтерский учет в современных бизнесструктурах / О. В. Рожнова [и др.]. — М. : Финансовый университет при Правительстве Российской Федерации, 2017.
3. Бухгалтерский учет в сфере услуг : учебник для студентов высшего профессионального образования, обучающихся по специальности 080109«Бухгалтерский учет, анализ и аудит» / Т. П. Карпова [и др.]. — М. : Рид Групп, 2011.
4. Мельникова Л. А., Петров А. М. Бухгалтерский учет финансовых резервов и оценочных обязательств. — М. : Вузовский учебник, 2015.

5. Петров А. М. Общественное питание 6 в 1 : учетная политика, документооборот, калькулирование себестоимости, бухгалтерский учет, налоги, отчетность. — М. : Рид Групп, 2011. — (Полное руководство бухгалтера).
6. Петров А. М., Мельникова Л. А. Формирование отчетности в соответствии с требованиями МСФО как объективная необходимость на современном этапе развития экономики РТ // Проблемы современной экономики. — 2017. — 2 (62). — С. 105—107.

## ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Баҳисобгирии муҳосибӣ ва хусусиятҳои он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бе дарназардошти марҳилаи рақамикунонии ҷомеа арзёбӣ карда намешавад. Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар айни замон баррасӣ карда мешаванд, далелҳо дар бораи таҳлили инсон ва технология, инчунин дар бораи дурнамои рушди касб оварда мешаванд.

Калимаҳои калидӣ: *баҳисобгирии муҳосибӣ, рақамисозӣ, дурнамои рушди касб, синтез, технология.*

## ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

Бухгалтерский учет и его особенности в условиях цифровой экономики невозможно оценить без учета стадии цифровизации общества. В данной статье рассматриваются особенности бухгалтерского учета в настоящее время, приводятся факты об анализе человека и технологии, а также о перспективах карьерного роста.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, цифровизация, перспективы карьерного роста, синтез, технологии.

## FEATURES OF ACCOUNTING DEVELOPMENT IN THE DIGITAL ECONOMY.

Accounting and its features in the digital economy cannot be assessed without taking into account the stage of digitalization of society. This article examines the specifics of accounting at the present time, provides facts about human and technology analysis, as well as career prospects.

**Keywords:** accounting, digitalization, career prospects, synthesis, technology.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Мирзоев С.А.**- н.и.и.,дотсенти ДБССТ, Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. тел (+992)907500013

**Юнусов А.Қ**-омӯзгори калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ, Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. тел (+992) 906882020.

## БОНКИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ТАНЗИМКУНАНДА ВА ПЕШБАРАНДАИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ДАВЛАТ

**Тоҳиров Валишер Собитҷонович-** ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ

Дар аксар давлатҳои мустақил бонкҳои марказӣ звенаи асосии низоми бонкӣ маҳсуб ёфта танзим ва рушди ҳаматарафаи низоми бонкӣ ва бопултаъминкунии иқтисодиётро тавасути воҳиду сохторҳои худ ба ӯҳда дорад ва ин аз рӯи вазифа ва ӯҳдадориҳои худ рушди иқтисодиётро таъмин намудан, инчунин мувозинати пулро дар иқтисодиёт нигоҳ доштан мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки ташкили бонки марказӣ ва низоми бонкӣ дар тамоми давлатҳо шарти зарурӣ буда, рушди иқтисодиёт аз ин

низом вобастагии зиёд дорад. Нақши бонки марказӣ ҳамчун танзимкунанда ва пешбарандаи сиёсати пулию қарзии давлат дар иқтисодиёт мавқеи муҳим дорад. Аксаран дар мамлакатҳои тибқи низоми иқтисоди бозоргонӣ амалкунанда танзими пулӣ ва обекти қарз аз тарафи хадамоти пулӣ (ба монанди Бонкҳои марказӣ) анҷом дода шуда, пешниҳоди пул, ки ҷузъҳои гуногунро тавсиф мекунад, талаботҳои умумии самаранокро дорост. Бонки марказӣ арзиши заминаи пулиро комилан назорат намуда сатҳи самаранокии онро дар иқтисодиёт ба таври назаррас таъмин мекунад.

Мусаллам аст аст, ки рушди иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати иқтисодии давлат аз сатҳи монетизатсия вобастагии зиёд дорад. Ҳамчунон, яке аз ҷиҳатҳои асосии сиёсати иқтисодии давлат ин сиёсати пулию қарзӣ мебошад, ки онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон пеш мебарад. Яке аз қисматҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ин сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт мебошад, ки он аз унсурҳои гуногун иборат аст.

Ба таври умумӣ сиёсати пулию қарзӣ (сиёсати монетарӣ) раванди танзим ва идораи пешниҳоди пул дар иқтисодиёт, сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва меъёрҳои кӯтоҳмуддати фоизии бозори байнибонкиро тавассути истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар бар гирифта, он пеш аз ҳама, баҳри ба даст овардани суботи нархҳо ва мусоидат ба рушди воқеии иқтисодиёт равона мегардад.

Дар адабиёти иқтисодӣ сиёсати пулию қарзӣ аксар вақт бо сиёсати бонки марказӣ муайян гардида, гардиши ҳаҷми пул тавассути як қатор меъёрҳо танзим карда мешавад. Танзими равандҳои пулию қарзӣ яке аз унсурҳои сиёсати макроиқтисодии давлат буда, омезиши кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро дар бар мегирад. Тадбирҳое, ки ба тағйир додани ҳаҷми пул дар муомилот, ҳаҷми қарз, сатҳи фоиз ва дигар нишондиҳандаҳои муомилоти пулӣ ва идоракунии бозори қарз вобастаанд, тибқи санадҳои қонунгузорӣ, ба салоҳият ва вазифаҳои бонки марказӣ дохил мешаванд. Дар шароити муосир бонки марказӣ ҳамчун субъекти таъминкунандаи пули нақд ва назораткунандаи ҷараёни ҳисоббаробаркуниҳо дар ҳар як давлат маҳсуб ёфта, ҷамъи муносибатҳои пулию қарзиро таъмин мекунад.[2]

Воқеан, дуруст аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон таъмин ва назорати муомилоти пулиро ба фишангҳои алоҳидаи пул ва низоми қарзӣ ба танзим дароварда, ба ташкилотҳои қарзӣ таъсири худро ба хотири таъмини суботи бонкӣ мерасонад.

Ғайр аз ин, таъмини тамоми ҷараёнҳои пулии бонкӣ ин дар салоҳияти қонунии Бонки миллии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи ин Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки марказӣ дар доираи ваколатҳое, ки қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ кардааст, мустақилан барои таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзии давлат масъул

аст. Аз ҷумла, тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ ноил шудан ба сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ ва нигоҳ доштани он дар давраи дарозмуҳлат буда, вазифаи сиёсати пулию қарзӣ барои расидан ба ин мақсад амалӣ мегардад.[1]

Албатта, ин мақсади Бонки миллии Тоҷикистон бо ҷалби муносибатҳои пулию қарзие, ки аз ҷониби бахши институтсионалии давлат сурат мегиранд, танзим карда мешавад. Зикр намудан ба маврид аст, ки бонкҳои марказӣ (миллӣ) дар аксари мамлакатҳои пешрафта ва рӯ ба инкишофи ҷаҳон қариб мақсади ягона доранд, яъне нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳо ё худ суботи нархҳоро пайгирӣ карда, сиёсати худро бо назардошти ноил гардидан ба он роҳандозӣ менамоянд.Бонки миллии Тоҷикистон чун дигар бонкҳои марказии кишварҳои ҷаҳон низ мақсади ягона дорад. Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон барои таъмини устувории низоми бонкии давлат, рушди воқеии дарозмуддати иқтисодиёт ва сатҳи некуаҳволии мардум як қатор фишангҳои муосир ва чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Бо ин мақсад дар айни замон механизми сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба реҷаи ҳадафгирии монетарӣ асос ёфта, ҳадафи ниҳоӣ – муътадилии сатҳи нархҳо тавассути танзими ҳаҷми пешниҳоди пул ё худ пулҳои захиравӣ, ки ба сифати ҳадафи амалиётӣ баромад менамоянд, таъмин карда мешавад. Дар доираи ин ҳадафи амалиётӣ Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини муътадилии нишондиҳандаҳои монетарӣ ва сатҳи нархҳо ҳар сол нақшаи афзоиши нишондиҳандаи миқдорӣ – сатҳи пулҳои захиравиро муқаррар менамояд.[1] Дар баъзе ҳолатҳо, масалан, дар ҳолати таъсири таконҳои берунӣ сатҳи нишондиҳандаи миқдорӣ мавриди тағйир қарор дода мешавад ва инро Бонки миллии Тоҷикистон пайваста зери назорати худ қарор медиҳад. Мутобиқ ба ин гуфтаҳо барои аз назар гузаронии ҳаҷми пул ва агригатҳои пулӣ ба ҷадвали 1. сатҳи тағйирёбии ҳаҷми умумии пул вобаста ба агригатҳои пулӣ ба таври алоҳида 2015-2023 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1**.Сатҳи тағйирёбии ҳаҷми умумии пул вобаста ба агригатҳои пулӣ ба таври алоҳида 2015-2023 (млн. сомонӣ)

| Номгӯ | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2017** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2023/2015** |
| **Унсури пулӣ М0** | 4591 | 10950 | 15332 | 18058,5 | 20873,71 | 29632 | 26973,57 | 4,8 мар |
| **Унсури пулӣ М1** | 5403 | 12258 | 16697 | 20010,4 | 22214,9 | 31765,4 | 28910,18 | 4,3 мар |
| **Унсури пулӣ М2** | 6535 | 13982 | 18937 | 22504,5 | 25265,97 | 36224 | 34681,41 | 4,3 мар |
| **Унсури пулӣ М3** | 6535 | 13982 | 18937 | 22504,5 | 25265,97 | 36224 | 34681,41 | 4,3 мар |
| **Унсури пулӣ М4** | 10790 | 18018 | 22155 | 26139,9 | 28400,12 | 39883,84 | 39548,6 | 2,6 мар |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ 2015-12(245) 2016-12(257) 2017-12(269) 2018-12(281) 2019-12(293) 2020-12(305) 2021-12(316) 2022-12(329) 2023-12(341)

Яке аз маханизмҳои асосии ташкили дурусти сиёсати пуллию қарзӣ ва самаранок пеш бурдани он ин танзими дурусти ҳаҷми пул ва ҳисоби дуруст намудани ҳаҷм ва ҳиссаи он мебошад. Дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва самаранок пеш бурдани он танзими маҷмӯии ҳаҷми пулҳо муҳим ва зарурӣ мебошад. Ва ин тамоилро дар аксар давлатҳо мақомотҳои ваколатдор ба ӯҳда доранд. Албатта ин ҷараёнро дар Ҷумҳурии Тоҷикстон Бонки миллии Тоҷикистон ба ӯҳда дошта ин масъаларо ба воситаи агрегатҳои пулӣ ҳамчун воситаи танзимкунанда пеш мебарад. Гуфтан мумкин аст,ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сандаҳои меъёрию ҳуқуқии қабулшуда дараҷа ва сатҳи унсурҳои пулӣ вобаста ба  пардохтпазирро тибқи нишондиҳандаҳои мавҷудаи пулӣ  ба панҷ гурӯҳи асоси,ки он маҷмӯи пулҳои нақдӣ ва қайринақдиро дар бар мегиранд ба воситаи агрегатҳои: М0, М1, М2, М3 ва М4 ҳисоб ва танзим карда мешаванд. Аз руи натиҷаҳои муайян гадидаи ҷадвали 3.2. барои мо маълум гашт, ки унсурҳои пулии мамлакат сол то сол натиҷаҳои хуби тағйирёбиро касб кардаанд. Бо дарназардошти рушди иқтисодиёт нишондиҳандаҳо ва унсурҳои пулӣ низ раванди зиёдшавии муътадил дошта, ҳаҷми пули нақди берун аз бонкҳо (М0) дар интиҳои соли 2023 ба андозаи 26973,57 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбати соли 2015 ба маблағи 22382,57 млн. сомонӣ  ё 4,8 маротиба зиёд  мебошад. Унсури М1 бошад дар соли 2023 маблағи 28910,18 млн. сомониро ташкил дода нисбат ба соли 2015 ба андозаи 23507,18 млн. сомонӣ ё  4,3 мароти  мебошад. Унсурҳои М2 ва М3 бошад дар соли 2023 34681,41 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбати соли 2015 ба андозаи 28146,41 млн.

сомонӣ ё ин ки 4,3 маротиба зиёд мебошад. Унсури М4 бошад дар соли 2023 39548,6 млн сомониро ташкил додааст. Агар онро нисбати соли 2015 муқоиса намоем барои мо маълум мегардад, ки ба андозаи 28758,6млн. сомонӣ ё ин ки 2,6 маротиба зиёд мебошад. Ҷиҳати баҳои воқеӣ додан ба сатҳи нишондиҳандаҳои васеи ҳаҷми маҷмӯии пулҳо дар иқтисодиёт аз як қатор унсурҳои дигар низ истифода мебаранд, ки тавасути он пулҳои захиравӣ, пулҳои нақди дармуомилотбуда боданазардошти суръати рушди онҳо ба инобат гирифта мешаванд. (Нигар ҷадвали 2)

**Ҷадвали 2.** Зиёдшавии ҳаҷми пулҳои захиравӣ ва пулҳои нақди берун аз бонкҳо дар таносуб бо суръати зиёдшавии онҳо дар солҳои 2022-2023 бо (млн.сононӣ)

| **Номгӯ** | **Солҳо** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2017** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2023/2015** |
| **Пулҳои захиравӣ млн.с** | 7070 | 14573 | 18172 | 22022 | 25173,8 | 38446,7 | 36287,1 | 4,2 маротиба |
| **Суръати рушд** | 1,16 | 1,21 | 1,17 | 1,21 | 1,14 | 1,52 | 0,94 | -18,96 б.ф. |
| **Пули нақди дар муомилот млн.с** | 7040 | 11659 | 16068 | 19059,5 | 22110,5 | 32460,1 | 30052,8 | 3,2 маротиба |
| **Суръати рушд** | 1,48 | 1,39 | 1,22 | 1,19 | 1,16 | 1,47 | 0,93 | -37,16 б.ф. |

**Манбаъ:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ 2015-12(245) 2016-12(257) 2017-12(269) 2018-12(281) 2019-12(293) 2020-12(305) 2021-12(316) 2022-12(329) 2023-12(341)

Вобаста ба махълумотҳои ҷадвали 2 гуфтан мумкин аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимкунандаи бахши бонкию молиявӣ, татбиқи сиёсати пулию қарзиро бахри нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо, таъмини рушди боэътидоли ҳаҷми пул, коҳиш додани фишорҳои қурбӣ ва таъмини сатҳи мувофиқи пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ роҳандозӣ намуда истодааст. Дар соли 2023 новобаста ба мушкилиҳо ва ноустувориҳо дар иқдисодиёти ҷахон, Бонки миллии Тоҷикистон пешбурди сиёсати самараноки пулию қарзиро ҷиҳати гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум идома дода, дар доираи имкониятҳо нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ ва раванди танзими хаҷми пул дар иқдисодиётро тавассути механизму фишангҳои худ амалӣ намуд.

Дар асоси таҳлилҳои дар ҷадвали 3.3. нишондода шуда муайян мегардад, ки вобаста ба рушди иқтисодиёт ва афзудани даромадҳои аҳолӣ ҳаҷми пулҳои захиравии Бонки миллии Тоҷикистон зиёд мегардад, ки то тавонад талаботи бо пул ифода ёфтаро

аз ҳисоби пулҳои дар захирааш буда қонеъ гардонад. Мутобиқ ба ҳамин гуфтаҳо пулҳои захиравии БМТ дар соли 2023 36287,1 млн. сомониро ташкил дода нисбати соли 2015 муқоиса намоем ба андозаи 29217,1 млн. сомонӣ буда, ё ин ки 4,2 маротиба ташкил дода, суръати рушди он -18,96 фоизӣ мебошад. Тибқи маълумотҳои дар ҷадвал дарҷ гардида нишон медиҳад, ки Пулҳои накди дар муомилот буда дар соли 2023 ба андозаи 30052,8 млн сомонӣ зиёд гадида агар нисбати соли 2015 муқоиса намоем ба андозаи 23012,84 млн сомонӣ ё ин ки 3,2 маротиба зиёд гардида суръати рушди он нисбати ба андозаи -37,16 фоизиро ташкил додааст.

Аз гуфтаҳои дарҷ гардида метавон баён намуд, ки дар сатҳи рушди иқтисодиёт ва татбиқи дурусти сиёсати пулию қарзӣ идораи босамари воситаҳои пулӣ ва ба сатҳои афзалиятнок сафарбар намудани онҳо фишанге мебошад, ки бевосита таъмини субот ва нигоҳ доштани мувозинати рушдро дар самту соҳаҳои муайян таъмин менамояд. Ҳамзамон бо ин қайд кардан зарур аст, ки ҳамбастагии байни соҳавӣ ва байнисохторӣ дар як вақт метавонанд ба ҳамдигар таъсири мутақобила равонанд. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки алоқамандии сиёсати пулию қарзӣ ва сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт бо муҳити беурунӣ алоқамандии зич дошта метавонад дар як вақт таъсири омилҳои манфӣ ё мусбатро ба худ қабул намояд. Албатта дар ҳошияи ин гуфтаҳо иброз доштан зарур аст, ки масъалаи содирот ва ворид аз қабили он омилҳои таъсиррасоне маҳсуб меёбанд, ки пайвастагии доимӣ ба сиёсати пулию қарзӣ ва муносибатҳои пулӣ доранд. Чи тавре аз таҳлилҳо аён аст ҷараёни шаклгирии содирот ва воридот бо таносуби тағйирёбанда боиси он мегардад, ки вобаста ба алоқамандӣ ва зарурият ба сиёсати пулию қарзӣ таъсир ворид гардад. Бояд онро дар як дараҷаи мустаҳкам нигох дошт.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” // АМОҶТ с.2011, №6 мод. 435; с.2014, №7,қ.2, мод.410
2. Банковское дело: под ред. Проф Лаврушина-М., 2008-766с
3. Банковское дело: учебник/под ред. Г.Г. Коробовой-М., 2004-751с
4. Банки и банковское дело: Учеб. пособие для вузов / Под ред. проф. И. Т. Балабанова. – СПб., 2003. – 302 с.
5. Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон
6. Звонова Е.А., Топчий В.Д.Деньги, кредит, банки: учебник и практикум для бакалавров\; под общ. Ред. Е.А. Звоновой.-М.: Издательство Юрайт, 2014.-455с
7. Проф. Захид Фаррух Мамедов «Деньги. Кредит. Банки» электроние рессурс банки деньги.pdf
8. Шариф Раимзода муомилоти пул ва карз Душанбе “эр-граф” 2018. 516с
9. Шевчук В. А., Шевчук Д. А. Финансы и кредит. – М., 2006. – 257 с

## БОНКИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ТАНЗИМКУНАНДА ВА ПЕШБАРАНДАИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ДАВЛАТ

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисодӣ ва мустақил шудани молистьеҳсолкунандагон заминаҳои рушди муносибатҳои пулиро ба миён овард. Аз ин хотир дар сатҳи иқтисодиёт ташаккули муносибатҳои дурусти пулӣ аз сиёсати иқтисодиии давлат вобастагии зиёд дорад. Дар бараобари ин қайд кардан зарур аст, ки дар татбиқи сиёсати дурусти иқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ, ки пешбарандаи он Бонки миллии Тоҷикистон мебошад. Нақши калидӣ дорад. Вобаста ба ин дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавқеи Бонки миллии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати иқтисодии давлат мавриди таҳлил ва баррасӣ дода шуда ҳамзамон бо ин хулосаҳои мушаххас карда шудааст. Илова бар ин дар мақолаи мазкур таҳлили таъсири ҳаҷми пули дар муомилот буда ва таъсири он ба таваррум таҳлил гардида, алоқамандии онҳо мушаххас карда шудааст. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки нашри мақолаи мазкур як саҳифаи ҷадиди дар татбиқи сиёсати иқтисодии давлат мебошад.

**Калидвожаҳо.** Сиёсати пулию қарзӣ, сиёсати иқтисодии давлат, мувозинат, таҳлил, пул, фоиз, сохтор, танзим, хадамот, гардиш, макроиқтисод, омил, самаранокӣ.

## НАЦИОНАЛЬНЫЙ БАНК КАК РЕГУЛЯТОР И ПРОВОДНИК ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ ГОСУДАРСТВА

В условиях перехода к экономическим отношениям и самостоятельности нефтедобытчиков были заложены основы развития денежных отношений. Поэтому на уровне экономики формирование правильных денежных отношений сильно зависит от экономической политики государства. В связи с этим необходимо отметить, что в проведении правильной экономической политики, денежно-кредитной политики, лидером которой является Национальный банк Таджикистана. Он играет ключевую роль. Исходя из этого, теоретические и практические аспекты реализации Национальным банком Таджикистана экономической политики государства анализируются и обсуждаются в данной статье, наряду с этими конкретными выводами. Кроме того, в данной статье анализируется изменение количества денег в обращении и его влияние на инфляцию, а также выясняется их взаимосвязь. В связи с этим необходимо отметить, что публикация данной статьи является новой страницей в реализации экономической политики государства.

**Ключевые слова.** Денежно-кредитная политика, экономическая политика государства, равновесие, анализ, деньги, процент, структура, регулирование, услуги, обращение, макроэкономика, фактор, эффективность.

## THE NATIONAL BANK AS A REGULATOR AND PROMOTER OF THE STATE'S MONETARY POLICY

Under the conditions of the transition to economic relations and the independence of oil producers, the foundations for the development of monetary relations were laid. Therefore, at

the level of the economy, the formation of correct monetary relations is highly dependent on the economic policy of the state. In this regard, it should be noted that in conducting the correct economic policy, monetary policy, the leader of which is the National Bank of Tajikistan. He plays a key role. Based on this, the theoretical and practical aspects of the implementation of the National Bank of Tajikistan's economic policy of the state are analyzed and discussed in this article, along with these specific conclusions.

**Keywords.** Monetary policy, economic policy of the state, balance, analysis, money, interest, structure, regulation, services, circulation, macroeconomics, factor, efficiency.

**Тоҳиров Валишер Собитҷонович** – ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.E-mail: valishertohirov94@gmail.com.Телефон:(+992)92-639-06-62.

## РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ АУДИТОРӢ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Самиева Меҳрангез Бобоевна** –н. и.и, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг ДБССТ.

Аудит дар шароити рақамикунонӣ — мавзӯи муҳим ва саривақтӣ аст, ки ба дигаргуншавии раванди санҷиш ва таҳлили фаъолияти молиявӣ дар замони истифодаи технологияҳои рақамӣ дахл дорад. Рақамикунонии иқтисод ва ширкатҳо боиси тағйироти ҷиддӣ дар тарзи гузаронидани аудит гардид. Технологияҳои иттилоотӣ имконият медиҳанд, ки равандҳои аудиторӣ самараноктар, дақиқтар ва суръатноку шаффоф бошанд.

Рақамикунонӣ маънои табдил додани равандҳо, ҳуҷҷатҳо ва маълумот ба шакли рақамӣ мебошад. Ин раванд ба аудит таъсири зерин мерасонад:

- Истифодаи нармафзорҳои муосир: системаҳои ERP, системаи ҳисобдории автоматикӣ ва абзорҳои таҳлили маълумот;
- Таҳлили маълумоти калон (Big Data);
- Истифодаи зеҳни сунъӣ (AI) ва омӯзиши мошинӣ (Machine Learning);
- Аудити вақти воқеӣ (real-time audit);

Аудит санҷиши мустақилонаи ҳисоботи молиявӣ ва фаъолияти молиявии ташкилот мебошад, ки ҳадафи он муайян намудани дурустӣ ва мутобиқати маълумот бо стандартҳо ва меъёрҳои муқарраршуда аст.

Афзалиятҳои аудит дар шароити рақамикунонӣ метавонад ба чунин самтҳо равона карда шавад:

- Суръат ва дақиқии баланд;
- Муҳосираи маълумоти зиёд дар муддати кӯтоҳ;
- Беҳтар шудани шаффофият;
- Муайянсозии хавфҳо дар марҳилаи барвақт.

Бо вуҷуди афзалиятҳои зиёд, рақамикунонӣ дар соҳаи аудит бо як қатор чолишҳо ва хатарҳои эҳтимолӣ ҳамроҳ аст, ки бояд аз ҷониби мутахассисон ва ташкилотҳо ба таври ҷиддӣ баррасӣ ва ҳал карда шаванд. Чолишҳо ва хатарҳо дар раванди фаъолияти аудиторӣ метавонад чунин самтҳоро дар абр мегирад:

- Мушкилоти амнияти иттилоот;
- Ниёз ба мутахассисони баландихтисос дар соҳаи IT;
- Мавҷуд набудани инфрасохтори муосир дар баъзе ташкилотҳо;
- Масъалаи мутобиқати қонунгузории миллӣ ба технологияҳои рақамӣ.

Ояндаи аудит дар шароити рақамикунонӣ метавонад ба чунин натиҷаҳо ноил гардад:

- Гузариш ба аудити рақамӣ комилан;
- Омӯзиши доимии аудиторон дар самти IT ва киберамният;
- Истифодаи блокчейн барои таъмини шаффофият ва боварӣ.

Рақамикунонӣ яке аз равандҳои муҳими муосир аст, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисод, аз ҷумла дар фаъолияти аудиторӣ, таъсири ҷиддӣ расонида истодааст. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, тарзу усули анъанавии гузаронидани аудит тағйир ёфта, шаклҳои нав ва инноватсионӣ ба вуҷуд омадаанд.

Яке аз таъсирҳои асосии рақамикунонӣ — автоматизатсия мебошад. Барномаҳои компютерӣ ва нармафзорҳои муосири ҳисобдорӣ ба аудиторон имкон медиҳанд, ки маълумоти молиявиро дар ҳаҷми калон ва дар муддати кӯтоҳ таҳлил намоянд. Ин раванд хатогиҳои инсонро коҳиш дода, самаранокии раванди санҷишро меафзояд.

Дигар таъсири муҳими рақамикунонӣ — пайдоиши аудит дар вақти воқеӣ (real-time audit) мебошад. Ба воситаи дастрасӣ ба маълумоти рақамӣ ва мутобиқсозии абзорҳои таҳлилӣ, аудитор метавонад фаъолияти молиявии ташкилотро бидуни таъхир назорат ва арзёбӣ намояд. [1. с.88]

Инчунин, рақамикунонӣ дақиқии таҳлилро зиёд мекунад. Истифодаи технологияҳои бузургмаълумот (Big Data), зеҳни сунъӣ (AI), ва омӯзиши мошинӣ (Machine Learning) ба аудиторон имконият медиҳад, ки намунаҳо ва хатарҳои молиявиро бо дақиқии баланд муайян кунанд.

Бо вуҷуди ин, рақамикунонӣ ҳамзамон бо худ чолишҳои нав меорад, аз ҷумла масъалаи амнияти иттилоот, зарурати доштани донишҳои техникӣ аз ҷониби аудиторон ва мутобиқати қонунгузорӣ ба усулҳои рақамии санҷиш.

Ба таври умум, рақамикунонӣ аудитро ба як соҳаи муосир ва технологикӣ табдил медиҳад, ки дар он таҳлили стратегӣ, шаффофият ва вокуниши фаврӣ нақши асосӣ доранд.

Бо рақамикунонӣ, нақши анъанавии аудитор — ҳамчун санҷандаи муқаррарӣ — ба нақши мушовири стратегӣ табдил меёбад. Аудиторони муосир на танҳо ҳисоботи молиявиро тафтиш мекунанд, балки бо истифода аз таҳлили маълумот маслиҳатҳои арзишманд дар бораи самаранокии фаъолияти ташкилот пешниҳод менамоянд.

Абзорҳои рақамии аудит имкон медиҳанд, ки равандҳои мушкили назорати дохилӣ ба таври автоматикӣ тафтиш карда шаванд. Масалан, технологияҳои RPA (Robotic Process Automation) барои санҷиши миқдори зиёди амалиётҳо бе дахолати инсон истифода мешаванд. Ин боиси баланд шудани дақиқӣ ва суръати санҷиш мегардад.

Илова бар ин, рақамикунонӣ имконият медиҳад, ки аудит дар шакли масофавӣ (дурдаст) анҷом дода шавад. Ин махсусан дар шароити пандемия ва таҳаввулоти ҷаҳонии иқтисодӣ аҳамияти зиёд пайдо кард. Аудиторон метавонанд тавассути платформаҳои онлайнӣ ва захираҳои абрӣ (cloud storage) маълумотҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ намоянд.

Дар шароити рақамикунонӣ, технологияи блокчейн низ ба аудит таъсир расонида истодааст. Бо истифодаи блокчейн, маълумотҳо бо тарзи бехатар ва бетағйир сабт

мешаванд, ки ин шаффофият ва эътимодро зиёд мекунад. Аудиторон метавонанд маълумоти таърихиро бидуни хатари таҳриф дидан ва таҳлил намоянд.

Бо ин ҳама тағйирот, талабот ба маҳоратҳои рақамии аудиторон афзудааст. Мутахассисони ин соҳа бояд на танҳо дониши молиявӣ, балки фаҳмиши чуқур аз системаҳои иттилоотӣ, таҳлили додаҳо ва киберамният дошта бошанд. [2. с.29]

Рақамикунонӣ имкониятҳои васеъ барои такмили равандҳои аудиторӣ фароҳам меорад. Ин тағйирот на танҳо фаъолияти аудиторонро осон мекунад, балки сифати хулосаҳо ва таҳлили молиявиро низ баланд мебардорад. Афзалиятҳои асосии рақамикунонӣ дар соҳаи аудит чунинанд:

1. Суръат ва самаранокии кор - бо истифодаи нармафзорҳо ва абзорҳои рақамӣ, маълумоти молиявӣ метавонад дар муддати хеле кӯтоҳ ҷамъоварӣ ва таҳлил гардад. Он равандҳое, ки қаблан рӯзҳо ва ҳатто ҳафтаҳо вақт мегирифтанд, имрӯз метавонанд дар чанд соат анҷом ёбанд.

2. Дақиқӣ ва кам кардани хатогиҳо - автоматизатсия дар ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот хатогиҳои инсонро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Аудиторон метавонанд ба маълумоти боэътимод ва дақиқ дастрасӣ пайдо кунанд, ки ба сифати умумии хулосаи аудиторӣ таъсири мусбат мерасонад.

3. Шаффофият ва боварӣ - Системаҳои рақамӣ, бахусус бо истифодаи блокчейн ва логҳои рақамии назорат, имкон медиҳанд, ки ҳар як амалиёт сабт ва назорат шавад. Ин шаффофиятро зиёд карда, эътимоди мизоҷон ва ҷонибҳои манфиатдорро афзоиш медиҳад.

4. Аудити вақти воқеӣ (Real-time audit) - Аудиторон метавонанд маълумоти дарҳол дастрасшударо таҳлил кунанд ва дар вақти воқеӣ ба мушкилот ё хатарҳо вокуниш нишон диҳанд. Ин имкон медиҳад, ки масоили эҳтимолӣ пеш аз ба миён омадани хисороти ҷиддӣ ошкор ва ҳал шаванд.

5. Таҳлили маълумоти калон (Big Data Analysis) - рақамикунонӣ аудиторонро бо имконияти таҳлили садҳо ҳазор ё миллионҳо сабтҳои молиявӣ дар як вақт таъмин менамояд. Ин барои таҳлили трендҳо, хатарҳо ва камбудиҳои системавӣ нақши муҳим мебозад.

6. Имконияти аудити масофавӣ – ба туфайли платформаҳои рақамӣ ва системаҳои абрӣ, аудитро метавон аз дур гузаронд. Ин хусусан дар шароити фавқулода, монанди пандемияҳо ё маҳдудиятҳои сафар, хеле муфид аст. [1. с.79]

7. Коҳишёбии хароҷот - бо рақамикунонӣ, эҳтиёҷ ба корҳои дастӣ ва сафарҳои сершумори аудиторон кам мешавад, ки дар натиҷа хароҷоти умумӣ барои аудити ташкилот коҳиш меёбад.

Аудит дар шароити рақамикунонӣ як равандест, ки бо истифода аз технологияҳои муосир ва системаи рақамӣ ба сӯи афзоиши самаранокӣ ва дақиқӣ ҳаракат мекунад. Рақамикунонӣ бо себеъ таҳаввулоти беназир дар соҳаи аудит, ба аудиторон имкон медиҳад, ки ҷараёни таҳлил ва санҷиши молиявиро суръат бахшанд, хатогиҳоро кам кунанд, ва тавонмандии худро барои таҳлил ва арзёбии ҳаҷмҳои калонтарини маълумот (Big Data) зиёд кунанд.

Дурнамои аудит ба таҳаввулот ва равандҳои оянда дар соҳаи аудит ишора мекунад, ки ба таҳаввулоти технологӣ, методологӣ ва ниҳодӣ вобаста аст. Дар шароити ҷаҳони муосир, соҳаи аудит таҳаввулоти назаррасро аз сар мегузаронад. Ин равандҳо таъсир мегузоранд, ки чӣ гуна аудиторҳо дар оянда фаъолият хоҳанд кард ва чӣ гуна онҳоро барои самаранокӣ, дақиқӣ ва шаффофият бештар истифода бурдан мумкин аст.

Аудит дар оянда бештар бо истифодаи технологияҳои муосир, монанди зеҳни сунъӣ (AI), машин лернинг (машинаи омӯзишӣ), ва BlockChain такмил хоҳад ёфт. Ин технологиҳо имкон медиҳанд, ки аудиторҳо бештар маълумотро бо суръат таҳлил кунанд, хатогиҳоро осонтар шенасоии, ва хатарҳоро зудтар шеносо мекунанд. Рақамикунонӣ имконият медиҳад, ки усулҳои аудити автоматикӣ ва системаи мониторинги замони воқеӣ эҷод карда шаванд. [3. с.69]

Мушкилот ва хатарҳо дар аудити замони воқеӣ метавонанд ба зудӣ ошкор шаванд, ки ин барои бозор ва муассисаҳо фоидаовар аст. Ин имкон медиҳад, ки гузариш аз аудитҳои даврaӣ ё мавсимӣ ба аудитҳои мантиқӣ ва ҳаррӯза сурат гирад. Аудитори воқеӣ кӯмак мекунад, ки мушкилот ва эҳтимолияти хатар дар якҷоягӣ бо гурӯҳҳои қароргирӣ ва роҳбарият шенасо шавад, ки дар натиҷа кори муассиса самаранок мегардад.

Дохил шудан ба таҳлилҳои Big Data низ як ҷузъи муҳими дурнамои аудит аст. Миқдори зиёди маълумоти молиявӣ ва ғайримолиявии ташкилотҳо дар натиҷаи рақамикунонӣ ва густариши иттилоот ба вуҷуд меояд. Аудиторон, ки бо ин таҳлилҳо кор мекунанд, бояд қобилиятҳои нави техникӣ ва таҳлилӣ дошта бошанд, то таҳлили дарси амиқ ва идоракунии риски бо таклифҳои самаранокро пешниҳод намоянд.

Бо вусъати истифодаи технологияҳои рақамӣ, амнияти иттилоотӣ ва муҳофизат аз киберхатарҳо ба масъалаи муҳим ва фишорнок табдил меёбад. Аудиторон бояд иқтидор ва муҳитҳои техникии лозимаро барои муҳофизат аз киберхатарҳо ва дуздӣи маълумотҳо дошта бошанд, ки боиси баланд шудани эътимод ва пӯшида нигоҳ доштани маълумоти муҳими молиявӣ мегардад. [4. с.79]

Ба як мувозинати мунтазам ва глобалӣ расидан дар соҳаи аудит муҳим аст. Аудитории рақамӣ ва автоматизатсияшуда бояд бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ бошад, то дар натиҷа эътимод ба таҳлилҳо дар ҳамаи кишварҳо ва муҳитҳо баланд шавад. Ҳамин тавр, ташкилотҳо ба стандартҳои нави аудити рақамӣ ва қонунгузорӣ эҳтиёҷ доранд, ки барои ташкили аудитҳои самаранок ва дақиқ дар оянда кӯмак мекунанд.

Дар оянда, эҳтиёҷ ба кормандони баландихтисос ва мутахассисони навин барои амалӣ кардани талаботҳои технологӣ ва методологии аудит хеле меафзояд. Кадрҳо бояд на танҳо малакаҳои анъанавии аудиториро, балки қобилиятҳои технологӣ ва таҳлили иттилоотиро низ ба даст оранд. Ҳамин тавр, гузариш аз бозомӯзии дастӣ ба омӯзиш ва истифодаи технологии рақамӣ муҳим аст.

Аудит дар оянда ба василаҳои аниматикӣ ва сабтҳои ғайримутобиқ (blockchain) барои раванди шаффоф ва масъулиятпазир хоҳанд гузашт. Ҳар як амал дар раванди аудит хоҳад буд, ки ба корбар ва ташкилотҳо саодатмандӣ ва эътимод зиёдтар хоҳад кард.

**Адабиёт:**


1. Аудит: Учебник 1 ред. М.В. Мельник. – М.: Экономист, 2005.
2. Аудит В.И. Подольский, А.А. Савин, Л. В. Сотникова. 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юнити – Дане 2006..
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”аз 22 июли соли 2013, № 993. – http://mmk.tj.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 749. - http://mmk.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” аз 17 майи соли 2004, № 37. – http://mmk.tj.

6. Кодекси одоби касбии аудиторҳо. Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001, № 69. – http://minfin.tj.
7. Каримов Б.Ҳ. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ. – Душанбе, 2016. – 220 с.
8. Каримов Б.Ҳ. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Душанбе: Ирфон, 2013. – 213 с.

## РАЗВИТИЕ АУДИТОРСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ СТАНОВЛЕНИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

На этапе перехода к цифровой экономике аудиторская деятельность также подверглась серьезному влиянию технолога. Широкое использование цифровых технологий, интеллектуальных систем и облачных платформ не только упрощает процессы аудита, но и выводит качество анализа и контроля на новый уровень.

Аудит как важный инструмент обеспечения финансовой прозрачности и контроля приобретает все большее значение в условиях цифровой экономики. Данная статья посвящена анализу особенностей, возможностей и проблем аудиторской деятельности в контексте цифровой экономики.

Ключевые слова: аудит, цифровизация, экономика, развитие, технология, система, компания, процесс и др.

## DEVELOPMENT OF AUDIT ACTIVITY IN THE ORGANIZATIONAL CONDITIONS OF THE DIGITAL ECONOMY

At the stage of transition to the digital economy, auditing has also been heavily influenced by the technologist. The widespread use of digital technologies, intelligent systems, and cloud platforms not only simplifies audit processes, but also takes the quality of analysis and control to a new level.

Audit as an important tool for ensuring financial transparency and control is becoming increasingly important in the digital economy. This article is devoted to the analysis of the features, opportunities and problems of auditing in the context of the digital economy.

**Keywords:** audit, digitalization, economy, development, technology, system, company, process, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Самиева Мехрангез Бобоевна** –н. и.и, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. Тел.: (+992) 888830120

## БАҲИСОБГИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ.

**Саидҷаъфарзода Мирзо Саидаъфар-** н.и.и., дотсени кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавӣ ДБССТ.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ - пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмуъ омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимову иқтисодӣ мебошад. Оид ба ин масъала “Пешвои миллат дар Паёми навбатиаш ба Маҷлиси Олӣ изҳор доштанд, ки бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022-2026 яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон “Солҳои рушди саноат” эълон карда шавад” [1 с.24,27]

Дар замони муосир вобаста ба талабот ва пешрафти тараққиёт соҳаҳои энергетика, химия ва металлургияи ранга асоси тахассуси истеҳсолоти саноатиро дар Тоҷикистон ташкил менамоянд. Дар Тоҷикистон саноати мошинсозӣ ва металлкоркунӣ аз солҳои собиқ Ҳокимияти Шӯравӣ инкишоф ёфтааст. Ҳоло ин соҳа 758 корхонаи таъмиркунӣ ва мошинсозиро дар худ муттаҳид мекунад. Ҳама ин корхонаҳо бо истеҳсоли маҳсулоти гуногун махсус гардонида шудаанд.

Диаграмаи 1. Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар соли 2024.




Сарчама: таҳияи муалиф.

Аз диаграмаи 1 маълум гардид, ки ба ВМКБ 19 корхона, вилояти Хатлон 42 корхона, вилояти Суғд 91 корхона, ноҳияҳои тобеи марказ 39 корхона ва дар Душанбе 62 корхона ҳамагӣ рост меояд. Ҳамчунин дар соли 2024 шумораи корхонаи саноати ба 251 адад расида буд, ки ин нишондиҳанда натиҷаи хуби соҳаҳои иқтисодӣ ва саноатро дар соли 2023 ва 2024 нишон медод. [2 с.65,66]

Ногуфта намонад, ки дар диаграмаи 2 фисади корхонаҳои саноати ва шумораи онҳо дар вилоятҳои Ҷумҳури мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Диаграмаи 2. Микдор ва фисади корхонаҳои саноати дар соли таҳсилӣ 2024




Сарчашма: таҳияи муалиф дар асоси маводҳои ҷамъ шуда.

Аз диаграмаи 2 маълум карда шуд, ки дар соли 2024 аз шумораи корхонаҳои амалкунанда дар соҳаҳи саноат 251 адад расидааст, ки 7,5% ба ВМКБ, 16,6% ба в. Хатлон, 36% ба в. Суғд, 15,4% н. тобеи марказ ва 24,5% ба ш. Душанбе рост меояд, ки ин ҳам бошад шакли ба истифода додани корхонаҳоро нишон медиҳад, ки бештар он, аз диаграма муаян карда шуд, ки ба в. Сӯғд рост меояд.

Аз раванди фаъолияти корхонаҳое, ки дар вилоятҳо ва н. тобеъи марказ пешниҳод шудааст, чунин бар меояд, ки саноат яке аз соҳаи асосии иқтисодиёти

мамлакат буда, қисми зиёди даромади миллиро дар шароити иқтисодӣ ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки баъди як қатор тадбирҳо дар корхонаҳои ин соҳа аз қисмҳои эҳтиётии мошину тракторҳо сар карда, то таҷҳизот ва дастгоҳҳои мураккаби бофандагӣ, мошинҳои хоҷагии қишлоқ, таҷҳизот барои муассисаҳои хизмати маишию савдо ва ғайра маҳсулот низ истеҳсол менамоянд.

Корхонаҳои саноати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои даромаднок ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти комплексӣ ба шумор рафта, бо техникаю технологияи ҳозирзамон ҷиҳозонида шудааст. Дар ҳайати он бештар аз 90 соҳаҳои гуногун ва намудҳои истеҳсолӣ ҷамъ оварда шудаанд. Ҳангоми гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва хусусӣ гардонидани як қатор корхонаю муассисаҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳои муштарак бо ҳамкорию дастгирии сармоягузорони дохилию хориҷӣ таъсис ёфтанд.

Шумораи умумии корхонаҳо дар диаграмаи 3 пешниҳод карда мешавад.




| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| ҷамъияти саҳҳомӣ | | | | 156 | 13,6 |
| корхонаи ғ.давлатӣ, | | | | 945 | 82,2 |
| корхонаи муштарак | | | | 48 | 4,2 |

Сарчама: таҳияи муалиф.

Шумораи умумии корхонаҳое, ки дар диаграмаи мазкур пешниҳод шудааст 1149 адаро ташкил медиҳад, ки 945 корхонаи ғайридавлатӣ 82,2%, 156 ҷамъияти саҳҳомӣ 13,6% ва 48 корхонаи муштарак 4,2% - ро ташкил медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайд гирифта шудаанд.

Соҳаҳои саноати Тоҷикистон ба хусусиятҳои мақоми нав мутобиқ шуда, дар доираи чорабиниҳои ташкилию техникии илман асоснокшуда, ки самаранокии истеҳсолотро бо устувории занҷири арзиши иловашуда ва баланд бардоштани дараҷаи коркарди маҳсулот аз ашё то ба маҳсулоти тайёр таъмин карда метавонад, фаъолият менамояд.

Мувофиқи хулосаи мутахассисони соҳа, вазъи соҳаи мошинсозӣ дар кишвар ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз солҳои 2000 - ум сар карда, рӯ ба афзоиш ниҳод. Дар ин давра истеҳсоли зиёда аз 20 номгӯйи маҳсулоти нав, ба монанди трактор, мошинолот, профилҳои алюминийи рӯйпӯшшуда, арматураи сохтмонӣ, кунҷакҳои металлӣ, сими металлӣ, трансформаторҳои гуногун, ноқилҳои рӯйпӯшшуда, профилҳо ва зарфҳои пластмассӣ, ду намуд девори пенопролистиролӣ, қуттӣ барои мева ва сабзавот, гранули пластмассӣ, мехҳои сохтмонии андозаашон гуногун, симтӯрҳои металлӣ ва амсоли инҳо ба роҳ монда шудааст. Мутаасифона баъзе аз корхонаҳои мошинсозии Тоҷикистон то ҳол фаъолияти пурра надоранд, ин корхонаҳо барои фаъолият намудан ба соҳибкорон ба иҷора дода шуда, имрӯз ҳамчун анбори маҳсулоти воридотӣ истифода мешаванд ва як қисми онҳо ба соҳибкорон барои ташкили коргоҳҳои хизматрасонӣ супорида шудаанд. Яке аз чунин корхонаҳо собиқ заводи яхдонбарории «Помир» мебошад, ки

соли 1964 ба истифода супорида шуда, иқтидори истеҳсолии солонаи он истеҳсоли 176 ҳазор яхдонро дар бар мегирифт. Корхона аз 7 коргоҳ иборат буда, майдонҳои истеҳсолӣ ва ёрирасони он, дар маҷмӯъ, масоҳати 3,5 гектарро ташкил мекард. Пас аз хусусигардонӣ соҳибмулкони қаблӣ натавонистанд истеҳсолу фурӯши яхдонҳоро ба шароиту талаботи бозорӣ мутобиқ гардонанд. Мисоли дигар, Ҷамъияти саҳҳомии «Корхонаи арматурбарорӣ»-и шаҳри Душанбе мебошад, ки иқтидори лоиҳавии солонаи он коркарди 30 ҳазор тонна чӯян ва латуну алюминийро ташкил медод. Корхона соли 2006 хусусӣ гардонида шуда, аз соли 2007 то соли 2015 дарҳои оҳанӣ ва конструксияҳои металлӣ истеҳсол карда, қисме аз ҷойҳои кориро нигоҳ дошт.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рушди соҳаҳои мазкур аз 1 марти соли 2019 «Барномаи рушди соҳаи металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025» қабул гардид.

Дар Тоҷикистон барои рушди ин соҳаҳо ташкил намудани корхонаҳои саноати кӯҳӣ дар заминаи ашёи хоми маъдани кӯҳӣ ва истеҳсоли металҳои рангаю нодир яке аз соҳаҳои махсусгардонидашудаи хоҷагӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба талаботи маҳсулоти саноат ва муносибатҳои бозорӣ соҳаҳои асосӣ дар ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот мавқеи хосро металлургияи ранга ишғол мекунанд, ки он 49,5 фоизро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо тамоюли болоравӣ дорад. Корхонаҳои «Зарафшон», «Пакрут», «Заринк» бо коҳиши ҳаҷми истеҳсоли тилло, ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ – саноатии Тоҷикистону Хитой» ба хокаи бойгардондашудаи руҳу мис ва корхонаи муштараки «Анзоб» ба хокаи сурма маълум аст. Маълум мегардад, ки бо истифода аз тамоми имконияти мавҷуда дар соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо дар кишвар ба 13,5 миллиард сомонӣ мерасад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа 32,1 фоизи ҳаҷми маҳсулоти умумии корхонаҳои саноатии кишварро ташкил медиҳад. Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки ҳаҷми истеҳсоли тилло - 115 фоиз, хокаи сурб – 144 фоиз, хокаи руҳ - 148 фоиз, хокаи сурма – 100,1 фоиз ва сурмаи металлӣ – 139,3 фоиз зиёд карда шуд. [4 с.45,50]

Бояд гуфт, ки аз дастовардҳои солҳои истиқлол маълум гардид, ки дар соҳаи саноати маъдан 38 корхона фаъолияти худро таи солҳои 2023-2024 бароҳ мондааст, аз ҷумла 23 корхонаи истихроҷу коркард, 8 корхонаи заргарӣ ва 7 корхонаи истихроҷу коркарди сангҳои қимматбаҳо ва ороишӣ таъсис дода шудааст, ки дар диаграмаи навбати пешниҳод карда мешавад.




Сарчашма: таҳияи муалиф дар асоси маводҳои ҷамъ шуда.

Аз таҳлили диаграма муаян карда мешавад, ки бештар корхонаи исхтихроҷу коркар зиётар мебошад, яъне шумори чунин корхона ба 23 адад ва 60,5 фисади корхонаҳи амалкунандаро дар соҳаи саноъти мадан ташкил медиҳад, ки инҳам бошад барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт дар шароити муосир хизматгузор мебошад.

Ҳамин тариқ, барои хуб шудани сатҳи зинадаги ва бар тарафкардани соҳаои камбизоати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода додани корхонаҳои саноати аз манфияти давлату милат сахт вобастаги буда ба ҷойи кори таъмин намудани аҳолиро дар шароити муосир таъмин менамояд ва соҳаҳои ояндадори мамлакат саноати коркарди металлургияи сиёҳ, ранга, мошинсозӣ ва химия мебошанд, ки ба истеҳсоли алюминийи аввалия, коркарди металлҳои сиёҳ ва ранга, истеҳсоли техникаи гуногун, тракторҳо, мошинолоти кишоварзӣ, автобусҳо дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсоливу электротехникӣ, маҳсулоти пластикӣ, маводи таркандаи саноатӣ, истеҳсоли таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётӣ барои хатҳои технологии истеҳсоли маъдан ва семент ба роҳ монда шудааст.

**Адабиётҳо**


**1.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024 шаҳри Душанбе.

**2.** Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 [Матн]. – Душанбе – 2020. – 103 с. Барномаи давлатии мусоидатба содирот ва воридотивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «26» ноябри соли 2016, № 503.- [Матн]. – Душанбе – 2020.

**3.** Барномаи рушди саноати сабук дар ҶТ барои солҳои 2006-2015. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми ноябри соли 2005- № 422 [Матн]. – Душанбе – 2005.

**4.** Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 169 [Матн]. – Душанбе – 2021. [6].Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019. - № 642. [Матн]. – Душанбе. – 2021.


## БАҲИСОБГИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ.


Дар мақолаи мазкур баҳисобгирии корхонаҳои саноатӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ маври баҳрабардори қарор дода шудааст. Муаллиф бештар нақши корҳонаҳои саноатиро дар сатҳи иқтисоди милли ва рӯшди иқтисодӣ мамлакат сармашқи кори худ қарор дода, роҳҳои баланд бардории сатҳи иқтисодӣ мамлакатро бештар дар истифодаи корхонаҳои саноатӣ пешниҳод намудааст. Дар мақола муалиф миқдори корхонаҳои саноати ва ба истифода додани онҳоро дар сатҳи Ҷумҳури маври таҳқиқот қарор дода шуда, сатҳи ба ҷойи кори холи таъмин намудани аҳолӣ, бар тарафнамудани сатҳи камбизоатӣ, роҳҳои баланд бардошатни сатҳи иқтисодиро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон муалиф истеҳсоли корхонаҳои маҳсулоти саноатиро, пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмуъ омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимову иқтисодӣ пешниҳод намудааст.



**Калидвожаҳо:** истифодаи корхонаҳои саноатӣ, ташкили корхонаҳо, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, корхонаҳои маҳсулоти саноатӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, коркарди металлҳои сиёҳ ва ранга.


## БУХГАЛТЕРСКИЙ УЧЕТ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ.


В данной статье рассматривается актуальная тема бухгалтерского учета промышленных предприятий и его роль в развитии национальной экономики. Автор основное внимание уделил роли промышленных предприятий в народном хозяйстве и экономическом развитии страны, предложил пути повышения уровня экономики

страны за счет использования промышленных предприятий. В статье автор определил количество промышленных предприятий и ввод их в эксплуатацию на республиканском уровне, предложил уровень обеспечения населения рабочими местами, преодоления бедности, а также предложил пути повышения уровня экономики. При этом автор представил производство промышленной продукции предприятиями как движущую силу национальной экономики, источник занятости населения, источник доходов государственного бюджета и в целом важнейший фактор решения социально-экономических проблем.

**Ключевые слова:** использование промышленных предприятий, организация предприятий, объем производства, промышленные предприятия, поставщики рабочих мест, переработка черных и цветных металлов.

**ACCOUNTING OF INDUSTRIAL ENTERPRISES AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY.**

This article examines the topical issue of industrial accounting and its role in the development of the national economy. The author focused on the role of industrial enterprises in the national economy and economic development of the country, and proposed ways to improve the level of the country's economy through the use of industrial enterprises.In the article, the author determined the number of industrial enterprises and their commissioning at the national level, proposed the level of providing the population with jobs, overcoming poverty, and also proposed ways to improve the level of the economy. At the same time, the author presented the production of industrial products by enterprises as the driving force of the national economy, a source of employment, a source of income for the state budget and, in general, the most important factor in solving socio-economic problems.

**Key words**: use of industrial enterprises, organization of enterprises, production volume, industrial enterprises, job providers, processing of ferrous and non-ferrous metals.

**Маълумотнома дар бораи муаллиф:** Саидҷаъфарзода Мирзо Саидҷаъфар – н.и.и., дотсентӣ ДБССТ, Иниститути иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе н.Фирдавсӣ, кӯчаи борбад 48/5. +992918293830 E-mail: teshaev86@bk.ru.

## САМАРАНОКИИ РАВАНДҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР БАХШИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ

**Иброҳимзода О.Ю.-н.и.и.,дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар шароити муосири рақобати ҷаҳонӣ ва тағйироти технологӣ соҳибкории инноватсионӣ ба яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ табдил меёбад. Нақши он махсусан дар соҳаи саноат, ки инноватсияҳо на танҳо самаранокии равандҳои истеҳсолӣ, балки инчунин имкони ворид шудан ба бозорҳои нав, ташаккули маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, таъмини истиқлолияти технологӣ ва таҳкими рақобатпазирии миллиро муайян мекунанд, бузург аст.

Мубрамии таҳқиқот аз он иборат аст, ки соҳаи саноат дар бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати гузаштан аз амсилаи экстенсивии рушд, ки пеш аз ҳама ба истифодаи захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ асос ёфтааст, ба амсилаи ба инноватсияҳо нигаронидашудаи рушд рӯ ба рӯ шудааст. Аз ин лиҳоз, маҳз соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун механизми стратегӣ, ки навсозии истеҳсолот, баланд бардоштани

ҷолибияти сармоягузорӣ ва ташаккули экосистемаҳои нави саноатиро таъмин мекунад, баррасӣ мешавад.

Мақсади мақолаи мазкур ошкор намудани моҳият, вазифаҳо ва шаклҳои соҳибкории инноватсионӣ дар саноат, инчунин асоснок кардани аҳамияти он барои рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад. Навгонии илмии таҳқиқот дар ба низом даровардани равишҳои мавҷуда ва мураттабсозии таърифи муаллифии соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун падидаи мураккабе мебошад, ки ҷанбаҳои ташкилӣ, технологӣ ва иҷтимоиро дарбар мегирад. Аҳамияти амалии мақола дар имкони истифодаи натиҷаҳои он дар таҳияи барномаҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноат ва ташаккули стратегияи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Мавзуи соҳибкории инноватсионӣ дар саноат дар адабиёти хориҷӣ ба таври васеъ баррасӣ мешавад, аммо дар адабиёти иқтисодии ватанӣ он камтар инъикос ёфтааст. Аз ҷумла дар асарҳои С.Ҷ. Комилов [6], Е.Ш. Мирзоева [8], М.Қ. Файзулло [11], Б.Ҳ. Каримов [4; 5] паҳлӯҳои гуногуни ин падида ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Вале имрӯз зарурати ба низом даровардан ва васеъ намудани заминаи назариявӣ ва амалии таҳқиқи масъалаҳои марбут ба рушди соҳибкории инноватсионӣ дар саноат ба миён омадааст.

Рушди соҳибкории инноватсионӣ яке аз вазифаҳои асосии сиёсати муосири иқтисодӣ, муайян кардани масирҳои рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва табдили босуръати технологӣ шаклҳои анъанавии фаъолияти соҳибкорӣ тадриҷан ҷойи худро ба амсилаҳои ба инноватсия нигаронидашуда ва ба тавлиди ғояҳои нав, таҳияи технологияҳои пешқадам ва татбиқи равишҳои пешрафтаи ташкилӣ асосёфта медиҳанд.

Барои соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таъмини суботи иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ нақши муҳим мебозад, соҳибкории инноватсионӣ воситаи стратегии навсозии истеҳсолот мебошад. Он ба ташаккули пойгоҳи нави технологии саноат, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, васеъ шудани иқтидори содиротии соҳа, фароҳам овардани шароит барои ба занҷираҳои байналмилалии истеҳсолот дохил шудани мамлакат мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, сарфи назар аз эътирофи аҳамияти баланди худ, соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи саноат ҳамчун падидаи нисбатан нав барои иқтисодиёти миллӣ боқӣ мемонад ва дарки ҳамаҷонибаи илмиро тақозо мекунад. Таҳлили моҳият, вазифаҳо ва шаклҳои соҳибкории инноватсионӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои он ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ ошкор карда шуда, самтҳои рушди институтсионалӣ ва инфрасохтории он, ки барои мутобиқшавии самараноки Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба чолишҳои иқтисодиёти инноватсионии ҷаҳонӣ заруранд, муайян карда шаванд.

Соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун самти махсуси фаъолияти иқтисодӣ дар илм ва амалияи иқтисодии муосир мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Омӯзиши он на танҳо барои дарки қонуниятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, балки барои таҳияи тадбирҳои амалӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати саноатӣ нигаронида шудаанд, махсусан дар шароити мамлакатҳое, ки дар онҳо иқтисоди бозорӣ дар ҳоли рушд аст, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти бунёдӣ дорад, зеро маҳз корхонаҳои инноватсионӣ қодиранд, ки навсозии саноат, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва ҳамгироӣ ба фазои иқтисодии ҷаҳониро таъмин кунанд.

Дар шароити муосир иқтисодиёти ҷаҳонӣ дигаргуниҳои амиқи сохториро аз сар мегузаронад, ки бо гузариш аз амсилаи ба захираҳо нигаронидашуда ба амсилаи ба инноватсияҳо ва донишҳо асосёфта алоқаманд аст. Агар пештар омилҳои муайянкунандаи рушд ҳаҷми сарватҳои табиӣ ва миқёси истеҳсолоти моддӣ ба ҳисоб мерафтанд, имрӯз сарватҳои ғайримоддӣ – дониш, сармояи инсонӣ, техника ва қобилияти истифодаи самараноки онҳо ба мадди аввал мебароянд. Ин дигаргунӣ нақши соҳибкориро ба куллӣ тағйир дода, онро механизми асосии ҷорӣ ва паҳн кардани инноватсияҳо дар иқтисодиёт мегардонад. Чунон ки дар адабиёти илмӣ дуруст қайд шудааст, «даврае, ки дар он мақоми сарвариро шахсе дошт, ки дорои захираҳои зиёди табиӣ буд, ба охир мерасад. Акнун дониш, инноватсияҳо, рушди технологӣ ва муҳимтар аз ҳама, инсон ва қобилияти он барои дарк кардан ва самаранок истифода бурдани ғояҳо ва технологияҳои нав шароити фаъолияти муваффақи иқтисодиёт хоҳанд буд» [10, с. 168].

Худи истилоҳи «соҳибкории инноватсионӣ» дар натиҷаи синтези ду мафҳуми асосии иқтисодӣ: «соҳибкорӣ» ва «инноватсия» ташаккул ёфтааст. Мафҳуми «соҳибкор»-ро бори нахуст дар асри XVIII иқтисодшиноси фаронсавӣ Р. Кантилон ба муомилоти илмӣ ворид карда буд, ки соҳибкорро субъекти таваккалкунанда дар шароити номуайянӣ медонист. Баъдтар, Ж.-Б. Сэй ва А. Маршалл соҳибкориро бо ташкили истеҳсолот ва тақсимоти захираҳо алоқаманд карда, таҳқиқ намудаанд.

Минбаъд, рушди ақидаҳои назариявӣ оид ба соҳибкорӣ дар баробари васеъ шудани вазифаҳои он дар иқтисодиёт ба амал омад. Ҳамин тавр, намояндагони мактаби классикии афкори иқтисодӣ ба нақши соҳибкор ҳамчун ҳамоҳангсози омилҳои истеҳсолӣ, ки барои беҳтар бо ҳам пайвастани меҳнат, сармоя ва замин имкон дорад, таваҷҷуҳ мекарданд. Дар доираи парадигмаи неоклассикӣ акнун соҳибкор на танҳо ҳамчун ташкилотчӣ, балки ҳамчун барандаи ташаббуси иқтисодӣ, қабулкунандаи қарорҳо дар шароити тағйирёбандаи бозор баррасӣ карда мешуд. Ба ақидаи П. Друкер,

«соҳибкорӣ амалияи муназзами ҷустуҷӯйи дигаргуниҳо ва истифодаи онҳо ҳамчун имконият барои инноватсияҳо мебошад» [3, с. 29]. Ин тафсир фаъолияти соҳибкориро аз доираи тиҷорати муқаррарӣ берун мебарорад ва хусусияти дигаргунсозии онро таъкид мекунад.

Намояндагони мактаби таърихии олмонӣ дар дарки назариявии соҳибкорӣ саҳми махсус гузошта, ҷанбаҳои фарҳангӣ ва институтсионалии фаъолияти соҳибкориро таъкид кардаанд. Ба андешаи онҳо, соҳибкор на танҳо миёнарави иқтисодӣ, балки як навовари иҷтимоӣ буд, ки арзишҳо ва амсилаҳои нави рафтори иқтисодиро ташаккул медод. Ҳамин тавр, тадриҷан дар илми иқтисодӣ дарки соҳибкор на танҳо ҳамчун молик ё идоракунанда, балки ҳамчун барандаи ақида ва тағйироти навоварона низ ташаккул ёфт.

Дигаргунии назаррас дар тафсири моҳияти соҳибкорӣ бо унвони Ҷ. Шумпетер алоқаманд аст. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда истилоҳи «инноватсия»-ро ҳамчун мафҳуми калидии ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд ба доираи муомилоти илмӣ ворид намудааст. Соҳибкор дар мафҳуми худ ҳамчун миёнарави «вайронкунии созанда», яъне субъекте баромад мекунад, ки маҷмуи нави захираҳо, технологияҳо ва қарорҳои ташкилиро ҷорӣ мекунад, сохторҳои муқарраршудаи бозорро вайрон мекунад ва сохторҳои навро таъсис медиҳад. Ба шарофати ин фаъолияти соҳибкорӣ муҳтавои инноватсионӣ пайдо карда, худи истилоҳи «соҳибкории инноватсионӣ» ба объекти мустақили таҳлили назариявӣ ва амалӣ табдил меёбад. Вобаста ба ин, Ҷ. Шумпетер дар асари худ навиштааст: «Моҳияти соҳибкорӣ дар татбиқи омезишҳои нав ва ворид намудани мол ё хизматрасониҳои нав ба бозор, эҷоди усулҳои нави истеҳсолот, азхудкунии бозорҳои нав ифода меёбад» [15, с. 67]. Ин истилоҳ барои муайян кардани соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун мафҳуми махсус, ки бо раванди «вайронкунии созанда» зич алоқаманд аст, асос гардид.

Дар адабиёти иқтисодии даҳсолаҳои охир соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун як шакли махсуси фаъолияти иқтисодӣ, ки бевосита ба тавлид ва тиҷоратикунонии донишҳои нав алоқаманд аст, баррасӣ мешавад. Муҳаққиқони муосир на танҳо ба ҷанбаҳои технологии инноватсияҳо, балки ба натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо, таъсир ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва рушди устувори ҷомеа низ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Гузашта аз ин, «вақтҳои охир таҳияи маҳсулот, технология ва таҷҳизот дар асоси донишҳои нав ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо на танҳо ба рушди истеҳсолоти илмталаб ва пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, балки нақш ва мавқеи онро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян ва амнияти миллиро таъмин мекунанд» [2, с. 24].

Дар байни олимони хориҷӣ ба ин масъалаҳо К. Фриман – асосгузори пажӯҳиши низомҳои инноватсионии миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Ӯ қайд кардааст, ки «соҳибкории инноватсионӣ амали ҷудогона нест, балки як қисми шабакаи мураккаби ҳамкории байни фирмаҳо, донишгоҳҳо, давлат ва дигар муассисаҳо мебошад» [14, с. 9]. Ин равиш зарурати муҳити институтсионалӣ ва ҳамкорӣ барои фаъолияти самараноки соҳибкории инноватсиониро инъикос мекунад.

Дар адабиёти илмии ватанӣ таърихи пажӯҳиши масъалаҳои марбут ба соҳибкории инноватсионӣ нисбатан нав буда, бо равандҳои тағйирот дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият ва гузаштан ба механизмҳои бозории танзим, инчунин зарурати мутобиқ шудан ба чолишҳои ҷаҳони муосир алоқаманд мебошад. Бо вуҷуди ин, дар даҳсолаҳои охир як қатор корҳои назарраси илмӣ арзи ҳастӣ намудаанд, ки ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ҳам амалии ин самти пажӯҳишро таҳлил мекунанд. Тавре муаллифон С.Ҷ. Комилов ва Х.Б. Раҳматзода таъкид мекунанд, «раванди ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ ва гузаштан ба намуди инноватсионии рушд бо истифодаи бартаридоштаи натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ дар асоси фаъолсозии соҳибкории инноватсионӣ, ба вуҷуд овардани нерӯи стратегии инноватсионӣ алоқаманд аст, ки он як ангезаи тавонои рушди иқтисодиёт мегардад» [6, с. 8].

Масъалаҳои рушди инфрасохтори инноватсиониро баррасӣ намуда, Е.Ш. Мирзоева қайд мекунад, ки «дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ватанӣ дар ташкили соҳибкории инноватсионӣ инфрасохтори инноватсионӣ нақши асосиро мебозад. Дар бисёр мамлакатҳо локомотиви рушди иқтисодӣ инфрасохтори инноватсионии соҳибкории инноватсионӣ мебошад, ки барои сармоягузорон шароит фароҳам меорад, хавфҳои онҳоро коҳиш медиҳад, хизматрасонии машваратӣ мерасонад ва воридшавии сармоягузориро осон мекунад» [8, с. 103]. Равиши муаллиф имкон медиҳад, ки робитаи байни сифати муҳити институтсионалӣ, инфрасохтор ва қобилияти сохторҳои соҳибкорӣ дар дарк ва татбиқи инноватсияҳо муайян карда шавад.

Ба ҳамин монанд ақидаро С.С. Амонов баён намуда, иддао дорад, ки «имруз соҳибкорӣ омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар гардида, барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ, махсусан саноатикунонии босуръати кишвар яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравад» [1, с. 386]. Ин мавқеъ робитаи байни соҳибкории инноватсионӣ ва равандҳои саноатикунониро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, пажӯҳишгарони тоҷик соҳибкории инноватсиониро муҳимтарин василаи навсозии саноат, рушди инфрасохтор, саноатикунонӣ ва афзоиши устувории иҷтимоӣ медонанд. Дар ҷадвали 1 нигоҳи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нисбат ба муайян кардани мафҳум ва моҳияти соҳибкории инноватсионӣ ҷамъбаст карда шудааст.

**Ҷадвали 1. Равишҳои пажӯҳишгарони тоҷик ва хориҷӣ дар муайян кардани моҳияти соҳибкории инноватсионӣ**

**Table 1. Approaches of Tajik and foreign researchers to defining the essence of innovative entrepreneurship**

| Муаллиф / Сарчашма | Таъриф / Тафсири мафҳуми соҳибкории инноватсионӣ | Тамаркуз, ғояи асосӣ |
|---|---|---|
| П. Друкер [3, с. 19] | Соҳибкории инноватсионӣ – воситаи махсуси соҳибкорӣ, ки тавассути он соҳибкорон дигаргуниҳоро ҳамчун имконият истифода мебаранд. | Дурнамои идоракунӣ ва амалӣ. |
| С.Ҷ. Комилов, Х.Б. Раҳматзода [6, с. 9] | Раванди таҳия ва истифодаи ҳама гуна навоварӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ, таҳия ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ё дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо мебошад. | Тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо. |
| Т.А. Корсун [7, с. 84] | Соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ, техникӣ ва иқтисодӣ маънидод карда мешавад, ки ба истеҳсол ва ба бозор ворид кардани маҳсулоти сифатан нав, технологияҳо ва қарорҳои ташкилӣ нигаронида шудааст. | Истеҳсол ва ба бозор ворид кардани маҳсулоти сифатан нав. |
| М.В. Палкина [9, с. 89] | Соҳибкории инноватсионӣ фаъолияти мустақилест, ки бо сатҳи муайяни хавф алоқаманд буда, аз ҷониби шахсони ба қайд гирифташуда амалӣ карда мешавад ва ба мунтазам ба даст овардани фоида аз фурӯши навоварӣ дар бозор нигаронида шудааст. | Тамаркуз ба қонунигардонии фаъолият ва гирифтани фоида аз фурӯши инноватсияҳо. |
| М.Қ. Файзулло [11, с. 253] | Соҳибкории инноватсионӣ ба навоварӣ дар сифати истеҳсоли маҳсулот ё пешниҳоди хизматрасониҳо асос ёфтааст, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои аҳолӣ бозори нави истеъмолиро ба вуҷуд меорад. | Ба вуҷуд овардани бозори нави истеъмолӣ. |
| К. Фриман [14, с. 68] | Соҳибкории инноватсионӣ ин бахши низоми миллии инноватсионӣ мебошад, ки аз ҳамкории ниҳодҳо вобаста аст. | Ҳамкории шабакавӣ ва муҳити институтсионалӣ. |
| П.Д. Хоҷаев [12, с. 73] | Фаъолиятест, ки ба эҷод, инкишоф, ҷорӣ намудани навоварӣ, аз ҷумла ва шояд асосан берун аз ҳудуди худи корхона дар соҳаи тиҷорати инноватсионӣ нигаронида шудааст. | Ҷорӣ намудани навоварӣ, аз ҷумла берун аз ҳудуди корхона. |
| Ҷ. Шумпетер [15, с. 149] | Моҳияти соҳибкорӣ дар татбиқи омезишҳои нав ва ворид намудани мол ё хизматрасониҳои нав ба бозор, эҷоди усулҳои нави истеҳсолот, азхудкунии бозорҳои нав ифода меёбад. | Инноватсия ҳамчун моҳияти соҳибкорӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили муқоисавии тафсирҳои соҳибкории инноватсионӣ дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ имкон медиҳад, ки ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам тафовути ҷиддӣ дар равишҳои муҳаққиқон муайян карда шавад.

Олимони хориҷӣ (П. Друкер, Т.А. Корсун, М.В. Палкина, К. Фриман, Ҷ. Шумпетер) ба таври анъанавӣ ба асосҳои назариявӣ ва намунаҳои умумии соҳибкории инноватсионӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ба онҳо фаҳмиши соҳибкор ҳамчун навовар, табдилдиҳандаи омилҳои истеҳсолӣ ва эҷодкунандаи имкониятҳои нави бозор хос аст.

Муҳаққиқони тоҷик (С.Ҷ. Комилов, М.Қ. Файзулло, П.Д. Хоҷаев) асосан ба ҷанбаҳои амалӣ – дастгирии институтсионалӣ ва инфрасохтории соҳибкорӣ, нақши соҳибкории инноватсионӣ дар навсозии истеҳсолоти саноатӣ ва таъмини саноатикунонӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Дар корҳои муҳаққиқони ватанӣ ба нақши давлат диққати махсус дода мешавад, зеро маҳз сиёсати инноватсионии давлатӣ механизми асосии ташаккули низоми миллии инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Тафовути назарраси равишҳои муаллифони тоҷик ҳамчунин дар таъкид ба таъсири иҷтимоию иқтисодии соҳибкории инноватсионӣ, аз қабили афзоиши шуғл ва таъмини суботи иҷтимоӣ ифода меёбад. Дар ҳоле ки консепсияҳои хориҷӣ аксаран ба қонуниятҳои ҷаҳонӣ тамаркуз мекунанд, таҳқиқоти миллӣ бештар ба мутобиқсозии соҳибкории инноватсионӣ ба шароити иқтисодиёти рӯ ба рушд ва маҳдудияти пойгоҳи захиравӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Ҳамин тавр, тафсирҳои муаллифони ватанӣ ба назарияҳои ҷаҳонӣ мухолиф нестанд, балки онҳоро дар самти мутобиқшавии амалӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишоф медиҳанд. Онҳо унсурҳои консепсияҳои классикии соҳибкории инноватсионро бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои миллӣ, аз ҷумла зарурати дастгирии институтсионалӣ, навсозии саноат ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ муттаҳид мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки афкори илмии тоҷикро ҳамчун як ҷузъи мубоҳисаи ҷаҳонӣ баррасӣ кунем, вале он дорои афзалиятҳои ба худ хос аст, ки онҳоро ҳангоми таҳияи сиёсати миллии инноватсионӣ ба назар гирифтан муҳим аст.

Равишҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватаниро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки аксари таърифҳои баррасишуда ё ба муҳтавои технологии инноватсияҳо (Т.А. Корсун, К. Фриман, Ҷ. Шумпетер), ё ба ҷанбаҳои идоракунӣ ва бозории татбиқи онҳо (П. Друкер, М.В. Палкина) тамаркуз мекунанд. Аммо барои мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозории рӯ ба рушд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, дарки бештари ин падида зарур аст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҳамоҳангии илм, соҳибкорӣ ва давлат ва мутобиқсозии инноватсияҳои ҷаҳонӣ ба шароити маҳаллӣ махсусан муҳим аст. Вобаста ба ин таърифи зеринро пешниҳод кардан бамаврид аст: соҳибкории инноватсионӣ –

фаъолияти мақсадноки иқтисодӣ мебошад, ки ба бунёдсозӣ, татбиқ ва тиҷоратикунонии донишҳо, технологияҳои нав ва қарорҳои ташкилӣ асос ёфта, ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи саноат ва ташаккули рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудааст. Хусусияти он дар ҳамгироии натиҷаҳои илмӣ бо равандҳои истеҳсолӣ, мутобиқ намудани инноватсияҳои ҷаҳонӣ ба шароити миллӣ ва ҳамкории фаъоли давлат, соҳибкорӣ ва ҷомеа ифода меёбад. Чунин таъриф имкон медиҳад, ки моҳияти соҳибкории инноватсионӣ дар робита бо вазифаҳои рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, он бо афзалиятҳои стратегии миллӣ ҳамбаста карда шавад.

Қайд кардан муҳим аст, ки соҳибкории инноватсионӣ аз шаклҳои анъанавии тиҷорат ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ҳоле ки соҳибкории анъанавӣ одатан ба истифодаи технологияҳои мавҷуда ва амсилаҳои ташкилӣ барои ба даст овардани фоида нигаронида шудааст, соҳибкории инноватсионӣ таҳия ва татбиқи технологияҳои навро дар назар дорад. Чунин равиш бо дараҷаи баланди номуайянӣ ва хавф алоқаманд буда, ҳамзамон даромади имконпазири бештар дорад, ки дар бартариҳои рақобатпазирии дарозмуддат ва таъсиси бозорҳои нав ифода меёбад.

Гузашта аз ин, соҳибкории инноватсионӣ танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти нав маҳдуд намешавад. Он метавонад дар усулҳои куллан нави идоракунӣ, дар эҷоди амсилаҳои аслии тиҷорат, татбиқи технологияҳои рақамӣ, инчунин дар ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолот ифода ёбад.

Дар адабиёти иқтисодии муосир соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун яке аз барандагони асосии пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мешавад, ки устуворӣ ва пӯёи дарозмуддати рушди низомҳои миллии хоҷагидориро таъмин мекунад. Дар ин маврид, нақши соҳибкории инноватсионӣ бо доираи истеҳсолот ё фоидаи тиҷоратӣ маҳдуд намешавад, балки он дорои хосияти васеътар – институтсионалӣ, иҷтимоӣ ва стратегӣ мебошад. Бинобар ин, таҳқиқи вазифаҳои соҳибкории инноватсионӣ муҳим мебошад.

Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки вазифаҳои соҳибкории инноватсионӣ дар сатҳҳои гуногун – аз афзоиши арзиши изофашуда ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти саноатӣ то ташаккули фарҳанги инноватсионӣ ва таъмини рақобатпазирии миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ зоҳир мешаванд. Тафаккури илмии тоҷик низ гуногунрангии ин падидаро тасдиқ мекунад [6].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи навсозии технологӣ ва табдили равандҳои иқтисодӣ қарор дорад, омӯзиши вазифаҳои соҳибкории инноватсионӣ аҳамияти хоса дорад. Ба низом даровардани онҳо барои ошкор намудани самтҳое, ки

дар онҳо соҳибкории иноватсионӣ метавонад воситаи ҳалли мушкилоти сохторӣ ва институтсионалии соҳаи саноати миилӣ гардад, имкон медиҳад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. – Вазифаҳои асосии соҳибкории инноватсионӣ**

**Table 2. – Main functions of innovative entrepreneurship**

| **Сатҳ** | **Вазифа** | **Зуҳуроти мушаххас** | **Аҳамият барои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистн** |
|---|---|---|---|
| Иқтисодӣ | Афзоиши арзиши изофашуда | Бунёди молҳои нав ва бозорҳои нав. | Баланд шудани сатҳи содирот, рушди соҳаҳои саноати коркард. |
| | Баланд бардоштани самаранокӣ | Автоматикунонӣ, рақамикунонӣ, сарфаи захираҳо. | Паст шудани арзиши аслии маҳсулоти саноатӣ ва энергияталабии истеҳсолот. |
| | Ҳавасмандсозии рақобат | Рақобати байни стартапҳо ва корхонаҳои анъанавӣ. | Беҳтар шудани сифати маҳсулот, афзоиши кластерҳои инноватсионӣ. |
| Иҷтимоӣ | Ташаккули фарҳанги инноватсионӣ | Омодасозии кормандон, барномаҳои таҳсилотӣ. | Тарбияи насли ба инноватсия нигаронидашуда. |
| | Таъсиси ҷойҳои корӣ | Таъмини шуғл дар соҳаҳои доништалаб. | Кам шудани бекорӣ, махсусан дар байни ҷавонон. |
| | Баланд шудани сифати ҳаёт. | Истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои муосир. | Афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои рақамӣ. |
| Институтсионалӣ | Рушди экосистема | Ташаккули технопаркҳо, инкубаторҳо, фондҳои венчурӣ. | Таҳкими инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ. |
| | Ҳамкории «илм–тиҷорат–давлат» | Интиқоли технологияҳо, лоиҳаҳои муштарак. | Мутобик кардани таҳқиқот ба ниёзҳои саноат. |
| | Ташаккули ниҳодҳои нав | Танзими ҳуқуқии инноватсияҳо низомҳои иттилоотӣ. | Бунёди муҳити шаффофӣ соҳибкорӣ. |
| Стратегию давлатӣ | Таҳкими рақобатпазирӣ | Рушди соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда. | Коҳиши вобастагӣ аз содироти ашёи хом. |
| | Мустақилияти технологӣ | Ивазкунии воридот, маҳалликунонии истеҳсолот. | Таҳкими амнияти миллӣ. |
| | Татбиқи стратегияҳо | Барномаҳои миллии рақамикунонӣ ва саноатикунонӣ. | Таҷдиди дарозмуддати иқтисодиёт. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Қайд кардан муҳим аст, ки вазифаҳои номбаршуда бо ҳам зич алоқамананд ва як низоми ягонаро ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои иқтисодии соҳибкории инноватсиониро бидуни ташаккули заминаи муносиби иҷтимоӣ – кормандони ба инноватсия нигаронидашуда ва ҷомеае, ки ба қабули технологияҳои нав омода аст, ба даст овардан мумкин нест. Тағйироти иҷтимоӣ, дар навбати худ, дастгирии институтсионалиро, ки дар ташкили инфрасохтори инноватсионӣ ва шароити меъёрию ҳуқуқӣ ифода меёбад, тақозо мекунад. Ҳамаи ин дар сатҳи давлатӣ ҳамгиро карда мешавад, ки дар он ҷо соҳибкории инноватсионӣ ба воситаи татбиқи стратегияи рушди миллӣ ва таҳкими рақобатпазирии мамлакат табдил меёбад.

Вазифаҳои соҳибкории инноватсионӣ тавассути шаклҳои мушаххаси ташкилӣ, ки табдил додани ғояҳои навро ба натиҷаҳои иқтисодӣ таъмин мекунанд, зоҳир мешаванд. Гуногунии шаклҳои соҳибкории инноватсионӣ ҳам бо сатҳи рушди иқтисодии мамлакат ва ҳам бо хусусиятҳои муҳити институтсионалии он, таъмини инфрасохтор ва афзалиятҳои стратегӣ муайян карда мешавад. Дар амалияи ҷаҳонӣ доираи васеи шаклҳо – аз стартапҳои алоҳида то иттиҳодияҳои бузурги корпоративӣ ва кластерҳои инноватсионӣ, ки ҳар кадоми онҳо дар ҳавасмандгардонии пешрафти технологӣ нақши худро мебозанд, истифода мешаванд. Шаклҳои муҳимтарини соҳибкории инноватсионӣ ва хусусиятҳои онҳоро дар шароити рушди саноат дида мебароем (расми 1).

**Расми 1. Шаклҳои соҳибкории инноватсионӣ ва хусусиятҳои онҳо**

**Figure 1. Forms of innovative entrepreneurship and their characteristics**



**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Стартапҳо ва корхонаҳои хурди инноватсионӣ унсури асосии экосистемаи инноватсионӣ мебошанд. Онҳо бо чандирии баланд, қобилияти зуд мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда ва тавлиди ғояҳои нав фарқ мекунанд. Стартапҳо аксар вақт дар эҷоди маҳсулот ё технологияҳои зуд дар бозор мавқеъгиранда тахассус доранд, ки пас аз он метавонанд васеъ гардида, ба равандҳои бузурги истеҳсолӣ ворид карда шаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди корхонаҳои хурди инноватсионӣ махсусан барои чунин соҳаҳои саноат ба мисли саноати хӯрокворӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати сабук ва бахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муҳим аст. Барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкории хурд ва миёна барои густариши фаъолияти инноватсионӣ дар ин соҳаҳо замина фароҳам меоранд.

Соҳибкории дохиликорхонавӣ ҷорӣ намудани фаъолияти инноватсиониро дар дохили корхонаҳои амалкунанда дар назар дорад. Кормандон «соҳибкорони дохилӣ» мешаванд, ки дар сохтори корпоративӣ ғояҳои нав пешниҳод мекунанд ва лоиҳаҳоро таҳия мекунанд. Ин амсила махсусан барои корхонаҳои калони саноатӣ, ки дар онҳо захираҳо барои маблағгузории инноватсияҳо мавҷуданд, самаранок аст, вале доимо ҳавасманд гардондани ташаббуси эҷодии кормандон зарур аст. Барои корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (масалан, дар саноати алюминий, энергетика) рушди соҳибкорӣ метавонад ба навсозии технологияҳо ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат намояд.

Соҳибкории венчурӣ бо дараҷаи баланди хавф алоқаманд буда, маблағгузории ғояҳои инноватсиониро дар марҳилаҳои аввали татбиқи онҳо дар назар дорад. Дар ин маврид унсури асосӣ фондҳои венчурӣ мебошанд, ки сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои ояндадорро таъмин мекунанд. Спин-оффҳо – корхонаҳои наве, ки дар натиҷаи тиҷоратикунонии таҳқиқоти илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва институтҳои илмию таҳқиқотӣ ба вуҷуд меоянд, мақоми махсусро ишғол мекунанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси бахшҳои ҷудогона дар донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ метавонад як воситаи муассири интиқоли технология ба саноат гардад.

Шаклҳои шабакавӣ ва кластерӣ (технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо, кластерҳои саноатӣ)-и соҳибкории инноватсионӣ ба ҳамкории иштирокчиёни зиёд – аз донишгоҳҳо ва ташкилотҳои илмӣ то корхонаҳои саноатӣ ва мақомоти давлатӣ асос ёфтааст. Технопаркҳо стартапҳо ва корхонаҳои хурди инноватсиониро бо инфрасохтор таъмин намуда, инчунин дастгирии машваратӣ мерасонанд. Бизнес-инкубаторҳо ба соҳибкорон дар гузаштан аз марҳилаҳои аввалии рушд, пешниҳоди офисҳо, машваратҳо ва дастрасӣ

ба маблағгузорӣ мадад мерасонанд. Кластерҳои саноатӣ корхонаҳои як соҳаро муттаҳид намуда, тавассути истифодаи муштараки захираҳо ва табодули дониш самараи синергетикӣ (ҳамгирой) эҷод мекунанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули кластерҳои саноатӣ дар соҳаҳои нассоҷӣ, энергетика ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ аҳамияти хоса дорад, ки рақобатпазирии маҳсулоти миллиро боло мебарад.

Иттиҳодияҳои корпоративии инноватсионӣ омезиши корхонаҳои бузург, марказҳои илмию таҳқиқотӣ ва сохторҳои давлатӣ мебошанд, ки ба таҳия ва татбиқи муштараки технологияҳои нав нигаронида шудаанд. Дар чунин иттиҳодияҳо захираҳои молиявӣ ва зеҳнӣ муттаҳид мегарданд ва онҳо имкон медиҳанд, ки лоиҳаҳои бузург – аз истеҳсоли маводи нав то рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ амалӣ карда шаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили иттиҳодияҳои инноватсионӣ дар бахши энергетика ва саноати кӯҳӣ ояндадор аст, ки дар онҳо инноватсияҳо метавонанд истиқлолияти технологӣ ва афзоиши иқтидори содиротиро таъмин намоянд.

Соҳибкории инноватсионии рақамӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт боиси ташаккули самти махсуси соҳибкории инноватсионӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инқилоби чоруми саноатӣ (Industry 4.0) – зеҳни сунъӣ, маълумоти калон, блокчейн, хизматрасониҳои абрӣ, интернети ашё гардид. Он барои саноат имкониятҳои нав мекушояд, аз қабили: мониторинг ва идоракунии фосилавии равандҳои истеҳсолӣ, эҷоди дугоникҳои рақамӣ, татбиқи амсилаҳои тиҷоратии платформавӣ. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон шудааст, соҳибкории рақамӣ ба як авлавияти стратегӣ табдил мeёбад, ки қодир аст соҳаи саноатро ба сатҳи нави рақобатпазирӣ барорад.

Ҳамин тариқ, аҳамияти соҳибкории инноватсионӣ барои рушди устувори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун омили рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва навсозии сохторӣ баромад мекунад. Соҳибкории инноватсионӣ барои навсозии технологии истеҳсолоти саноатӣ ва ворид шудан ба бахшҳои нави бозори ҷаҳонӣ шароит фароҳам меорад. Дар шароити маҳдуди захираҳои табиӣ ва афзоиши рақобати байналмилалӣ маҳз соҳибкории инноватсионӣ ба саноати мамлакат устуворӣ, мутобиқшавандагӣ ва рақобатпазирии стратегиро таъмин намуда, онро ба як рукни бунёдии иқтисоди миллӣ дар асри XXI табдил медиҳад.

**АДАБИЁТ**

1. Амонов, С.С. Соҳибкорӣ омили муҳими рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.С. Амонов // Endless Light in Science. Economic sciences – 2025. – С. 385–391

2. Довгялло, Я.П., Каримова, М.Т., Назаров, Д.Т. Исследование вопросов инновационного развития экономики Республики Таджикистан / Я.П. Довгялло, М.Т.

Каримова, Д.Т. Назаров и др. – Душанбе: Институт экономики и демографии НАНТ, 2024. – 629 с.
3. Друкер, П.Ф. Инновации и предпринимательство / П.Ф. Друкер. – М.: Вильямс, 2007. – 432 с.
4. Каримов, Б.Ҳ., Ғуломов, З.Т. Рушди назорати дохилӣ чун воситаҳои баландбардории самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои аудиторӣ / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 3(32). – С. 71-76
5. Каримов, Б.Х., Каримиён, М.Б. Формирование системы бухгалтерского учета и организация бухгалтерской работы в экономических субъектах / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2024. - № 3 (53). – С. 150-156
6. Комилов, С.Дж., Рахматзода, Х.Б. Проблемы становления инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан / С.Дж. Комилов, Х.Б. Рахматзода // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 2(26). – С. 7-13
7. Корсун, Т.А., Бадмаева, С.Ю. Инновационное предпринимательство: сущность и особенности / Т.А. Корсун, С.Ю. Бадмаева // Вестник Забайкальского государственного университета. – 2022. – № 2 (8). – С. 84–91
8. Мирзоева, Е.Ш. Проблемы формирования инновационной инфраструктуры для инновационного предпринимательства в современных условиях Республики Таджикистан / Е.Ш. Мирзоева // Финансово-экономический вестник. – 2022. – № 3(32). – С. 102-109
9. Палкина, М.В., Палкин, А.Ю. Инновационное предпринимательство: понятие, сущность и специфика / М.В. Палкина, А.Ю. Палкин // Вестник ВСГУТУ. – 2016. – № 1 (58). – С. 89–96
10. Пьянова, Н.В., Алекса, Е.А., Попова, А.И., Лыгина, Н.И. Инновационная экономика России: барьеры и перспективы / Н.В. Пьянова, Е.А. Алекса, А.И. Попова, Н.И. Лыгина // Регион: системы, экономика, управление. – 2020. – № 1(48). – С. 167-171
11. Файзулло, М.К., Дӯстматов, Б.М. Оид ба масъалаи мазмун ва принсипҳои рушди соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Файзулло, Б.М. Дӯстматов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3(37). – С. 251-253
12. Хоҷаев, П.Д., Ҳоҷиев, А.С. Асосҳои назариявии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосир / П.Д. Хоҷаев, А.С. Ҳоҷиев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – 2024. – № 4(71). – С. 66-74
13. Drucker, P. Innovation and Entrepreneurship: Practice and Principles / P. Drucker. – New York: Harper & Row, 1985. – 277 p.

14. Freeman, C. The Economics of Industrial Innovation / C. Freeman. – 3rd ed. – Cambridge, MA: MIT Press, 1982. – 342 p.
15. Schumpeter, J.A. The Theory of Economic Development: An Inquiry into Profits, Capital, Credit, Interest, and the Business Cycle / J.A. Schumpeter. – Cambridge, MA: Harvard University Press, 1934. – 255 p.

## САМАРАНОКИИ РАВАНДҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР БАХШИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ

Дар мақола асосҳои назариявии соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун омили асосии рушди устувори саноат баррасӣ шудааст. Асоснок карда мешавад, ки моҳияти соҳибкории инноватсионӣ дар ҳамгироии ташаббуси соҳибкорӣ, қобилияти кор бо таваккал ва татбиқи инноватсияҳо дар истеҳсолот ифода меёбад. Вазифаҳои асосии соҳибкории инноватсионӣ – иқтисодӣ (афзоиши арзиши иловашуда, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ҳавасмандгардонии рақобат), иҷтимоӣ (ташаккули фарҳанги инноватсионӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, беҳтар намудани сифати зиндагӣ), институтсионалӣ (рушди экосистема ва ҳамкории илм, соҳибкорӣ ва давлат) ва давлатию стратегӣ (таҳкими рақобатпазирии миллӣ, таъмини истиқлолияти технологӣ) таҳлил карда мешаванд.

Шаклҳои гуногуни соҳибкории инноватсионӣ, аз ҷумла корхонаҳои хурди инноватсионӣ ва стартапҳо, соҳибкории дохиликорхонавӣ, лоиҳаҳои венчурӣ ва спин-оффҳо, амсилаҳои шабакавӣ ва кластерӣ (паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, кластерҳои саноатӣ), иттиҳодияҳои инноватсионии корпоративӣ ва шаклҳои рақамӣ, ки бо имкониятҳои технологии инқилоби чоруми саноатӣ (Industry 4.0) алоқаманданд, ошкор карда мешаванд. Ба аҳамияти соҳибкории инноватсионӣ дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳаи саноат бо маҳдудиятҳои институтсионалӣ ва молиявӣ дучор омадааст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Зарурати дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ ва рушди инфрасохтор барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар саноат таъкид шудааст.

Дар бораи нақши стратегии соҳибкории инноватсионӣ дар навсозии иқтисодиёт ва таъмини рақобатпазирии дарозмуддати мамлакат хулоса бароварда мешавад.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории инноватсионӣ, саноат, вазифаҳои соҳибкории инноватсионӣ, шаклҳои соҳибкории инноватсионӣ, стартапҳо, соҳибкории венчурӣ, кластерҳои саноатӣ, Industry 4.0.

## ЭФФЕКТИВНОСТЬ ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ ПРОЦЕССОВ В СФЕРЕ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

В статье рассматриваются теоретические основы инновационного предпринимательства как важнейшего фактора устойчивого промышленного развития.

Обосновывается, что сущность инновационного предпринимательства заключается в интеграции предпринимательской инициативы, способности к риску и внедрения инноваций в производство. Проанализированы ключевые функции инновационного предпринимательства: экономические (рост добавленной стоимости, повышение эффективности производства, стимулирование конкуренции), социальные (формирование инновационной культуры, создание рабочих мест, повышение качества жизни), институциональные (развитие экосистемы и взаимодействие науки, бизнеса и государства) и государственно-стратегические (укрепление национальной конкурентоспособности, обеспечение технологической независимости).

Бо ҷамъбасти ақидаҳо ва консепсияҳои дар фазои илмӣ мавҷудбуда дар бораи намудҳо ва шаклҳои муҳоҷират, Козинский Р. ва Прозеро М. намудҳои муҳоҷиратро васеътар таснифот медиҳанд: «Муҳоҷират бояд аз рӯи меъёрҳо ва натиҷаҳои гуногун баррасӣ карда шавад. Муҳоҷиратро ба намудҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: аз рӯи давомнокӣ; аз рӯи масофа; аз рӯи далели убури марзҳо; аз рӯи ҷалб; аз рӯи қабули қарорҳо; аз рӯи шумораи ҷалбшудагон; аз рӯи сохтори иҷтимоии муҳоҷирон; аз рӯи ташкилоти сиёсии муҳоҷират; аз рӯи сабабҳо; аз рӯи ҳадафҳо» [4, с.9]. Ин равиш имкон дод, ки қариб ҳамаи намудҳои муҳоҷират фаро гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, олимон таснифоти гуногуни муҳоҷиратро дар асоси омилҳои гуногун, аз қабили самт, фарқиятҳои фарҳангӣ, зӯроварӣ, убури марзҳо, омилҳои иқтисодӣ ва зарурати ҳаракат пешниҳод карданд. Ҳар як равиш ба фаҳмиш ва омӯзиши равандҳои муҳоҷират мусоидат мекунад. Тадқиқотҳои гуногун дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ омилҳои мухталиферо муайян карданд, ки ба қабули қарор дар бораи кӯчидан таъсир мерасонанд. Ли Е. С. омилҳои асосиро ба омилҳои "ҷойи баромадан" ва "ҷойи воридшавӣ" - и муҳоҷирон тақсим кард ва инчунин дарк ва рафтори инфиродии онҳоро ба назар гирифтаст.

Уолперт А. Я. муҳоҷиратро ҳамчун "ҷойи фоиданокӣ" ҳамчун салдои фоиданокӣ дар натиҷаи муҳоҷират ба даст овардашуда муайян намуда ва ҳамгироиро дар фазо ҳамчун омили иловагии муфид дида баромадааст.

Ҷорҷ П. дар кори худ " (дар бораи ҳаракати ҷуғрофии аҳолӣ баҳс карда, муҳоҷиратро ба зарурат ё баромади маҷбурии оммавӣ ҳамчун натиҷаи бешубҳа таъсири омили иқтисодӣ тақсим кардааст)" [3, с.39].

Богуе Д.Ҷ. дар тадқиқотҳои худ «(се гурӯҳи тағйирёбандаҳоро ҷудо кардааст), ки сабабҳои муҳоҷиратро муайян мекунанд: шароити иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба муҳоҷират таъсир мерасонанд (сармоягузории асосӣ дар ҷойҳои баромад), тағйир додани технологияҳои истеҳсолӣ, танзими муҳоҷират ва таъмини некӯаҳволии иҷтимоии муҳоҷирон; гузашта аз ин, дар муҳоҷират - ӯ ангезаи вазъи кунуниро дарк мекард, яъне маросими арӯсӣ, гирифтани кор, офатҳои табиӣ ва омилҳои муайянкунандаи интихоби ҷойи сокиншавӣ (мисол, хароҷотҳои кӯчидан, мавҷуд будани хешовандон дар ин ҷойҳо, шароити махсуси мусоиди корӣ, маълумоти шунидашуда дар бораи ҷойҳои истиқомат)» [2].

Саймон С. дар кори худ омилҳоеро муайян кард, ки мувофиқи онҳо алоқамандии мавқеъ ва рафтор назарияи қабули қарорро пур мекунад ва таҳқиқот дар ин самт яке аз корҳои асосии илмии байнисоҳавӣ дар солҳои 80-уми асри XX буд [5].

Мувофиқи ақидаҳои сотсиологҳои амрикоӣ, омилҳое, ки ба муҳоҷирати аҳолӣ таъсир мерасонанд, метавонанд ба ду гурӯҳи калон - омилҳои эндогенӣ ё аутогенӣ ҷудо карда шаванд.

Ба омилҳои эндогенӣ ё аутогенӣ инҳо дохил мешаванд: «омилҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла механизмҳои коҳиш додани фишор ба ҷойҳои омадан тавассути пешниҳоди ҷойҳои алтернативии истиқомат, инчунин ҳавасмандгардонии демографӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва дигар омилҳои марбут ба рафтор ва афзалиятҳои инфиродии муҳоҷирон».

Ба омилҳои экзогенӣ ё аллогенӣ инҳо дохил мешаванд: «омилҳои институтсионалӣ ё сиёсӣ (вобаста ба ирода ва амали мақомот, вақте ки идоракунии равандҳои муҳоҷират аз ҷониби мақомот амалӣ карда мешавад ва қарорҳои онҳо одамонро маҷбур мекунанд, ки муҳоҷират кунанд) ва омилҳои экологӣ (обхезӣ, хушксолӣ, сӯхтор ва ғ. заминҷунбӣ ва ғайра, ки метавонад боиси кӯчиши муваққатӣ ё

дар ҳолатҳои фавкулодда аз ҷойҳои истиқомати кӯчиши доимӣ гардад). Ҳамзамон метавон муҳоҷирати марбут ба таназзули (деградатсия) муҳити зист аз сабаби амалҳои нодурусти инсон, ки ба табиат зарар мерасонанд ва дар натиҷа онҳо маҷбур мешаванд, ки хонаҳои худро тарк кунанд, алоқаманд намуд».

Бо вуҷуди ин, ҳар як шахси фаъол дар шароити муҳоҷирати фазоӣ таҳти таъсири омилҳои эндогенӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, психологӣ, тиббӣ ва муҳоҷирати пиронсолон ва кӯдакон) ё омилҳои экзогенӣ ҳаракат мекунад (омилҳои сиёсии институтсионалӣ, омилҳои муҳити зист).

Муҳоҷирати зери таъсири омилҳои экзогенӣ, бешубҳа, хусусияти маҷбурӣ дорад, ки дар корҳои ҳамаи муҳаққиқон мушоҳида мешавад.

Мо бо ақидае розӣ ҳастем, ки муҳоҷирате, ки дар натиҷаи омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ ба вуҷуд меояд, метавонад ҳамчун муҳоҷирати маҷбурӣ, ки аз таъсири омилҳои муайян ё омезиши онҳо ба вуҷуд омадааст, баррасӣ карда шавад. Агар мо муҳоҷиратро аз нуқтаи назари раванди қабули қарорҳо баррасӣ кунем, пас ду категорияи асосиро ҷудо кардан мумкин аст - муҳоҷирати ихтиёрӣ ва маҷбурӣ.

Муҳоҷирати ихтиёрӣ одатан ба хоҳиши муҳоҷир барои беҳтар кардани шароити иқтисодии худ, ҷустуҷӯи имкониятҳои нав, таҳсил ё шароити беҳтари зиндагӣ асос ёфтааст. Дар чунин ҳолатҳо муҳоҷирон барои кӯчидан қарори фаъол қабул мекунанд ва аксар вақт мкони муҳоҷиратро худашон интихоб мекунанд.

Муҳоҷирати маҷбурӣ бошад бо шароити номусоид алоқаманд аст, ки одамонро маҷбур мекунад, ки аз ҷои зисташон берун раванд. Ин метавонад муноқишаҳо, ҷангҳо, офатҳои табиӣ, бӯҳронҳои иқтисодӣ ё таъқиби сиёсиро дар бар гирад. Дар чунин ҳолатҳо, муҳоҷирон маҷбур мешаванд, ки хонаҳои худро тарк кунанд ва дар ҷойҳои дигар амният ва муҳофизатро ҷустуҷӯ кунанд.

Фаҳмиши муҳоҷират ҳамчун ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба баррасии омилҳои мухталифе, ки ба тасмими одамон дар бораи кӯчонидан таъсир мерасонанд, кӯмак мекунад ва имкон медиҳад, ки бисёр ҳолатҳои муҳоҷират ва сабабҳои онҳо пурра фаро гирифта шаванд.

Муҳоҷирати экзогении аҳолӣ таҳти таъсири омилҳои беруна ҳолатҳои зеринро дар бар мегирад:кӯчонидани одамон аз минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ хатарнок, ки саломатӣ ва амнияти онҳо зери хатар аст; муҳоҷирате, ки аз офатҳои табиӣ, аз қабили обхезиҳо, хушксолӣ, сӯхтор, селҳо ва заминларзаҳо ба вуҷуд омадааст; муҳоҷирати вобаста ба вайроншавии муҳити зист, ки аз фаъолияти инсон, масалан, ифлосшавии ҳаво ё об ба вуҷуд меояд; кӯчонидани гурезаҳо ва шахсони дар дохили кишвар кӯчонидашуда, бо сабаҳои низоъҳои сиёсӣ ё муқовиматҳо.

Муҳоҷирати эндогении аҳолӣ таҳти таъсири омилҳои дохилӣ, ҳолатҳои зеринро дар бар мегирад: муҳоҷирати муваққатӣ ва мавсимии меҳнатӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз қабили сохтмон, савдо, хизматрасонӣ ва нақлиёт; кӯчонидани ихтиёрии сарпарастонаи аҳолӣ аз ҷониби давлат барои татбиқи барномаҳо ё лоиҳаҳои муайян; муҳоҷирати дохилии бебозгашт, ки вобаста ба тақсимоти муҳит метавонад миқёси гуногун дошта бошад, масалан, муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ, дохиливилоятӣ, байнивилояттӣ ё байниноҳиявӣ; муҳоҷирати мокувори аҳолӣ дар атрофи шаҳрҳои бузурги кишвар, ки бо ҳаракати одамон дар ҷустуҷӯи имкониятҳои беҳтари зиндагӣ ва кор алоқаманд аст.

Муҳоҷирати аҳолӣ ин кӯчонидани одамон аз як ҷои истиқомат ба ҷои дигар мебошад. Сабабҳои зиёде вуҷуд доранд, ки одамон ба муҳоҷират мераванд. Дар зер баъзе аз онҳо оварда шудаанд:

**Сабабҳои иқтисодӣ** - яке аз сабабҳои асосии муҳоҷират омилҳои иқтисодӣ мебошанд. Одамон метавонанд имкониятҳои беҳтарини кор ва пул кор карданро ҷустуҷӯ кунанд. Масалан, бекории баланд ё сатҳи пасти музди меҳнат дар минтақаи онҳо метавонад онҳоро водор кунад, ки дар ҷои дигаре кор ҷустуҷӯ кунанд, ки шароити кор ва музди меҳнат беҳтар аст.

**Сабабҳои сиёсӣ** - низоъҳои сиёсӣ, ҷангҳо, нооромиҳои шаҳрвандӣ ва ноустуворӣ дар кишвар метавонанд ба муҳоҷирати оммавии аҳолӣ оварда расонанд. Одамон метавонанд аз сабаби хатар ба ҳаёт ва озодии худ зодгоҳи худро тарк кунанд. Онҳо дар дигар кишварҳо ё минтақаҳо амният ва муҳофизатро меҷӯянд.
**Сабабҳои иҷтимоӣ** - омилҳои иҷтимоӣ низ метавонанд боиси муҳоҷирати аҳолӣ гарданд. Масалан, одамон метавонанд ба ҷойҳои дигар кӯчида, ба оила ё дӯстони худ наздиктар шаванд. Онҳо инчунин метавонанд шароити беҳтаринро барои тарбияи фарзанд, дастрасӣ ба таҳсил ё хизматрасониҳои беҳтари тиббӣ ҷустуҷӯ кунанд.
**Сабабҳои экологӣ**- тағйирёбии иқлим, офатҳои табиӣ, хушксолӣ ё обхезӣ метавонад боиси муҳоҷирати аҳолӣ гардад. Одамон метавонанд аз сабаби набудани имконияти таъмини ғизо, об ва манзил аз зодгоҳашон берун раванд. Онҳо барои зинда мондан ва зиндагӣ кардан шароити мусоидро ҷустуҷу мекунанд.
**Сабабҳои фарҳангӣ** - омилҳои фарҳангӣ низ метавонанд дар муҳоҷирати аҳолӣ нақш дошта бошанд. Одамон метавонанд ба ҷойҳои дигар кӯчида, ба гурӯҳи этникӣ ё динии худ наздиктар шаванд. Онҳо инчунин метавонанд имкониятҳои навро барои рушди фарҳанг, забон ва анъанаҳои худ ҷустуҷӯ кунанд.
**Оқибатҳои иқтисодӣ**. Муҳоҷирати аҳолӣ метавонад ба иқтисодиёти минтақаҳои баромад ва вориди муҳоҷирон таъсири назаррас расонад. Дар минтақаи баромад, талафоти қувваи корӣ метавонад ба амал ояд, хусусан агар коргарони баландихтисос муҳоҷират кунанд. Ин метавонад ба паст шудани ҳосилнокӣ ва сустшавии иқтисодӣ оварда расонад. Аз тарафи дигар, дар минтақаи воридшавӣ, муҳоҷирон метавонанд ба захираҳои иловагии корӣ гарданд, ки ҷойҳои холии кориро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт пур мекунанд. Онҳо метавонанд ба рушди иқтисодӣ тавассути баланд бардоштани
**Тағйироти иҷтимоию фарҳангӣ**. Муҳоҷирати аҳолӣ метавонад ба тағйироти иҷтимоию фарҳангӣ дар ҳарду минтақаи баромад ва ворид оварда расонад. Дар минтақаи баромад метавонад мероси фарҳангӣ ва анъанаҳо аз даст дода шавад, хусусан агар ҷавонон ва одамони бомаърифат муҳоҷират кунанд. Ин метавонад боиси тағйирёбии сохтори иҷтимоӣ ва гум шудани ҳувият гардад. Аз тарафи дигар, дар минтақаи ворид муҳоҷирон метавонанд унсурҳо ва анъанаҳои нави фарҳангиро ҷорӣ кунанд, ки ҷомеаи маҳаллиро ғанӣ гардонанд. Аммо, он инчунин метавонад ихтилофҳо ва зиддиятҳоро байни фарҳангҳо ва аҳолии гуногун ба вуҷуд орад.
**Оқибатҳои сиёсӣ**. Муҳоҷирати аҳолӣ метавонад ҳам дар минтақаи баромад ва ҳам дар минтақаи воридшавӣ оқибатҳои сиёсӣ дошта бошад. Дар минтақаи баромад, муҳоҷират метавонад ноустувории сиёсӣ ва низоъҳои иҷтимоиро ба вуҷуд орад, хусусан агар он натиҷаи ҷангҳо, низоъҳо ё таъқиботи сиёсӣ бошад. Дар минтақаи воридшавӣ муҳоҷирон метавонанд мавриди баҳсу мунозираҳои сиёсӣ қарор гирифта, масъалаҳои марбут ба муҳоҷират метавонанд тақсимоти ҷомеаро ба вуҷуд оврада ва ба фазои сиёсӣ таъсир расонанд. Ҳукумат метавонанд барои идоракунии муҳоҷират ва ҳамгироии муҳоҷирон ба ҷомеа сиёсати дахлдорро ба кор бурда ва чораҳои гуногун андешанд.
Бояд қайд намуд, ки сабабҳои муҳоҷирати аҳолӣ метавонанд омезиши якчанд омилҳо бошанд. Ҳар як ҳолати муҳоҷират беназир аст ва аз шароит ва ниёзҳои инфиродии одамон вобаста аст. Дар маҷмӯъ, муҳоҷирати аҳолӣ оқибатҳои зиёде дорад, ки метавонанд ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошанд. Фаҳмидани ин оқибатҳо ба мо кӯмак мекунад, ки равандҳои муҳоҷиратро дар ҷаҳони муосир беҳтар фаҳмем ва идора кунем.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Оиди муҳоҷират». - Душанбе,1999, № 882.
2. Bogue D.J. (1969)- Principles of demography. Publisher New York (Especially chapter)
3. George, P. Types of migration of population according to the professional and social composition of migrants, in Jansen, C. J. (ed.) Readings in the sociology of migration. Oxford, 1970. pp. 39-47.

4. Kosinski & R. Mansel Prothero, "People on the move". 'Studies on internal migration', edited by I Jeszek. A- By Methuen & Co Ltd. London, 1975. p-9.
5. Simon S. 1980.
6. https://en.wikipedia.org/wiki/Henry_Pratt_Fairchild (санаи муроҷиат 12.10.2025)

## МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ: ОМИЛҲОИ ТАРКИБӢ ВА ТАЪСИРРАСОН

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба яке аз равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ муҳоҷирати дохила, шалҳои он ва омилҳои таъсиррасон ба ин раванд бахшида шудааст. Муаллифон фикру ақидаи олимон ва консепсияҳои дар фазои илмӣ мавҷудбуда оиди муҳоҷират ҷамъоварӣ намуда, инчунин таърифи васеътари муҳоҷиратро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дарҷ намудаанд. Инчунин омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ ҳамчун омилҳое, ки ба муҳоҷирати аҳолӣ таъсир мерасонанд тасниф гардида, сабабҳои асосии муҳоҷират баён ва гурӯҳбанӣ карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷирати дохила, омилҳо, эндогенӣ, экзогенӣ, сабабҳои муҳоҷират

## ВНУТРЕННЯЯ МИГРАЦИЯ: СТРУКТУРНЫЕ И ВЛИЯТЕЛЬНЫЕ ФАКТОРЫ

**Аннотация.** Статья посвящена одному из экономических и социальных процессов – внутренней миграции, её последствиям и факторам, влияющим на этот процесс. Авторы обобщили мнения учёных и существующие в научной среде концепции миграции, а также дали более широкое определение миграции в рамках законодательства Республики Таджикистан. К факторам, влияющим на миграцию населения, отнесены эндогенные и экзогенные факторы, а также описаны и сгруппированы основные причины миграции.

**Ключевые слова:** внутренняя миграция, факторы, эндогенные, экзогенные, причины миграции

## INTERNAL MIGRATION: STRUCTURAL AND INFLUENTIAL FACTORS

**Annotation**. This article examines internal migration, an economic and social process, its consequences, and the factors influencing it. The authors summarize scholarly opinions and existing concepts of migration, and provide a broader definition of migration within the framework of the legislation of the Republic of Tajikistan. Factors influencing population migration include endogenous and exogenous factors, and the main causes of migration are described and grouped.

**Keywords:** internal migration, factors, endogenous, exogenous, causes of migration

***Маълумот дар бораи муаллифон: -Сафарова Муборак Бобохоновна -*** *н.и.и., и.в., дотсент, кафедраи Фаъолияти бонкӣ, Донишгоҳи давла.тии тиҷорати Тоҷикистон*
***Суроға:*** *73 40 61, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе к. Деҳотӣ, 1\2*
***Тел:*** *+992 780378989,* ***E-mail:*** *safarova-muborak@mail.ru*
***-Нуралиева Миҷгона Давлаталиевна-*** *ассистенти кафедраи Иқтисоди корхонҳо ва соҳибкорӣ. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ,* ***Суроға:*** *735360, ш. Кӯлоб, вилояти Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, к. С.Сафаров, 16.*
***Тел:*** *+992 985265228*

# САНОАТ ОМИЛИ ПЕШБАРАНДА ВА ИНКИШОФДИҲАНДАИ СОҲАҲОИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ МАМЛАКАТ

***Исмоилов Ҷ.Қ.-*** устоди калони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Саноат омили сиёсати макроиқтисодӣ мебошад, ки ба рафти такрористеҳсолкунӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани талаботи нав, инчунин танзими ҳаҷм ва сохти он таъсир мерасонад. Тағйироти сохторӣ дар саноат ба соҳаҳои иҷтимоии ҷомеа таъсири мултипликаторӣ мерасонад, масалан, касбҳое, ки меҳнати зеҳнӣ бартарӣ доранд, афзоиши асосии шуғлро ташкил медиҳанд бо чунин таносуб аст: 85% дар ИМА, 89% дар Британияи Кабир, 90% дар Ҷопон ва амсоли инҳо, ки дар навбати худ ба соҳаи маориф, ҷараёни иттилоот ва ғайра таъсир мерасонад.

Усули нави технологии ҳисоббарори истеҳсолот ба вуҷуд омад ва қувваи коргарӣ аз саноатӣ ба қувваи кории иттилоотӣ “information Workship” табдил ёфт. Агар дар соли 1960 ИМА дар давоми 10 сол мутахассисони соҳаи илм ва техникаро ду баробар зиёд карданд, пас дар солҳои 1965-1985 бошад мутахассисони соҳаи техникаи ҳисоббарорро 10 баробар афзуд. Бо афзоиши умумии шумораи ҷойҳои корӣ 25%, шуғли мутахассисони соҳаи технологияҳои олӣ 40-75% меафзояд. Дониш омили чоруми истеҳсолот мегардад ва аҳамияти он аз захираҳо ва сармоя афзалият дорад.

Тағйироти сохторӣ дар кишварҳои пешрафта инчунин дар он инъикос меёбад, ки саноат раванди фаъоли ҳамроҳшавӣ ва харидро аз сар мегузаронад, ки боиси таъсиси ширкатҳои миллии бузургтарин дар ҷаҳон мегардад, аз ин рӯ, масалан, ширкатҳои амрикоӣ аз рӯи ҳаҷми фурӯш аз рӯи 13 соҳаи дар ҷои аввал мебошанд. Дар баробари муттаҳидсозии ширкатҳо дар кишварҳои пешрафта, соҳибкории хурду миёна дар саноат ба таври васеъ рушд кардааст, ки масалан дар Иттиҳоди аврупо 99,8% тамоми корхонаҳои хусусӣ, 66% шумораи умумии ҷойҳои корӣ ва 65% гардиши умумиро ташкил медиҳад.

Омилҳои асосии маҳдудкунандаи рушди саноат метавонанд инҳо бошанд:

а) нопурра ва нокифоя фаъолияти равандҳои хусусигардонӣ ва азнавсозии корхонаҳои саноатӣ;

б) рушди сусти бозори аутсорсинги саноатӣ;

в) зуд-зуд тағйирёбии заминаи меъёрӣ ва таносуби пасти он бо стандартҳои байналмилалӣ;

г) тафовути баланди дараҷаи боҷҳои воридотӣ ба маснуот ва маҳсулоти тайёр, ки асосан ташкили истеҳсолоти расмии кооперативии ба истилоҳ профили васлкуниро шарҳ медиҳад [1].

Самтҳои асосии сиёсати саноатӣ бо зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии саноат муайян карда шуда, чунин асосҳоро дар назар дорад:

1) муттаҳидсозии захираҳо ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ дар самтҳои афзалиятноки рушди саноат;

2) рушд ва ташкили бозорҳои технология ва маҳсулоти инноватсионӣ;

3) рушди инфрасохтори саноатӣ;

4) ҳавасмандгардонии фаъолияти корхонаҳо дар соҳаҳои технологӣ;

5) нигоҳ доштани рақобат;

6) дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ

Сиёсати саноат усулҳои муайяни банақшагириро истифода мебарад. Ҳамин тавр, дар баъзе мамлакатҳои Аврупо (Фаронса) ва Ҷопон нақшаҳо ва барномаҳои тараққиёти миёна ва дарозмуддат, ки бо низоми ҳавасмандгардонии молиявӣ ва қарзӣ барои татбиқи онҳо пурра карда шуда дар сиёсати саноат татбиқ карда мешаванд, ин "банақшагирии индикативӣ" мебошад. Ин нақшаву барномаҳо характери мустақими надоштанд, вале дар тараққиёти соҳаҳои пешқадами иқтисодиёт нақши калон бозиданд ва муайянкунандаи пешрафти илмӣ-техникӣ гардиданд. Дар мамлакатҳои Скандинавия банақшагирии индикативӣ дар шакли ҳамкории "институтсионалӣ" ё "созиши иқтисодӣ" дар он ифода меёбад, ки ҳамаи қарорҳои асосии тараққиёт бо роҳи гуфтушунид ва ба ҳам мувофиқ кунондани манфиатҳои тарафҳои гуногун қабул карда мешаванд.

Ҷопон стратегияи гирифтани технологияи пешрафтаро истифода бурда, на танҳо ба сатҳи ҷаҳонӣ расид, балки тавонист дар таҳқиқот ва таҳияи амалӣ, инчунин дар идоракунии инноватсия нисбат ба ИМА ва Аврупо бартариҳои муайянро ба даст орад. Тараққиёт ва аз нав кардани саноати Ҷопон дар асоси низоми идоракунии стратегӣ ба амал бароварда мешавад, ки он дар ширкатҳои Ҷопон назар ба ширкатҳои Амрико ва Аврупои Ғарбӣ хеле пештар ба вуҷуд омада, хеле васеътар истифода мешавад.

"Сиёсати саноатии Ҷопон ба қисми содиротии афзоиши иқтисодиёт нигаронида шуда, маҳсулоти соҳаҳои доништалаб дар ИМА бомуваффақият фурухта шуд. Ҳиссаи содиротии иқтисодиёт умуман 17% дар саноат қариб 35%-ро ташкил медиҳад. Умуман, маҳсулоти мошинсозӣ қариб 80 фоизи экспорти Ҷопонро ташкил медиҳад. Сиёсати саноатии Ҷопон дар солҳои охир ба таҳкими принсипҳои бозор бо таваҷҷӯҳ ба ташаббусҳои ширкатҳои бахши хусусӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот манфиатдоранд, нигаронида шудааст" [2.С.435]. Барои муваффақ шудан дар рақобати байналмилалӣ, ширкатҳои саноатӣ бояд ба бозор бо маҳсулоти ултра нав ворид шаванд, ки эҷоди донишҳои навро талаб мекунад.

Кишварҳои ғарбӣ дар содироти иҷозатномаҳо барои кашфиёт, ихтироъ ва коркардҳои навтарини худ пешсафанд, ки ин боиси вобастагии технологии кишварҳои дигар мегардад. Танҳо дар ИМА даромад аз содироти иҷозатномаҳо, ноу-хау ва дигар моликияти зеҳнӣ ҳамасола тақрибан 30 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар муомилоти тиҷорати хориҷии ИМА бо моликияти зеҳнӣ савдои дохилии корпоративӣ бартарӣ дорад, ки хоҳиши ширкатҳои дорои ин намудро барои нигоҳ доштани дараҷаи муайяни назорат аз болои онҳо инъикос мекунад.

Дар баробари суханҳои болозикр боиси қайд аст, ки саҳми саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола аҳамияти мӯҳим пайдо намудааст. Дар ин самт, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: «...Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар – ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад» [3].

Инчунин, вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Шералӣ Кабир дар яке аз ҳисоботҳои худ қайд намуданд, ки “Дар нимсолаи аввали соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 19,1 млрд. сомонӣ (беш аз 1,8 млрд. доллари ИМА) расида, суръати афзоиш 117,3%-ро ташкил дод, ки ин рақамҳо дар байни кишварҳои ИДМ баландтарин мебошанд” [4]. Боиси қайд аст, ки аз ҳаҷми умумии маҳсулот беш аз 57% ба саноати коркард рост меояд. Инчунин, афзоиши сармоягузорӣ ба бахши саноат дар соли 2022 зиёда аз 2,4 млрд. ташкил намуд, ки нисбат ба соли қабли қариб 40 млн. Сомонӣ зиёдтар мебошад.

**Хулоса.** Ҳамин тариқ, пас аз таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар инкишофи соҳаҳои саноат тавассути фаъолияти соҳибкорӣ чунин хулосагирӣ намудан мумкин аст:

## АДАБИЁТ


1. Промышленная кооперация: зарубежный опыт развития производства. [Захираи электронӣ].–Ҳолати дастрасӣ, URL: http://www.uzdaily. com/ru/post/57333., кушода. Санаи муроҷиат: 12.03.2024.

2. Государство и рынок: американская модель / Под ред. д.э.н., проф. М.А. Портного и д.э.н., проф. В.Б. Супяна. – М.: Издательство «Анкил», 2009. – 435 с.

3. Объем промышленного производства в Таджикистане в 2022 году вырос на 17%. [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ, URL: https://tass.ru/ekonomika/15248863., кушода. Санаи муроҷиат: 1.03.2024.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шаҳри Душанбе. 26.12.2018. [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ, URL: http://prezident.tj/node/19088., кушода. Санаи муроҷиат: 11.02.2024.

## САНОАТ ОМИЛИ ПЕШБАРАНДА ВА ИНКИШОФДИҲАНДАИ СОҲАҲОИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ МАМЛАКАТ

Дар ин мақола нақши саноат ҳамчун омили асосии пешбаранда ва инкишофдиҳандаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Муаллиф аҳамияти рушди соҳаҳои саноатиро дар таҳкими иқтидори иқтисодӣ, афзоиши истеҳсолот, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ баррасӣ менамояд. Ҳамчунин, робитаи мутақобилаи саноат бо кишоварзӣ, нақлиёт, энергетика ва дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ нишон дода шуда, самтҳои асосии такмили сиёсати саноатии кишвар пешниҳод мегарданд. Мақсад аз таҳқиқот нишон додани нақши калидии саноат дар рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад.

## ПРОМЫШЛЕННОСТЬ – ЭТО ФАКТОР, СПОСОБСТВУЮЩИЙ ПРОДВИЖЕНИЮ И РАЗВИТИЮ ОТРАСЛЕЙ НАРОДНОГО ХОЗЯЙСТВА СТРАНЫ.

В данной статье рассматривается роль промышленности как основного фактора, способствующего продвижению и развитию различных отраслей народного хозяйства страны. Автор анализирует значение развития промышленного сектора в укреплении экономического потенциала, росте производства, создании новых рабочих мест и повышении уровня жизни населения. Также раскрывается взаимосвязь промышленности с сельским хозяйством, транспортом, энергетикой и другими отраслями национальной экономики. Определяются основные направления совершенствования промышленной политики государства. Цель исследования — показать ключевую роль промышленности в устойчивом развитии национальной экономики.

### Annotation

This article analyzes the role of industry as a key driving and developing factor in various sectors of the national economy. The author examines the importance of industrial sector development in strengthening economic potential, increasing production, creating new jobs, and improving the population’s living standards. The interrelation of industry with agriculture, transport, energy, and other branches of the national economy is also discussed, and the main directions for improving the country’s industrial policy are proposed. The purpose of the study is to demonstrate the crucial role of industry in the sustainable development of the national economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:Исмоилов Ҷамшед.Қурбоналиевич** – омӯзгори калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055. Тел. (+992) 987294169:

# ТАЪСИРИ ТИҶОРАТИ ХОРИҶӢ БА РУШДИ БОМАРОМИ ИҚТИСОДИЁТ

**Пирова Ш.С**. –ассистенти кафедраи идораи давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ.

Замони моро замони ба саҳнаи фаъолият расидани иқтисодиёти озод номгӯзорӣ кардаанд. Чунки дар раванди ҷаҳонигардии иқтисодиёт аксари давлатҳои сайёраи Замин мавқеи комилҳуқуқию истиқлолиятро ба даст оварда, дар ҷабҳаҳои танзимгарию идораи иқтисодиёт ҳам озодии воқеиро соҳиб гардидаанд. Ҳанӯз аз солҳои аввали ба истиқлолият расидани Тоҷикистон ҳукумату сохторҳои идоракунанда роҳи сӯи равандҳову ташаккули озодонаи иқтисодиёти мамлакатро пеш гирифта буданд.

Ин қарордод имкон фароҳам овард, ки зиддиятҳову камбудиҳои дохилии равандҳои иқтисодии мамлакат бо суръати дилхоҳ бартараф гардонида шуда, пешбурди бомарому суръатноки он ба даст оварда шаванд. Кӯшишҳои масраф гардида тӯли зиёда аз бист соли гузашта боиси ҳамон шудаанд, ки барқарорсозии иқтисодиёти Тоҷикистон мутобиқу мувофиқи нақшаҳову реҷаҳои пешгирифтаи давлат ба роҳ монда шаванд.

Дигаргунсозиҳои куллии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози асри бистуякум-асри ҷаҳонишавию инкишофу рушди бомароми халқҳову давлатҳои қонунӣ ҳарчанд пешорӯи душвориҳову зиддиятҳои муайян қарор дошт, аммо зери таъсири сиёсату танзимгарии давлатии мулоҳизрона сурат гирифта омад. Шояд маҳз бо ҳамин сабабҳо натиҷаҳои ҳосилшуда хушоянду назаррас мебошанд. Дар илми иқтисодӣ барои баҳодиҳӣ ба рушди иқтисодии мамлакатҳо афзоиши солонаву миёнасолии Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ба назар мегиранд. Ҳоло дар Тоҷикистон барои ин гуна баҳогузорӣ аслан солҳои 90-ми садаи гузаштаро корбурд намекунанд. Чунки таи он солҳо иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол дар вазъияти бухронии шадиди сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодие қарор дошт, ки оқибат ҳамчун сабабгории асосии сар задани Ҷанги шаҳрванди хизмат карда буд. Ҳарчанд дар назари мо он ҷанг аз ҳама пештару зиёдтар ҷанги барои тақсими мерос нигаронида шуда буд.Яъне қувваҳои сершумори дохилию берунӣ бо мақсадҳои соҳиб гардидан ба дороию сарвати мавҷуда ва аз даст надодани мавқеи ҳукмронии оянда бар сари халқамон рехта буданд.

Пас аз анҷоми ин ҷанги ғоратгаронаю хонумсӯз танҳо соли 1997 камшавии як зайли ҳаҷми ММД 1,7% ташкил карда буд.

Афзоиши миёнасолонаи ММД дар давоми солҳои 1997-2010 (давоми 14 сол) 7,1 %-ро ташкил карда аст (4.с.29).

Мебояд иқрор кард,ки афзуншавии ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот амалан ҳамчун равияҳову роҳи зиёд шудани ҳаҷми маҳсулот ба ҳар як бошандаи мамлакат низ ҳисоб карда мешавад. Ин нишондиҳанда таи солҳои охир ба таври зайл тағйир ёфтааст. Соли 1991-2,5 сомонӣ, соли 1995-12,3 сомонӣ, соли 2000-288,7 сомонӣ, соли 2015-1052, 1

сомонӣ, соли 2016-3253, 0 сомонӣ ва соли 2013-5047, 0 сомонӣ (3.с. 25,4.с.14-15). Албатта равнақу пешрафти истеҳсолотро аз рӯи афзоиши миёна солонаи ММД дар соҳ аҳои асосии истеҳсолоти ҷомиагӣ, аз ҷумлаи онҳо, саноат, кишоварз, сохтмон, нақлиёт ва монанди инҳо ҳисобу чен мекунанд. Пешрафти ин соҳаҳо дар давоми 10-12 соли охир назарнамо намудор мегардад. Аммо дар байни ин соҳаҳои муҳимтарини фаъолияти мардумон ҷои намоёнро саноату кишоварз ишғол намуда меоянд. Чунки зери таъсиру натиҷагирии ин соҳаҳо сатҳи инкишофу пешрафти ҳақиқии иқтисодиёт, истифодаи комёбиҳои илму техника, таъминоти аҳолии мамлакат бо неъматҳои истеъмолии зарур ӣ ва монанди ин нишондиҳандаҳоро мушоҳидаву муҳовиза кардан имконпазир аст.

Дар баробари ин мадди назар доштан зарур аст, ки аз миёнаҳои садаи 20-ум сар карда ҷомеаи ҷаҳонӣ бо як равишу зуҳуроти пештар мушоҳида нашаванда дучор гардид, ки онро афзуншавии босуръату намоёни ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ ҳисоб мекунанд.

Ҳоло дар ММД-и Тоҷикистон ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонии то 46-48%, дар солҳои ҷудогона бошад ин нишондиҳанда то 52% расидааст. Ҳолати зайл шаҳодат медиҳад, ки тӯли солҳои 1950-1980 дар давлатхои перафтаи ҷаҳон ҳиссаи маҳсулоти соҳаҳои истеҳсолӣ камтар гардида, мутаносибан ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ баланд шуда,вай дар давлатҳои баъди саноатӣ то 60-70 фоиз расонида шудааст. Аз ин ҳолат тадқиқгарон ба чунин хулоса меоянд, ки баробари афзуншавии ҳосилнокии меҳнату музди кори воқеӣ талаботи мардумон ба навъҳову ҳаҷми зиёдтари хадамот меафзояд.

Аз ин боис ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар ММД торафт зиёд шуда мераванд. Давоми ду даҳсолаи охир дар иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳз ҳамин гуна қонунияту равиш мушоҳида карда мешавад. Аммо дар назари мо ҳоло Тоҷикистон ба истиқлолияти ҳақиқии инкишофу рушди боэътимоди соҳаҳои хадамот нарасидааст. Ҷаҳонишавии босуръати иқтисодиёти сайёра давом ёфта меояд.

Тоҷикистон соҳибистиқлол низ аз ин равандҳо берун нест. Мебояд икрор кард, ки афзуншавии ҳиссаи хадамот дар ММД давом дорад. Дар ин раванди умумӣ аз ҳама зиёдтар мавқеи намоёни тиҷорат намудор шуда меистад.

Мавқеи тақсимоти меҳнату натиҷагирии онро нишон додани шуда мутафаккири беназири халқамон Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳанӯз дар асри X дар асараш бо номи «Тибби рӯҳонӣ» таъкид карда буд, ки ҳамкориву мувозинат ҳамчун сабабгори бонеъмативу ҳаёти боосоиши мардумон хизмат хоҳад кард.

Замони мо чунин равишу таомулеро ба миён овардааст, ки сатҳи рушди воқеии иқтисодиёти мамлакатҳоро мувофиқи сатҳу дараҷаи пайвастшавии он ба иқтисодиёти умумиҷаҳонӣ, мавқеи содироту воридот, роҳҳои таъмини ҳиссаи талаботи мардумон, мавқеи ишғолкарда дар тақсимоти байналмилалии меҳнату истеҳсолот ва монанди инҳо муайян месозанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравии собиқ аз

ин гуна неъматҳову натиҷагириҳо дар канор қарор дошт. Ҳоло бошад ба туфайли соҳибистиқлолии мамлакат мо бояд аз ин равандҳо баҳраёбу натиҷагир бошем. Маҳз бо ҳамин сабабҳо низ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола сафарҳои зиёдеро ба мамолики дуру наздик пеш гирифта,кӯшишҳои зиёдеро баҳри комёб гардидан дар равнақи муносибатҳои байналхалқӣ ба харҷ дода меоянд.

Таҳти раҳнамоии мулоҳизакоронаи Пешвои миллат Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумату сохторҳои дигар низ заковату ғайратмандии дилхоҳ дар ин раванд нишон медиҳанд. Ҳамчун оқибати бурдборонаи ин кӯшишҳои зиёд иқтисодиёти Тоҷикистон равнақ ёфта сол то сол натиҷаҳои назаррасро соҳиб мегардад. Ин марому равиш ба тиҷорати берунии мамлакат низ бо пуррагӣ дахлдор мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки суръати афзоиши ҳаҷми тиҷорати берунии мамлакат назар ба суръати афзоиши ММД ҳам тезтар мебошад.

Ин ҳолат ҳамчун шаҳодати раванди бурдборонаи инкишофу равнақи муносибатҳои берунаи давлатамон зуҳр меёбад. Илова бар он чунин натиҷаҳо шаҳодат медиҳанд, ки пешравии воқеӣ ҳақиқат буда, дар оянда низ барои равнақи босуръати муносибатҳои берунии иқтисодӣ заминаҳову имконияти боварибахшона муҳайё карда мешавад.

Ҳамагон эътироф кардаанд, ки тиҷорати хориҷии мамлакат ду қисмати намоёнро дар бар мегирад: содироту воридот. Содироти ҳар як мамлакат, дар навбати худ ба сатҳу дараҷаи инкишофи истеҳсолот, ҳосилнокии меҳнат, тақсимоти байналхалқии меҳнату истеҳсолот ва дигарҳо пайванд мебошад.

Ҳоло бошад тақсимоти меҳнату таҳсиси истеҳсолии Тоҷикистон аз ҳама зиёдтар ба мавқеи ҷойгиршавию шароити табиӣ он такя карда меояд. Аз ин боис ҳам дар бобати самаранокии баланди он суханронӣ кардан хеле мушкил мебошад. Ба ин ҳолат нигоҳнакарда дар замони ҳозира қариб ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон кӯшишҳоро оид ба баланд бардоштани сатҳи самаранокию фоидабахшии тиҷорати хориҷиашон пеш гирифта меоянд. Бояд мадди назар дошт, ки дар замони ҳозира тиҷорати хориҷии давлатҳо содироту воридоти молҳову хадамотро дарбар мегирад.

Дар баробари ин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои пешина агар дар содироту воридот афзалан ҳиссаи зиёдтарин ба молҳо рост ояд, ҳоло ҳиссаи онҳо тадриҷан камтар шуда, дар оқибат ҳиссаи хадамот босуръат афзуда меравад.

Тоҷикистон то солҳои истиқлолият афзалан содиркунандаи ашёи хому маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт. Ба туфайли истиқлолияти ба даст овардашуда ҳоло тағйироти тадриҷӣ мушоҳидашавандаи таркиби тиҷорати хориҷиро дучор омадан имконпазир аст. Бо мақсади ноил гардидан ба қиёсшавандагии нишондиҳандаҳо одатан ҳаҷми тиҷорати хориҷиро бо доллари ИМА нишон медиҳанд. Акнун ба баъзе рақамҳои оморӣ муроҷиат менамоем.

Мувофиқи ахбороти Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 ҳаҷми умумии савдои хориҷии мамлакат тӯли даҳсолаи якум (солҳои 1991-2000) аз 131, 1 млн. доллар то ба 1459, 3 млн. доллар расида буд, дар ин муддат афзоиш 11,1 баробарро ташкил карда аст.

Давоми даҳсолаи дуюм (солҳои 2001-2010) вай аз 1339, 0 млн. доллар то ба 3851, 6 млн доллар расидааст, ки афзоиш ба 29, 4 баробар расидааст. (4.560-561). Дар давоми даҳсолаи дуюми сипаридашуда ҳаҷми умумии содирот аз 651, 5 млн.доллар дар соли 2001 то 2656, 9 млн. доллар афзуда, содирот дар ин муддат 1,8 баробар ва воридот 3,9 баробар зиёд карда шудааст. (4.560-561).

Мувофиқи маълумоти Агентии омори Тоҷикистон солҳои охир шумораи давлатҳои бо мамлакатамон робитаҳои тиҷоратӣ дошта зиёда аз 130 давлатҳои ҷаҳон мебошанд. Мебояд дар назар дошт, ки дар Иттиҳоди Шӯравии Собиқ Тоҷикистон мавқеи ноаёну кунҷакӣ ва нисбатан қафомондаро ишғол мекард. Бидуни иҷозати сохторҳои маркази он давлати абарқудрат вай имкони ба хориҷа баромадан, ба роҳмондани робитаҳои иқтисодии берунаро соҳиб набуд.

Илова бар он сохторҳову зерсохторҳои вай мутобиқи ҳамон маром ҷойгир шуда буданд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо сарвари давлатамон иқдомҳои зиёду сершумори сохтмони роҳҳ ову купрукҳо ва амсоли онҳоро бо сармояҳои дохилию аҷнабӣ пеш гирифта,ҳамарӯзаю муназзамона василаҳову равишҳои раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсиониро пеш гирифта меояд ва дар ин ҷабҳаҳо муваффақ ҳам мебошад.

Равнақи босуръати тиҷорати берунӣ чӣ дар қисмати содирот ва чӣ дар қисмати воридот ҳоло барои давлатҳо муҳиму ногузир дониста мешаванд. Аммо аз нуқтаи назари илми иқтисодии замонавӣ афзалан зиёдшавии ҳаҷми содироти молҳову хадамот назар ба воридоти онҳо самараноктару мутобиқи пешбурди оқилонаи иқтисодиёт дониста мешавад.

Омӯзиши тиҷорати берунии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, ки тақрибан 15 % шумораи умумии онҳоро дар бар мегирад шаҳодат медиҳад, ки самаранокии содироти маҳсулоти дар қисмати техникаву технологияи навтарин самараи хеле баланду дилхоҳро таъмин менамояд. Ин гуна молҳо дар рақобат низ мавқеи баландро ишғол карда меоянд.

Мутаасифона ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳиссаи аксар маҳсулоти кишоварзию ашёи хом содир мекунад. Дар бозори имрӯзаи ҷаҳонӣ нархи ин намуди молҳо хеле арзон буда, самаранокии онҳо хеле паст мебошад.

Илова бар он нархи ин номгӯи молҳо тамоюли устувори пастшавиро соҳиб гардидааст. Аз ин боис ҳам Тоҷикистон бояд дар раванди тағйироти таркибии содироту воридот чораҳои мушаххасро пеш гирифта,дигаргуниҳои намоёнро ба миён

оварад. Дар давоми ду даҳсолаи сипаришуда ҳаҷми умумии тиҷорати берунии Тоҷикистон босуръат тағйир ёфта торафт зиёд мешуд.

Масалан, мувофиқи маълумоти омори расмии мамлакат ҳаҷми содирот тӯли солҳои 1991-2000-м 11,8 баробар зиёд шуда то 784,3 млн. доллари ИМА расида буд. Давоми солҳо 2001-2010 бошад қариб ду баробар зиёд шуда, ба 1194, 7 млн. доллари ИМА расидааст.

Дар давоми 34 соли истиқлолият ҳаҷми содирот аз 67,9 млн. доллар то 1194,7 млн доллар расид, ки ин афзоиш 17,6 баробарро ташкил додааст (4.574-575). Афзоиши воридот бошад давоми даҳсолаи аввал 10,7 маротиба ва даҳсолаи дуввум 3,86 мартибаро ташкил дода буд. Афзоиш дар давоми ин ду даҳсола 42,0 баробар буд. (4.584-585).

Сабабгори ниҳоят баланд будани афзоиши ҳаҷми гардиши тиҷорати берунаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ҳамон мебошад, ки вай ин раванду ҷараёни иқтисодиро қариб дар сатҳи сифр оғоз карда буд.

Пас аз ба истиқлолияти воқеӣ расидан бошад, моро мебоист, ки имконияти мавҷудаи воридшавӣ ба муносибатҳои иқтисодии байналмилалиро корбурд намоем.

Аз дигар ҷониб бошад тақсимоти меҳнату тахассуси истеҳсолии соҳаҳои иқтисодиёт сарфи назар аз имконоти мавҷуда муайян ва роҳандозӣ карда мешуданд. Ин ҳолатҳо аз сиёсати монокултураи он иттиҳод низ баромада меомаданд. Он замонҳо Тоҷикистон 70-80% талаботашро ба гандуму орд аз ҳисоби воридот ба роҳ мемонад.

Соли 2015 мувофиқи маълумоти омор дар мамлакат 2,4 млн. тонна ғалла истеҳсол карда шуда буд. Соли 2018 бошад вай ба 700 ҳазор тонна расида буд.

Ҳамин хел тағйироти намоёну назаррас дар таркиби дохилии истеҳсолоти ватанӣ таносубҳои хоҷагии халқро назарнамо дигаргун карда, боиси боз ҳам беҳтару самарабахш шудани онҳо мегарданд.

Мадди назар доштан зарур аст, ки мувофиқи маълумоти омори расмӣ солҳои 80-м ҳосилхезии миёнаи гандумзорҳои мамлакат 12-сентнерро аз як гектар ташкил медод.

Соли 2018 бошад ин нишондиҳанда зиёда аз 24 сентнерро ташкил дода буд. Соли 2020 баъзе хоҷагиҳо хабар доданд, ки ҳосилхезии кишти гандумашон дар сатҳи 50 ва ҳатто 60-70 сентнер қарор дорад.

Албатта, ин гунна натиҷагириҳо моро водор месозанд, ки хоҷагидории пурмаҳсулу мулоҳизакоронаро ба роҳ монем.

Ҳукумати мамлакат дар таъмини аҳолӣ бо неъматҳои зарурӣ, афзун гардонидани сатҳи некӯаҳволӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода меояд.

Дар ин равандҳо комёбиҳои назаррас ҳосил карда шудаанд. Аммо дуруст мегӯянд, ки такомулоту равнақ интиҳо надорад. Аз ин боис ҳам ҳоло яке аз вазифаҳои дар назди тиҷорати хориҷӣ қарордошта такомулоти минбаъдаи он дониста мешавад.

Ин такомулот бояд ҳам ба бар ва ҳам ба қаър нигаронида шавад. Зери равиши инкишоф ба бар муназзамона сол то сол афзуншавию дар сатҳи тарози фаъол қарор доштани онро дар назар доранд.

Такомулот ба қаър бошад ташаккули таркибу сифати он ба ноил гардидан ба самаранокии баландро бояд фаҳмонад. Яке аз равияҳои намоёнтарини такомулоти минбаъдаи тиҷорати хориҷии мамлакат кам кардани ҳиссаи содироти ашёи хому маҳсулоти кишоварзӣ ва мувофиқан фузун намудани ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ ҳисобида мешавад.

Мебояд таъкид кард,ки солҳои охир эҳёгардонию суръат бахшидан ба равнақи коргоҳҳои соҳаҳои мамлакат бомарому реҷаи дилхоҳ давом ёфта меояд. Мувофиқи маълумоти корманди масъули Вазорати энергетика ва саноат аввали моҳи сентябри соли 2020 шумораи онҳо зиёда аз 948 адад буд. Давоми ду соли сипаришуда боз садҳо коргоҳҳои нави замонавӣ ба кору фаъолият шурӯъ карданд. Як қатор корхонаҳои саноатӣ дар фаъолият мебошанд, ки то 90% маҳсулоташон таъиноти содироти доранд (6. С.38-39). Ҳоло бо мақсади нишон додани воқеияти афзоиши миёнасолии тиҷорати берунӣ дар давоми солҳои 1991-2010 (тӯли 34 соли истиқлолият) ҷадвали рақами 1 оварда шудааст:

**Ҷадвали 1.**

**Афзоиши миёнасолонаи содироту воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми даҳсолаҳои 1,2 солҳои 1991-2000 (дар фоиз)**

| | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2000 ба 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Содирот | 100,0 | 287,5 | 181,7 | 140,6 | 152,2 | 102,9 | 96,8 | 80,0 | 115,5 | 113,9 | 1180 |
| Воридот | 100 | 254,2 | 331,1 | 102,8 | 148,1 | 82,5 | 112,3 | 94,8 | 60,3 | 101,8 | 1070 |

**Солҳои 2010-2018 (дар афзоиш)**

| | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | Соли 2010 нисбати 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Содирот | 100,0 | 119,1 | 108,2 | 114,8 | 99,3 | 154,0 | 104,9 | 96,0 | 71,7 | 118,3 | 1830 |
| Воридот | 100,0 | 104,8 | 122,2 | 135,3 | 111,7 | 129,7 | 147,6 | 128,5 | 78,5 | 103,4 | 3860 |

Рақамҳои ҷадвал нишон медиҳад, ки дар тӯли ин ду даҳсолаи сипаришуда афзоиши назарнамои ҳаҷми тиҷорати берунӣ дар 14 сол ҷой дошта, танҳо дар 6 сол қафоравӣ мушоҳида карда мешавад.

Маҳз ҳамин далелҳо собит месозанд, ки тиҷорати Тоҷикистони соҳибистиқлол умуман бо суръат афзуда, ҳаҷми он ҳам торафт назарнамо зиёд мешавад. Ҳамин

хел,кӯшишҳои зиёди сарвари давлат Пешвои миллат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон  ва кормандони сохторҳои дахлдор ба ҳамон натиҷа оварда расонидаанд, ки тиҷорати хориҷии мамлакатамон дар сатҳи дилхоҳу замонавӣ ташаккул ёбад. Соли 2022  бо қарордоду ризояти сохторҳои  СУТ (Созмони умумиҷаҳонии тиҷорат) Тоҷикистон ба аъзогии  он пазируфта шуд. Дар муддати сипаришуда вазифаҳои зиёде ба иҷро расонида шуданд, аммо  боз вазифаҳои аз он ҳам зиёдтарро ба иҷро расонидан зарур меояд.

Дар ин равандҳо масъалаҳои ҳамоҳангсозӣ, мутобиқат,омӯзишҳои сертарафу ҳамаҷониба, ширкат  дар равандҳои стандартӣ ва монанди инҳо қарор доранд.

Дар ин раванд мутасадиёну масъулон ҳам таҷрибаи дилхоҳ андӯхта зиддиятҳову душвориҳои  мавҷударо паси сар хоҳанд кард ва Тоҷикистон ҳамчун узви ин созмони бонуфуз фаъолият хоҳад кард.

Аммо муаммоҳову масоили пешбурди оқилонаи иқтисодиёт баланд бардоштани сатҳи самаранокии тиҷорати хориҷӣ, пешравии иқтисодиёт бо талаботи бозори ҷаҳонӣ ва монанди ин вазифаҳоро аҳли заҳмати кишвар кормандон  соҳибтахассусон  ба иҷро хоҳанд расонид. Аз ин сабабҳо ҳам  корҳои пешистода зиёду  аммо осон нестанд. Бинобар мо бояд диққатро афзалан ба омӯзишу дарки онҳо масраф намоем.

Маҳз  бо ҳамин гуна  мақсаду маром ба шукуфоии минбаъдаи ватан муваффақ гардида,сатҳи рушди иқтисодии мамлакатро баланд карда метавонем. Амалан ҳоло шумораи нисбатан хеле зиёди корхонаҳое дар фаъолият мебошанд, ки то 90%-и маҳсулоти тавлидкардаашон таъиноти содироти доранд.

Мутасифона бояд иқрор кард, ки давоми солҳои алоҳидаи даҳсолаи охир афзалан тарози тиҷорати хориҷии мамлакат ғайрифаъол ҷамъбаст мешавад. Ин ҳолат ҳамчун сабаби афзуншавии қарзи берунаи Тоҷикистон хизмат карда метавонад.

Ғайр аз он ҳамагон медонанд, ки ғайрифаъол будани тарози савдои берунӣ мавқеъ ва (обрӯю эътибори) давлатро дар байни мамлакатҳои ҷаҳон то рафт паст хоҳад кард. Аз ин боис  ҳам  моро мебояд, ки роҳу василаҳои фузун гардонидани ҳаҷми содиротро дарёфт намуда, доир ба ғанигардонии содирот ва мувофиқан то ҳадди эътидол кам кардани воридот кӯшишҳои мушаххасро пеш гирем.

Охир эътимоду боварӣ бо ҳамшарикони тиҷорати хориҷӣ дар замони ҳозира яке аз омилҳои муҳимтарини самаранокию босуботии ин равандҳо долиста мешаванд.

Аз ин боис мебояд, ки захираҳову имконот пурсаброна боэътимод дарёфт карда шуда, дар роҳи баланд бардоштани фоиданокии равандҳои мазкур бо пуррагӣ корбурд карда шаванд.

Сохтори бонкӣ ҳам дар иҷрои ин мақсадҳои наҷибу ҳозиразамон  дар канор нахоҳад монд.

Охир натиҷагирию ҷамъбасти ин равандҳо танҳо бо майлу заҳмати кормандони соҳаи бонкдорӣ ба анҷоми дилхоҳу ниҳоии худ расида метавонанд.

Ҳамин тавр,таҳлилҳои гузаронида шуда шаҳодат медиҳанд, ки афзуншавии воқеии бемайлони сатҳи некӯаҳволии мардумони мамлакат талаботи ононро ба молҳои хушсифати замонавии аз хориҷа воридшаванда назарнамо зиёд мегардонад.

Барои ин афзоиши талаботро қонеъ гардонидан ва бо пуррагӣ таъмин кардан имконоти содироти мамлакатро афзун гардонидан зарур меояд. Ин ҳолат дар навбати худ такомулоти ба самараи истеҳсолоти дохилӣ дарёфти равандҳову соҳаҳои наву навинтарин мусоидаткунанда ба афзоиши содирот дарёфти захираҳои мавҷуда ва истифодаи оқилонаи он захираҳоро талаб мекунад. Равандҳои ҳозираи ҷаҳоншавии иқтисодиёт аз мо талаб доранд, ки ҳарчи зудтар роҳу воситаҳои дар ҳиссаи зиёдтар мусоидат намудан ба онҳоро ба хотири боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардумон бо пуррагӣ корбурд намоем.

**АДАБИЁТ:**

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон. 20.04.2011.Душанбе «Шарқи озод»-64 с.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон №5 (11969): 30.01.2015, саҳ 1,7.

3.Рушди иқтисоди миллӣ дар даврони истиқлолият. Душанбе. МД. ММПИ. 2011-316 саҳ. Мураттиб Латифов А.М.

4.Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ.Д.,2011-832 саҳ.

5.Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. Душанбе. «Адиб».1990с.

6.Нарзуллоев М. Нақши Вазорати энергетика ва саноат дар рушди иқтисодии мамлакат. «Бонкдори дар Тоҷикистон»№8(37).08.2012,
саҳ 38-39.

## ТАЪСИРИ ТИҶОРАТИ ХОРИҶӢ БА РУШДИ БОМАРОМИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақола дар бораи оид ба рушди тиҷорат ин қарордод имкон фароҳам овард, ки зиддиятҳову камбудиҳои дохилии равандҳои иқтисодии мамлакат бо суръати дилхоҳ бартараф гардонида шуда, пешбурди бомарому суръатноки он ба даст оварда шаванд. Кӯшишҳои масраф гардида тӯли зиёда аз бист соли гузашта боиси ҳамон шудаанд, ки барқарорсозии иқтисодиёти Тоҷикистон мутобиқу мувофиқи нақшаҳову реҷаҳои пешгирифтаи давлат ба роҳ монда шаванд.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, бонк, саноат, пул, истеҳсолот, кишоварзӣ, воридот, содирот, мол тиҷорат, савдо, хизматрасониҳо.

## ВЛИЯНИЕ ВНЕШНЕЙ ТОРГОВЛИ НА УСТОЙЧИВОЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ.

В статеье, посвящённой развитию торговли, отмечается, что данное соглашение позволило устранить внутренние противоречия и недостатки в экономических процессах страны в желаемом темпе и добится её плавного и быстрого развития.

Усилия, приложенные за последние двадцать лет, привели к восстанавлению экономики Таджикистана в соответствии с принятыми государством планами и программами.

**Ключевые слова**: экономика, банковское дело, промышленность, деньги,производство, селькоехозяйство, импорт, экспорт, торговля,услуги.

## THE IMPACT OF OFF-LINE TRADT ON SUSTAINABLE ECONOMIC DEVELOPMENT.

An article on trade development notes that this agreement has enabled the country to resolve internal contradictions and shortcomings in its economic processes at the desired pace,achieving smooth rapid development. Efforts over the past twenty years have led to the restjration of Tajikistans economy in accordance wich state-adopted plans and programs.

**Key words**: economy, banking, industry, money, production, agriculture, import, export, trade, goods, trade, services.

**Пирова Ш.С.** –ассистенти кафедраи идораи давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48\5. Тел.: 907913677

# БАХШИ II: НАҚШИ СОҲАҲОИ АЛОҲИДА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМИКУНОНӢ

## СТАТИСТИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Ходжаев Парвиз Давронович**-*доктор экономических наук, профессор, зав. отдела НИИ туризма и предпринимательства МИТИПРТ.*

В условиях формирования и развития рыночных отношений цифровая трансформация деятельности предприятий и организаций явилась следствием цифровой трансформации экономики в целом.

Автором термина «цифровая экономика» считается Николас Негропонте (Nicholas Negroponte) - известный ученый, который, в частности, создал медиалабораторию в MIT (Массачусетский Институт Технологий — один из самых престижных вузов в области технологий в мире). Есть разные взгляды на то, что стоит относить к цифровой экономике, а что в определение не вписывается. Изначально подразумевалось, что это расширенное понятие интернет-экономики, в который включены смежные рыночные сегменты. Это понимание было пересмотрено в последние годы в связи с тем, что многие отрасли, в том числе такие, которые

причисляют к «реальному сектору», претерпевают цифровую трансформацию. Процесс охватывает ритейл, пассажирские и грузовые перевозки, туризм, промышленность, сельское хозяйство, общепит, гостиничный бизнес, медицину, госуправление [1, С. 12].

Цифровой сектор в национальной экономике включает в себя все виды деятельности, связанные с информационными и коммуникационными технологиями (ИКТ), которые способствуют производству, распространению и потреблению цифровых продуктов и услуг. Цифровой сектор оказывает значительное влияние на экономику, способствуя инновациям, повышению производительности и созданию новых рабочих мест. Как показывает наше исследование мировой литературы, цифровой сектор охватывает широкий спектр отраслей и видов деятельности.

Важно отметить, что полноценный цифровой сектор в национальной экономике должен охватывать широкий перечень отраслей и видов экономической деятельности, включая: производство и оказание услуг мобильной связи, развитую сеть интернет-провайдеров, производство телекоммуникационного оборудования; производство телекоммуникационного оборудования, включая компьютеры, сотовые мобильные телефоны, серверы, оптово волоконные провода и т.д.; разработку программного обеспечения, развитие IT-консалтинга, обслуживание и поддержка компьютерных систем; сектор онлайн-торговли различными товарами и услугами через использование цифровых платформ в рамках электронной торговли и т.д.

Кроме того, в цифровой сектор входят осуществление разнообразных видов экономической деятельности как оказание цифровых платежных услуг, цифровые медиа, онлайн-игры, услуги облачного хранения данных, облачные вычисления и SaaS (software as a service) и т.д.

Развитие цифрового сектора в национальной экономике играет ключевую роль в цифровой трансформации национальной экономики и ее основных секторах, включая банковской сектор, здравоохранение, образование, транспорт и реальный сектор. От уровня развития цифрового сектора значительно зависит уровень цифровизации национальной экономики и его секторов, темпы цифровизации и повышение производительности и эффективности:

Развитый цифровой сектор способствует внедрению технологий автоматизации и оптимизации бизнес-процессов, что позволяет снизить издержки и повысить производительность труда за счет быстрого доступа к информации, что улучшает принятие решений и управление всеми видами ресурсов (трудовые, сырьевые, финансовые и человеческий капитал), улучшить качество услуг и товаров, роста доли инноваций и разработки новых продуктов и услуг, переходу к цифровым энергоэффективным и экологически чистым технологиям, помогая охранять отрицательное воздействие человека и устаревших технологий на окружающую среду.

Это связано с тем, что высокий уровень развития цифрового сектора стимулирует инновации и позволяет отечественным товаропроизводителям компаниям разрабатывать новые цифровые продукты и услуги, отвечающие потребностям, как внутреннего, так и на внешнего рынков товаров и услуг на базе создания персонализированных предложений для клиентов, что повышает их удовлетворенность и лояльность. Последнее достигается за счет использование больших данных и аналитики посредством развития услуги облачного хранения данных, облачные вычисления и SaaS (software as a service).

Дар стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати ҳалли мушкилоти асосӣ дар доираи афзалиятҳои стратегӣ иҷрои амалҳо дар самти рушди электроэнергетика дар асоси диверсификатсия ба хотири ба эътидол даровардани тафовутҳои мавсимӣ дар истеҳсоли нерӯи барқ, аз ҷумла бо истифода аз манбаъҳои барқароршаванда, ҳавасмандсозии фаъолнокии инноватсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии корҳои таҳқиқотӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо истифода аз инноватсияҳо ва бо ба инобат гирифтани талаботи муосир ва имконияти молиявии рушди бозори фурӯши барқ дар давраи мазкур идома додани барномаи сохтмони НБОХ дар доираи диверсификатсияи манбаъҳои тавлиди барқ ва шаклҳои моликияти онҳо, таъмини беҳгардии молиявии низоми электроэнергетикӣ дар асоси баланд бардоштани интизоми пардохтҳо, таҷдиди сохтори соҳаи электроэнергетика, сиёсати дурусти нархгузорӣ дар бозори фурӯши барқ, роҳандозӣ намудани тадбирҳо оид ба сарфаи барқ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи барқ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ зарур аст. Татбиқи инноватсияҳо дар ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи манбаъҳои тавлиди барқ дар асоси сохтмони нерӯгоҳҳои бо қувваи гармӣ (сӯзишворӣ, асосан ангишт) коркунанда ва рушди соҳаи истихроҷи ангишт, инчунин татбиқи лоиҳаҳо доир ба паст кардани талафоти нерӯи барқ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои энергетикии мавҷудбуда аҳамияти муҳим дошта метавонад.

Соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба татбиқи дастовардҳои илм ва техникаи ватанӣ ва хориҷӣ, технологияҳои нави босамари истеҳсол ва истифодаи нерӯи барқ ниёз дорад. Дар баробари ин, ба андешаи мо, дар соҳаи электроэнергетика як қатор мушкилот ҳастанд, ки ба татбиқи муносиби инноватсияҳо алоқаманд мебошанд, чун:

- вобастагии зиёди корхонаҳои электроэнергетикӣ аз технологияҳо ва таҷҳизоти воридотӣ (хориҷӣ);

- мувофиқат накардани сатҳи техникии корхонаҳои соҳаи электроэнергетика ба талаботи муосири истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ;

- иқтидори илмию таҳқиқотии маҳдуд, мавҷуд набудани инфрасохтори инноватсионӣ (ниҳодҳо ва ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, марказҳои инноватсионию

технологӣ, паркҳои техникӣ, марказҳои омодасозии кормандон барои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи электроэнергетика).

Ба азнавтаҷҳизонидани техникии соҳаи энергетика «на танҳо набудани маблағгузорӣ ба иқтидорҳои нав, балки набудани коркардҳои инноватсионии босифати дорои нархҳои дастрас ва қобили қабул, инчунин як қатор омилҳои институтсионалӣ монеъ мешаванд» [2,с.17-26].

Таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи инноватсияҳо дар соҳаи электроэнергетика нишон медиҳад, ки яке аз самтҳои муҳими рушди инноватсионии соҳаи электроэнергетика ин низоми тақсимшуда ё ба ибораи дигар – низоми ғайримарказонидашудаи электроэнергетикӣ мебошад.

Рушди соҳаи электроэнергетика дар асоси низоми электроэнергетикии тақсимшуда «на танҳо масъалаҳои ночизи бо нерӯи барқ таъмин намудани истеъмолкунандагони дурдастро ҳал мекунад, инчунин яке аз самтҳои мубрами инноватсионӣ ба шумор меравад. Ба туфайли истифодаи технологияҳои нав он метавонад самаранокии амалкунии комплекси электроэнергетикиро ба андозаи назаррас баланд бардорад» [8, с.54-59].

Истеҳсоли тақсимшудаи барқ – ин маҷмуи нерӯгоҳҳое мебошад, ки бо макони истеъмоли нерӯи барқ дар масофаҳои наздик ҷойгир шудаанд, ё бевосита бо истеъмолкунанда, ё ба шабакаҳои тақсимоти барқ пайваст мебошанд. Аз ҳисоби ин талафоти шабакавии барқ ҳангоми тақсим кардани он кам мешавад. Истеъмолкунанда метавонад интихоб кунад: «нерӯи барқро аз таъминкунандаи кафолатдиҳанда харид кунад, ё ба шабакаи тақсимшуда пайваст шавад» [3, с. 274–283]. Нархи барқ дар корхонаи таъминкунандаи кафолатдиҳанда аз тарифи ягонаи «дегӣ» барои интиқоли барқ тавассути шабакаҳо, пардохти ҳаққи хизматрасонии ташкилотҳои инфрасохтор ва болонархи фурӯши таъминкунандаи кафолатдиҳанда ва нархҳои нерӯи барқ дар бозори яклухт ташаккул меёбад. Дар иншооти тақсимшудаи истеҳсолӣ дар нархи нерӯи барқ тарифи ягонаи «дегӣ» барои интиқоли барқ тавассути шабакаҳо, хароҷоти воҳид, ки бозгашти сармояро таъмин мекунанд ва хароҷоти воҳид барои истеҳсоли нерӯи барқ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Самари истифодаи нерӯи барқи дар иншооти тақсимшуда истеҳсолшуда аз хароҷоти воҳиди таъминкунандаи бозгашти сармоя ба сохтмони иншооти тавлиди тақсимшуда ва арзиши хароҷоти воҳид барои истеҳсоли нерӯи барқ вобаста мебошад.

Низоми электроэнергетикии тақсимшуда пеш аз ҳама масъалаҳои истеҳсол ва фурӯши нерӯи барқро фаро мегирад. Таъмини имконияти тавлиди худмухтори нерӯи барқ барои эҳтиёҷи худӣ, имконияти фурӯши барқи барзиёд ба дигар иштирокчиёни бозор – афзалиятҳои асосии низоми электроэнергетикаи тақсимшуда мебошанд.

Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар соҳаи электроэнергетика нишон медиҳад, ки низоми электроэнергетикии тақсимшуда асосан иншооти дар асоси манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ коркунандаро фаро мегирад. Тибқи маълумоти Bloomberg New Energy Finance (яке аз таҳвилкунандагони пешбари иттилооти молиявӣ барои иштирокчиёни бозорҳои молиявӣ), то соли 2040 72%-и сармоягузориҳо ба лоиҳаҳои тавлиди барқ ба иқтидорҳои истифодабарандаи нерӯи офтоб ва бод рост меояд [7].

Ҳавасманд кардани рушди технологияҳои манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ боиси он гардидааст, ки аз ҷиҳати арзиши барқ чунин иншооти истеҳсолӣ бо манбаъҳои анъанавии тавлиди нерӯи барқ баробар мешаванд, дар баъзе ҳолатҳо ҳатто арзиши барқи дар манбаъҳои барқароршаванда истеҳсолшаванда пасттар аст. Умуман паст шудани арзиши истеҳсоли нерӯи барқ дар панелҳои офтобӣ аз соли 2009 то соли 2017 то ба 67% паст шуд, дар турбинаҳои бодӣ – то 86% [6].

Эҳтимол меравад, ки то соли 2050 низоми электроэнергетикии ҷаҳонӣ ба андозаи 100% дар манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ истеҳсол мешавад ва дар ин маврид арзиши нерӯи барқи истеҳсолшуда нисбатан паст мешавад. Чунин дастовардҳо дар соҳаи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ ба туфайли он ба даст омаданд, ки аксари мамлакатҳо сиёсатеро дар соҳаи электроэнергетика роҳандозӣ мекунанд, ки мусоидати молиявии истифодабарии ҳамаҷонибаи технологияҳоро тавассути муқаррар кардани тарифҳои махсус, имтиёзҳои андозӣ ва дигар механизмҳо дар бар мегирад. Ғояи асосӣ дар ин самт дар «истифодаи самари омӯзиш ва сармоягузорӣ ба омӯзиш, инчунин паст кардани арзиши таҷҳизот ва баланд кардани ҳаҷми истеҳсол» ифода меёбад[2,с.17-26]. Ҳамчунин пешниҳод кардани мусоидати молиявӣ ба густариши татбиқи инноватсияҳо дар назар аст, то замоне, ки онҳо нисбат ба технологияҳои анъанавӣ рақобатпазиртар нагарданд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 то 10 ГВт зиёд шудани иқтидорҳои лоиҳавии низоми электроэнергетикии мамлакат, то 10% коҳиш додани талафоти техникӣ ва молиявӣ дар шабакаҳои барқӣ, то 10 миллиард кВт-соат зиёд кардани содироти солонаи нерӯи барқ, то 10% диверсификатсияи иқтидорҳои низоми электроэнергетикии мамлакат аз ҳисоби дигар намудҳои ғайрианъанавии манбаъҳои тавлиди барқ ва ба таври илова дар як сол зиёда аз 500 млн. кВт-соат истеҳсол намудани барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, инчунин истифодаи технологияҳои каммасраф дар назар дошта шудааст. Ба ин хотир, пешбинӣ мешавад, ки то соли 2030 дар мамлакат истеҳсоли нерӯи барқ аз ҳисоби нерӯгоҳҳои офтобӣ ва бодӣ боз ба андозаи 700 МВт зиёд карда шавад. Ҳоло дар ин самт татбиқи се лоиҳа бо иқтидори 260 МВт роҳандозӣ шудааст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бозори фурӯши барқ, баланд шудани самаранокии соҳаи электроэнергетика ва татбиқи ҳамаҷонибаи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди барқ чун шарти аввалии рушди босуръати саноат, кишоварзӣ, дигар бахшҳои иқтисодиёт ва афзоиши сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат баромад мекунанд. Аммо нарасидани барқ, зуд-зуд қатъ шудани таъмини барқ, маҳдудияти сунъии афзоиши истеъмоли барқ ва қафомонии муҳим аз барномаҳои дарозмуҳлати ҷорӣ намудани иқтидорҳои нави истеҳсоли барқ, мавҷудияти талафот дар сатҳи баланд (15% аз барқи ба шабакаҳо воридшуда) – хусусиятҳои хоси имрӯзаи низоми электроэнергетикии мамлакат мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ба татбиқи инноватсияҳо дар бозори фурӯши барқ дар асоси манбаъҳои барқароршаванда аллакай аз давраҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ диққати муҳим дода мешавад. Иқдомҳои аввалини дастгирии сохтмон ва истифодаи иншооти дар асоси манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди нерӯи барқ коркунанда аз он замон оғоз шудаанд.

**Адабиёт:**


1. Исайнов, Х.Р., Асоев, Б.Х. Инновационная модернизация на рынке электроэнергетики стран Центрально-Азиатского региона [Текст] / Х.Р. Исайноа, Б.Х. Асоев // Вестник Тажикского национальго университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 2. – С. 13-20

2. Колмогоров, В.В. Инновационная составляющая повышения эффективности энергетики [Текст] / В.В. Колмогоров // ЭКО. – 2011. - № 4 (442). – С. 17-26

3. Ховалова, Т.В. Инновации в электроэнергетике: виды, классификация и эффекты внедрения [Текст] / Т.В. Ховалова // Стратегические решения и риск-менеджмент. - 2019. - Т. 10. - № 3. - С. 274–283

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2021 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://prezident.tj/node/27417

5. Сомонаи расмии ШСХК «Барқи Тоҷик» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://barqitojik.tj/about/dependents/generation/ (Санаи муроҷиат: 25.12.2021)

6. Lazard's levelized cost of energy analysis - version 11.0 (2017) [Electronic resource] // Lazard / Access mode: URL:https:// www.lazard.com / media / 450337 / lazard-levelized-cost-ofenergy-version-110.pdf

7. Bloomberg New Energy Finance [Electronic resource] / Access mode: https://www.bloomberg.com/

## ИННОВАТСИЯҲО ВА САҲМИ ОНҲО ДАР РУШДИ СОҲАИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА ВА БОЗОРИ ФУРӮШИ БАРҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Устувории иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани самаранокӣ аз инноватсияҳо вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ инноватсияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккул қарор доранд ва саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ акнун муқаррар мешаванд.
Имрӯз субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ на танҳо олимон, инчунин мутахассисон, соҳибкорон ва харидорон метавонанд бошанд, вале пешниҳодҳои инноватсионии онҳо бояд мубрам ва дархостшаванда бошанд, пеш аз ҳама, давлат бояд ба онҳо таваҷҷуҳ дошта бошад. Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар як мамлакат, ки ба баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёти худ дар арсаи байналмилалӣ ҳавасманд аст, ҷахд менамояд, ки низоми одилона ва шаффофи ҳавасмандӣ ва дастгирии навоварон ва инноватсияҳоро бунёд ва татбиқ кунад. Электроэнергетика дар амалкунӣ ва рушди бозории ҳар як мамлакат соҳаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ҳамчун самти асосии стратегии рушди энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 омодагӣ ба раванди гузариш аз стратегияи рушди индустриалии ба сармоягузориҳо асосёфта, ба стратегияи рушд дар асоси дониш ва инноватсияҳо муқаррар карда шудааст. Самти муҳими рушди инноватсионии бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навсозии инфрасохтори мавҷуда то дараҷаи инноватсионӣ дар асоси бозсозии технологии соҳаи электроэнергетика ба ҳисоб меравад.
**Калидвожаҳо:**инноватсияҳо,субъектҳо, электроэнергетика, стратегия, индустриалӣ, технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иқтидор, принсипҳо, рушди устувор, рақобатпазирӣ,бозори фурӯши барқ.

## ИННОВАЦИИ И ИХ ВКЛАД В РАЗВИТИЕ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО СЕКТОРА И РЫНКА СБЫТА ЭЛЕКТРОЭНЕРГИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Стабильность национальной экономики и повышение эффективности во многом зависят от инноваций. Поэтому инновации в Республике Таджикистан находятся на этапе становления, и сейчас определяется их вклад в развитие национальной экономики. Сегодня субъектами инновационной деятельности могут быть не только учёные, но и специалисты, предприниматели и покупатели, но их инновационные предложения должны быть актуальными и востребованными, и, прежде всего, на них должно обращать внимание государство. Именно поэтому каждая страна, заинтересованная в повышении конкурентоспособности своей экономики на международной арене, стремится создать и внедрить справедливую и прозрачную систему стимулирования и поддержки новаторов и инноваций.

Электроэнергетика считается важнейшей стратегически важной отраслью в функционировании и развитии рынка каждой страны. Основным стратегическим направлением развития энергетики Республики Таджикистан на период до 2030 года является подготовка к переходу от инвестиционной стратегии развития промышленности к стратегии развития, основанной на знаниях и инновациях. Важным направлением инновационного развития рынка сбыта электроэнергии в Республике Таджикистан является модернизация существующей инфраструктуры до инновационного уровня на основе технологической модернизации электроэнергетического сектора.
**Ключевые слова:** инновации, субъекты, электроэнергетика, стратегия, промышленный, технологический, экономический, социальный, потенциал, принципы, устойчивое развитие, конкурентоспособность, рынок сбыта электроэнергии.

**INNOVATIONS AND THEIR CONTRIBUTION TO THE DEVELOPMENT OF THE ELECTRIC POWER SECTOR AND THE ELECTRICITY MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The stability of the national economy and increasing efficiency largely depend on innovations. Therefore, innovations in the Republic of Tajikistan are at the stage of formation, and their contribution to the development of the national economy is now being determined. Today, the subjects of innovative activity can be not only scientists, but also specialists, entrepreneurs and buyers, but their innovative proposals must be relevant and in demand, and first of all, the state must pay attention to them. That is why every country that is interested in increasing the competitiveness of its economy in the international arena strives to create and implement a fair and transparent system of incentives and support for innovators and innovations. Electric power is considered the most strategically important sector in the functioning and market development of each country. The main strategic direction of the energy development of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 is the preparation for the transition from an investment-based industrial development strategy to a development strategy based on knowledge and innovation. An important direction for the innovative development of the electricity sales market in the Republic of Tajikistan is the modernization of the existing infrastructure to an innovative level based on technological modernization of the electric power sector.

Key words: innovation, subjects, electric power industry, strategy, industrial, technological, economic, social, potential, principles, sustainable development, competitiveness, electricity sales market.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Бобохонова Шахрбону Холназаровна –** Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, н.и.и.и.в.дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, E-mail: **b.bonu1974@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-63-52-87**

## ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРИИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мирзоев С.А.** *н.и.и.,дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.*
**Сафарзода Ҳамза Сафар** – *Унвонҷуи Д А Т ба номи Ш.Шохтемур.*

Рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози солҳои навадуми асри бист, ҳамчунин, ислоҳоти тамоми соҳоти истеҳсолоти моддӣ ва тағйироти қонунгузориҳо боиси ба вуҷуд омадани гуногуншаклии зиёди шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ гаштанд. Дар натиҷаи ислоҳот дар маҷмӯи кишоварзию саноатӣ сохтори сифатан нави истеҳсолоти хоҷагӣ- хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ХДФ ба вуҷуд омаданд.

Шаклҳои хурди хоҷагидорӣ (ХДФ) дар минтақаҳои кишоварзӣ дар истеҳсоли умумии маҳсулоти кишоварзӣ саҳми намоён мегузоранд, ин ба дараҷаи муайян имкони сарфаи захираҳо, майдони зарурӣ барои рушди рақобатро фароҳам меорад, як қисми аҳолиро бо кор таъмин мекунад. Дар байни бартариҳои шаклҳои хурди хоҷагидорӣ инҳоро метавон номбар кард: қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ, зудҳаракатӣ ва чандирӣ дар қабули қарорҳои идорӣ, серҳаракатӣ, ҳадафнокӣ ва қатъият, омодагӣ ба таваккал ва тавонистани идораи он. Дар байни ин шаклҳои хоҷагидорӣ чунин сохтори муносибати кишоварзӣ - хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз ҳама муҳимтар ба ҳисоб меравад.

Имрӯз масъалаҳои дахлдори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 19.05.2009, №526 ба танзим дароварда мешавад, он ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ташкили ихтиёрии чунин хоҷагиҳо, мустақилияти хоҷагидории онҳо, баробарии онҳоро бо шаклҳои дигари хоҷагидорӣ дар маҷмуи агросаноатӣ кафолат медиҳад. Ҳадафи ин қонун ба ташкили шароити рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), истеҳсоли маҳсулоти молии хоҷагии кишоварзӣ, таъмини истифодаи сарфакорона ва нигаҳдории заминҳои ба ихтиёри онҳо вогузоршуда, ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ин хоҷагиҳо равона шудааст.

Идораи босамари хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) танҳо бо мавҷудияти иттилооти пурраи ифодагари тамоми паҳлӯҳои фаъолияти хоҷагидории онҳо имконпазир аст. Сарчашмаи асосии иттилооти фаврӣ ва ҳақиқӣ дар рушди истеҳсолот, иҷрои амалиётҳои хоҷагӣ баҳисобгирӣ ва ҳисобот мебошад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ ҷузъи муҳими системаи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки бе донистани он идораи босамари муассиса имкон надорад. Он яке аз сарчашмаҳои асосии иттилоот дар бораи фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявию хоҷагии муассисаи кишоварзӣ ва зерсохторҳои он буда, барои қабул ва иҷрои қарорҳои идорӣ зарур дониста мешавад. Баҳисобгирии дуруст ба роҳ мондашуда ин асоси ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибмулкӣ ва манфиатҳои қонунии фермер ва дигар кормандони хоҷагӣ ба ҳисоб меравад. Аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бораи натиҷаҳои ҷорӣ ва солонаи кор бояд маълумоти дуруруст дошта бошанд, то роҳи минбаъдаи фаъолияти хоҷагидориро муайян созанд, истифодаи камсамари моликияти умумиро пешгирӣ намоянд.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 80 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба ҳисоб гирифта шудааст. Метавон гуфт, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шакли амалкунандаи ояндадори ташкилию ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар деҳот ба ҳисоб мераванд. Аммо шароити фаъолияти ин шакли нави иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузориҳои нав ба андозаи даркорӣ ба танзим дароварда нашудааст.

Махсусияти соҳавӣ, зарурияти зуд ҷавобгӯ будан ба шароити ҳамеша тағйирёбандаи ХДФ, дар санадҳои меъёрии қонунгузорӣ набудани бурдани тарзи муназзами баҳисобгирии муҳосибӣ дар ин намуди молистеҳсолкунандӣ муҳимияти коркард ва ба роҳ мондани шакли умумии баҳисобгириро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 2 марти соли 2011, №350 ба миён мегузорад, дар он соҳибкорони инфиродӣ, ки сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) низ аз ҷумлаи онҳо мебошанд, аз гузарондани баҳисобгирии муҳосибӣ озод карда шудаанд, аз онҳо танҳо бо мақсади андозбандӣ баҳисобгирӣ талаб карда мешавад. Аммо, ба назари мо гузарондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар навбати аввал барои мақсадҳои зерин зарур аст: таъмини фаъолияти босамари хоҷагӣ; баҳисобгирии базаи андоз аз рӯйи намудҳои гуногуни андоз; қарздиҳӣ; банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ; ба даст овардани маълумот дар бораи моликияти хоҷагӣ, хароҷот, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва воридоти фоида аз фурӯши он; баҳисобгирии оморӣ ва баҳисобгирӣ; пешниҳоди иттилоот ба муассисаҳои давлатӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ; баҳисобгирии маҳсулоти истеҳсолшуда; бурдани ҳисоббаробаркунӣ бо аъзоёни хоҷагӣ ва шахсони савум; таҳлили натиҷаҳои фаъолият; назорати ҳолат ва ҳаракати воситаҳои хоҷагӣ, сарчашмаҳои онҳо, ҳифзи моликияти ХДФ; пешгирии номутаносибӣ дар фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ва молиявии онҳо.

Махсусияти шакли мавриди назари хоҷагидорӣ, номукаммалии базаи қонунгузорӣ дар бобати мақоми худи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва аъзоёни онҳо, моликият, тақсими даромад барои интихоби шакл ва усулҳои бурдани баҳисобгирӣ, ки аз ҳаҷми истеҳсолот ва намуди фаъолият вобаста аст, мушкилоти иловагӣ ба вуҷуд меорад.

*Ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар ХДФ бисёр вақт ҳамчун нишондиҳандаи маданияти баланди фаъолият хидмат мекунад. Бояд дар назар дошт, ки баҳисобгирии дуруст ба роҳ монда шуда:*

• ба ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва манфиатҳои қонунии деҳқонон мусоидат менамояд;

• ҳаҷми зарурии иттилоотро барои қабули қарорҳои саривақтии идорӣ таъмин месозад;

• имкон медиҳад, ки таҳлили фаъолият ва баҳодиҳии сатҳи даромаднокии хоҷагӣ анҷом дода шавад;

• барои назорат аз тарафи мақомоти давлатӣ аз болои фаъолияти ХДФ оид ба истифодаи кредит, музди меҳнат ва ҳифзи меҳнат, пардохти андоз ва ғайра шароит фароҳам меорад.

Барои ташкил ва гузарондани баҳисобгирии муҳосибӣ ХДФ корҳои зеринро анҷом медиҳад:

• шакли кори муҳосибиро вобаста ба шароити хоҷагидорӣ мустақилона муайян мекунад;

• дар асоси шакл ва усулҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роиҷ (бо риояи принсипҳои умумӣ), ки Низомнома оид ба истифодаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳамчунин, технологияи коркарди иттилооти баҳисобгирӣ шакл ва усули баҳисобгирии муҳосибиро муайян месозад;

• истифодаи қоидаҳои муқарраршудаи бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла тартиби ҳуҷҷатгузории амалиётҳои хоҷагӣ, инъикоси онҳо дар регистрҳои баҳисобгирӣ, арзёбии молу мулк ва амалиётҳои хоҷагӣ, инвентаризатсияро таъмин месозад;

• системаи назорати дохилихоҷагиро коркард менамояд;

• усули муайян намудани даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ (кор, хизматрасонӣ) ва ғайраро муайян месозад;

Баробари ин, мутобиқи ҳуқуқҳои пешбининамудаи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо метавонанд таҳияи ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисобот дар китоби даромадҳо ва хароҷотҳоро бе истифодаи принсипи сабти дукарата, Нақшаи баҳисобгириҳо ташкил намоянд ва баҳисобгирии тавозуниро тартиб надиҳанд.

*Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар ХДФ мавҷуданд:*




***Расм:*** *Шакли баҳисобгирии журналию ордерӣ*

*Аломатҳо:* - мураттабии иҷрои сабтҳои баҳисобгирӣ;
-муқоисаи натиҷаҳо.

• дар як феҳрести қайди хронологӣ ва систмавиро якҷоя кардан ва ҳармоҳа ҷамъбасти журнал-ордерҳоро барои сабти гардишҳо ба Китоби асосӣ бе муроҷиат ба тартибдиҳии ордерҳои мемориалӣ истифода бурдан мумкин аст;

• барои баъзе ҳисобҳои асосӣ ҳисоби махсуси таҳлилӣ тартиб додан шарт нест;

• пайвандии мустақими баҳисобгирии таҳлилӣ бо баҳисобгирии синтетикӣ, инчунин, бо тавозун ба даст оварда мешавад;

• истифодаи журнал-ордерҳо имкон медиҳад ҳангоми барасмиятдарории амалиётҳо дар онҳо зудтар корреспонденсияи ҳисобҳоро дарк кард ва сабтҳои мазмунан номувиқи иқтисодиро пешгирӣ кард;

• барои тақсимоти мутаносиби меҳнат шароит муҳайё мекунад.

Дар хоҷагиҳои деҳқонии иборат аз як оила воситаҳои асосӣ дар намуди ду-се воҳиди техника пешниҳод мегардад, ки ба онҳо карточкаи бақайдгирии воситаҳои асосӣ, ба захираҳои истеҳсолӣ бошад, карточкаи баҳисобгирии амволи анбор кушода мешавад. Нигоҳ доштани китоби хароҷот барои истеҳсолот ба роҳ монда нашудааст, зеро чун қоида дар чунин хоҷагиҳо як зироатро кишт мекунанд ё як намуди чорворо парвариш менамоянд. Барои ба ҳисоб гирифтани музди меҳнат аз ведомостҳои баҳисобгирӣ-пардохтӣ истифода мебаранд.

**Адабиёт:**

1.Барфиев Қ.Х. Таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхона. китоби дарсӣ, Душанбе-2013 с. 320 с.

2.Бадалов Х.Ҳ.,Бобомуродов П.Х. Хусуситҳо ва аҳамияти фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) дар рушди идоракунии иқтисодӣ миллӣ [Текст].//Пайёми Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон : Вестник ТГУК.– 2022. – №1. –С-129.

3.Тағоев Ҷ.Ҳ. Иқтисодӣ кишоварзӣ(Васоити таълимӣ)-Душанбе: «Ирфон»,2006.-С 214-215( 272с)

4.Раҳимов Р.К. Самтҳои асосии рушди иқтисодиёт ва масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар Тоҷикистон/ Раҳимов Р.К.-Душанбе:Нашриёти «Дониш»,1983.-С. 204.

5.Исмоилов М.И. Организация учета в крестьянских (фермерских) хозяйствах // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий.-1997.-№ 6.-С.24-26.

6.Сабзаева М. С. Современые проблемы формирования и развития дехканских (фермерских) хозяйств в рьшочных условиях (на материалах 7.Шарифов З.Р. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ. Душанбе, Ирфон 2019, 159 С.

## ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРИИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур оид ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерии) Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози солҳои пеш, ҳамчунин, ислоҳоти тамоми соҳоти истеҳсолоти моддӣ ва тағйироти қонунгузориҳо боиси ба вуҷуд омадани гуногуншаклии зиёди шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ гаштанд. Баҳисобгирии муҳосибӣ ҷузъи муҳими системаи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки бе донистани он идораи босамари муассиса имкон надорад. Он яке аз сарчашмаҳои асосии иттилоот дар бораи фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявию хоҷагии муассисаи кишоварзӣ ва зерсохторҳои он буда, барои қабул ва иҷрои қарорҳои идорӣ зарур дониста мешавад. Баҳисобгирии дуруст ба роҳ мондашуда ин асоси ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибмулкӣ ва манфиатҳои қонунии фермер ва дигар кормандони хоҷагӣ ба ҳисоб меравад.

**Калимаҳои асосӣ:** -иқтисодӣ,иҷтимоӣ,баҳисобгирӣ,ташкил,қонунҳо,хоҷагиҳои деҳқонӣ, рушд, саноат,банақшагирӣ.

## ОРГАНИЗАЦИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В ДЕХКАНСКИХ (ФЕРМЕРСКИХ) ХОЗЯЙСТВАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена организации бухгалтерского учета в дехканских (фермерских) хозяйствах Республики Таджикистан. Развитие рыночных отношений в Республике Таджикистан в начале предыдущих лет, а также реформы всех отраслей материального производства и изменения законодательства привели к появлению большого разнообразия форм собственности и хозяйствования. Бухгалтерский учет считается важным компонентом экономической системы, без знания которого

невозможно эффективное управление учреждением. Он является одним из основных источников информации о производственной и финансово-хозяйственной деятельности сельскохозяйственного учреждения и его инфраструктуры и считается необходимым для принятия и выполнения управленческих решений. Правильно налаженный учет является основой защиты прав собственности и законных интересов фермера и других работников хозяйства.

**Основные слова:** - экономический, социальный, учет, организация, законы, дехканское хозяйство, развитие, промышленность, планирование.

**ORGANIZATION OF ACCOUNTING IN DEHKAN (FARMING) FARMS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article is devoted to the organization of accounting in dehkan (farming) farms of the Republic of Tajikistan. The development of market relations in the Republic of Tajikistan at the beginning of previous years, as well as reforms in all branches of material production and legislative changes, led to the emergence of a wide variety of forms of ownership and management. Accounting is considered an important component of the economic system, without knowledge of which effective management of an institution is impossible. It is one of the main sources of information about the production and financial and economic activities of an agricultural institution and its infrastructure and is considered necessary for making and executing managerial decisions. Proper accounting is the basis for protecting the property rights and legitimate interests of the farmer and other farm workers.

**Key words:** - economic, social, accounting, organization, laws, dehkan economy, development, industry, planning.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Мирзоев С.А.**- н.и.и.,дотсенти ДБССТ, Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. тел (+992)907500013.

**Сафарзода Ҳамза Сафар-** Унвонҷӯи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Нишонӣ 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146; тел (+992) 985969591.

## СОЗДАНИЕ УГЛЕРОДНОГО РЫНКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН : РИСКИ И ПРЕИМУЩЕСТВА

**Махмудова Мухаббат Хамидовна**– к.э.н., доцент кафедры экономической теории МУТПТ.

В настоящее время идея создания углеродного рынка в Таджикистане становится актуальной. В условиях глобальных климатических изменениях появляется необходимость в адаптации к изменениям климата. Страна сталкивается с рядом экологических и экономических проблем, таких как таяния ледников и дефицит водных ресурсов.

В Таджикистане углеродного рынка как такового ещё не существует, но страна активно стремится создать для привлечения инвестиций и участия в международных климатических инициативах, таких как «зелёная» энергетика и экотуризм.

Углеродный рынок-это торговая система, где можно покупать и продавать углеродные средние единицы как важный инструмент в борьбе с изменением климата или углеродный рынок- специализированный тип финансового рынка [3,с.2].

Как было отмечено выше, создание углеродного рынка даст стране получить международные инвестиции.

Привлечение инвестиции через углеродные рынки откроет возможности для участия в международных инициативах таких как Программа ООН по зелёной энергетике или проект Азиатского банка развития. Международные организации активно поддерживают Таджикистан, что в будущем страна может повысить доверие инвесторов и способствовать успешной реализации углеродного рынка.

Таким образом, несмотря на отсутствие сформированного углеродного рынка Таджикистан находится на пути к его созданию, видя в этом возможность для привлечения инвестиций и развития экономики. Создание углеродного рынка позволит Таджикистану интегрироваться в глобальные климатические процессы и получить доступ к новым финансовым инструментом.

Тем не менее, создание углеродного рынка в Таджикистане связано с рядом рисков и вызовов. Экономическая ситуация в стране требует значительных финансовых ресурсов для реализации климатических проектов, которые могут составить до 96 млрд.долл. [2,с.4].

Согласно Страновому докладу о климате и развитии «зеленой» экономики необходимо в экономику Таджикистана инвестировать 34 млрд. долл. К 2030 годах и дополнительные 45 млрд.долл. в 2031-2050.

Эти цифры ставят под сомнение о способности страны самостоятельно покрыть расходы, что делает создание углеродного рынка зависимым от внешней помощи.

Кроме того, для функционирования углеродного рынка необходимо развивать инфраструктуру и законодательную базу, включая систему сертификации углеродных кредитов, чего пока нет в Таджикистане. Также следует учитывать критику экологов, которые выражают опасения по поводу воздействия крупных гидро-электростанций на окружающую среду.

Эксперты считают, что для создания углеродного рынка в Таджикистане необходимы конкретные шаги.

В ходе климатической конференции КС-29 , которая прошла в Баку в 2024 году, было отмечено, что объем климатического финасирования для поддержания развивающихся стран должен быть увеличен как минимум в черыре раза. Отмечено,что несмотря на правильность решения об увелечении финансовой помощи до 300 млрд доларов к 2035 году, этого недостаточно[4,с.2].

Основой экономики Таджикистана является промышленность и сельское хозяйство, где занята большая часть населения. Эти отрасли явдяются основными источниками выбросов парниковых газов,но и предлогают возможности для внедрения “зеленых” технологии. В стране добываются уголь,нефть и газ,что требует мер по снижению воздействия их на окружаюшую среду.Основные отрасли, которые будут связаны с

развитием углеродного рынка-это химическая, горнодобывающая, хлопчатобумажная машиностроительная промышленности.

Гидроэнергетика и солнечная энергия являются ключевыми ресурсами для развития возобновляемой энергии и снижения зависимости ои ископаемого топлива.

Для создания углеродного рынка в Таджикистане необходимо установить квоты на уровне крупных предприятий. Однако, для этого нужно наличие крупных субъектов.

На данный момент такими предприятиями являются ТАЛСО, Душанбинкий ТЭЦ-1, ТЭЦ-2 и ещё несколько других, которых можно было бы квотировать по выбросам парниковых газов. Но этого количества предприятий недостаточно для формирования полноценного углеродного рынка. Углеродные кредиты –это квоты на допустимое количество выбросов в окружающую среду, эквивалентные одной тонне углекислого газа. Каждый гоударственный субъект получает определённую квоту на выбросы, которая затем распределяется среди компаний.

Углеродные рынки позволяют правительствам и другим не государственным субъектам ( предприятиям) торговать этими квотами, помогая достичь климатических целей с использованием экономических эффективных методов.

Однако, в Таджикистане пока отсутсвует система мониторинга, отчётности и контроля о выбросах $CO_2$ . В настоящее время предприятие, у которых нет нормы выбросов $CO_2$, могут учитывать добровольный углеродный след с использованием стандартов ISO 14064 и участвовать в международных программах по продажам углеродных кредитов от ГЭС через Gold Standard.

Возможно, в Таджикистане 2025-2027 годах будут приняты первые законы о регулирование $CO_2$ ( МВФ и ВБ).

Продажа углеродных кредитов возможно для Рогунской ГЭС, хотя ГЭС формально не имеет лимитов на $CO_2$ , она может сертифицироваться и VCS и продавать кредиты.

Большой вклад в углеродный рынок Таджикистана могут внести лестные проекты. « Согласно научным исследованиям, одно дерево может компенсировать от 21,77 до 31,5 кг $CO_2$ , в год. Чтобы компенсировать 1 тонну $CO_2$ , потребуется от 31 до 46 деревьев» [4,с.2].

Создание углеродного рынка в Таджикистане может стать важным шагом на пути к устойчивому развитию, но процесс сопряжен с рисками.

Но, сначала отметим преимущества. Одним из них является привлечение международных инвестиций для реализации экологических чистых проектов, таких как развитие возобновляемых источников энергии. Это откроет новые финансовые возможности для страны, которые могут быть использованы для повышения энергетической безопасности и адаптации к изменениям климата.

Участие в международной углеродной торговле также позволит Таджикистану стать частью глобальной климатической системы компенсации за выбросы $CO_2$, что, в свою очередь, может стимулировать экономический рост.

Таджикистан имеет значительный потенциал в области возобновляемой энергетики, особенно в гидроэнергетике, и использование этого ресурса и получение углеродных кредитов откроет дополнительные перспективы. Важно отметить, что такие проекты могут способствовать диверсификации энергетического рынка, что сделает страну менее зависимой от углеродных источников.

Как отмечают эксперты об основных рисках создания углеродного рынка в Таджкистане- это нехватка технических специалистов, отстуствие необходимых финансовых инстументов и низкий уровень осведомленности бизнеса. Однако, возможности этого рынка связаны с привлечением международных инвестиции, улучшением экологической ситуатции и созданием новых рабочих мест через внедрение “ зеленых” технологий.

Важно понимать, что для успешного создания углеродного рынка необходимо не только законодательное регулирование, но и повышение осведомленности среди местных предпринимателий и специалистов, а также наличие соотвествующих технических решений и финасовых условий.

Одним из рисков является отсуствие достаточной инфраструктуры для мониторинга о выбросах углекислого газа. Чтобы углеродный рынок мог эффективно функционировать, необходимо создать систему учета выбросов и внедрить стандарты для углеродных кредитов. Также отсутвует эффективное решение по сокращению выбросов и внедрение углеродного ценообразования,что затруднит борьбу с изменением климата в Таджикистане.

Как отмечают эксперт, использование угля может привести к серьёзным экологическим последствиям, включая загрязнение воздуха и угрозу здоровью.

Эксперты отмечают, что “сжигание угля на ТЭС выбрасывает летучие соединения и токсические вещества, такие как ртуть, мышьяк, свинец, которые могут вызывать разрушение органов у человека и злокачественные опухоли”.

Кроме того, создание углеродного рынка может столкнутся с экономическими вызовами, связанными с возможными дополнительными расходами на снижение выбросов, что в условиях роста потребления энергии может оказать негативное влияние на экономику страны.

Таджикистан может использовать опыт стран с аналогичными экономическими условиями для решения проблем с изменениями климата и созданием углеродного рынка.

Особенно полезными являются практики Казахстана, Кыргизистана и Узбекистана. Эти страны сталкиваются с похожими вызовами и активно внедряют устойчивые решения в энергетике и адаптации к климатическим изменениям.

Казахстан инвестирует в возобновлемые источники энергии, как солнечная и ветровая энергетика, что может послужить примером для Таджикистана при разработке законодательной базы в поддержке зелёных проектов и привлечения частных инвестиции.

Кыргызистан сосредоточен на устойчивом сельском хозяйстве, развивая технологии водообестпечения и земледелия, что также может быть полезным для Таджкистана[3,с.2].

Узбекистан развивает проекты экотуризма и зеленой экономики, что может стать примером для Таджкистана в области устойчивого использования природных ресурсов и создания рабочих мест.

Таджикистану нужно ориентироваться на опыт стран, где развитие углеродного рынка происходило в последние годы, таких как Вьетнам и Индонезия[4,с.2].

Индонезия делает акцент на лесных проектах, что является важным направлением и для Таджикистана, учитывая потенциал этого сектора.

В заключении можно отметить, что создание углеродного рынка в Таджикистане может стать важной вехой в переходе к устойчивому развитию и привлечению международных инвестиций. Однако, для этого стране предстоит преодолеть серьёзные вызовы – от нехватки инфраструктуры и специалистов до отсутствия нормативной базы и систем мониторига выбросов, а также значительных фиансовых ресурсов.

Как рекомендуют эксперты, успех зависит от чёткой государственной стратегии , развития квотирования для крупных предприятий и сотрудничество с международными партнёрами. Без этих шагов углеродный рынок в таджикистане рискует остаться нереализованной возможностью.

**Литература:**


1. Абдуллоева Ш.Б. Увеличение глобальных экологических проблем. Душанбе .2017.
2. Мингбоев Ш.А.Источники сырья и способы переработки угля. Д.2020.
3. Сайфиддин Караев. « Как Таджикистану заработать миллионы на углеродных проектах». Газета .Азия-Плюс». 15.05.2025. № 18.
4. Сайфиддин Караев. «Деньги из воздуха». Газета .Азия-Плюс». 22.05.2025. № 19.
5. .Грязнова В.А. Глобализация углеродного рынка: возможности о ограничения. М.- 2021г.
6. Соколенко В. Углеродные рынки в мире: механизмы и трансформация. М.- 2018 г.

## СОЗДАНИЕ УГЛЕРОДНОГО РЫНКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН : РИСКИ И ПРЕИМУЩЕСТВА

В данной статье рассматривается одна из важных актуальных проблем современности, создание углеродного рынка в РТ, её риски и преимущества. Приведены практические примеры создания углеродного рынка в других странах.

**Ключевые слова:** углеродный рынок, риски, преимущества, проекты, зелёная экономика

## CREATING A CARBON MARKET IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: RISKS AND BENEFITS

This article examines one of the most important current issues of our time: the creation of a carbon market in the Republic of Tatarstan, its risks and benefits. Practical examples of the creation of a carbon market in other countries are given.

**Keywords:** Carbon market, risks, benefits, projects, green economy

**Махмудова Мухаббат Хамидовна–** к.э.н., доцент кафедры экономической теории МУТПТ. тел. 919682701.

## ЗЕЛЁНАЯ ЭНЕРГЕТИКА И НАПРАВЛЕНИЯ ЕЁ РАЗВИТИЯ В РЕСПУЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Саидова Мавлуда Саъдуллоевна** – к.э.н., доцент кафедры экономической теории МУТПТ.

Производство «зелёной энергии» считается одним из важнейших проблем современного мира, и в свою очередь производство зелёной энергии может стать лучшим средством защиты окружающей среды от парников газов. Именно поэтому в развитых странах увеличивается использование солнечных батарей, гидроэлектростанций и ветровых электростанций. Обычные источники энергии, также как нефть, газ и другие полезные ископаемые, постепенно теряют свое значение.

По мнению ряда ученых, гидроэлектростанции являются одними из основных источников производства «зелёной энергии». Хотя строительство гидроэлектростанции обходится дорого, стоимость энергии, производимой ими, намного меньше чем энергии, производимой ветроэлектростанциями или солнечными батареями. Следует отметить, что Исландия, Канада и Норвегия входят в число крупнейших производителей « зелёной энергии» [3,с.2].

Для достижения поставленных целей необходимо, чтобы в ближайшие годы Правительством страны, Министерством энергетики и водных ресурсов РТ, другими соответствующими структурами и органами были приняты следующие меры[2,с.3]:

-продолжить строительство гидроэлектростанций «Рогун», «Себзор» и реконструкцию действующих гидроэлектростанций, а также расширить работы по поиску финансирования новых мощностей по производству «зеленой» энергии и увеличению энергетических мощностей страны на 10 тысяч мегаватт;

-в связи с реализацией проектов строительства линий электропередачи CASA-1000 и присоединением к энергетической системе Центральной Азии необходимо принять срочные меры по увеличению экспорта электроэнергии до 10 млрд киловатт-часов в ближайшие 7 лет;

-с целью достижения целей Стратегии развития «зеленой» экономики необходимо принять практические меры по созданию гидроэлектростанций за счет возобновляемых источников энергии и к 2030 году — по увеличению альтернативных мощностей производства «зеленой» энергии в объеме не менее 1000 мегаватт, то есть с использованием солнечных и ветряных ресурсов;

-усилить работы по переходу на энергосберегающее оборудование на социально-экономических, производственных и коммуникационных объектах страны и соблюдение высокой культуры использования электроэнергии населением.

Государством планируется к 2029 году ввести в эксплуатацию все 6 агрегатов.

С реализацией указанных мер к 2032 году производство электроэнергии в стране будет полностью обеспечено за счёт возобновляемых источников, то есть на 100 процентов «зелёной энергией» (сейчас 98 процентов), на этой основе по международным стандартам до 2037 года выбросы парниковых газов будут сведены к минимуму.

То есть, Таджикистан как ведущее государство мира по развитию «зеленой» экономики в 2037 году фактически становится «зеленой» страной.

Правительство страны, с учетом обилия гидроэнергетических ресурсов, большого потенциала производства «зеленой» энергии, ее экспорта, предпринимает устойчивые шаги в достижении своей стратегической цели – достижении энергетической независимости.

В 2025 году энергетическая мощность Таджикистана составила более 6 тысяч мегаватт, а производство электроэнергии – 22 млрд киловатт-часов, что на 4,8 млрд киловатт-часов, или на 28 процентов больше, чем в 2017 году[2,с.3].

Сначала нового столетия КНР активно работает в этом направлении. Республика Таджикистан занимает 8-е место в мире по запасам гидроэнергетических ресурсов и возобновляемых источников энергии. Также по проценту производства и потребления экологически чистой энергии она занимает шестое место среди стран мира.

По мнению специалистов Комитета по охране окружающей среды, Таджикистан может стать одной из стран «зелёного туризма» поскольку наша республика обладает возможностью развивать «зеленую экономику» и стать одним из лидеров региона.

Фактически водные ресурсы Таджикистана являются залогом устойчикого развития всех отраслей национальной экономики.

Как известно главным преимуществом любых источников «зеленой энергии» является то, что они безвредны для окружающей среды. Ещё одним из главных преимуществ источников «зелёной энергии» является их неисчерпаемость.

«Зелёная энергия»-это производство электроэнергии без загрязнения окружающей среды. В некоторых случаях «зеленой энергетикой» называют производство электроэнергии с использованием возобновляемых источников. Возобновляемыми источниками «зелёной энергии» являются речная вода, солнечный свет, ветер.

Ещё в ноябре 2018 года на торжественном открытии первого агрегата Рогунской ГЭС Президент Республики в своём выступлении отметил , что Рогунская ГЭС будет обслуживать все страны региона, используя возобновляемые источники производства энергии и экологически безопасное электричество. Его водохранилище будет играть большую роль в регулировании водоснабжения, особенно в годы « маловодья и засухи» [3,с.2].

В будущем государство РТ страны планирует удвоить мощность по производству «зелёной энергии», как основного источника продвижения «зелёной экономики».

Эффективное использование этого потенциала требует увеличения инвестиции и внедрения новых технологий. Гидроэнергетические мощности Республики Таджикистана в сочетании с новыми технологиями позволяют производить алюминий и другие металлы, а также готовую продукцию из них с минимальными выбросами углекислого газа.

Таджикская алюминиевая компания «ТАЛКО», использующая в своем производстве экологически чистую электроэнергию, уже вошла в пятерку крупнейших мировых производителей « зелёного алюминия». Производство «зеленого» алюминия, меди и лития в Таджикистане может стать преимуществом для инвестиций в производство электромобилей.

В целях перехода к « зеленой экономике « а также обеспечения эффективного использования природных ресурсов, привлечения инвестиции, запуска современных инновационных технологий и укрепления международного сотрудничества в 2022 году Республика Таджикистан принял Стратегию развития «зеленой экономики» на 2023-2037 годы.

Одним из преимуществ развития «зеленой экономики» является расширение использования источников «зеленой энергии», поэтому Правительство страны реализует проекты развития гидроэнергетики и нетрадиционных источников энергии в регионе страны.

**Литература:**

1.Бабаев Ф.Б. Энергетика и альтернативная энергетика. Международный научный журнал «Вестник науки» № 2 (59) . февраль 2023 г.

**2.**Послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 26.01.2023. Душанбе.

3. Юсупов Дж. Инвестиции в «зелёную энергетику».Народная газета № 55,6 декабря 2023 г.

## ЗЕЛЁНАЯ ЭНЕРГЕТИКА И НАПРАВЛЕНИЯ ЕЁ РАЗВИТИЯ В РЕСПУЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются перспективы развития зелёной энергетики в Республике Таджикистан. Подчёркивается, что гидроэлектростанции является одним из основных источников производства «зелёной энергии».

**Ключевые слова:** зелёная энергетика, гидроэлектростанции, солнечная энергия, ветреная энергия, гидроэнергетические мощности.

## ЭНЕРГИЯИ САБЗ ВА САМТҲОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола дурнамои рушди энергетикаи сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст.Таъкид мешавад, ки нерӯгоҳҳои барқи обӣ яке аз манбаъҳои асосии тавлиди “энергияи сабз” маҳсуб мешаванд.

**Калидвожаҳо:** энергияи сабз, станцияхои электрикии обӣ, энергияи офтоб, энергияи шамол, иқтидори гидроэнергетикӣ.

## GREEN ENERGY AND DIRECTIONS OF ITS DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses the prospects for the development of green energy in the Republic of Tajikistan. It is emphasized that hydroelectric power plants are one of the main sources of “green energy” production.

**Keywords:** green energy, hydroelectric power plants, solar energy, wind energy, hydropower capacity.

**Саидова Мавлуда Саъдуллоевна** – к.э.н., доцент кафедры экономической теории МУТПТ. Конт. инф...: тел. 900993733, эл.почт. saidova_tj. @mail.ru

## РАБИТАҲОИ ТЕХНОЛОГӢ ДАР АМАЛИГАРДОНИИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНӢ

**Ятимов Амирхон Ҷурахонович -** н.и.и., и.в дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотии ДБССТ

Робитаҳои технологи – ин маҷмӯи ҳамкориҳо, мубодилаи дониш, таҷриба, таҷҳизот ва иттилоот байни муассисаҳои илмӣ, истеҳсолот, донишгоҳҳо ва ширкатҳо мебошад, ки барои татбиқи ғояҳои илмӣ ба маҳсулоти нав ё технологияҳои инноватсионӣ равона шудаанд. Технологияи инноватсионии ҳозиразамон ё худ муосир назорати техникии истеҳсолотро фаро мегирад. Вобаста ба соҳаҳои истеҳсолот технологияи маъданканӣ, технологияи мошинасозӣ, технологияи ҳозиразамони сохтмонӣ ва аз рӯи усулҳои истеҳсол ва таҳвили маводҳо, технологияи ашёҳо технологияи моддаҳои захрдор, технологияи бофандагӣ ва ғайра мавҷуданд.

Дар натиҷаи иҷрои ҷараёни технологӣ объекти меҳнат сифатан тағир меёбад, ин тағирёбиро аз рӯи нишондодҳои зерин (нигаред ба расми 1) таҳлил кардан мумкин аст.




Барои баланд бардоштани самаранокии менеҷмент дар сатҳи байналмилалӣ имрӯз бе технологияҳои иттилоотӣ кор кардан мумкин нест. Онҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо хатари омили инсонӣ пешгирӣ карда шавад, балки хароҷоти ширкатҳое, ки ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ ба миён меоянд, кам карда шаванд. Гузашта аз ин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ самаранокии назорати молиявиро ба таври назаррас баланд мебардорад. Фаъолияти бонки дохили фирма ба самаранокии ҳадди аксар равона карда шудааст.

Дар марҳилаи навбатии рушди идоракунии захираҳои молиявии корпорасияҳо марказҳои пардохтшавандаро пайдо шуданд. Онҳо барои гузаронидани ҳам амалиёти дохили корпоративӣ ва ҳам барои иҷрои пардохтҳо ба субъектҳои беруна бо супоришҳои ширкатҳои фаръӣ пешбинӣ шудаанд. Ин шакл мутамарказсозии мутлақи идоракунии молиявиро дар назар дорад. Қайд кардан муҳим аст, ки як қатор мушкилоте, ки корпоратсияҳо ҳангоми ташкил ва истифодаи моделҳои баррасишудаи идоракунии молиявӣ дучор меоянд:

- қонунҳои маҳаллӣ амалиёти алоҳидаи пардохтро манъ мекунанд;
- таҷдиди сохтори ширкат ва фарҳанги корпоративии он талаб карда мешавад;
- кӯшишҳои назаррас дар соҳаи ба расмият даровардани шакли нави идоракунии молиявӣ заруранд.

Бо вуҷуди ин, бисёре аз ширкатҳо тавонистанд, ки сохторҳои молиявии худро ташкил кунанд ва ҳам ба ширкатҳои фаръӣ ва ҳам ба контрагентҳои беруна хидмат расонанд. Моделҳои идоракунии молиявии тадқиқотӣ ба автоматикунони асос ёфтаанд. Барои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ дар сатҳи байналмилалӣ имрӯз бе технологияи иттилоотӣ рафтор кардан мумкин нест. Онҳо на танҳо хатари омили инсонро пешгирӣ мекунанд, балки хароҷоти ширкатҳоро, ки ҳангоми иҷрои ҳисобҳо ба миён меоянд, кам мекунанд. Илова бар ин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ самаранокии назорати молиявиро ба таври назаррас баланд мебардорад. Идоракунии молиявии ташкилот дар шароити бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ вазифаи калидӣ гардид [3].

Бузургтарин корпоратсияҳои ҷаҳон бо буҳрони пардохтпазирӣ рӯ ба рӯ шуданд, ки бисёре аз онҳо ба марҳилаи муфлисшавӣ расиданд. Дар чунин шароит, ҳаёт ва рушди минбаъдаи ширкатҳои пешрафта аз ҳаҷми қарзҳои пардохтнашуда ва имконияти зуд пайдо кардани маблағҳои зарурӣ вобаста аст. Табиист, ки дар ин вазъият ташкилот ва принсипҳои идоракунии молиявӣ бояд аз нав дида баромада шаванд. Имрӯз самтҳои асосии автоматизатсия инҳоянд: [1]:

1. *Enterprise Resource Planning System (ERP)* - низоми банақшагирии захираҳо.

2. *Treasury Management System (TMS)* - низоми идоракунии нақлиет (дар соҳаи молия барои идоракунии ҷараени молиявӣ, амалиёт истифода мешавад).

3. Ҳамкорӣ бо бонкҳо.

Ба ҳар як низом таваҷҷуҳи алоҳида медиҳем. Дар фаҳмиши муосир, *ERP* як низоми иттилоотии идоракунии ҳамгирошуда мебошад, ки ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ширкатро фаро мегирад: истеҳсолӣ, молиявӣ, кадрӣ, фурӯш, харид, захираҳо ва ғайра.

Дар асл, он махзани маълумот аст, ки тамоми маълумоти тиҷоратии дохилии корхонаро дар бар мегирад. Низоми *ERP* банақшагирӣ, таҳлил, назорат ва баҳисобгирии ҳама равандҳои тиҷоратии корхонаро автоматӣ мекунад ва аз маҷмӯи модулҳои гуногуни барномавӣ дар соҳаҳои гуногун иборат аст, яъне ҳар як модули система ба ҳалли ҳалли мушаххаси вазифаҳо равона карда шудааст. Системаҳои муосири *ERP*-ро метавон дар ҳама гуна ширкатҳои ҳар гуна миқёс ва соҳаи фаъолият ҷорӣ кард. Аз ин рӯ, вақтҳои охир онҳо дар ширкатҳои калон ба таври васеъ истифода мешаванд. Бо вуҷуди ин, бисёре аз *ERP*-ҳо дар соҳаи идоракунии молиявӣ камбудиҳо доранд. Дар робита ба ин, ҳоло рушди фаъолонаи воситаҳои барномавӣ, ки ба автоматикунонии ҷараёнҳои молиявӣ дар асоси низоми *TMS* нигаронида шудаанд, идома дорад.

Ба татбиқи бомуваффақияти *TMS*-ин низом мусоидат менамояд:

- ба роҳ мондани ҳисоби молиявӣ дар тамоми корпорасия;
- бодиққат коркард кардани амалиётҳои хазинадорӣ;
- банақшагирӣ ва пешбиникунӣ.

Низоми стандартии *TMS* пойгоҳи додаҳо, интерфейс, барномаи гузаронидани амалиёт, низоми пешгӯӣ ва назоратро дар бар мегирад. Аз баски ин низом ба технологияи Интернет асос ёфтааст, онро аз ҳама ҷо дар ҷаҳон аз масофаи дур истифода бурдан мумкин аст. Барои корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қарорҳои инноватсионӣ дар соҳаи идоракунии молиявӣ дар баланд бардоштани қобилияти рақобат нақши калидӣ мебозанд. Таърихан дар тиҷорати ватанӣ маъмул аст, ки компютеркунонии корхона аз нуқтаҳои мушкилтарин, воҳидҳои сохторӣ ва баъд дар миқёси тамоми ширкат оғоз карда шавад.

*Чунин муносибат ба низомҳои иттилоотии ҷудогона оварда мерасонад.*

Якум, технологияҳои иттилоотии наслҳои гуногун истифода мешаванд.

Дуюм, онҳо ба соҳаҳои гуногуни функсионалӣ хидмат мерасонанд [4].

Маълумоте, ки аз системаҳои гуногун ворид мешавад, бо ҳам мувофиқат намекунад. Аксар вақт маълумоти якхела ба системаҳои гуногун ворид карда мешавад. Бинобар ин, барои ба тартиб даровардани идоракунии молиявии корхонаҳои ватанӣ ва ба сатҳи нав баровардани онҳо маҳз истифодаи системаҳои мукаммал зарур аст. Масъалаи муҳиме, ки айни замон мавзӯи рушди тиҷорати электронӣ дар фазои Иттиҳоди иқтисодии Аврупо баррасӣ мешавад. Танҳо бо гузашти тиҷорат ба соҳаи рақамӣ воқеияти имрӯза ташаккул меёбад. Ин раванд бояд тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои байналмилалӣ ва умумӣ ба қадри имкон мутобиқ карда шавад. Модели ҳамкории рақамӣ, ки экосистемаҳои рақамиро дар минтақаҳои махсуси бозор муттаҳид мекунад, низ баррасӣ карда мешавад. Ин имконият медиҳад, ки хидматҳо ба корхонаҳои гуногун дар тамоми занҷирҳои фурӯш ва истеҳсолӣ муттаҳид карда шаванд [4].

Масалан, робитаи байни соҳаҳои нақлиёт ва ташкили лоиҳаи гузаргоҳҳои рақамии нақлиёт, таъҷили ин таҳия ва ҳамгироии платформаҳои хидматрасонии техникӣ, таъмири намудҳои гуногуни нақлиёт дар *МЭҲ* мебошад. Ҳамин тариқ, равишҳои нави идоракунии молиявӣ, ки ба тиҷорати рақамӣ ниёз доранд, аллакай воқеият аст, ки дар самтҳо ва конфронсҳо ташаккул меёбад.

**Адабиёт:**

1.Ашуров И.С.,Ашурзода С.Х.,Раҳимов Д. Финансово-кредитная поддержкааграрного сектора экономики Таджикистана ;состояниеи перспективы.// ПаёмиДонишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022- №1.-С.99-106.

2.Вализода Ш.Ш.Тадбирҳои вусъатбахшидани пардохтҳои ғайринақди дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақами // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,2023-№3-С.79-87.

3.Кутьева Д.А. Управления финансовыми регулирования в некоммерческой организации. М.:Проспект, 2015. -181с. 4. Финансы России. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.finansy.ru/ (дата обращения: 30.04.2019).
4.Олимов А.Х. Баҳодиҳии ҳолати молиявӣ дар асоси ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2022.-№4.-С.294.
5. Шарифов З.Р., Мирзоев С.А.Шамсиддинзода А. Баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ.Душанбе 2023.С-145.

## МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВИ ДАР ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҳамчун лоиҳа дар иттиҳоди иқтисодии Аврупоие муҳокима карда шуд. Он потенсиалҳои принципиалӣ нав ва муосирро барои тиҷорат мекушояд. Идоракунии молияи ташкилот дар ин шароит вазифаи калидӣ гардид. Бузургтарин корпоратсияҳои ҷаҳонӣ бо бӯҳрони пардохтпазирӣ рӯ ба рӯ шуданд, ки бисере аз онҳо ба марҳилаи муфлисшавӣ расиданд. Дар чунин шароит, ҳаети минбаъда ва рушди корпоратсияҳои пешрафта аз ҳаҷми қарзи пардохтнашуда ва имконияти ҷустуҷӯи фаврии маблағҳои зарурии молиявӣ вобаста аст. Табиист, ки дар ин вазъ аз нав дида баромадани ташкилот ва принсипҳои идоракунии молиявӣ зарур аст.
**Калимаҳои калидӣ:** иқтисоди рақамӣ, хавф, бӯҳрони молиявӣ, тиҷорат, идоракунии молия, шабака.

## ПРОБЛЕМЫ ФИНАНСОВОГО УПРАВЛЕНИЯ В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

Переход на цифровую экономику, как проект, обсуждался на Евразийском экономическом союзе. Она раскрывает принципиально новые, современные потенциалы для бизнеса. Управление финансами организации стало ключевой задачей в этих условиях. С кризисом ликвидности столкнулись крупнейшие мировые корпорации, многие из которых дошли до стадии банкротства. При таких условиях дальнейшая жизнь и развитие ведущих корпораций зависят от объема непогашенной задолженности и возможности оперативного поиска необходимых финансовых средств. Естественно, в этой ситуации необходим пересмотр организации и принципов финансового менеджмента.
**Ключевые слова:** цифровая экономика, риск, финансовый кризис, бизнес, управление финансами, неттинг

## FINANCIAL MANAGEMENT ISSUES IN THE DIGITAL ECONOMY

The transition to the digital economy, as a project, was discussed at the Eurasian Economic Union. It reveals fundamentally new, modern business potentials. Managing the organization's finances has become a key task in these circumstances. The world's largest corporations are facing a liquidity crisis, many of which have reached the bankruptcy stage. Under such conditions, the future life and development of leading corporations depend on the amount of outstanding debt and the ability to quickly find the necessary financial resources. Naturally, in this situation, it is necessary to review the organization and principles of financial management.
**Keywords:** digital economy, risk, financial crisis, business, financial management, netting.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Қурбонова С.М.**- омӯзгори калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ, Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5.

**Мирзоев С.А.**- н.и.и.,дотсенти ДБССТ, Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. тел (+992)907500013.

# МАҚОМИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

***Окилов Ф.М-*** ассистенти кафедраи баисобгири муҳосиби ва аудити ДБССТ

Вазъи кунунии иқтисоди ҷаҳон бо мавҷудияти омилҳои гуногун, ки фаъолияти онро ноором мекунанд, хос аст. Дар ин ҳолатҳо таъмини амнияти иқтисодӣ, ки некӯаҳволии мардум, ҷомеа ва рушди устувори тамоми давлатро кафолат медиҳад, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи байналмилалӣ буда, мисли дигар давлатҳо пайваста бо таҳдиду омилҳои иқтисодӣ рӯ ба рӯ аст. Дар ин радиф татбиқи мукаммали низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ метавонад дар таъмини амнияти иқтисодӣ нақши бориз дошта бошад [1,с.240].

Афзалиятҳои муҳими ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар шароити имрӯза:

- Ҳифз ва нигоҳдошти захираҳои молиявӣ;
- Сарвиватқӣ ва дурустии амлиёти пардохт;
- Сарфаи вақт дар иҷрои амалиёти пардохт;
- Роҳҳои имтиёзнок барои пасандозкунӣ ва сармоягузорӣ;
- Банақшагирии даромад ва хароҷоти пулӣ;
- Қобилияти хариди молҳо ба тариқи маҷозӣ;
- Тезонидани ҳаркати гардиши воситаҳои пулӣ дар истеҳсолот;
- Ҳавасмангардӣ ва фоидагирӣ аз истифодаи мақсадноки фаъолият.

Андозаи гардиши ғайринақдӣ аз ҳаҷми молҳо дар кишвар, сатҳи нархҳо, инчунин ба андозаи муносибатҳои тақсимот ва азнавтақсимкунӣ, ки тавассути низоми молиявӣ амалӣ карда мешавад, вобаста аст. Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ барои тезонидани муомилоти маблағҳои дар гардишбуда, кам кардани пули нақд ва кам кардани хароҷоти тақсимот аҳамияти бузурги иқтисодӣ дорад. Махсусан миқдори зиёди пули нақд дар муомилот ба афзоиши иқтисодиёти ниҳонӣ ва афзоиши омилҳои коррупсионӣ оварда мерасонад, бинобар ин, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба бартараф кардани ин омилҳо мусоидат мекунад [2].

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳолате таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ буда метавонад, ки ба меъёрҳо ва принсипҳои эътимоднокӣ ҷавобгӯ бошад, ба ҳаракати пул дар иқтисодиёт ва таваррум таъсири мусбат дошта бошад, ҳамоҳангсозии аҳолӣ, субъектҳои иқтисодӣ ва давлатро ба вуҷудоварда, ба такрористеҳсоли ҷамъиятӣ суръат бахшад ва инчунин ба талаботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи ташаккулёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ қарор дорад, мутобиқ шавад.

Низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар давлат бояд самаранок бошад ва тавре сохта шавад, ки ҳам ниёзҳои субъектҳои иқтисодӣ ва ҳам аҳолиро қонеъ гардонад.

Ҳалли ин масъала тавассути такмили ҳам заминаи қонунгузорӣ ва ҳам ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ имконпазир аст, зеро дар шароити кунунӣ масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Давлат бояд дараҷаи озодии бозорро муайян кунад, аммо нақши худи давлат дар танзим мушаххас бошад. Амнияти миллӣ дар ин вазъият пеш аз ҳама ба нақши давлат дар иқтисодиёти кишвар асос ёфтааст [3].

Маҳз бо назардошти зарурати ин масъала ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молиявӣ, ки аз «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бармеояд, тадбирҳои зерин муайян шудаанд: Истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохт, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ, амният, сифати хизматрасониҳои пардохт ва низоми пардохт, рушди заминаи техникию инфрасохтори низоми пардохт».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 23-юми декбари соли 2022 зарурати рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим дониста ба маврид қайд намуданд, ки: «Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад».

Дастуру супоришҳо ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо он мақсад роҳандозӣ гардид, ки маҷмӯи васеи равандҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба рушди низоми бонкӣ, имкониятҳои иттилоотӣ ва техникӣ, ки давлат ба он манфиатдор аст, мусоидат кунад, ки ба вазъи иқтисодии кишвар дар тамоми давлат ва умуман таъмини амнияти иқтисодӣ таъсир мусбат расонад [4,с.240].

Ҳамин тавр, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем. Нигаред ба ҷадвали 1.

**Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкӣ дар солҳои 2010-2023**

| | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи бонкҳо-эмитентҳои кортҳои пардохтӣ, адад. | 8 | 16 | 21 | 19 | 21 | 24 | +16 адад |
| Миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ, адад. | 155585 | 1446138 | 3247851 | 3479109 | 5060793 | 6711241 | +6 555 656 адад |
| Миқдори дорандаҳои кортҳои пардохтии бонкӣ, нафар. | 147685 | 1427221 | 3016946 | 3371317 | 4662545 | 6524142 | +6 376 457 нафар |
| Миқдори НППН, адад. | 231 | 1564 | 1899 | 3371317 | 2132 | 3492 | +3 261 адад |
| Шумораи терминалҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, адад. | 94 | 650 | 3811 | 1848 | 3872 | 6939 | +6 845 адад |
| Микдори банкоматҳо, адад. | 220 | 762 | 1281 | 3030 | 1724 | 2240 | +2 020 адад |
| Шумораи умумии амалиёт, ҳазор адад. | 2025 | 15695 | 7 886,4 | 1412 | 8550 | 12764 | +10 739 ҳазор адад |

Таҳлили омории рушди динамикаи нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки давоми солҳои 2010-2023 шумораи бонкҳо-эмитентҳои кортҳои пардохтӣ 16 адад, миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 6 555 656 адад, миқдори дорандаҳои кортҳои пардохтии бонкӣ 6 376 457 нафар, миқдори нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд 3 261 адад, шумораи терминалҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ 6 845 адад, микдори банкоматҳо 2 020 адад, шумораи умумии амалиёт 10 739 ҳазор адад зиёд шудааст.

Мавриди зикр аст, ки низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои асосии инфрасохтори молиявӣ буда, фаъолияти устувору мунтазами низоми молиявии кишвар, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетиро бо гузаронидани пардохтҳои саривақтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои бехатар таъмин менамояд ва ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад [5].

Тамоюли ҳаҷми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдие, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ солҳои 2015-2023 амалӣ гаштааст чунин аст. Диаграммаи 1.

**Диаграммаи 1. Тамоюли ҳаҷми умумии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015-2023, млрд. сомонӣ)**




Аз рӯйи маълумоти диаграммаи 1. маълум мегардад, ки ҳаҷми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдие, ки дар дар қаламрави ҷумҳурӣ тавассути роҳҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ (дохилибонкӣ, тавассути муносибатҳои мустақими муросилотӣ ва тавассути суратҳисоби муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда) амалӣ гаштаанд, давоми солҳои 2015-2023 ба андозаи 3,2 маротиба рушд кардааст.

Яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти низоми пардохт ин кам кардани пули нақд дар муомилот мебошад. Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ намуди махсуси пардохтҳое мебошанд, ки дар онҳо пули нақд истифода намешавад. Ҳама ҳисобҳо бо интиқоли маблағ аз суратҳисоб ба суратҳисоб дар ташкилотҳои қарзӣ ё масалан, бо роҳи ҳисоб кардани талаботи тарафайн анҷом дода мешаванд [6,с.41].

Амалиётҳо бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдиро дар диаграммаи 2 дида мебароем.

**Диаграммаи 2. Амалиёт бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (сол.2019-2020)**




Диаграммаи 2 оид ба амалиёт бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2019-2023 гувоҳи медиҳад, ки пардохти молу хизматрасониҳо аз 0,8 млрд. сомонӣ то ба 15,5 млрд. сомонӣ, гирифтани пули нақд аз 11,8 млрд. сомонӣ то ба 63,7 млрд. сомонӣ ва ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ аз 7% то ба 20% афзоиш ёфтааст.

Аммо, сарфи назар аз тамоюли мусбати рушди низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва дар маҷмӯъ низоми бонкӣ, дар муомилоти пулӣ бо аҳолӣ ба шакли ғайринақдӣ ҳанӯз ҳам нигарониҳоро ба вуҷуд меорад. Бо дарназардошти ин, хусусияти тадбирҳои маъмурӣ-танзимкунанда бояд ҷиддӣ бошад ва тадбирҳои ҳавасмандгардонии афзоиши ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ барои рафъи мушкилоти техникии истифодаи воситаҳои махсуси пардохт ва рушди инфрасохтори онҳо равона карда шаванд.

Таъсири афзоиши бемайлони сатҳи хавфҳо дар низоми бонкӣ солҳои охир ба чашм мерасад, ки ин хатари асосии амнияти иқтисодии низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳангоми истифодаи кортҳои пластикии бонкӣ мебошад. Равандҳои пешрафтаи рушди технологияҳои бонкӣ ва вазъи умумии низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани расмиёти сатҳи сифатан навро барои баланд бардоштани амнияти иқтисодии низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ зарурат дорад.

Метавон муҳим донист, ки дар робита ба ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ нокифоягии як қатор шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воситаҳои техникии амалиёти ҳисоббаробаркунӣ дар шакли ғайринақдӣ, инчунин норасоии кадрҳои баландихтисос эҳсос мегардад [7,с.122-130].

**Ҳамин тариқ, табриҳои зеринро бо мақсади беҳтарсозии нақши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ мутобиқ ба шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи зерин пешниҳод менамоем:**

1. Фароҳам овардани шароити самарабахши иқтисодӣ - ҳуқуқӣ ва таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии нав, ки ба ҳалли масъалаҳои ҳалношудаи марбут ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин такмили заминаи қонунгузории мавҷуда, ки имкон медиҳад қисми зиёди мушкилоти мавҷуда дар соҳаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳал карда шаванд;

2. Гузаронидани чорабиниҳои илмӣ-амалӣ бо иштироки намояндагони ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия, илм ва тиҷорат барои муҳокимаи мушкилоти рӯзмарра, мубодилаи таҷриба ва таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва пешниҳодҳои нав оид ба такмили низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ;

3. Автоматикунонии равандҳои гузариши ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ дар марҳилаҳои гуногуни коркард, ки барои ташкили гардиши муназзами ҳуҷҷатҳои бонкӣ, кам кардани мӯҳлати пардохт, инчунин таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи амалиёт дар шакли ғайринақдӣ аҳамияти хос дорад;

4. Тайёр намудани кадрҳои соҳибихтисос тавассути таҳияи барномаҳои самараноки таълимӣ, бо назардошти хусусиятҳои ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар шароити ислоҳоти бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин ташкил ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисос, тренингҳо ва семинарҳои таълимӣ-машваратӣ;

5. Ҷорӣ намудани ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, ки метавонанд таваҷҷӯҳи истеъмолкунандагонро ба амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ баланд бардоранд;

6. Ташкили лоиҳаҳои ҳавасмандии амалиёти ҳисоббаробаркунии ғайринақдии бехатар дар ҷомеа бо мақсади баланд бардоштани сатҳи эътимод байни бонкҳо ва мизоҷони он тавассути пешниҳоди доираи васеи хизматрасониҳои бонкӣ, иттилооти фаврии муштариён дар бораи ҳама гуна тағйироти сохторӣ ва маҳсулоти нави барномавӣ, таъмини амнияти амалиёти ҳисоббаробаркунӣ дар шакли ғайринақдӣ ва дараҷаи баланди ҳифзи иттилооти махфӣ;

7. Дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ аз байн бурдан ва ё кам кардани арзиши комиссияи бонк, банкоматҳо ва терминалҳои пардохтӣ, ки инчунин афзоиши шумораи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро тавассути ҷалби истеъмолкунандагони иловагӣ таъмин менамояд;

8. Тавсеаи соҳаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути гузаронидани гуфтушунид ва ба роҳ мондани робитаҳои корреспондентӣ бо бонкҳои кишварҳои дигар, ки имкон медиҳад гардиши ғайринақдӣ ба таври назаррас афзоиш ёбад ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сатҳи нав барорад;

9. Таҳия ва ҷорӣ намудани ташаббусҳои воқеӣ, қоидаҳо, усулҳо ва стандартҳо оид ба баланд бардоштани сифати ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ;

10. Татбиқи рушди инноватсионии фаъолият дар низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ (навовариҳои техникӣ ва технологӣ), таъсир ба афзоиши гардиши пулии ғайринақдӣ дар истеҳсолот, назорату пешгирии иқтисодиёти ниҳонӣ ва хатарҳои иқтисодӣ, ба роҳ мондани маниторинги доимии рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва ғайраҳо.

**АДАБИЁТ**


1. Басовский Л.Е. «Финансовый менеджмент» Учебник – М.: ИНФРА- М,2002– 240 с.
2. Гулмирзоев Д.Г., Оймаҳмадов Г.Н., «Менеҷменти молиявӣ» Душанбе «Маориф ва фарҳанг» 2004.
3. Исоматов Б. «Асосҳои назарияи иқтисод». Душанбе. 2001. Қисми дуюм. Боби 1.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2012.
5. Қодиров Ш., РаҳимовО., Фозилхонов Д., Хоркашев И. «Назарияи иқтисод». Душанбе. «Ирфон». 2008 с. кисми 2-юм.
6. Ozili, P. K. Impact of Digital Finance on Financial Inclusion and Stability. Borsa Istanbul Review. 2018. C. 41.
7. Rogoff, K. S. (2016). The Curse of Cash. Princeton University Press. 2016. C. 122, 130
8. Ҷӯрабоев Г. «Макроиқтисод». Душанбе. 2010


## МАҚОМИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР


Дар мақола низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар давлат бояд самаранок бошад ва тавре сохта шавад, ки ҳам ниёзҳои субъектҳои иқтисодӣ ва ҳам аҳолиро қонеъ гардонад. Ҳалли ин масъала тавассути такмили ҳам заминаи қонунгузорӣ ва ҳам ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ имконпазир аст, зеро дар шароити кунунӣ масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд.



**Калидвожаҳо:** амният, ғайринақдӣ, иқтисодиёт, рушд, шароит, ҳисоббаробаркунӣ.


## ОРГАН БЕЗНАЛИЧНОГО УЧЕТА В ОБЕСПЕЧЕНИИ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ


В статье система безналичных расчетов в государстве должна быть эффективной и должна быть построена таким образом, чтобы удовлетворять потребности как хозяйствующих субъектов, так и населения. Решить эту проблему возможно путем совершенствования как законодательной базы, так и организации безналичных

расчетов, поскольку в современных условиях вопросы обеспечения экономической безопасности приобретают особую важность.

**Ключевые слова**: безопасность, безналичный расчет, экономика, развитие, условия, расчет.

**NON-CASH ACCOUNTING BODY IN ENSURING THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY**

In the article, the system of non-cash payments in the state must be effective and must be built in such a way as to satisfy the needs of both business entities and the population. This problem can be solved by improving both the legislative framework and the organization of non-cash payments, since in modern conditions the issues of ensuring economic security are of particular importance.

**Keywords:** security, cashless payments, economics, development, conditions, calculation.

***Оқилов Фариддун Муҳаммадович*** – ассистенти кафедраи баисобгири муҳосиби ва аудити ДБССТ,**Суроға**: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **(+992) 918671991**

## *АУДИТИ САМАРАНОКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ АФЗОИШИ НАТИҶАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ*

***Раҳматов Сияршоҳ Маҳмадшоевич*** *– ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ.*

Назорати самаранокӣ ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои давлатӣ яке аз шартҳои асосии рушди иқтисодиёт ва тараққиёти иҷтимоӣ ба шумор меравад. Барои назорати самаранокӣ ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои давлатӣ аудити самаранокӣ нақши муҳим мебозад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» «аудити самаранокӣ ин омӯзиш ва таҳлили фаъолияти объекти аудит доир ба сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокӣ мебошад» [1].

Мутобиқи мафҳуми қабулнамудаи INTOSAI «аудити самаранокӣ - арзёбӣ ё чорабинии назоратии мустақили сатҳест, ки дар он корхонаҳои давлатӣ, барномаҳо ё ташкилотҳо самаранок ва натиҷанок фаъолият мекунанд ва ба харҷи сарфакоронаи маблағ диққати махсус медиҳанд» [2].

Аудити самаранокӣ, ки ба арзёбии сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии хароҷоти давлатӣ таваҷҷуҳ дорад, дар ҷаҳон ҳамчун воситаи муҳими афзоиши масъулияти мақомоти давлатӣ ва беҳтар намудани хизматрасонии давлатӣ мавқеъ дорад.

Аудити самаранокӣ, ки тавассути мақомоти олии аудит гузаронида мешавад, санҷиши мустақил, холисона ва дурусти чорабиниҳои давлатӣ, низомҳо, амалиётҳо, барномаҳо, амалҳо ҷиҳати муқаррар намудани мутобиқати онҳо бо принсипҳои сарфанокӣ, самаранокӣ ва натиҷанокӣ барои муайян кардани иқтидори беҳбудии онҳо мебошад.

Мақсадҳои асосии аудити самаранокӣ таъмини созандаи идоракунии сарфанок, самарабахш ва натиҷабахш мебошад. Вай ҳамчунин барои ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият мусоидат менамояд.

Аудити самаранокӣ иттилооти нав, донишҳо ё фоидаро тавассути роҳҳои зерин пешниҳод менамоянд:

- коркардҳои нави таҳлилӣ,яъне таҳлили нисбатан васеътар ё амиқтар ё дурнамоҳои нав;
- таъмин намудани дастрасии бештари иттилооти мавҷуда барои ҷонибҳои гуногуни манфиатдор;
- мулоҳиза ё хулосаи мустақил ва муътабар, ки бар далелҳои аудиторӣ асос ёфтааст;
- тавсияҳое, ки бар таҳлили натиҷаҳои аудит асос ёфтаанд.

Аудити самаранокӣ дар асоси принсипҳои сарфанокӣ, самаранокӣ ва натиҷанокӣ ба роҳ монда мешавад.

Принсипи сарфанокӣ маънои ба ҳадди ақалл расонидани хароҷоти захираҳоро дорад. Истифодабарии захираҳо бояд дастрас ва саривақтӣ буда, ба андозаи миқдору сифат ва бо нархи беҳтарин дастрас бошанд.

Принсипи самаранокӣ маънои дарёфт намудани боздеҳи ҳадди аксар аз захираҳои мавҷударо дорад. Ин принсип ба баҳампайвастагии захираҳо ва натиҷаҳои бакорбурда аз нуқтаи назари ҳаҷм, сифат ва саривақтӣ будан дахл дорад.

Принсипи натиҷанокӣ бо дастёбӣ ба ҳадафҳои гузошташуда ва натиҷаҳои пешбинишуда иртибот дорад [3].

Аудити самаранокӣ мутобиқи ISSAI[4] гузаронида мешавад. Меъёрҳои аудит стандартҳои оқилона ва равшан мебошанд, ки бо ёрии онҳо сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии фаъолият арзёбӣ карда мешаванд. Аудити самаранокӣ аз амалияи анъанавии тафтиши танҳо ҳисобҳо, эътимоднокии ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва муҳосибӣ ва қонунияти амалиётҳои тиҷоратӣ берун меравад. Аз як тараф, ин намуди аудит ба андозсупорандагон арзёбии равшани истифодаи маблағҳои онҳоро медиҳад. Аз тарафи дигар, ҳамчун усули нави аудит, аудити самаранокӣ метавонад ба баҳодиҳии мутобиқати хароҷот бо натиҷаҳои бадастомада мусоидат кунад ва бо ин роҳ идоракунии муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатиро беҳтар созад ва хатари истифодаи ғайрисамараноки захираҳои давлатиро ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Аудити самаранокӣ воситаест, ки бо он шарикони рушд, андозсупорандагон, қонунгузорон, роҳбарон, шаҳрвандони оддӣ ва васоити ахбори омма метавонанд назорат кунанд ва маълумоти муфассалро дар бораи амалиёт ва натиҷаҳои фаъолиятҳои гуногуни маблағгузории давлатӣ ба даст оранд.

Ин намуди аудит ба чунин саволҳо ҷавоб медиҳад:

- Оё арзиши иловагӣ ба даст омадааст (яъне, оё маҳсулнокӣ ё иҷроиш беҳтар шудааст)?
- Оё воситаҳои пулиро метавон беҳтар ё оқилонатар сарф кард?
- Натиҷа/пешрафти мушаххас бо чӣ хароҷот аз тарафи ташкилоти буҷетӣ ба даст оварда шуд? Оё ин хароҷот маънои пешрафтро дорад? Кадом интизориҳоро метавон бо самти хароҷот барои таъмини пешрафт дар доираи захираҳои молиявии мавҷуда алоқаманд кард?

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Палатаи ҳисоб ҳамчун мақоми олии аудит таи солҳои охир дар самти ташаккул ва рушди аудити самаранокӣ қадамҳои муҳим гузошта истодааст. Аз соли 2019 то инҷониб дар ин самт як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ки тартибу раванди гузаронидани аудити самаранокиро муқаррар менамоянд. Аз ҷумла:

- СПҲ 300 Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ;
- ISSAI-100 Принсипҳои асосии аудити бахши давлатӣ;
- ISSAI-300 Принсипҳои аудити самаранокӣ;

[4] ISSAI - International Standards of Supreme Audit Institutions (Стандартҳои байналмилалии Мақомоти олии аудит).

- ISSAI-3000 Стандартҳои аудити самаранокӣ;
- ISSAI-3910 Консепсияҳои марказии аудити самаранокӣ;
- ISSAI-3920 Раванди аудити самаранокӣ.

Палатаи ҳисоби Тоҷикистон гузаронидани аудити самаранокиро аз соли 2019 оғоз намуд, лекин теъдоди гузаронидани ин гуна аудитҳо то ба имрӯз хело кам мебошад. Чунин мушкилотҳо дар ин самт ҷой доранд:

- сатҳи нокифояи огаҳӣ ва малакаҳои кормандони Палати ҳисоб дар бораи стандартҳои ISSAI оиди аудити самаранокӣ;
- низоми пасти назорати сифат аз рӯи аудити самаранокӣ;
- набудани сатҳи баланди иртибот бо ҷонибҳои манфиатдор [8].

Барои тавсеаи минбаъдаи аудити самаранокӣ пешниҳодҳои зерин муфиданд:

1. Нерӯи касбии кормандони Палатаи ҳисоб бояд таҳким ёбад. Вобаста ба ин барои кормандони Палати ҳисоб бояд курсҳои мукамал оид ба методологияи аудити самаранокӣ тибқи стандартҳои ISSAI ташкил карда шавад. Инчунин дар самти тайёр кардани аудиторҳо дар макотиби олӣ ҷорӣ кардани фанни алоҳидаи аудити самаранокӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.
2. Пайваста бояд стандартҳо ва дастурҳои қабулшуда вобаста ба тағйиротҳо дар стандартҳои ISSAI тағйир ва такмил дода шаванд, яъне ба методологияи аудити самаранокӣ ва ҷавобгӯ будани он ба талаботҳои стандартҳои байналмилалии мақомоти олии аудит диққати ҷиддӣ дода шавад.
3. Истифодаи аудити самаранокӣ барои арзёбии натиҷаҳои стратегияву барномаҳои умумидавлатӣ вусъат дода шавад.

Ҳамин тавр, аудити самаранокӣ на танҳо воситаи назорат, балки омили таҳкими пойгоҳи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои самаранок дар идоракунии давлатӣ мебошад. Тавсеаи он дар фаъолияти Палатаи ҳисоби Тоҷикистон ба беҳтар намудани сифати хароҷоти давлатӣ ва омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар табдил меёбад.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 22 июни соли 2023, № 1977.

2. СПҲ 300 Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ /Бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «31» майи соли 2021 №17.15 тасдиқ карда шудааст/.

3. Стандарти ISSAI 300 Принсипҳои аудити самаранокӣ. INTOSAI, соли 2019.
4. Стандарти ISSAI-3000 Стандартҳои аудити самаранокӣ. INTOSAI, соли 2019.
5. Стандарти ISSAI-3910 Консепсияҳои марказии аудити самаранокӣ. INTOSAI, соли 2019.
6. Станлдарти ISSAI-3920 Раванди аудити самаранокӣ. INTOSAI, соли 2019.
7. Стратегияи рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2023.


## АУДИТИ САМАРАНОКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ АФЗОИШИ НАТИҶАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ


Мақолаи мазкур аҳамияти аудити самаранокиро дар афзоиши натиҷанокии идоракунии давлатӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муаллиф мақсад, вазифаҳо ва принсипҳои аудити самаранокиро шарҳ дода, вазъияти ҷорӣ ва мушкилоти тавсеаи онро дар Ҷумҳурии Точикистон таҳлил ва пешниҳодҳои судманд дар ин самт менамояд.



**Калидвожаҳо:** сарфанокӣ, маҳсулнокӣ, натиҷанокӣ, аудити самаранокӣ, Палатаи ҳисоб.

## АУДИТ ЭФФЕКТИВНОСТИ КАК СРЕДСТВО ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

В данной статье рассматривается значение аудита эффективности в повышении эффективности государственного управления. Автор разъясняет цель, задачи и принципы аудита эффективности, анализирует текущую ситуацию и проблемы его развития в Республике Таджикистан, а также предлагает полезные предложения в этом направлении.

**Ключевые слова:** экономичность, результативность, эффективность, аудит эффективности, Счетная палата.

## PERFORMANCE AUDIT AS A MEANS OF IMPROVING PUBLIC ADMINISTRATION EFFICIENCY

This article examines the importance of performance auditing in improving public administration efficiency. The author explains the purpose, objectives, and principles of performance auditing, analyzes the current situation and challenges of its development in the Republic of Tajikistan, and offers useful suggestions in this direction.

**Keywords:** cost-effectiveness, efficiency, effectiveness, performance audit, Accounts Chamber.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Раҳматов Сияршоҳ Маҳмадшоевич – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. E-mail: s.rahmatov@mail.ru Тел.:+992 918663302

## ЗАРУРИЯТИ РАҚАМИКУНОНӢ ДАР БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

**Самиева Меҳрангез Бобоевна** –н. и. и, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДБССТ

Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ як равандест, ки бо тағйироти иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ ва технологӣ зич вобаста аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ аз замонҳои қадим то имрӯз ҳамчун воситаи асосии сабти фаъолияти молиявӣ хизмат мекунад. Дар замони муосир, ки иқтисод босуръат рушд мекунад, раванди рақамикунонӣ (digitalization) накши муҳим бозида, муҳосибиро ба марҳилаи нав мебарад. Чунин давраҳои таърихии баҳисобгирии метавон ном бурд:

Давраи ибтидоӣ – баҳисобгирӣ бештар ба сабти миқдорӣ (масалан, молу амвол, чорво, маҳсулот) асос меёфт. Ин кор дар шакли хати раҳҳо, сангчаҳо ё китобҳои содда анҷом мешуд.

Давраи анъанавӣ – бо пайдоиши савдои байналмилалӣ ва рушди бозорҳо, зарурати дақиқии бештар ба миён омад. Системаҳои дуҷонибаи ҳисобдорӣ (double-entry bookkeeping) ба миён омаданд.

Давраи муосир – бо тараққии саноат ва молия, муҳосибӣ ба як фанни илмӣ ва касбӣ табдил ёфт, ки дорои меъёрҳо, стандартҳо ва қонунгузорӣ мебошад.

Баҳисобгирӣ (муҳосибот) замоне пайдо шудааст, ки одамон нав акнун худро дар ҷомеа мешинохтанд. Одамони қадим аллакай бо донишҳои хоҷагидорӣ шинос шуда буданд.

Инсон олоти меҳнатро эҷод намуда, ба кор кардан шуруъ кард ва зарурати пешбурди баҳисобгирии натиҷаҳои меҳнат низ ба миён омад. Бо ҳамин инсон донишҳои муайянеро доир ба фаъолияти кории худ – фаъолияти хоҷагидорӣ пайдо кард. Дар инсон мунтазам тасаввурот оид ба муносибатҳои хоҷагидорӣ – шикор, истеҳсол, ивазкунӣ (мубодила) ва истеъмоли неъматҳои моддӣ рушд мекард ва дар оқибат зарурати бақайдигирӣ (баҳисобгирӣ)-и неъматҳо ба миён омад, ки ҳадафи асосии он назорати нигоҳдорӣ ва тақсимоти неъматҳо буд. Дар ин маврид назорат ҳам аз болои неъматҳо ва ҳам аз болои одамони бо онҳо сарукордошта, яъне иштирокчиёни раванди хоҷагидорӣ бурда мешуд. [7. с.6]

Чун олоти пешбурди баҳисобгирӣ одамон сангчаҳо (санг ба лотинӣ – calcul), чубчаҳо ва дигар ашёи рӯидастиро истифода мебурданд. Аз ин ҷост, ки мафҳумҳои маъмули баҳисобгирӣ, чун калкулятсия – ҳисоб кардан, калкулятор - ҳисобкунак аз ҳамин "калкул" (санг) реша мегиранд. Калкулятсия (calculation) аз забони лотинӣ маънои "ҳисоб кардан бо сангчаҳо" дорад.

Дар давраҳои аввали рушди ҷомеаи инсонӣ тамоми ахбор дар майнаи сари одамон меғунҷид, чунки хотираи инсон қодир ва басанда буд, ки падидаҳо ва зуҳуроти муҳимтаринро дар худ ҳифз намояд. Бо мураккаб шудани ҳаёти хоҷагидорӣ зарурат барои навиштан (сабт кардан)-и натиҷаҳои ҳисобкуниҳо (амалиёти хоҷагидорӣ) ба миён омад. Ҳуҷҷатҳои аввалии бо баҳисобгирӣ алоқаманд, ки ҳафриётчиён пайдо кардаанд, ба давраҳои асрҳои 30 солшумории куҳна мансуб мебошанд. Онҳо хатчӯбҳо, хатҳо дар устухони фил, дар харсангҳо, дар ғорҳо ва пӯсти дарахтон буданд. Дар ин гуна ҳуҷҷатҳои қадимӣ пайдарпайиҳои ботартиби хатҳо, якҷоягиҳои аломатҳо (нуқта, қавс, хат) кандакорӣ шуда буданд, вале хусусиятҳои сифатии объектҳои баҳисобгирӣ (номгӯй, санаи қабул, санаи додан ва мухлати нигоҳдорӣ) ба назар намерасиданд. Ҳуҷҷатҳои мазкур номи "тавқи баҳисобгирӣ"-ро гирифтаанд. [8. с.8]

Комёбии бузурги одамони қадим дар соҳаи баҳисобгирӣ ба миён овардан ва истифодаи низомҳои ҳисобкунӣ ва навиште мебошад, ки имкони бақайдгирии объектҳои баҳисобгириро бо воҳидҳои ченаки аслӣ (табиӣ) муҳайё месозанд. Ин комёбӣ дар натиҷа ба пайдо шудани ҳуҷҷатҳои аввалӣ – барандагони моддии ахбор овард.

Иқтисодиёти рақамӣ (ё иктисодиёти электроникӣ) - ин як модели иқтисодии муосир аст, ки ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ва интернет барои рушди ҳамаи бахшҳои иқтисод ва ҷамъият асос ёфтааст. Ба иборае, иқтисодиёти рақамӣ як навъ иқтисодиёти муосир аст, ки ба роҳи онлайн, автоматизатсия, ва инноватсияҳои техникӣ ниёз дорад, ки дар натиҷа барои беҳтар кардани самаранокии истеҳсолот, хидматрасонӣ ва табодули иттилоот мусоидат мекунад.

Баҳисобгирӣ дар шароити саноатикунонӣ на танҳо кори муҳосибонро осон мекунад, балки барои рушди иқтисоди миллӣ, самаранокии истеҳсол ва ҷалби сармоягузорон аҳамияти калон дорад. Рақамикунонӣ ва автоматизатсия имконият медиҳанд, ки муҳосибӣ аз воситаи сабт ба воситаи идоракунии стратегӣ табдил ёбад. Тоҷикистон барои амалӣ намудани саноатикунонӣ ва рақамикунонии муҳосибӣ бояд ҳамзамон ба омӯзиши кадрҳо, тасҳеҳи қонунгузорӣ, ва татбиқи технологияҳои нав аҳамият диҳад.

Иқтисодиёти рақамӣ ба тамоми равандҳое ишора мекунад, ки дар онҳо технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ истифода мешаванд. Аз ҷумла, истифодаи интернет барои фурӯши молҳо ва хизматрасонӣ, платформаҳои онлайн, маркетинги рақамӣ, коркарди иттилоот ва таҳияи таҳлилҳои иттилоотӣ. Рақамикунонӣ баҳисобгирии муҳосибиро аз воситаи сабти амалиёти молиявӣ ба воситаи таҳлили стратегӣ ва идоракунӣ табдил медиҳад. Он на танҳо кори муҳосибонро осон мекунад, балки ба рушди шаффофияти иқтисодӣ ва баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон мусоидат менамояд.

**Ҷадвали 1.Шаклҳои татбиқи рақамикунонӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ**

| Шакли рақамикунонӣ | Мазмун | Афзалиятҳо | Мисолҳо дар Тоҷикистон |
|---|---|---|---|
| Барномаҳои муҳосибӣ (1C, QuickBooks, SAP, Oracle ERP) | Сабти амалиётҳои молиявӣ ба таври худкор | Суръат, кам кардани хатогиҳо | 1C дар муассисаҳо ва ширкатҳо |
| Системаҳои абрӣ (Cloud Accounting) | Нигоҳдорӣ ва коркарди маълумот дар абр | Дастрасӣ аз ҳар ҷо, амният | Ҳанӯз марҳилаи озмоишӣ |
| Blockchain | Сабти тағйирнопазири муомилот | Пешгирии қаллобӣ, шаффофият | Дар Тоҷикистон татбиқи пурра надорад |
| Ҳисоботи электронии андоз | Иҷрои уҳдадориҳои андоз тавассути интернет | Соддагардонӣ, сарфа шудани вақт | Кумитаи андоз системаи электрониро роҳандозӣ кардааст. |
| Зеҳни сунъӣ ва Big Data | Таҳлили автоматиии маълумот ва пешгӯии молиявӣ | Қабули қарорҳои стратегӣ | Истифодаи маҳдуд, ояндаи рушд |

Таъсири рақамикунонӣ ба баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад ба чунин ҳолатҳо оварда расонад:

- Суръат ва дақиқӣ – ҳисобҳо бо хатогии камтар анҷом меёбанд.
- Дастрасӣ – маълумот аз ҳар ҷо тавассути шабакаҳои абрӣ (cloud systems) дастрас аст.
- Амният – технологияи blockchain имконияти қалбакӣ кардан ва тағйири маълумотро маҳдуд мекунад.
- Пешгӯӣ ва таҳлил – зеҳни сунъӣ ва Big Data имконияти таҳлил ва моделикунонии молиявиро афзоиш медиҳад.
- Коҳиши хароҷот – кори муҳосибон осон шуда, самаранокии идоракунӣ меафзояд.

Дар давраи ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ, соҳаи муҳосибӣ низ дигаргуниҳои ҷиддиро таҷриба мекунад. Агар дар гузашта сабт ва таҳияи ҳисоботҳо пурра бо дасти инсон анҷом мешуд, имрӯз рақамикунонӣ имконият медиҳад, ки тамоми равандҳо бо суръат, дақиқӣ ва шаффофият иҷро гарданд.

Зарурати рақамикунонӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ:

- Афзоиши ҳаҷми маълумоти молиявӣ;
- Талаби шаффофият аз ҷониби сармоягузорон ва давлат;
- Тез шудани муомилоти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ;
- Ҳифзи вақт ва кам кардани хароҷоти коркарди ҳуҷҷатҳо.

Дар ширкатҳо ва муассисаҳои давлатӣ барномаҳои 1С:Бухгалтерия васеъ истифода мешаванд. Вазорати молия ва Кумитаи андоз гузариши марҳила ба марҳилаи ҳисоботи электронии андоз ва ААИ-ро роҳандозӣ карданд; Дар оянда интизор меравад, ки системаҳои абрӣ ва blockchain барои шаффофияти бештар ҷорӣ гарданд.

Татбиқи рақамикунонӣ дар муҳосибӣ на танҳо кори муҳосибонро осон мекунад, балки барои рушди иқтисоди миллӣ аҳамияти калон дорад. Он имконият медиҳад, ки ширкатҳо бо меъёрҳои байналмилалӣ ҳамқадам шаванд, шаффофият таъмин гардад ва эътимоди сармоягузорон боло равад.

## ЗАРУРИЯТИ РАҚАМИКУНОНӢ ДАР БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити ҷаҳони муосир, рақамикунонӣ яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёт ва молия мебошад. Он на танҳо сохторҳои саноат ва тиҷоратро дигар мекунад, балки фаъолияти муҳосибиро низ ба марҳилаи нав мебарад. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки имрӯз баҳисобгирии молиявӣ дигар танҳо бо дафтару қоғаз маҳдуд намешавад, балки бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ба як низоми ҳамгиро табдил ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** рақамикунонӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит, рушд, иқтисодиёт, молиявӣ, технология, барнома, система, ширкат, раванд ва ғайраҳо.

**НЕОБХОДИМОСТЬ ЦИФРОВИЗАЦИИ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА**

В данной статье автор отмечает, что в современном мире цифровизация является одним из основных направлений развития экономики и финансов. Она не только меняет структуры промышленности и торговли, но и выводит бухгалтерскую деятельность на новый уровень.

Автор также отмечает, что сегодня финансовый учет уже не ограничивается тетрадями и бумагой, а стал интегрированной системой, использующей цифровые технологии.

**Ключевые слова:** цифровизация, бухгалтерский учет, аудит, развитие, экономика, финансы, технологии, программное обеспечение, система, компания, процесс и т.д.

**THE NEED FOR DIGITALIZATION OF ACCOUNTING**

In this article, the author notes that in the modern world, digitalization is one of the main directions of economic and financial development. It not only changes the structures of industry and trade, but also takes accounting activities to a new level. The author also notes that today financial accounting is no longer limited to notebooks and paper, but has become an integrated system using digital technologies accounting development.

**Key words:** digitalization, accounting, audit, development, economy, finance, technology, sotware, system, company, process etc.

**Адабиёт:**

9. Аудит: Учебник 1 ред. М.В. Мельник. – М.: Экономист, 2005.
10. Аудит В.И. Подольский, А.А. Савин, Л. В. Сотникова. 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юнити – Дане 2006..
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”аз 22 июли соли 2013, № 993. – http://mmk.tj.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 749. - http://mmk.tj.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” аз 17 майи соли 2004, № 37. – http://mmk.tj.
14. Кодекси одоби касбии аудиторҳо. Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001, № 69. – http://minfin.tj.
15. Каримов Б.Ҳ. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ. – Душанбе, 2016. – 220 с.
16. Каримов Б.Ҳ. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Душанбе: Ирфон, 2013. – 213 с.

**Самиева Мехрангез Бобоевна** -номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг. Суроға: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 888-83-01-20

# ТИҶОРАТИ МЕҲМОНХОНАҲО ВА МАВҚЕИ ОН ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ

**Ғуломова З.З.-**муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори ДБССТ.

Меҳмонхонаҳо яке аз ҷузъиёти индустрияи сайёҳӣ буда, ҳамчун базаи моддӣ барои ҷойгиронии сайёҳон пешбинӣ шудаанд ва дар ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ мавқеи асосиро ишғол карда, сифати ҷойгиршавӣ ва бо хадамоти мувофиқ ба сатҳи хизмарасонии сайёҳӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, бо рушди саноати меҳмонхонаҳо воридоти маблағи нақд, аз ҷумла асъори хориҷӣ афзун мегардад.

Тиҷорати меҳмонхонадории ватанӣ қисми ҷудонашавандаи индустрияи меҳмонхонаҳои ҷаҳонӣ шуда истодааст. Ин суръат бо ҳамгирой ба стандартҳои умумиҷаҳонӣ, бо мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, ки дар маркази Осиёи Миёна ҷойгир аст ба афзоиши босуръати тиҷорати Тоҷикистон ва ҳам ба рушди сайёҳии байналмилалӣ тақвият мебахшад. Вобаста ба ин, имрӯзҳо баланд бардоштани самаранокии иқтисодии бахши меҳмонхонаҳо дар маҷмӯи соҳаи сайёҳӣ муҳим аст.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки рушди устувори бахши сайёҳӣ дар мамлакат, бидуни рушди босуръати соҳаи меҳмонхонадорӣ - як бахши муҳими соҳаи сайёҳӣ ғайриимкон аст.

Тиҷорати меҳмонхонаҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи бахши хизматрасонӣ ба сайёҳон мебошад, ки самти асосии он қабул, ҷойгиронӣ, расонидани намудҳои гуногуни хизматҳои марбут ба будубоши истеъмолкунандагон берун аз манзили доимии онҳо мебошад. Тиҷорати меҳмонхонадориро як қатор корхонаҳо, ба монанди корхонаҳои нақлиётӣ, экскурсионӣ, хӯроки омма, коммуналӣ ва ғайра намояндагӣ мекунанд, ки бо меҳмонхонаҳо муносибати шартномавӣ доранд [5, 163].

Меҳмонхонаҳо як қатор хизматҳоро барои сайёҳон пешкаш менамоянд, ки омили асосии муайянкунандаи дурнамои рушди сайёҳи дар мамлакат мебошанд. Хизматрасонии сайёҳӣ, аз ҷумла дар доираи хизматрасонии меҳмонхонаҳо, ба хадамоти иҷтимоию фарҳангӣ тааллуқ дорад. Онҳо ба принсипҳои меҳмоннавозии муосир асос ёфтаанд, ки нақши онҳоро дар рушди туризми дохилӣ баланд мебардорад, инчунин дар низоми хизматрасонии сайёҳӣ ва меҳмонхонаҳо вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд.

Барои бомуваффақият ҳал кардани ҳама вазифаҳои гуногун барои хизматрасонии сайёҳон, кормандони меҳмонхонаҳо ва маҷмааҳои сайёҳӣ бояд дорои малакаи баланди касбӣ бошанд ва онро доимо такмил диҳанд [4, 121].

Меҳмонхонаҳо барои меҳмононе, ки барои истироҳат, фароғат, тиҷорат омадаанд, манзил пешниҳод менамоянд ва хизмат мерасонанд. Ҷойгиршавӣ, новобаста аз мақсади саёҳат ва давомнокии он, қисмати барномаи сайёҳӣ мебошад. Аҳамияти тиҷорати меҳмонхонаҳо дар системаи идоракунӣ инчунин аз он иборат аст, ки ин соҳа доираи

хизматрасониҳоро барои туризм, нақлиёт, чакана, хӯрокворӣ, суғурта, фарҳанг ва санъат, меъморӣ ва дизайн, хизматҳои экскурсионӣ, тиҷорати таблиғ ташаккул медиҳад [3, 173].

Амалияи тиҷорати меҳмонхонаҳо нишон дод, ки аксарияти онҳо ба хизматрасонӣ ба хориҷиён манфиатдоранд, зеро ин категорияи меҳмонон қобилияти пардохтпазирӣ доранд, аз хизматҳои иловагӣ истифода мебаранд, барои рушд ва фароғати онҳо маблағи бештар сарф мекунанд ва муҳимтар аз ҳама – метавонанд утоқҳои дараҷаи олиро фармоиш кунанд.

Дар шароити рақобат, меҳмонхонаҳо саъй доранд, ки номгӯи хизматрасониҳои иловагиро васеъ кунанд. Онҳо манбаи даромад ва роҳи баланд бардоштани рақобатпазирии меҳмонхонаҳоро таъмин менамоянд

Меҳмонхона ин манзилест, ки аз шумораи муайяни ҳуҷраҳо иборат буда, ки новобаста аз маҳалли истиқомати доимӣ ва сабти номи шаҳрвандон, ҷой ё ҳуҷраро бо маҷмӯи хизматрасонияш барои иқомати муваққатӣ пешниҳод мекунад.

Динамикаи рушди бахши меҳмонхонаҳои Тоҷикистонро метавон мусбат арзёбӣ кард. Давлати мо барои рушди минбаъдаи соҳаи меҳмонхонаҳо ва сайёҳӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ-фароғатӣ, таърихӣ-фарҳангӣ, сайёҳӣ-экскурсионӣ, ҳамаҷониба қонеъ кардани ниёзҳои солимӣ-варзишӣ, маърифатӣ, маънавии сайёҳони дохилию хориҷӣ, шароити мусоид фароҳам овардан ба маблағгузорон дар соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Яке аз тамоюлҳои асосии рушди бозори меҳмонхонаҳои Тоҷикистон ин болоравии таваҷҷӯҳи операторони байналмилалӣ ба мамлакати мо мебошад, ки шарикони рушдро дар татбиқи лоиҳаҳои меҳмонхонаҳо меҷӯянд. Аз бисёр ҷиҳатҳо омадани брендҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои менеҷмент нишондиҳандаи табиии рушди бахши меҳмонхонаҳо дар Тоҷикистон мебошанд:

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи меҳмонхонаҳо, иқтидори яквақтаи меҳмонхонаҳо ва шумораи рӯзҳои одам дар як сол, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ пешкаш карда мешаванд, ба рушди фаъоли индустрияи сайёҳии кишвар бевосита таъсир мерасонад, зеро кишвари мо дорои иқтидори назарраси сайёҳӣ ва фароғатист. Он мавқеи мусоиди ҷуғрофиро ишғол мекунад, бо шароити мусоиди иқлимӣ барои рушди туризм, мавҷудияти сарватҳои беназири табиӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ тавсиф карда мешавад.

Ҳамин тариқ, тиҷорати меҳмонхонаҳо яке аз ҷузъҳои индустрияи сайёҳӣ мебошад. Базаи моддие, ки барои ҷойгиронии сайёҳон пешбинӣ шудааст, ҳангоми ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ яке аз ҷойҳои аввалро ҳамчун сифати ҷойгоҳ ва хизмати мувофиқ ба сатҳи хизматрасонии сайёҳӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, соҳаи сайёҳӣ дар маҷмӯъ ва

хусусан тиҷорати меҳмонхонаҳо ба як тиҷорати зуд рушдёбанда табдил ёфта истодаанд, ки ба воридоти пули накд, аз ҷумла асъори хориҷӣ мусоидат менамояд.

Имрӯз Тоҷикистон ба эҷоди маҳсулоти сайёҳии рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ манфиатдор аст, ки тавонад талаботи сайёҳони дохилӣ ва хориҷиёнро ба пуррагӣ қонеъ гардонад, ва дар ин замина рушди ҳамаҷонибаи соҳаи меҳмонхонадорӣ ва инфрасохтори онҳоро таъмин намояд.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, № 1717. – [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://ctd.tj.
2. Браймер Р.А. Основы управления в индустрии гостеприимства: Пер. с англ. М.: Аспект Пресс, 2007. 224 с.
3. Котлер Ф., Боуэн Дж., Мейкенз Дж. Маркетинг. Гостеприимство. Туризм: Учебник для вузов. 2-е изд., перераб. и доп. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. 1063 с.
4. Раҳимов, С.Х. Нақши туризм дар рушди хадамоти меҳмонхонаҳо [Матн] / С.Х. Раҳимов, З.З. Ғуломова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3 (37). – С. 165-170
5. Туризм как вид деятельности: Учебник для вузов. Под ред. Зорина И. В., Каверина Т.П. М.: Изд-во "Финансы и статистика", 2001. - 287с.
6. www.president.tj


## ТИҶОРАТИ МЕҲМОНХОНАҲО ВА МАВҚЕИ ОН ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ


Мавқеи меҳмонхонаҳо дар рушди сайёҳӣ дар шароити муосир таҳлил карда шудааст. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии бахши меҳмонхонаҳо дар маҷмӯи соҳаи сайёҳӣ оварда шудааст. Таърифи меҳмонхона, нақши он дар рушди сайёҳӣ, хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо ва мавқеи онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ оварда шудааст. Пешниҳоди хизматрасониҳои муосир барои қонеъ гардонидани талаботи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ ва рушди ҳамаҷонибаи тиҷорати меҳмонхонадорӣ тавсия дода шудаанд.



**Калидвожаҳо:** меҳмонхонаҳо, тиҷорати меҳмонхонадорӣ, сайёҳӣ, рушди сайёҳӣ, хизматрасонии меҳмонхонаҳо, индустрияи меҳмонхонаҳо, маҷмӯаи соҳаи сайёҳӣ.


## ГОСТИНИЧНЫЙ БИЗНЕС И ЕГО МЕСТО В РАЗВИТИИ ТУРИЗМА


Анализируется положение гостиниц в развитии туризма в современных условиях. Представлены вопросы повышения экономической эффективности гостиничного сектора в туристической отрасли в целом. Дано определение гостиницы, ее роль в развитии туризма, гостиничные услуги и их место в развитии национальной экономики. Рекомендовано предоставление современных услуг для удовлетворения потребностей отечественных и иностранных туристов и комплексное развитие гостиничного бизнеса.

**Ключевые слова:** гостиницы, гостиничный бизнес, туризм, развитие туризма, гостиничные услуги, гостиничная индустрия, туристическая отрасль в целом.

**HOTEL BUSINESS AND ITS POSITION IN TOURISM DEVELOPMENT**

The position of hotels in tourism development in modern conditions is analyzed. Increasing the economic efficiency of the hotel sector in the tourism industry as a whole is presented. The definition of a hotel, its role in tourism development, hotel services and their position in the development of the national economy are presented. The provision of modern services to meet the needs of domestic and foreign tourists and the comprehensive development of the hotel business are recommended.

**Keywords:** hotels, hotel business, tourism, tourism development, hotel services, hotel industry, tourism industry as a whole.

**Ғуломова З.З.**-муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Телефон: +992 888511001, ,e-mail: zevar.qulomova@yandex.ru

## ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Қосимов Ҳабибулло Зиёвидинович-*** ассистенти кафедраи молияи ДБССТ.

Истилоҳи «Корпоратсия» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноаш «иттиҳодия» мебошад. Ширкати корпоративӣ шахси ҳуқуқиест, ки иттиҳодияи шахсони воқеӣ буда, зимнан новобаста аз онҳо, яъне ба таври худидора фаъолият мекунад. Ба маънои васеъаш ҳама гуна иттиҳодияи дорои ҳадафҳои иқтисодии фаъолиятро корпоратсия номидан мумкин аст [1, с 220].

Алоҳидагии ҳуқуқии ширкати корпоративӣ аз аъзоёнаш ба он бартарие медиҳад, ки дигар шаклҳои иттиҳодияҳо, масалан ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, онро надоранд. Мақоми мушаххаси ҳуқуқӣ ва қобилияти ҳуқуқии корпоратсия вобаста ба ҷои таъсиси он муайян мегардад.

Муассисон ва ё соҳибкорон аксаран корхонаҳоро дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ таъсис медиҳанд, бинобар ин, азбаски дар ҳоли ҳозир ин шакли корхона маъмултар аст, истилоҳи «корпоратсия» ҳамчун синоними истилоҳи «ҷамъияти саҳҳомӣ» истифода бурда мешавад.

Бо вуҷуди ин ки ҳуқуқҳои корпоративӣ вобаста ба тобеияти ҳуқуқӣ гуногун мешаванд, аммо умуман ширкати корпоративӣ чор аломати асосӣ дорад:

- шахси ҳуқуқӣ;
- масъулияти маҳдуд;
- фурӯши озоди саҳмияҳо;

- идоракунии мутамарказ аз ҷониби шӯрои директорон.

Саҳмия ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ такмил ёфта, хусусиятҳои хос ва намудҳои гуногунро соҳиб гаштааст.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои сахомӣ» саҳмия қоғази қимматнокест, ки ҷамъияти саҳомӣ мебарорад ва он вобаста ба намуд ва категорияҳо ҳуқуқҳои зерини саҳмдоронро муайян мекунад:

— ҳуқуқ барои гирифтани суди саҳмия;

— ҳуқуқи иштирок дар идораи ҷамъияти саҳомӣ;

— ҳуқуқи соҳиб шудан ба як қисми молу мулки ҷамъияти саҳомӣ, ки баъди барҳамдиҳӣ боқӣ мондааст [2,с 67].

Баъзе мутахасисон меъёри ҳуқуқҳои мазкур ва дараҷаи амалисозии онро ба номинали саҳмия, яъне арзиши он мансуб медонанд. Бояд қайд намуд, ки номинали саҳмия он нақши мӯҳимеро, ки ба он мансуб медонанд, иҷро намекунад. Номинали саҳмия ҳеҷ гунна иртибот бо маҷмӯи ҳуқуқҳои дорандааш надорад. Маҷмӯи ҳуқуҳои саҳмдор аз ҳаҷми ҳиссаи ӯ дар сармояи оинномавӣ вобаста аст, яъне саҳмдоре, ки 50% + 1 саҳмия дорад, ҷамъияти саҳомиро идора менамояд, новобаста аз он, ки номинали саҳмия ҳазор ва ё як сомонӣ аст.

Ҷамъиятҳои саҳомӣ, инчунин, ҳуқуқ доранд як ва ё якчанд навъи саҳмияҳои имтиёзнокро нашр намоянд.

1. Саҳмияҳои имтиёзноки ҷамъшаванда (кумулятивӣ), яъне аз рӯи чунин саҳмияҳо ҷамъшавии суди гирифтаи он амалӣ мешавад.

2. Саҳмияҳои имтиёзнок бо ҳиссаи иштирок, ки ба дорандааш ҳуқуқ медиҳад, аз ҳаҷми пешакӣ эълоншудаи суд, суди иловагӣ гирад.

3. Саҳмияҳои имтиёзноки ивазшаванда, ки ба саҳмияҳои оддӣ бо меъёри мувофиқашуда иваз карда мешаванд[3,с 18].

Инчунин дар амалия саҳмияҳои дугона, саҳмияи дорои ҳуқуқи маҳдуди овоз ва ғайраро фарқ мекунанд.

Саҳмия метавонад дар бозори қоғазҳои қимматнок объекти хариду фурӯш бошад, ҳамчун моликият ба мерос гузошта шавад, тӯҳфа карда шавад, ба гарав гузошта шавад.

Саҳмия ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият дорои нишонаҳои хос, яъне реквизит мебошад. Ҳарчанд дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон реквизитҳои ҳатмии саҳмия нишон дода нашудааст, вобаста ба таҷрибаи хориҷӣ ва қоидаҳои умумии нашр, саҳмия дорои чунин реквизитҳо бояд бошад: номи фирмавии ҷамъияти саҳомӣ ва суроғаи он; номи қоғази қимматнок- «САҲМИЯ» («АКЦИЯ»), рақами тартибии он, санаи барориш, навъи саҳмия (оддӣ ва ё имтиёзнок) ва арзиши номиналии он; номи

доранда; ҳаҷми сармояи оинномавӣ дар санаи барориши саҳмия, шумораи саҳмияҳои нашршуда, мӯҳлати пардохти дивидендҳо, имзои Раиси раёсати ҷамъияти саҳомӣ, ҷои мӯҳр, корхонае (чопхонае), ки қоғази қимматнокро чоп намудааст [3, с 78].

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ҷамъияти саҳомӣ вазифадор аст, ки соле на кам аз як маротиба оид ба пардохи суди саҳмия қарор қабул кунад. Суди саҳмияҳои эълонгардида аз рӯи ҳар намуди саҳмия пардохт карда мешавад. Суди саҳмияҳо аз фоидаи софи ҷамъияти саҳомӣ бо пули миллӣ пардохта мешавад. Дар мавриди саҳмияҳои имтиёзнок бошад суди онҳо бояд аз ҳисоби сармояи махсуси барои он таъингардида пардохта шавад. Қарор оиди пардохти суди саҳмия аз рӯи ҳамаи намуди саҳмияҳо аз ҷониби Анҷумани умумии саҳмиядорон қабул карда шуда, маблағи он аз ҳаҷми пешниҳоднамудаи шӯрои нозирон зиёд буда наметавонад.

Дар давлатҳои инкишофёфтаи бозорӣ давраи муҳими силсилаи ҳаётии қоғазҳои қимматнок бо ёрии институтҳои махсуси сармоягузорӣ ҳал карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, то кунун чунин ташкилотҳо ва бозори дуюми қоғазҳои қимматнок вуҷуд надорад.

Фаъолияти инвеститсионӣ дар корхона бо чунини самтҳо гузаронида мешавад.

- азнавсозӣ ва инкишофи базаҳои моддию техники корхона ё ин ки васеъ кардани такрористеҳсолии воситаҳои асосии корхона.

- зиёд кардани ҳаҷми фаъолияти истеҳсолӣ; азхудкунии намудҳои нави фаъолият. Раванди идоракунии фаъолияти инвеститсионии корхона ифода менамояд:

- коркард ва фурузи ва баамалбароии стретегияи дарозмуддати инвеститсионӣ;

- усулҳои идоракунии миёнамуддати фаъолияти инвеститсионӣ дар доираи ҳалли стратегӣ ва имкониятҳои ҷории молиявӣ ва талаботи корхона, ки ҳангоми ташаккул, мониторинг ва ҷобаҷокунии портфели инвеститсионӣ баста мешавад.

- идоракунии фаврии фаъолияти инвеститсионӣ дар доираи инвеститсияи портфелии корхона, ки ҳангоми баамалбарории идоранамоии барномаҳои мушаххаси инвеститсионӣ ва лоиҳаҳо баста мешаванд. Инчунин тайёри барои ҳалли баромадан аз лоиҳаҳои барномаҳои таваккалӣ ва зараровар [4,с 28].

Мафҳуми инвеститсияи стратегии корхона раванди ташаккули системаи мақсадноки дарозмуддати фаъолияти инвеститсионӣ ва интихоби роҳи беҳтарин барои мувафақ шуданро ифода менамояд.

Ҳангоми коркарди  сиёсати инвеститсионии корхона бояд бо сарчашмаҳои молиякунонии фаъолияти инвеститсионӣ шинос гардид.

Ба ғайр аз ин самти муҳими сиёсати инвеститсионӣ таҳлили тағйирёбии сохтори сарчашмаҳои хароҷотҳои инвеститсионӣ ба ҳисоб меравад.

Сарчашмаҳои асосии пайдошавии инвеститсионии корхона:

1. Воситаҳои молиявии хусусӣ (фоида, андухт, ҷудонамоии истеҳлок, маблағҳо, пардохткунӣ ба мақомотҳои суғуртавӣ дар намуди барқарорнамои ба зарар), инчунин дигар намудҳои активҳо (воситаҳои асосӣ, минтақаҳои замин, моликияти саноатӣ) ва воситаҳои ҷалбкардашуда ( восита аз фуруши саҳмияҳо, аъзоҳақиҳо, воситаҳо, ки ба ширкатҳои холдингию ҷамъиятӣ ҷудо карда шудааст).

2. Инвеститсияҳои хориҷӣ ки дар шакли молиявӣ ё ин ки иштирок дар сармояи асосии корхонаи муштарак пешниҳод карда мешавад, инчунин дар шакли мустақими маблағгузории ташкилотҳои байналхалқӣ ва институтҳои молиявӣ, давлат, корхона ва ташкилотҳои хусусии шаклҳои гуногун ва шахсони алоҳида
[5,с 35];

3. Шаклҳои гуногуни воситаҳои қарзӣ аз ҷумла кредитҳо, ки ба давлат дар асоси баргардонӣ пешниҳод карда мешавад, кредитҳои инвесторони хориҷӣ, қарзҳои (займҳои) облигатсионӣ, кредитҳои бонкҳо ва дигар инвесторони иниституционалӣ: фондҳо ва ширкатҳои инвеститсионӣ, иттиҳодияҳои суғуртавӣ, фондҳои нафақавӣ ва инчунин векселҳо [4,с 32].

Аз рӯи дараҷаи моликият сарчашмаҳои молиякунонӣ ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

а) дар сатҳи давлат ва субъектони Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаҳои моликунонии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба ҳисоб мераванд:

- воситаҳои хусусии буҷетӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ;
- воситаҳои ҷалбкардашудаи низоми давлатии қарзию-бонкӣ ва суғуртавӣ;
- воситаҳои қарзӣ дар намуди қарздиҳии давлатии байналхалқи (қарзи берунии давлат), қарзҳои давлатии вомабрги, молӣ:

б) дар сатҳи корхона:

- воситаҳои асосӣ (даромад, ҷудокунии истеҳлокӣ, маблағҳои суғуртавии баргардонии зарар, ҷалбкунии воситаҳои асосӣ ва гардон, активҳои ғайримоддӣ ва ғ.);
- воситаҳои ҷалбшуда аз ҷумла аъзоҳақиҳо ва ёрдампулиҳо, воситаҳои аз фуруши саҳмияҳо гирифташуда, ва ғайраҳо.
- воситаҳои қарзи дар намуди буҷет, қарзҳои бонкӣ ва тиҷоратӣ (дар асоси фоиз ва бефоиз, баргардандагӣ ва бе бозгашт);

в) дар сатҳи лоиҳаи инвеститсионӣ:

- воситаи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон. ва субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фондҳои ғайрибуҷетӣ;
- воситаи субъектҳои хоҷагидорӣ – ширкатҳо ва ташкилотҳои ватанӣ, маблағгузорони коллективии иниститутсионалӣ;

- маблағгузории хориҷӣ бо намудҳои гуногун [4, с 26].

Ҳолати молиявӣ категорияи иқтисодии таърихӣ буда, баҳои дараҷаи имконияти молиявиро дар таъмини раванди гирдгардишу такрористеҳсол таъмин менамояд. Ҳолати молиявӣ новобаста аз тарзи истеҳсолот вуҷуд дошта сатҳу дараҷаи баҳодиҳиаш ба муносибатҳои истеҳсолии ҳукмрон вобаста аст. Раванди ҳаракати манбаъҳои пардохтпазири дошта, нисбати басандагии ӯ раванди такрористеҳсолро ҳолати молиявӣ ва ё қобилияти ҳисоббаробарнамоӣ инъикос менамояд. Ҳолати молиявӣ дар иқтисодиёти ба нақшагирифташуда нисбати ширкатҳо, се ҳолати муайянро ифода менамояд:

1. ширкатҳои ҳолати молиявии баланд дошта;
2. ширкатҳои ҳолати молиявии миёна дошта;
3. ширкатҳои мувофиқи нақша барзарар коркунанда.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ низ, соҳибкорон се ҳолати молиявӣ дошта метавонанд:

1. субъектҳои иқтисодиёти ҳолати устувори молиявӣ дошта;
2. ҳолати молиявии ноустувор дошта;
3. ҳолати молиявии рукуд ва ё дар арафаи рукуд ҷой дошта [8, с 24].

Аз нигоҳи мо, дар шароити иқтисоди бозорӣ, ҳолати молиявии соҳибкорон аз давраҳои сикл вобаста мебошанд, чунки дар ҳар як давра (рукуд, депрессия, ҷоннокшавӣ ва рушд) соҳибкорон ҳолати якхелаи молиявӣ дошта наметавонанд.

Таҳлили молиявии пешкашкардашуда дучониба буда, дар иктисоди бозорй бо номи таҳлили беруна маълум аст. Хислати дучонибагй аз он шаходат медихдд, ки аз як чанба, ширкат худашро агар ба дигарон нишон дихад, аз дигар тараф, дигарон ракамхои иктисодии онро таҳлил намуда, нисбат ба амал ва кори он хулоса баровarда тадбир меандешанд [9, с 232].

Намуди дуюми таҳлили дохили ширкатӣ ба максади муайян намудани тамоюлхои харакати ширкат дар олами номаълуми иктисоди бозорй дар асоси омузиши такозою арзаи бозорй ва ташкили тамсилахои гуногуни нарх гузаронида мешавад. Таҳлили номбаршуда метавонад оид ба шаклхои шугл аз тарафи шуъбахои менечменту маркетинг ташкил карда шавад. Дар доираи таҳлили дохилию истехсолй ракамхои таҳлилшаванда махдудият надоранд, аз доираи ширкат берун бароварда намешавад ва он хамчун сирри тичоратй махфӣ мемонад [5, с 123]

Таҳлили иқтисоди молиявии беруна ва дохилиистеҳсолиро менеҷери молиявй, вобаста ба вазифахои дар назди истехсолот гузоштаи такозо ва арзаи бозорй хал менамояд.

Таҳлили молиявй асосан барои муайян намудани:

- мавкеи ширкат дар олами пурракобати номаълум;

- сабаб ва омилхое, ки тагйирёбии холати молиявиро фарохам меоваранд;

- дигаргуншавии нишондихандаи молиявй ва сатхи таъсири омилхои ба онхо таъсиррасонида;

- баҳои ширкат, вобаста ба ҳолати бавучудомада ва тасдики карор оид ба давом додан ва ё катъ намудани фаъолият ва гайра зарур мебошад.

Таҳлили молиявӣ на танхо ба менечерони ширкат, балки ба хамаи шахсони хукукии бо он муносибат дошта ва дар оянда муносибат пайдокунанда, хатмй ва зарур мебошад. Барои ононе, ки бо ширкат минбаъд муносибат баркарор карданианд, таҳлил ва таткикот имконияти кабули карори ягонаи дурустро нисбат ба худдорй ва нигох доштани ин муносибатхо ба вучуд меорад [9, с 252].

Таҳлили молиявӣ ба сохибкор ва менечер имконияти муайян кардани ҳадду ҳудуди ҳалли муаммоҳои иқтисоди ва дуруст вазифагузорӣ карданро фароҳам меоварад. Ин, дар навбати худ, ба ғани гардонии сарвати соҳибкор ё худ, ба касодию муфлисшавӣ дучор гардидани онро густариш медиҳад.

Таҳлили молиявии ширкат оид ба фаъолияти давлат, қарздиҳандагону фурушандагон ҳалли вазифаҳои муайянеро низ ба миён мегузорад. Ин, дар навбати худ, ба касодию муфлисшавӣ дучор гардидани онро густариш медиҳад.

Ҳисоботи солонаи ҷамъияти саҳоми ва тавозуни баҳисобгирии вай хар сол дар матбуоти даври чоп мешавад [10, 220].

Агар ҷамъияти сахоми нисбат ба ӯҳдадорихои саҳмдорон ҷавобгари ба ӯҳда нагирифта бошад, он гоҳ сахмдорон нисбат ба ӯҳдадориҳои ҷамъияти саҳоми вобаста ба ҳиссае, ки сармоягузори кардаанд ва е миқдори сахмияе, ки дар ихтиерашон аст, ҷавобгу мебошанд.

Саҳмдорон ҳақ надоранд маблағи ба саҳмия сармоягузоришударо бозхонд намоянд. Ин маблағ танҳо дар мавридҳои дар оиннома пешбинишуда бозхонд мешавад.

Агар зарари ба ҷамъияти саҳоми расонидашуда сабаби муфлисшавии он шуда бошад ва агар чунин ҳолат бо гуноҳи роҳбарият ва ё саҳмдорон рӯй дода бошад, суд ҳақ дорад, ҷуброни зарарро аз гунаҳкорон талаб намояд.

Ҳар як ҷамъияти саҳоми на танҳо ҳақ дорад дар сармояи ҷамъиятҳои саҳомии дигар ҳисса гузорад, балки ҳақ дорад шуъбаю намояндагии худ ва ҷамъияти фаръию вобастаи хешро дошта бошад. Шуъбаю намояндагии ҷамъиятҳои сахоми шахси ҳуқуқи набуда, аз номи ҷамъияти саҳоми баромад менамоянд. Тавозуни онҳо дар дохили тавозуни ҷамъияти саҳоми мебошад.

Шӯъбаю намояндагии ҷамъияти саҳоми бояд ба фаъолияти вай ҷавобгӯй бошад. Ҳамон ҷамъият ҷамъияти саҳомии фаръи ҳисобида мешавад, ки қисми асосии

сармояи оинномавиаш аз сармояи ҷамъияти асоси бунёд ёфта ва ё байни ҷамъияти фаръи (духтари) шартнома баста шуда бошад. Ҷамъияти фаръи ҷавобгӯи ӯҳдадориҳои ҷамъияти саҳомии асоси намебошад.

## ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Рисолаи хатми тахассусӣ ба мавзӯи мукаммалгардонии идоракунии корпоративӣ дар ҷамъиятҳои саҳомии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ ба роҳ мондани мукаммалгардонии идоракунии корпоративӣ дар ҷамъиятҳои саҳомии Ҷумхурии Тоҷикистон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои хоси мукаммалгардонии идоракунии корпоративӣ дар ҷамъиятҳои саҳомии Ҷумхурии Тоҷикистон яке аз асоситарин омили пешбурди фаъолияти низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

**Калимаҳои калидӣ:** идора, идоркунии корпоротивӣ, мукаммалгардонӣ, саҳмия, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, молия, муносибатҳои молиявӣ, рушди иқтисодӣ ва ғайра мебошанд.

## КОРПОРАТИВНОЕ УПРАВЛЕНИЕ В АКЦИОНЕРНЫХ ОБЩЕСТВАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Выпускная квалификационная работа посвящена совершенствования корпоративного управления в акционерных обществах Республики Таджикистан. В условиях становления рыночных отношений и процесса глобализации особенно важным считается совершенствование корпоративного управления в акционерных обществах Республики Таджикистан. Особенности совершенствования корпоративного управления в акционерных обществах Республики Таджикистан считаются одним из основных факторов продвижения экономической системы.

**Ключевые слова:** менеджмент, корпоративное управление, совершенствование, акция, акционерные общества, финансы, финансовые отношения, экономическое развитие и др.

## CORPORATE GOVERNANCE IN JOINT STOCK COMPANIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The final qualifying work is devoted to the improvement of corporate governance in joint-stock companies of the Republic of Tajikistan. In the context of the formation of market relations and the process of globalization, it is especially important to improve corporate governance in joint-stock companies of the Republic of Tajikistan. Features of improving corporate governance in joint-stock companies of the Republic of Tajikistan are considered one of the main factors in promoting the economic system.

**Key words:** management, corporate governance, improvement, action, joint-stock companies, finance, financial relations, economic development, etc.

## АДАБИЁТ:

1. «Менеҷмент» китоби дарсӣ Душанбе, Бозоров Ш.Ш., Назарамонова Д.М., Қосимова С.И., Ҳасанова Г.Ф., Ҳомидов А.Х., 2015с. - 465саҳ.

2. Гулмирзоев Д.Г., Оймаҳмадов Г.Н. Менеҷменти молиявӣ. Душанбе, 2004. 180 с.

3.Оймаҳмадов Г.Н. Молия., «Нодир», Душанбе 2005.180 с.

4. Раҳимзода Шариф. Муомилоти пулӣ ва қарз. – Душанбе, 2008 420 с.

5. Давлатзод У.- Ташкили ҷамъиятҳои саҳомӣ. Душанбе 2008. 180с.

6. Васоити таълимӣ аз фанни “Буҷети давлатӣ”/ Алишоев Х.Ҳ., Кенҷаева Р.Ҳ., Хоҷаева З.С. –Душанбе, 2022, 110 с.

7. Васоити таълимӣ аз фанни “Буҷети давлатӣ”/ Алишоев Х.Ҳ., Кенҷаева Р.Ҳ., Хоҷаева З.С. –Душанбе, 2022, 110 с.

8. Дастурамал оиди таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли 2022 ва пешгӯии нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2023-2024

9. Буянский, С.Г. Корпоративное управление, комплаенс и риск-менеджмент / С.Г. Буянский, Ю.В. Трунцевский. - М.: Русайнс, 2017. - 352 с.

10. Дементьева, А.Г. Корпоративное управление: Учебник / А.Г. Дементьева. -М.: Магистр, 2018. - 848 с.

**11.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018-2022.

**Маълумот дар бораи муалиф:** Қосимов Ҳабибулло Зиёвидинович - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоқикистон, ассистенти кафедраи молия. Суроға: 734055,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Дешанбе , хиёбони Борбад 48/5. E-mail: gosimovhabib1808@gmail.com Тел:+992 93 574 74 79

## НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Сайдалиев Х.А**.– *Мудири кафедраи баҳисобгирӣ ва буҷети Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе*

**Мирзоев С.А**.- *н.и.и.,дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалӣ ва сайёҳӣ соҳибкории Тоҷикистон*

Рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар асоси «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» сабт ёфта аст. Ҳуҷҷати мазкур аз се марҳилаи навбатӣ то соли 2040 иборат буда, самтҳои асосии сиёсати давлатро оид ба ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ барои иҷрои афзалиятҳои миллӣ ва ширкати рақобатпазир дар экосистемаи умумиҷаҳонии иқтисодӣ муайян мекунад.

Рақамикунонӣ тамоми низоми таъмини иттиллоотии равандҳои иҷтимоиву иқтисодиро дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки дар низоми мазкур накши муҳимро баҳисобгирии муҳосибӣ бо вазифаҳои худ: ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди иттиллооти ахбороти иқтисодӣ дар бораи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мебозад. Аз ин рӯ, дарки накш ва ҷойи баҳисобгирӣ дар иқтисодиёти рақамӣ аҳамияти хеле муҳим пайдо кардааст. Зарурати гузаронидани таҳқиқот оид ба тағйирёбии асосҳои мундариҷавӣ, усулӣ ва ҷиҳатҳои консептуалии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳти таъсири имкониятҳои рақамикунонии технологӣ ба миён омадааст.

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллиро ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, ба кори муҳосибӣ таваҷҷуҳ бештар гардида, раванди технологияҳои иттиллоотӣ торафт бевосита ба касби муҳосибӣ алоқаманд мегарданд. Маълум аст, ки касби муҳосибӣ муддати зиёд яке аз касбҳои серталаб дар бозори меҳнат мебошад ва он дар чанд соли охир тағйироти ҷиддиро паси сар кард, зеро гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба рушди технологияҳои нав таъсири мусбати худро расонд, ки дар кори муҳосибӣ низ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ба ҳамагон маълум аст, ки рушди техника вақтҳои охир ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир кард, дар ин бобат шуъбаҳои иқтисодии (муҳосибӣ) корхонаву ташкилотҳо низ дар канор намонданд, рушди илмию техникӣ (РИТ) ба пойгоҳи техникӣ таъсири мусбӣ расонид. Аксарияти мутлақи кормандони муҳосибот барои он ки баҳисобгирии муҳосибиро бештар самаранок ба роҳ монанд ва он чизеро, ки номаълум буд, дар лаҳзаи кӯтоҳ дониста гиранд, маълумоти шабакаи умумиҷаҳониро истифода мебаранд. Инчунин муҳосибон метавонанд барои шинос шудан бо навовариҳои дахлдор оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ ба шабакаи умумиҷаҳонии интернет ворид шаванд ва аз навовариҳои соҳа бохабар шаванд.

Дар солҳои охир масъалаи истифодаи технологияҳои пешқадами иттиллоотӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, аз он ҷумла дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ хеле муҳим гардид. Вобаста ба ин, оид ба дурнамои рушди ихтисоси муҳосиб масъала ба миён меояд: оё ин касб дар бозори меҳнат мунтазам аз байн меравад, ё даври нави рушди соҳаи мазкур шурӯъ шуданист?

Имрӯз муҳосиберо ёфтан душвор аст, ки барномаҳои гуногуни муназзами баҳисобгирӣ ва низомҳои маълумотию ҳуқуқиро истифода набарад. Зеро онҳо барои бевосита ба роҳ мондани баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагӣ кӯмак мерасонанд ва имконият медиҳанд муҳосиб тахассуси худро аз ҷойи кор берун нашуда, баланд бардорад. Барои мисол, системаҳое чун «Главбух» (сармуҳосиб) ва «СКБ Контур» имконият медиҳанд ба ивази маблағи муайян дар бораи баланд бардоштани тахассус соҳиби сертификат шаванд. Дар ин маврид ба муҳосибон ва ҳар касе, ки дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ бештар донистан мехоҳад, чанд барномаи сатҳи гуногуни мураккабӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳамин тавр, дар чунин ҳолат системаҳои ёридиҳандае ба муҳосибони амаликор мавҷуданд, ки ба онҳо имконият медиҳанд вақт ва хароҷоти зиёд сарф накарда, малакаи худро оид ба бурдани баҳисобгириҳо баланд бардоранд инчунин, таҷриба ва дониши нав андӯзанд, ки ҳамаи ин ба сифати бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва фаъолияти корхона, дар умум, таъсири хуб хоҳад бахшид.

Имрӯз муҳосиб корманди муқаррарии муассиса нест, ки танҳо баҳисобгирии муҳосибиро ба роҳ мемонад. Касби мазкур дар чанд соли охир аз ҳисоби дар кор ба роҳ мондани технологияҳои рақамӣ ба андозаи назаррас дигаргун гашт. Яъне, он тағйироте, ки мавриди назар қарор дорем, танҳо ба худи баҳисобгирӣ не, балки ба касби муҳосибӣ низ дахл дорад.

Аксарияти донишмандон бар он ақидаанд, ки нишонаҳои асосии тағйирот дар соҳаи навсозии назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои муҳосибӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аз инҳо иборат буда метавонанд:

- васеъшавии инъикоси соҳаи фаъолияти ташкилот дар баҳисобгирӣ;
- баландшавии сифат ва фаврияти баҳисобгирӣ;
- ошкорнамоӣ ва афзоиши шумораи объектҳои нави баҳисобгирӣ;
- таҳияи усулҳои инноватсионии баҳодиҳии объектҳои нави баҳисобгирӣ;
- ташаккули равишҳо барои муттаҳидгардонии шаклҳои гуногуни баҳисобгирӣ;
- истифодаи технологияҳои нисбатан мукаммали ватанӣ ва хориҷаи иттиллоотӣ;
- таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ, усулӣ ва амалии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ.

Имрӯз баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар як ташкилот ба роҳ монда шудааст ва рӯйхати вазифаҳои муҳосиб одатан аз ҳар як ширкат вобаста аст. Ҳамин тавр, муҳосиб доираи васеи уҳдадориҳоро ба зимма дорад, аз он ҷумла ба дӯши ӯ тартибдиҳии ҳуҷҷатнигориҳои ибтидоӣ, назорат аз болои дурустии онҳо, омодагӣ ба коркарди ҳисобу китоб, ҳамчунин, ширкат дар таҳия ва амалисозии чорабиниҳое, ки ба риояи интизоми молиявӣ ва истифодаи сарфакоронаи захираҳо равона шудаанд, меистанд. Ҳамчунин, муҳосиб барои ҳисобу китоби музди меҳнати кормандон, пардохтҳо аз рӯйи шартномаҳои шаҳрвандӣ ва АДШВ, (андози даромади шахсони воқеъӣ) бурдани баҳисобгирии андозӣ ва идорӣ ҷавобгар аст; муҳосиб ҳисоботдиҳии андозиро тартиб дода, ба фондҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нозироти андоз месупорад ва пардохтҳои андозиро ба дараҷаи камтарин мерасонад. Ба ғайр аз ин, одатан муҳосиб вазифаҳоеро ба анҷом мерасонад, ки ба дастурамали мансабии ӯ дахл надоранд, баъзан

бо мақсади сарфакорӣ дар ташкилот кори муҳосибони дигарро ҳам ба дӯши ӯ мегузоранд. Ба ғайр аз ин, вай уҳдадор аст, иттиллооти зарурии муқоисавӣ ва воқеии муҳосибии истифодабарандагони дохилӣ ва берунии ҳисоботҳои муҳосибиро таъмин созад.

Дар назар дошта шудааст, ки вақтҳои наздик имконияти пурра автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андозӣ ба вуҷуд меояд, ки ин муҳосибро аз як қисми намудҳои зикршудаи кор озод менамояд, аммо гузаронидани таҳлили вазъи молиявии корхонаро лозим меояд боз худи муҳосиб мустақилона анҷом диҳад, аммо боиси қайд аст, ки дар ин ҳолат барои анҷоми кор ба ӯ вақти зиёд боқӣ мемонад, ҳамчунин сифати таҳлил беҳтар мешавад.

Бояд гуфт, ки дар давоми солҳои охир касби муҳосибӣ ба яке аз касбҳои бозоргир табдил ёфтааст. Ҳоло шумораи муҳосибоне, ки хоҳиши баланд бардоштани сатҳи касбии худро доранд, мунтазам меафзояд. Маҳз чунин аст ояндаи касби мазкур – гузариши муҳосибон аз сатҳи поёнии тахассусӣ ба сатҳи нисбатан баландтар, ки ин тамоюли мусбат дар рушди касб мебошад.

Ҳадафи фаъолияти касбии муҳосиб, ки дар шакли таҳриршудаи стандартҳо омадааст, маҳз он ҷиҳатеро дар бар мегирад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» мавҷуд аст. Сухан танҳо оид ба танзими баҳисобгирии молиявӣ ва дар бораи ташаккули ҳисоботдиҳии молиявӣ меравад. Бояд гуфт, ки ин ҳоло на ҳамаи вазифаҳои воқеии муҳосиб ба ҳисоб меравад. Дар навбати аввал, муҳосиб бояд таҳлилгаре бошад, ки на танҳо сиёсати баҳисобгириро ташкил медиҳад ва вазифаҳои нав мегузорад, балки ба таъмини иттиллоотии қарорҳои идорӣ оид ба ҳамаи ҷиҳатҳо машғул мешавад. Хуб мебуд, ки маънии мазкурро ба таври зерин ифода намоем: «ташаккули иттиллооти баҳисобгирию назоратӣ ва таҳлилии зарурӣ барои истифодабарандагон, барои коркарди қарорҳои иқтисодӣ».

Дар шароити «иқтисодиёти рақамӣ», «иқтисодиёти донишҳо», имкониятҳои муҳосиб ва аудитор васеъ мешаванд, баробари ин, доираи салоҳиятҳои зарурии мутахассисони мазкур фарох мегардад. Талаботи корфармоён зарурати пурзӯрнамоии таваҷҷуҳ ба омодагии муҳосибон барои ҳалли вазифаҳои саривақтии баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудитро ба вуҷуд меорад. Барои ин на танҳо ҳамоҳангкунии барномаҳои таълимии мактабҳои олӣ ва стандартҳои касбӣ, балки истифодаи дастовардҳои охирини илми иқтисодиёт, баландбардории муназзами тахассус, ҳамчунин риояи ҳатмии меъёрҳои ахлоқи касбӣ зарур аст.

Имрӯз аллакай технологияҳое ба монанди блокчейн (пайвастаи маълумотҳои молиявӣ) ба вуҷуд омадаанд, ки заминаи пешрафт дар усулҳои баҳисобгирӣ, аз он ҷумла низоми бақайдгирии ҳисобӣ мебошад ба вуҷуд омадааст. Корхонаҳо акнун метавонанд қайдҳои транзаксионӣ (созишномави)-ро дар регистрҳои ягона сабт кунанд ва нигоҳ доранд, ки он ҳамчун низоми тақсимшуда ва ба ҳам алоқаманди иттилооти муҳосибӣ пешниҳод мегардад. Сохтакорӣ ё нест кардани иттиллоот туфайли низоми тақсимот ва ҳимояи криптографикӣ (хатти рамзӣ) амалан номумкин мегардад. Аз ин рӯ, низоми мазкур номи «қайди сербораи баҳисобгирӣ»-ро гирифтааст. Дар ин маврид оид ба ивази қайдҳои диграфикӣ ба униграфикӣ (масалан, сегона) ҳоҷати гап нест. Танҳо тағйири тарзи қайд ва нигоҳдории базаи маълумоти фаъолияти хоҷагӣ имконпазир аст. Минбаъд чунин система ҳамчун базаи ҳисоботҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, низоми санҷиши дурустии онҳо, ҳамчунин, муҳити ҳамкориҳои иқтисодии умумиҷаҳонии иттиллотӣ тараққӣ хоҳад кард.

Дар бораи усулҳои баҳисобгирӣ метавон қайд гуфт, ки дар шароити рақамикунонӣ чунин зарурат ба миён омадааст, ки аз ҷанбаҳои оморӣ ва устувор бояд даст кашид. Дар ин маврид афзоиши миқдори чунин усулҳо, бо назардошти нигоҳдории маҳаки усулии баҳисобгирӣ дар ҷойи аввал меистад ва муҳим ба назар мерасад. Ин имконият медиҳад ҳамоҳангии усулҳои истифодашаванда дар мавриди вазифаҳои мавҷудаи баҳисобгирӣ таъмин карда шавад.

Ба сифати мисол, баҳисобгирии нисбатан серҳаракати идориро овардан мумкин аст. Он на танҳо усулҳои анъанавии баҳисобгириро истифода мебарад, балки усулҳои

истифодашаванда дар фаъолияти соҳаҳои якҷояи идорӣ (банақшагирӣ, пешгӯӣ, таҳлил, моделикунонӣ)-ро ба таври фаъол ҷорӣ менамояд. Бартариҳои асосии истифодаи бисёрвариантаи фишангҳо дар баҳисобгирии идорӣ ба андешеи мо аз инҳо иборатанд:

- ❖ баҳогузорӣ мумкин аст равишҳои гуногунро ба асос гирад (имкони истифодаи нархгузориҳои бозорӣ, сармоягузорӣ, суғуртавӣ, балансӣ, барҳамдиҳӣ мавҷуд аст);
- ❖ барои калкулятсиякунонӣ мумкин аст методикаҳои гуногун дар баҳисобгирии идоракунӣ низ истифода шаванд, ки дар муайянкунии арзиши аслӣ барои ҳадафҳои гуногуни баҳисобгирӣ ёрӣ мерасонанд;
- ❖ имкони интихоб дар истифода кардан ё истифода набурдани қайдҳои дугона (навишти дутарафа) ва низомҳои ҳисобу китоб;
- ❖ ба таври даврагӣ тартиб додан ва нигоҳдории тавозун (баланс) ва ҳисоботдиҳӣ дар асоси қоидаи сарфакорӣ. Тартибдиҳии тавозуни пешгӯӣ, сегментарӣ бо истифодаи усулҳои гуногун имконпазир мегардад.

Ба рушди қисматҳои асосии таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ муҳити ташаккулёфтаи иқтисодиёти рақамӣ таъсир мерасонад. Дар байни таҳлилгарони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар бораи ба низоми ҳисобҳо ворид сохтани ҳисоби баҳисобгирии дурнамоӣ, ҳисобҳои фарққунанда (дифференсиалӣ), назоратӣ, ҳисоб барои иттиллооти ғайримолиявӣ пешниҳодҳо ба вуҷуд омадаанд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки имрӯзҳо оид ба имконияти истифодаи низоми қайдҳои алтернативии дугона (навишти дутарафа) баҳсҳо ба миён омадааст. Ғайр аз ин, илова ба усулҳои қайдкунии диграфикӣ ва униграфикӣ низомҳои қайдкуниҳои сегона ва чоргона мавҷуданд. Ҳамчунин, бо таъсири пешрафти технологияи коркарди маълумотҳо, ҳамчунин бо сабаби тағйирёбии назарраси объектҳои баҳисобгирӣ имкони тағйир ёфтани ҷузъҳои дигари усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷуд аст.

Аз ин рӯ, аз рӯйи мантиқ ва мувофиқи мақсад аст, ки базаи усулии баҳисобгирӣ, ки ҳам ҷузъҳои усули баҳисобгирӣ ва ҳам намудҳои омехтаи фаъолияти иттиллоотиро фаро мегиранд ва ҷавобгӯии маҳсули иттиллоотии онро бо вазифаҳои мавҷуда ва нав таъмин месозанд, ҳаматарафа рушд ёбанд. Дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ объекти баҳисобгирӣ низ тағйироти назаррас пайдо мекунад. Далели ин миқдори афзояндаи нишондиҳандаҳое мебошанд, ки на танҳо ҷиҳати иқтисодии бизнес, балки уҳдадориҳои иҷтимоӣ, экологӣ, муназзамӣ ва сифати идораи корпоративӣ, мавҷудияти объектҳои ғайримолиявиро, чун сармояҳои ташкилӣ, инсонӣ, инноватсионӣ, эътиборӣ, ки барои ташкили арзиш пойгоҳ ба вуҷуд меоранд, нишон медиҳанд.

Ҳамчунин, васеъшавии доираи объектҳоро аз ҳисоби бавуҷудоии шаклҳои нави гибридӣ ва модификатсияшудаи шакли активҳо, уҳдадориҳо ва сармоя таъкид кардан лозим меояд, ки ба онҳо дохил мешаванд: криптовалютаҳо, (дороиҳои молиявии рақамӣ) активҳои фаъол, созишномаҳои фаъол, фишангҳои сармоягузориҳои омехта, шаклҳои нави созишҳои молиявӣ, ҷараёнҳои электронии воситаҳо, воҳидҳои виртуалӣ, монетарӣ ва ғайримонетарии арзишҳо ва ғайра. Инъикоси онҳо дар баҳисобгирӣ ташаккули қоидаҳои нави системакунонии тартиботи объектҳои баҳисобгирӣ, ҷудонамоии маҳаки эътироф, намуд ва қоидаҳои инъикоси онҳо дар иттиллооти иқтисодиро талаб менамояд.

Дар шароити рақамикунонӣ баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҳифзи муҳиммияти худ бояд ҳамчун ҷузъи низоми қабул, коркард ва ирсоли иттиллооти иқтисодӣ баромад кунад. Зарур аст, ки ҷой, нақш ва вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар экосистема (муҳити реалӣ) нишон дода шавад. Вагарна он ба хавфи «об шудан» дар низомҳои ҳозиразамони технологӣ ва мултифунксионалии рақамии иттиллотӣ рӯбарӯ аст, зеро низомҳои ахирӣ мунтазам рушд меёбанд ва ба таври таҳдидомез доираи фаъолияти худро васеъ менамоянд.

Ҳамин тавр бояд қайд кард, ки сохтори дохилии баҳисобгирии муҳосибӣ низ муҳим ба ҳисоб меравад. Зарур аст, ки ба он намудҳои нав ва мувофиқи талаб ҷудо карда шаванд. Вобаста ба ин тамоюли асосӣ аз инҳо бояд иборат бошад: наздикшавии намудҳои мавҷуди баҳисобгириҳо, кӯшиши ҷорӣ намудани шаклҳои нав чун стратегӣ,

адаптивӣ (мувофиққунонӣ), бисёрҳадафа, креативӣ (қобилиятнокӣ), интеллектуалӣ ва ғайра.

Наздикшавии баҳисобгириҳои берунӣ ва дохилӣ барои ба ҳисоботдиҳии корпоративӣ ҳамроҳ намудани иттиллоот дар бораи стратегияи рушд ва уҳдадориҳои иҷтимоӣ, ташкили арзиши иловаи иқтисодӣ дар доираи бизнес-сегментҳо ва омилҳои ташкили онҳо, самаранокии низоми идора кумак мерасонанд. Ғояи дахлдори намудҳои хоси баҳисобгирӣ дар мавриди аз тарафи онҳо ташаккул ёфтани низомҳои махсуси иттиллоотӣ баррасии алоҳидаро талаб мекунад. Ин низомҳои махсуси иттиллоотиро стратегӣ, иҷтимоӣ, актуарӣ, бихевиористӣ (рафторӣ) ва ғайра меноманд. Дар бораи мувофиқи мақсад будани чунин ҷудонамоӣ баҳсҳо мавҷуданд, аммо вобаста ба он тағйироти мазкур ҷой дорад. Ин масъала қобили баррасии алоҳида мебошад.

Яке аз қисматҳои муҳимтарини низоми баҳисобгирии муҳосибӣ таркиби иттиллоотии ду зернизом- баҳисобгириҳои молиявӣ ва идоравӣ мебошанд. Дар натиҷа гузариши он аз вазифаи назоратӣ ба иттиллотӣ ба назар мерасад, ки ба ташкили шаклдигаргунии рақамии корхона вобаста аст. Аз ин рӯ, таҳияи нишондиҳандаҳои нав, усулҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттиллооти молиявӣ, ҳамчунин, басандагии муттаҳидии он бо иттиллооти тарафҳои дигари бизнес ва муҳити атроф зарур ба назар мерасад.

Ба таври алоҳида таҳқиқи имкониятҳои баҳогузории объектҳои нави баҳисобгириро ҷудо намудан мумкин аст, ки ба сифати онҳо сармояи зеҳнии инсон, базаи мизоҷон, маҳсулоти инноватсионӣ баромад мекунанд. Технологияҳои нави иттиллоотӣ коркард карда мешаванд, ки ба онҳо технологияҳои фазоӣ (самоӣ), платформаҳои кушоди технологӣ, низомҳои электронии маълумотдиҳию иттиллоотӣ, ташкили формати ягонаи байналмилалӣ ва мундариҷаи ҳисоботдиҳии молиявӣ дар шакли электронии XBRL дохил мешаванд. Имкониятҳои мавҷударо бунёди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба вуҷуд меорад, ки дар он нишондиҳандаҳои ифодакунандаи ҳолати бизнес-равандҳои дохилии ташкилот ва муҳити атроф, нишондиҳандаҳои муттаҳидшавии шаклҳои гуногуни баҳисобгирӣ ҷамъоварда шудаанд.

Ҳангоми таҳияи усул ва пешниҳодҳои аниқ истифодаи натиҷаҳои назариявӣ зарур мебошад. Амалисозии онҳо дар таҷриба барои рушди самараноки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин, зарурати ҷамъбасти таҷрибаи пешбурди баҳисобгирӣ ва кушодани иттиллооти иқтисодӣ дар ҳисоботдиҳӣ дар асоси модификатсияи ҷиддӣ дар соҳаи қабул, иваз ва коркарди иттиллооти иқтисодӣ ба миён омадааст.

Рушди назария ва такмили таҷрибаи ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ бо васеъшавии иқтидорҳои иттиллоотии фазои мавҷудаи иқтисодӣ, иқтисодиёти рақамӣ алоқаманд мебошад. Дар ин маврид, технологияи иттиллоотӣ замонавикунонии назаррасро ҳам дар усул ва ҳам дар самтҳои амалии илм дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ талаб менамояд. Вобаста ба ин, шаклдигаргунӣ (трансформатсия)-и баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси талаботи нав марҳалаи зарурӣ дар рушди он ба ҳисоб меравад. Тағйирдиҳӣ ва беҳтарнамоии усули мазкури баҳисобгирӣ барои аз байн нарафтани муҳиммияти он дар асри рақамикунонии умумии иқтисодиёти миллӣ кумак мерасонад.

**Адабиёти истифодашуда:**.

1. Будович Ю.И. Цифровизация корпоративного учета // Человеческий капитал в формате цифровой экономики. Москва., 2018. С. 117-125.

2. Варнавский А.В., Бурякова А.О. Перспективы использования технологии распределенных реестров для автоматизации государственного аудита // Управленческие науки. – 2018. – №3. – С. 88-107.

3. Говдя В.В. Современные концепции развития бухгалтерского учета: проблемы и перспективы // Научный журнал КУбГАУ. 2014. № 99 (05).

4.Ефименков В.И., Воробьева О.А. Бухгалтерский учет как важнейшая информационная система в условиях глобализации // Экономика региона. 2006. № 2.

5. Карпова Т.П. Направления развития бухгалтерского учета в цифровой экономике / Т.П. Карпова // Известия Санкт-Петербургского Государственного Экономического Университета. - 2018. - №3 (111). - С. 52-57.
6. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: қарори Ҳукумати ҶТ аз «30» декабри соли 2019, №642, С. 1.

## НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Дар мақолаи илмӣ ба таҳқиқи масъалаҳои нақши баҳисобгирии муҳосибӣ ва технологияи иттилоотӣ дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, серталаб будани касби муҳосибӣ дар бозори меҳнат, рушди илмии техника ва таъсирии он ба рушди иқтисодиёти кишвар, таркиби баҳисобгирии муҳосибӣ ва зарурияти ҷудо шудани он ба низоми баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, тағйироти навтари назариявӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, автоматикунонии низоми баҳисобгирӣ, зарурияти мукаммал гардонидани донишҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, сабабҳои зиёд шудани талаботи кордиҳандагон ба муҳосибон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

**Вожаҳои асосӣ:** иқтисоди рақамӣ, муҳосиб, баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии молиявӣ, рақамикунонӣ, барномаҳои муҳосибӣ, технологияи фазоӣ, технеологияи иттилоотӣ, иқтисодиёти миллӣ.

## СИСТЕМА БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В научной статье рассматривается вопрос значений, роль и влияние цифровой экономики не формирование и развитие бухгалтерского учета. Кроме того, вопросы методов системе сбора, хранения и обработки информации социально-экономических процессов в условиях цифровизации экономики. В связи с этим, предъявляются новые требования и к бухгалтерскому учету. Его преобразование поможет сохранить его актуальность в конкуренции с новыми мультифункциональными цифровыми информационными системами, и влияние на ход реформа в системе бухгалтерского учета.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, бухгалтер, бухгалтерский учет, управленческий учет, финансовый учет, цифровизация, бухгалтерская программа, облачные технологии, информационная технология, национальная экономика.

## ACCOUNTING SYSTEM IN THE CONTEXT OF THE DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY

The researching article deals with the question of values, role and felting the digital economy is not formation and development of accounting rate, also the methods problems of system of collection storage and processing information of socio – economic systems in the digital economy condition. In the regard, of shown the new requirements for accounting rate. Its reforming can be storage its actually in competitive by the new multifunctional digital systems and its influence to the reforming of accounting rate system.

**Keywords:** digital economy, accounting, management accounting, financial accounting, digitalization, accounting software, cloud technology, information technology, national technology.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Сайдалиев Х.А.**– мудири кафедраи баҳисобгирӣ ва буҷети Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе. Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. тел (+992) 985969591.

**Мирзоев С.А**.- н.и.и.,дотсенти ДБССТ, Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалӣ, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. тел (+992)907500013

# САРЧАШМАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАРОМАДИ САТҲҲОИ ГУНОГУНИ НИЗОМИ БУҶЕТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шомаҳмадзода Фирдавс Шомаҳмад** –, н. и.и, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ ДБССТ

Моҳияти иқтисодии сарчашмаҳои даромадҳои буҷет аз он иборат аст, ки онҳо як қисми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-ро ифода мекунанд, ки дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ҳосил шуда, ба таври ихтиёрӣ ё маҷбурӣ барои иҷрои вазифаҳои давлат аз нав тақсим карда мешаванд. Ҳамин тариқ, сарчашмаи даромадҳо худи иқтисодиёт аст ва намудҳои мушаххаси пардохтҳо танҳо механизми ситонидани он мебошанд.

Сарчашмаҳои асосии иқтисодии даромадҳои буҷетро метавон ба таври зерин гурӯҳбандӣ кард:

– бахши воқеии иқтисодиёт (саноат, кишоварзӣ, сохтмон, энергетика – андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, ААИ, андози аксизӣ ва андоз аз фонди музди меҳнати кормандон дар ин соҳаҳо);

– фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (содирот ва воридоти молҳо ва хизматрасониҳо – боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои марбут ба убури сарҳади давлатӣ);

– аҳолӣ ва хонаводаҳо (фаъолияти меҳнатӣ ва истеъмолот – андоз аз даромади шахсони воқеӣ, инчунин андозҳои ғайримустақим, ки ҳангоми хариди молҳо ва хизматрасониҳо пардохт карда мешаванд);

– моликияти давлатӣ ва маҳаллӣ (даромадҳои ғайриандозӣ – дивидендҳо аз саҳмияҳои ба давлат тааллуқдошта, маблағи иҷораи амволи давлатӣ, даромадҳо аз хусусигардонӣ).

Ин равиш имкон медиҳад, ки пас аз таҳлили даромадҳои расмӣ дарк карда шавад, ки низоми буҷет ба кадом заминаи иқтисодӣ такя мекунад ва ҷиҳатҳои осебпазири он, ки бо вобастагии зиёд аз бахшҳои алоҳида марбут мебошанд, муайян карда шаванд.

Ҷудокунии самараноки сарчашмаҳои даромад дар байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ асоси ташаккули низоми мутавозини буҷет мебошад. Таснифот метавонад ба якчанд маҳакҳо асос ёбад.

1. Маҳаки ҳаракатнокии манбаи андоз. Ин маҳак дар назар дорад, ки андозҳои дорои манбаи андози хеле серҳаракат (масалан, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, ААИ) бояд ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда шаванд. Ин «рақобати андоз»-ро дар байни минтақаҳо барои ыойивазкунии андозсупорандагон пешгирӣ мекунад. Андозҳои дорои манбаи андози сустҳаракат (андоз аз молу мулк, аз ҷумла андози замин) бояд мантиқан ба буҷетҳои маҳаллӣ ворид карда шаванд.

2. Маҳаки якхела тақсим кардани сарчашма дар маҳал. Сарчашмаҳое, ки дар саросари мамлакат нобаробар тақсим карда шудаанд (масалан, саноати истихроҷ) бояд ба буҷети ҷумҳуриявӣ барои тақсимоти минбаъдаи маблағҳо дар байни минтақаҳо ва баробар кардани захираҳои буҷетии онҳо ҷудо карда шаванд. Сарчашмаҳое, ки дар тамоми маҳаллҳои мамлакат нисбатан баробар тақсим шудаанд (масалан, даромад аз соҳибкории хурд), метавонанд ба буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо карда шаванд.

3. Маҳаки дорои аҳаммияти миллӣ. Даромадҳо аз сарчашмаҳои дорои аҳаммияти стратегӣ барои тамоми иқтисодиёт (фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, корхонаҳои бузурги давлатӣ) ба буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешаванд. Даромадҳо аз сарчашмаҳои дорои аҳаммияти сирф маҳаллӣ (хоҷагии коммуналӣ, бозорҳои маҳаллӣ) ба буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд.

4. Маҳаки таъинот ва танзим. Дар ин асос сарчашмаҳо чунин тақсим мешаванд:

– сарчашмаҳои худӣ ё таъиншуда (даромадҳое, ки пурра ва доимӣ ба буҷети сатҳи муайян вобаста карда мешаванд);

– сарчашмаҳои танзимкунанда (даромадҳое, ки пурра ё қисман аз буҷети сатҳи болоӣ ба буҷети сатҳи поёнӣ тибқи меъёрҳои ягона ё тафриқавӣ бо мақсади ба даст овардани мувозинат гузаронида мешаванд).

Ҳамин тариқ, асоси назариявии ҷудо кардани сарчашмаҳо хоҳиши ноил шудан ба самаранокии молиявӣ, адолати иқтисодӣ ва баробарсозии ҳудудӣ мебошад. Татбиқи ин маҳакҳо дар низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дурустии механизми мавҷуда арзёбӣ ва самтҳои такмили он муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, заминаи даромади буҷетҳои маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии назаррас аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва истифодаи сусти иқтидори андозӣ ва иқтисодии худи минтақаҳо мебошад, ки барои таҳкими он чораҳои мақсаднок андешиданро тақозо мекунад.

Муҳаққиқон С.А. Деҳқонов ва А.С. Маҳмадуллоев таҳқиқоте гузарондаанд, ки дар он вазъи буҷети маҳаллии ноҳияҳои минтақаи Раштро таҳлил намуда, дар ин асос пешниҳодҳо ба хотири зиёд кардани сарчашмаҳои даромади худии буҷетҳои маҳаллӣ таҳия намудаанд.

Таҳлили сохтори даромадҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ имкон медиҳад, ки арзёбии муқоисавии онҳо ба ҷо оварда шуда, номутаносибиҳои бунёдӣ ошкор ва мушкилоти асосии муносибатҳои байнибуҷетӣ муайян карда шавад.

Барои равшании бештар андохтан дар ҷадвали ҷамъбастӣ сарчашмаҳои асосии даромадҳоро аз рӯйи сатҳҳои низоми буҷетӣ ба тартиб медарорем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Таснифи муқоисавии сарчашмаҳои даромади сатҳҳои низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 1. Comparative classification of income sources by levels of the budget system of the Republic of Tajikistan**

| Маҳак / Гурӯҳи даромадҳо | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Буҷетҳои маҳаллӣ |
|---|---|---|
| Сарчашмаҳои асосии андозӣ (бахшҳои иқтисодиёт) | Корхонаҳои калони саноатӣ (металлургия энергетика), савдои хориҷӣ (воридот). | Соҳибкории хурд ва миёна (савдо, хизматрасонӣ), истеҳсолоти маҳаллӣ, аҳолӣ. |
| Намудҳои асоии даромадҳои андозӣ | ААИ, аксизҳо, андоз аз даромад (аз андозсупорандагони калонтарин), боҷҳои гумрукӣ. | Андоз аз молу мулки шахсони воқеӣ, аз ҷумла андози замин, пардохтҳои патентӣ, тарҳҳо аз андозҳои танзимкунанда. |
| Даромадҳои ғайриандозӣ | Дивидендҳо аз корхонаҳои давлатӣ, даромадҳо аз моликияти давлатӣ, грантҳо. | Даромадҳо аз моликияти маҳаллӣ (иҷора). |
| Хосияти заминаи даромад | Серҳаракат, мутамарказ, вобаста аз шароити берунӣ (вазъи бозори хориҷӣ). | Сустҳаракат, пароканда, камдаромад. |
| Сатҳи мустақилияти молиявӣ | Баланд. | Хеле паст, вобастагии зиёд аз даромадҳо ва интиқолҳои танзимкунанда. |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Ин таснифот таъсири маҳакҳои назариявии ҷудокуниро равшан нишон медиҳад: сарчашмаҳои серҳаракат ва умумидавлатӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва сарчашмаҳои сустҳаракат ва маҳдуд ба буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд.

Таҳлили муқоисавӣ як қатор мушкилоти муназзамро ошкор мекунад, ки боиси номутаносибии амудӣ ва уфуқӣ дар низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд.

1. Нобаробарии ошкори амудӣ. Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи даромадҳои худии буҷетҳои маҳаллӣ (андозҳо аз молу мулк, пардохтҳои маҳаллӣ) ниҳоят ночиз аст. Қисми асосии маблағгузории хароҷоти онҳо аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳо аз андозҳои умумиҷумҳуриявӣ (ААИ, андоз аз даромад) ва интиқолҳои байнибуҷетӣ (кумаки молиявии беподош, мусоидати молиявӣ) аз буҷети ҷумҳуриявӣ пушонда мешавад. Ин аз номутаносибии амиқи байни салоҳиятҳои хароҷотии мақомоти маҳаллӣ ва иқтидори даромади онҳо шаҳодат медиҳад.

2. Тамаркузи иқтидори фискалӣ дар сатҳи миллӣ. Тавре ки таҳлили қаблӣ нишон медиҳад, дар буҷети ҷумҳуриявӣ даромадҳо аз бахшҳои пурқувваттарин ва сердаромади иқтисодиёт (алюминий, энергетика, воридот) ҷамъ карда мешаванд. Дар баробари ин, заминаи андозии камдаромади буҷетҳои маҳаллӣ (соҳибкории хурд, моликияти шаҳрвандон) ба онҳо имкон намедиҳад, ки даромади кофӣ ба даст оваранд. Ин вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки захираҳои молиявӣ дар марказ ҷамъ шудаанд, дар ҳоле ки минтақаҳо пайваста ба маблағгузории иловагӣ такя мекунанд.

3. Заифии ҳавасмандгардонӣ барои рушди заминаи даромадҳои маҳаллӣ. Низоми мавҷудаи муносибатҳои байнибуҷетӣ, ки ба кумакҳои молиявӣ ва тарҳҳо (ҳиссаҷудокуниҳо) асос ёфтааст, аксар вақт барои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушд додани ҳудудҳои ҳокимияти маҳаллӣ ҳавасмандии кофӣ ба вуҷуд оварда наметавонад, зеро даромадҳои иловагӣ метавонанд аз ҳисоби кам шудани интиқолҳо аз марказ ҷуброн карда шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Баротов, А.Х. Арзёбии иқтидори андозҳо ва нақши он дар таъмини иҷроиши буҷет / А.Х. Баротов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – № 4-1(29). – С. 145-151
2. Деҳқонов, С.А., Маҳмадуллоев, А.С. Нақши субвенсия дар таркиби буҷети ноҳияҳои минтақаи Рашт / С.А. Деҳқонов, А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2024. – № 1(1). – С. 150-157
3. Иброҳимзода, И.Р., Камолзода, И.А., Камолов, С.А. Такмили низоми пешгӯинамоии даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи гузариши ба иқтисоди рақамӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / И.Р. Иброҳимзода, И.А. Камолзода, С.А. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 3. – С. 90-101
4. Исматов, А.Ф. Нақши воридоти андозҳо дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ / А.Ф. Исматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 162-169
5. Ҷураев, Х.Г., Буризода, Х.Б. Асосҳои назариявӣ ва ташакулёбии буҷети давлатӣ / Х.Г. Ҷураев, Х.Б. Буризода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 4-2(39). – С. 395-402
6. Шомахмадзода, Ф.Ш. Формирование и использование государственного бюджета Республики Таджикистан / Ф.Ш. Шомахмадзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 2. – С. 58-63


## САРЧАШМАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ДАРОМАДИ САТҲҲОИ ГУНОГУНИ НИЗОМИ БУҶЕТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар натиҷаи таҳқиқот номутавозунии амудии назаррас дар низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудааст. Ҳамин тариқ, ба хулосае омада мешавад, ки дар мамлакат бояд сиёсате роҳандозӣ карда шавад, ки барои тавсеаи заминаи худии даромади буҷетҳои маҳаллӣ тавассути рушди иқтидори иқтисодии ҳудудҳо ва такмили механизмҳои танзими байнибуҷетӣ нигаронида шудааст.



**Калидвожаҳо:** сарчашмаҳои даромадҳои буҷет, буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ, низоми буҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, иқтидори фискалӣ, номутаносибии амудӣ, даромадҳои андозӣ, даромадҳои ғайриандозӣ.

## ИСТОЧНИКИ ФОРМИРОВАНИЯ ДОХОДОВ НА РАЗЛИЧНЫХ УРОВНЯХ БЮДЖЕТНОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В результате исследования выявлена существенная вертикальная несбалансированность бюджетной системы Республики Таджикистан. Сделан вывод о необходимости проведения политики, направленной на расширение собственной доходной базы местных бюджетов через развитие экономического потенциала территорий и совершенствование механизмов межбюджетного регулирования.

**Ключевые слова:** источники доходов бюджета, республиканский бюджет, местные бюджеты, бюджетная система, межбюджетные отношения, **фискальный потенциал**, **вертикальная несбалансированность**, налоговые доходы, неналоговые доходы.

## SOURCES OF REVENUE FORMATION AT VARIOUS LEVELS OF THE BUDGET SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The study revealed significant vertical imbalances in the budget system of the Republic of Tajikistan. It is concluded that policies aimed at expanding the revenue base of local budgets through the development of the economic potential of territories and improving interbudgetary regulation mechanisms are necessary.

Keywords: budget revenue sources, national budget, local budgets, budget system, interbudgetary relations, fiscal capacity, vertical imbalances, tax revenues, non-tax revenues.

**Маълумот дар бораи муаллиф:Шомаҳмадзода Фирдавс Шомаҳмад** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. E-mail: firdavsbekov-1985@mail.ru Тел.: +992 972346688

## МЕХАНИЗМЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ РЫНКА ТРУДА В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИИ ЭКОНОМИКИ

**Сафарова М.Б.-** к.э.н., и.о. доцента, научно-исследовательский экономический институт Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан

Развитие экономики страны и общества в целом сильно зависит от состава и численности ее населения, а также от наличия рабочей силы. Население играет ключевую роль как источник рабочей силы, которая несет на себе экономические отношения. Оно также представляет собой важный фактор производства.

Рынок труда и занятость населения играют ключевую роль в современной экономике и является неотъемлемой частью рыночных отношений, и множество экономических, социальных и демографических явлений отражают процессы, происходящие на нем. Также рынок труда, определяет спрос и предложение на рабочую силу, цены на труд и заработную плату, а также уровень занятости и безработицы. Он также влияет на доходы населения и общественное благосостояние. Кроме того, рынок труда имея важное значение для воспроизводства рабочей силы и развития экономики в целом, он представляет собой место взаимодействия между покупателями и продавцами особого товара, а именно рабочей силы. Здесь происходит формирование спроса, предложения и цены на рабочую силу, то есть на услуги труда.

Предложение рабочей силы в национальном или региональном экономическом контексте рассматривается как общее количество потенциально трудоспособных людей, учитывая текущие экономические, демографические и социальные условия. Спрос на рабочую силу на национальном и региональном уровне рассчитывается как суммарное число занятых и вакантных рабочих мест, проводится анализ конъюнктуры рынка труда на основе этих факторов, а также текущего состояния и ее динамики происходящих изменений.

Оценивая понятие рабочей силы, как трудоспособного населения, целесообразно рассмотреть термин – «трудовые ресурсы», который рассматривает группу людей, обладающих интеллектуальными и физическими способностями, занятые в различных сферах производства и в сегментах сферы услуг. Таким образом, трудовые ресурсы представляют собой рабочую силу, способную выполнять определенные виды работы как в базовых отраслях экономики, так и в сфере услуг, активно участвуют в разнообразных видах работ в отраслях и сферах национальной экономики.

Анализ показывает, что в литературе данное понятие рассматривается так: «трудоспособное население - население, численность которого меньше численности населения в рабочем возрасте на количество полностью потерявших трудоспособность (это - инвалиды войны, больные, длительно находящиеся на лечении в лечебных заведениях, инвалиды с детства) и на число неработающих лиц, находящихся на льготном пенсионном обеспечении» [3]. Также термин трудоспособное население рассматривается как «совокупность лиц, преимущественно в рабочем возрасте, способных по своим психофизическим параметрам принять участие в трудовом процессе» [7, с.24].

При сравнении трудовых ресурсов с показателями, характеризующими развитие, следует учитывать несколько особенностей. Во-первых, люди не только создают разнообразные материально-духовные ценности, но и потребляют их сами. Во-вторых, кроме трудовой деятельности, человек также уделяет время отдыху, образованию, спорту и другим аспектам жизни. В-третьих, «человеческий потенциал», включая личные качества и интеллектуальный резерв, формируется годами и может быть реализован лишь при наличии благоприятных условий.

Именно поэтому поведение трудовых ресурсов в процессе формирования и развития рынка труда является важным аспектом для изучения (рис.1).




Рисунок 1 - Структура трудовых ресурсов по категориям и по факторам [6, с.17]

Рынок труда, в свою очередь, является частью системы производственных отношений. В каждый момент времени он отражает «баланс интересов между участниками данного рынка: предпринимателями, работниками и государством». Данная система, то есть «трипартизм», представляет собой организационную форму выражения интересов на функционирующем рынке труда. Также следует выделить участие ассоциации предпринимателей, профсоюзы и государство. Государство также играет роль работодателя и инвестора, особенно в случае финансирования крупных проектов и программ развития.

Важно заметить, что основной функцией государства остается разработка и применение правил регулирования интересов всех участников внутреннего рынка труда в территориях. В рыночной экономике наемные работники привлекаются для производства различных материальных товаров и предоставления услуг. Работодатели, оценивая текущую рыночную ситуацию, определяют спрос на рабочую силу и предлагают заработную плату или вознаграждение за ее использование.

Следовательно, в контексте рыночной экономики можно сказать, что не только товары и услуги обмениваются на различных рынках, но и рабочая сила рассматривается как товар, который обменивается на рынках факторов производства. Это позволяет эффективно управлять и распределять рабочую силу в соответствии с потребностями предприятий и экономики в целом.

С нашей точки зрения, рынок труда представляет собой сложное и многоплановое явление, которое объединяет экономические, социальные, юридические и психологические взаимоотношения между работодателями (как физическими, так и юридическими лицами) и работниками (наемными сотрудниками). Эти отношения охватывают условия найма, использования и обмена рабочей силой, а также зависят от социально-экономических условий, имеющих место на рынке труда.

Нельзя не согласиться с мнениями ученых об этапах формирования рынка труда в условиях рыночных преобразований:

- на первом этапе наблюдается отделение рабочей силы от средств производства, что, действительно, дает людям огромную личную свободу и мобильность. Это также способствует появлению предпринимателей-работодателей. Однако на этом этапе, из-за нехватки специалистов в новых отраслях и профессиях, наблюдается неравномерное распределение трудовых ресурсов. В традиционных сферах может быть избыток рабочей силы.

- на втором этапе происходит углубление специализации и разделение труда, что приводит к увеличению продуктивности труда, улучшению качества и уровню оплаты. Рабочая сила начинает иметь большее влияние на условия найма и производства.

- на завершающем этапе имеет место глубокое разделение рабочей силы, возрастает роль специализации, и формируются целевые сегменты рынка труда, ориентированные для осуществления работы по конкретным видам деятельности, обеспечивает эффективную адаптацию рабочей силы к потребностям рыночной среды труда и повышает интерес работодателей к стабильным рабочим.

На наш взгляд, к социально-экономическим условиям существования рынка труда можно отнести следующие аспекты:

1. Установление единых стандартов и научно-обоснованных правовых норм, которые регулируют функционирование рынка труда и обеспечивают свободный выбор вида деятельности и конкретных условий труда.

2. Существование целостного экономического пространства, которое позволяет гражданам свободно перемещаться и выбирать рабочие места в различных регионах.

3. Важность эффективной и объединенной системы биржи труда, обеспечивающая согласование спроса и предложения на рынке труда.

4. Отсутствие ограничений по заработной плате и наличие доступного жилья и рабочих мест.

5. Однако для полноценного исследования понятия рынка труда также необходимо учитывать другие политико-экономические и прикладные аспекты, которые составляют часть структуры рынка труда.

Рынок труда в Республике Таджикистан обладает своими уникальными особенностями, которые делают его отличным от традиционных европейских рынков труда. Эти особенности обусловлены следующими факторами:

– Высокие темпы роста населения: в Таджикистане наблюдается быстрое увеличение численности населения, что приводит к постоянному увеличению числа потенциальных работников на рынке труда.

– Превышение предложения над спросом: спрос на рабочую силу на таджикском рынке труда не всегда соответствует предложению. Это означает, что количество людей, готовых к работе, часто превышает количество доступных рабочих мест, что может привести к высоким уровням безработицы и нестабильности на рынке труда [4, с.42].

Эти особенности делают рынок труда Таджикистана специфическим и требующим особых подходов к его анализу и управлению.

С учетом современного развития рыночных отношений можно утверждать, что рынок труда представляет собой сложную систему общественных отношений. Это система зависит от степени развития и взаимодействия различных участников, включая предпринимателей, работников и государство. В случае Таджикистана стоит выделить еще одну специфическую особенность, которая отличает его рынок труда от ряда других стран Центральной Азии и постсоветского пространства. Этой особенностью является массовый отток рабочей силы, включая высококвалифицированных специалистов, за границу с целью трудоустройства и заработки. Это обусловлено, в первую очередь, высоким уровнем безработицы и низкими заработными платами внутри республики.

На функционирование рынка труда в Республике Таджикистан оказывают влияние социально-экономические, политические, демографические, национальные, территориальные, культурные и религиозные, а также факторы времени. При изучении рынка труда в республике учитывая ее трудоизбыточность, важно учитывать взаимодействие и воздействие этих факторов друг на друга, так как они могут взаимодействовать и влиять на динамику и структуру рынка труда в регионе.

С целью уменьшения объема миграции рабочей силы из Таджикистан за ее пределы и для более эффективного управления внутренним рынком труда, важно, на наш взгляд, разработать комплексную и системную многомерную поддержку рабочей силы. Мы считаем, что данный процесс может оказать положительное воздействие на экономическое развитие, способствуя активизацию занятости и созданию новых рабочих мест. В результате, население сможет обеспечить свои жизненные потребности и обеспечить семейный доход. В условиях развития рыночных отношений в

Таджикистане наблюдается и развитие рынка труда под воздействием законам рынка с элементами госрегулирования занятости населения. В этих условиях «государство играет главенствующую роль в поддержке занятости населения, защищая от негативных последствий безработицы и предотвращая ее, а также становится гарантом от последствий негативного характера функционирования рынка труда в целом»[5, с.31].

Сегодня активное развитие интеграционных процессов играет важную роль в формировании мирового рынка труда, которая характеризуется большим объемом территориального перемещения населения, пересекая национальные границы и объединяя национальные и региональные рынки труда. Этот процесс создает международный уровень рынка труда, где перемещение рабочей силы становится неотъемлемой частью экономической деятельности.

Анализ показывает, что на формирование международного рынка труда, существенно влияет возрастающая мобильность рабочей силы, а также территориальное перемещение в разнообразных формах: семейной и трудовой, туристической, рекреационной и другие. На основе этого следует считать, что, «международный рынок труда охватывает также разнонаправленные потоки рабочей силы, переходящие национальные границы, а также он соединяет региональные и национальные рынки труда, и в сфере территориальной организации реализуется в форме территориального передвижения рабочей силы».

В целом становление, функционирование и развитие мирового рынка труда является подтверждением того, что усиление и расширение процессов международной интеграции происходит не только в экономической и технологической сферах, но также начинает воздействовать на более обширные области трудовых и социальных отношений, приобретающих в современных условиях более глобальный характер.

## ЛИТЕРАТУРА


1.Ахмедов К.А. Развитие рынка труда республики Таджикистан в условиях формирования индустриальной экономики: дисс… канд. экон. наук:08.00.05 / К.А. Ахмедов. - Душанбе, 2020. - 140с.

2.Бабаджанов Р.М. Совершенствование механизма мониторинга и оценки рынка труда в контексте стратегий развития Республики Таджикистан / Р.М. Бабаджанов // Рынок труда (научный журнал). 2015. - №3(26). – С.3-6.

4.Основы экономики труда: под ред. Ремизова К. С.-М.: МГУ, 1981. -256 с.

4.Рахимов Р.К. Производительная сила труда и проблемы ее повышения в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистан. - Душанбе, 2014. - №1. - 42с.

5.Саидова Х.У. Совершенствование механизма регулирования занятости населения в трудоизбыточном регионе (на материалах Республики Таджикистан): дисс…канд. экон. наук: 08.00.05. / Х.У. Саидова. - Душанбе, 2018. - 200 с.

6.Сафарова М.Б. Совершенствование внешней трудовой миграции и ее влияние на рынок труда (на материалах Республики Таджикистан): дисс…канд. экон. наук:5.2.3 /М.Б.Сафарова. - Душанбе, 2023. – 206 с.

7.Турун П. П. Эволюция и функционирование сельского расселения Ставропольского края: Автореферат дисс...канд. геог. наук:08.00.05/П.П.Турин. - М., 1995. - С. 24.

## МЕХАНИЗМЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ РЫНКА ТРУДА В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИИ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается рынок труд как частью системы производственных отношений и баланс между участниками данного рынка, представляющую как систему «трипартизма». Автор подчёркивает, что рынок труда определяет спрос и предложение на рабочую силу, цены на труд и заработную плату, а также уровень занятости и безработицы, играя ключевую роль в современной экономике и является неотъемлемой частью рыночных отношений. В статье также представлены мнениям ученых об этапах формирования рынка труда в условиях рыночных преобразований. Также приведено точка зрения автора о понятие рынка труда. Приведены аспекты социально-экономического условия существования и факторы, влияющие на рынок труда Таджикистана, специфическая особенность и отличительные особенности рынок труда страны от традиционных европейских рынков труда.

**Ключевые слова:** рынок труда, трипартизм, рыночная экономика, рабочая сила, трудовая миграция

## МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМИ БОЗОРИ МЕҲНАТДАР ЗАМИНАИ ТАҒЙИРОТИ ИҚТИСОДӢ

Дар ин мақола бозори меҳнат ҳамчун як қисми низоми муносибатҳои истеҳсолӣ ва тавозуни байни иштирокчиёни бозор, ки системаи "трипартизм"-ро ифода мекунад, баррасӣ мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки бозори меҳнат талабот ва пешниҳоди меҳнат, нарх ва музди меҳнат, инчунин сатҳи шуғл ва бекориро муайян мекунад, ки дар иқтисоди муосир нақши калидӣ мебозад ва қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои бозорӣ мебошад. Дар мақола инчунин андешаҳои илмӣ дар бораи марҳилаҳои ташаккули бозори меҳнат дар шароити ислоҳоти бозорӣ пешниҳод карда мешаванд. Назари муаллиф дар бораи мафҳуми бозори меҳнат низ пешниҳод карда мешавад. Ҷанбаҳои шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва омилҳои таъсиррасон ба бозори меҳнат дар Тоҷикистон, инчунин хусусиятҳои хос ва хусусиятҳои фарққунандаи бозори меҳнати кишвар дар муқоиса бо бозорҳои анъанавии меҳнати Аврупо баррасӣ мешаванд.

**Калидвожаҳо:** бозори меҳнат, трипартизм, иқтисоди бозорӣ, қувваи корӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ

## MECHANISMS FOR REGULATING THE LABOR MARKET IN THE CONDITIONS OF ECONOMIC TRANSFORMATION

This article examines the labor market as part of the system of production relations and the balance between market participants, representing a system of "tripartism." The author emphasizes that the labor market determines the supply and demand for labor, labor prices and wages, as well as employment and unemployment rates, playing a key role in the modern economy and being an integral part of market relations. The article also presents scholarly opinions on the stages of labor market formation under market reforms. The author's perspective on the concept of the labor market is also presented. Aspects of the socioeconomic conditions and factors influencing the labor market in Tajikistan are discussed, as well as the specific characteristics and distinctive features of the country's labor market compared to traditional European labor markets.

**Keywords:** labor market, tripartism, market economy, labor force, labor migration.

**Маълумот дар бораи муаллиф: -Сафарова Муборак Бобохоновна -** н.и.и., и.в., дотсент, “Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон”
**Суроға:** 73 40 02, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе к. Айнӣ, 14а
**Тел:** +992 918695093, **E-mail:** safarova-muborak@mail.ru

# АСОСИ НАЗАРИЯВИИДИГАРГУНИҲОИ СИФАТИ ИСТЕҲСОЛОТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Суфиев Довудхуҷа Ҷаъмаевич -** ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ ДБССТ

**Муқаддима.** Сатҳи муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва миллӣ бо пӯёи афзояндаи тағйироти сохторӣ, ки бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунии рушди иқтисодӣ ба миён меоянд, тавсиф мешавад. Тағйироти амиқи сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ки аз боиси дигаргуниҳои технологӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба амал меоянд, хосият ва самтҳои таҳаввули низомҳои иқтисодиро муайян мекунанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун иқтисоди рӯ ба рушд, мушкилоти дарки назариявии тағйироти сохторӣ вобаста ба зарурати ташаккули амсилаи рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити табдили рақамӣ махсусан муҳим аст. Дар ин маврид, тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт на танҳо тағйироти миқдорӣ дар тақсимоти захираҳо байни соҳаҳо, балки инчунин дигаргуниҳои сифатиро, ки ба худи мантиқи истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, ифода мекунанд. Набудани равишҳои ягонаи методологӣ барои таҳлили хосият ва омилҳои тағйироти сохторӣ зарурати дарки амиқи назариявию иқтисодии ин падидаро ба миён меорад.

Масъалаи тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт решаҳои амиқи назариявӣ дорад. Омӯзиши он ҳанӯз дар доираи иқтисоди сиёсии классикӣ (А. Смит, Д. Рикардо) оғоз ёфтааст, ки дар он сохтор тавассути партави тақсимоти меҳнат ва таносубҳо байни соҳаҳои истеҳсолот баррасӣ мешуд. Дар асарҳои К. Маркс таҳлили сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ бо қонуниятҳои такрористеҳсол ва табдили таносуби байни меҳнати истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ алоқаманд баррасӣ шудааст.

Дар асри XX назарияи тағйироти сохторӣ дар доираи амсилаҳои рушди иқтисодӣ ва дигаргуниҳои сохторӣ рушди худро дарёфт: С. Кузнетс ва А. Люис сохтори иқтисодро ҳамчун натиҷаи гузариш аз шакли аграрӣ ба саноатӣ ва сипас ба шакли пасосаноатии такрористеҳсол таҳлил карданд [19; 20]; Р. Солоу, Т. Свон ва пайравони онҳо тағйироти сохториро бо дигаргуниҳо дар нишондиҳандаҳои технологӣ ва омилҳои ҳосилнокӣ алоқаманд карданд [23; 24].

Самтҳои илми муосири назарияи иқтисодӣ – иқтисоди институтсионалӣ (Д. Норт, О. Вилямсон) [7; 12], иқтисоди таҳаввулотӣ (Р. Нелсон, С. Винтер) [21] ва назарияи неошумпетерии рушди инноватсионӣ (Ҷ. Шумпетер, К. Фримен) [13; 14] – тағйироти сохториро ҳамчун натиҷаи таъсири мутақобилаи ниҳодҳо (институтҳо), инноватсияҳо ва низомҳои технологӣ баррасӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки баъзе ҷиҳатҳои масъалаи таҳқиқи тағйироти сохторӣ дар асарҳои олимони ватанӣ – А.Р. Алиқулов [1], М.Т. Каримова [2], Б.Ҳ. Каримов [3], К.С. Одиназода [8], Х.А. Расулов [9] ва дигарон ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд.

Бо вуҷуди миқдори зиёди таҳқиқот, вобаста ба коркарди нокифояи назариявию иқтисодии қонуниятҳои тағйироти сохторӣ дар иқтисодҳои рӯ ба рушд ва иқтисодҳои хурди кушода, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, як холигоҳи илмӣ боқӣ мемонад. Зарурати бартараф кардани ин холигоҳ мубрамӣ ва навгонии илмии таҳқиқоти мазкурро муайян мекунад.

**Мақсади таҳқиқот** таҳияи асосҳои назариявию иқтисодии таҳлили тағйироти сохторӣ дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ки барои ошкор кардани қонуниятҳо ва омилҳои дохилии муайянкунандаи пӯё ва самти тағйироти сохтории иқтисодиёт равона карда шудаанд, мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** бар он асос ёфтааст, ки тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт на танҳо натиҷаи таъсири омилҳои берунӣ (технологӣ, институтсионалӣ, иқтисодии хориҷӣ) мебошанд, балки инчунин инъикоси дигаргуниҳои дохилӣ дар низоми муносибатҳои истеҳсолиро низ ифода мекунанд, ки барои баррасӣ кардани онҳо ҳамчун шакли мутобиқшавии низоми иқтисодӣ ба шароити тағйирёбандаи такрористеҳсол имкон медиҳанд.

**Методологияи таҳқиқот.** Таҳқиқот ба усули таҳлили сохторию пӯёӣ, ки барои ошкор кардани робитаи байни дигаргуниҳо дар сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва табдили пойгоҳи институтсионалӣ ва технологии он имкон медиҳад, асос ёфтааст. Ҳамчун асоси методологӣ равиши муназзам, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи сохтори иқтисодиро ҳамчун маҷмуи унсурҳои пӯён ва бо ҳам алоқаманд таъмин мекунад, истифода шудааст.

Асоси консептуалии муаллиф барои таҳқиқот усули бозбинии назариявии мафҳумҳои иқтисодиро дар бар мегирад, ки таҳлили интиқодӣ ва омезиши назарияҳои мавҷудаи тағйироти сохторӣ – аз иқтисоди сиёсии классикӣ то тасаввуроти муосири таҳаввулотӣ ва институтсионалиро дар назар дорад. Чунин равиш имкон дод, ки муносибатҳои мантиқии дохилии байни мактабҳои назариявии гуногун муайян ва тасаввуроти пурра оид ба қонуниятҳои тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт таҳия карда шавад.

**Интихоби сарчашмаҳои илмии таҳқиқот** ба принсипи пешниҳоди назариявӣ – истифодаи асарҳое, ки марҳилаҳои калидии ташаккул ва рушди назарияҳои тағйироти сохторӣ дар иқтисодиётро ифода мекунанд, асос ёфтааст. Ҳангоми таҳлили илмӣ асарҳое истифода шудаанд, ки муқаррароти назариявию иқтисодии бунёдӣ оид ба сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ, пӯё ва қонуниятҳои табдили онро дар бар гирифта, инчунин равишҳои методологии тафсири тағйироти сохториро асоснок мекунанд.

Аз нигоҳи таърихӣ, адабиёти илмӣ оид ба тағйироти сохторӣ се давраи асосиро дар бар мегирад:

1) давраҳои классикӣ ва марксистӣ, ки барои таҳлили сохтори иқтисодӣ асос гузоштанд;

2) давраҳои неоклассикӣ ва кейнсӣ, ки дар онҳо тағйироти сохторӣ дар заминаи рушди иқтисодӣ ва мувозинати макроиқтисодӣ баррасӣ шуданд;

3) консепсияҳои муосири институтсионалию таҳаввулотӣ, ки тағйироти сохториро тавассути таъсири мутақобилаи ниҳодҳо, технологияҳо ва инноватсияҳо шарҳ медиҳанд.

**Қисмати асосӣ**. Масъалаи сохтори иқтисодӣ бори аввал дар асарҳои А. Смит [11] ва Д. Рикардо [10] таҳқиқ шудааст, ки дар онҳо ба тақсимоти меҳнат ва тақсимоти сармоя байни соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ҳамчун қувваҳои пешбарандаи афзоиши ҳосилнокӣ тамаркуз карда шудааст. Ин ғояҳо асосҳои назариявии тасаввуротро оид ба таносубҳои сохторӣ дар низоми иқтисодӣ муайян кардаанд.

К. Маркс ин самти таҳқиқотро бо пешниҳоди истилоҳи «сохтори такрористеҳсол» рушд дода, нишон додааст, ки дигаргуниҳо дар таносуби байни бахшҳои I (истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот) ва II (истеҳсоли молҳои истеъмолӣ) қонуниятҳои такрористеҳсоли васеъро инъикос мекунанд [6]. Бо истифода аз равиши мазкур К. Маркс аввалин шуда тағйироти сохториро ҳамчун шакли зуҳуроти зиддиятҳои дохилии низоми истеҳсолоти капиталистӣ баррасӣ кардааст.

Бо рушди усулҳои миқдории таҳлил илми иқтисод ба масъалаи дигаргуниҳои сохторӣ дар пӯёи афзоиш рӯ овард. Дар асарҳои С. Кузнетс [19] ва А. Люис [20] дигаргуниҳои сохторӣ ҳамчун гузариш аз иқтисоди аграрӣ ба иқтисоди саноатӣ ва пасосаноатӣ тафсир карда мешуданд. Ин муаллифон асоси амсилаҳои рушди сохторию пӯёиро гузоштанд, ки дар онҳо омили асосӣ азнавтақсимкунии меҳнат ва сармоя байни соҳаҳо (бахшҳо) мебошад.

Тибқи мактаби илмии неоклассикӣ – Р. Солоу [23] ва Т. Свон [24], тағйироти сохторӣ ҳамчун натиҷаи таъсири омили берунии пешрафти технологӣ ба функсияи истеҳсолӣ ва суръатҳои афзоиш баррасӣ мешуданд. Мактаби Кейнсӣ, дар навбати худ, тавассути асарҳои Ҷ.М. Кейнс [4], Э. Ҳансен [17] ва Н. Калдор [18], таваҷҷуҳро ба мушкилоти талаботи самаранок ва фаъолнокии сармоягузорӣ, ки сохтори маҳсулоти умумиро муайян мекунанд, равона кардааст. Ин муаллифон нишон доданд, ки тағйирот дар фаъолнокии сармоягузорӣ ва меъёрҳои пасандоз боиси тағйироти дарозмуддат дар сохтори соҳавӣ ва функсионалии иқтисодиёт мегарданд, ки назарияи кейнсиро асоси муҳим барои таҳлили пӯёи таносубҳои сохторӣ мегардонад.

Бо оғоз аз охири асри XX, назарияи тағйироти сохторӣ дар доираи иқтисоди институтсионалӣ ва таҳаввулотӣ рушд ёфтааст. Дар асарҳои Д. Норт [7] ва О. Вилямсон

[12] тағйироти сохторӣ ҳамчун натиҷаи дигаргуниҳои институтсионалӣ, ки мутобиқшавии низоми иқтисодиро ба мушкилоти берунӣ ва дохилӣ таъмин мекунад, тафсир карда мешаванд.
Назарияи таҳаввулотии Р. Нелсон ва С. Винтер [21] иқтисодиётро ҳамчун низоме баррасӣ мекунад, ки ба тағйироти доимии технологияҳо, шаклҳои ташкилӣ ва рафтори агентҳо мубтало буда, дар он тағйироти сохторӣ ҳамчун паёмади равандҳои интихоб ва инноватсияҳо амал мекунанд.
Равияи неошумпетерӣ – Ҷ. Шумпетер [14], К. Фримен [13] ва дигарон, тағйироти сохториро бо мавҷҳои инноватсияҳои технологӣ ва дигаршавии низомҳои технологӣ ҳамбаста мекунад, ки ин барои таҳлили равандҳои табдили рақамии муосир махсусан муҳим аст.
Дар ниҳоят, консепсияҳои пасосаноатии Д. Белл [15] ва М. Кастеллс [16], инчунин таҳқиқоти муосири иқтисоди рақамии К. Перез [22], К. Шваб [25] ва дигарон доираи истифодаи истилоҳоти назарияи тағйироти сохториро васеъ намуда, мафҳумҳои сохтори иттилоотӣ, иқтисоди шабакавӣ ва неоиндустриализми рақамиро дар назарияи иқтисодӣ ва илмҳои амалии иқтисодӣ муаррифӣ мекунанд.
Омӯзиши адабиёт нишон дод, ки мафҳуми тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт дигаргуниҳоро дар намои дохилии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, яъне таносуби байни бахшҳо, соҳаҳо, шаклҳои моликият ва намудҳои шуғл инъикос мекунад. Ин дигаргуниҳо дар натиҷаи таъсири мутақобилаи қувваҳои истеҳсолкунанда, инноватсияҳои технологӣ ва муҳити институтсионалӣ ба миён меоянд.
Аз нигоҳи назарияи иқтисодӣ, тағйироти сохториро метавон чунин баррасӣ кард:
– тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ дар тақсимоти захираҳо ва натиҷаҳои истеҳсолот;
– тағйирёбии таносубҳо байни соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддӣ;
– табдили низомҳои технологӣ ва шаклҳои ташкилии фаъолияти хоҷагидорӣ.
Тибқи тасаввуроти марксистӣ, сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ тавассути таъсири мутақобилаи бахши I (истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот) ва бахши II (истеҳсоли молҳои истеъмолӣ) муайян карда шуда, косташавии таносубҳои байни онҳо ба пайдо шудани номутаносибӣ ва бухронҳо боис мешавад.
Дар назарияҳои кейнсӣ ва неокейнсӣ тағйироти сохторӣ бо пӯёи талаботи умумӣ ва сармоягузорӣ, ки ба сохтори соҳавии шуғл ва сармоя таъсир мерасонанд, алоқаманд мебошанд.
Институтсионалистҳо тағйироти сохториро ҳамчун натиҷаи таҳаввули институтсионалӣ мешуморанд, дар ҳоле ки неошумпетериён (Ҷ. Шумпетер, Р. Нелсон, С. Винтер, К. Перез) онҳоро ҳамчун натиҷаи инноватсияҳои технологӣ ва тағйирот дар амсилаҳои рушд мешуморанд.
Ҳамин тариқ, тағйироти сохторӣ раванди бисёрсатҳаро ифода мекунанд, ки фарогири чунин сатҳҳо мебошад:
1) сатҳи технологӣ – навсозии технологияҳо ва таҷҳизоти истеҳсолӣ;
2) сатҳи соҳавӣ – дигаршавии вазни қиёсии бахшҳои иқтисодиёт;
3) сатҳи институтсионалӣ – табдили меъёрҳо, ниҳодҳо ва шаклҳои ташкили тиҷорат;
4) сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ – тағйирот дар шуғл, даромадҳои аҳолӣ ва сохтори истеъмол.
Қонуниятҳои тағйироти сохторӣ мантиқи дохилӣ ва самтнокии дигаргуниҳоро дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ инъикос мекунанд. Онҳо муайян мекунанд, ки чӣ гуна омилҳои технологӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ сохтори нави иқтисодиро ташаккул дода, бо ҳамин гузариш аз як амсилаи рушд ба амсилаи дигарро имконпазир мегардонанд. Муқаррар намудани қонуниятҳо имкон медиҳад, ки на танҳо пӯёи тағйироти сохторӣ тавсиф карда шавад, балки инчунин оқибатҳои онҳо барои иқтисоди миллӣ дар заминаи табдили рақамӣ ояндабинӣ карда шаванд.
Таҳлили қонуниятҳои тағйироти сохторӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ имкон медиҳад, ки мантиқи дохилии пӯёи иқтисодӣ ошкор карда шуда, омилҳое, ки ба гузариш аз як сохтори иқтисодӣ ба сохтори дигар боис мешаванд, муайян карда шаванд. Ин

қонуниятҳо на танҳо тағйироти миқдорӣ дар таносубҳои байни бахшҳо, балки инчунин табдили сифатиро дар пояҳои технологӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоии низоми иқтисодӣ инъикос мекунанд. Ба хотири ба низом даровардани равишҳои назариявӣ ва ошкор кардани самтҳои умумии табдили истеҳсолоти ҷамъиятӣ қонуниятҳои асосии тағйироти сохтории он дар ҷадвали 1 ҷамъбаст карда шудаанд, ки ин барои равшан кардани муҳтаво ва таҳаввулоти консепсияҳои асосӣ имкон фароҳам меорад.

**Ҷадвали 1. Қонуниятҳои асосии тағйироти сохторӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ**
**Table 1. Basic patterns of structural shifts in social production**

| Қонуният | Муҳтаво ва механизми зоҳиршавӣ | Муаллифон ва сарчашмаҳо |
|---|---|---|
| 1. Рушди нобаробари соҳаҳо | Рушди иқтисодӣ нобаробар аст: баъзе соҳаҳо аз ҷиҳати рушди технологӣ ва истеҳсолӣ аз дигарон пештаранд. Ҷойивазкунии захираҳо ба соҳаҳои нав ба манбаи тағйироти сохторӣ табдил меёбад. | Ҷ. Шумпетер [14], Э. Ҳансен [17], К. Перез [22] |
| 2. Табдили низомҳои технологӣ | Ҳар як инқилоби технологӣ боиси навсозии пойгоҳи технологӣ ва таҷдиди сохтори соҳавии иқтисодиёт мегардад. Бахшҳои нави пешбар пайдо мешаванд, ки боиси рушди иқтисодӣ мегарданд. | К. Фримен [13], К. Перез [22] |
| 3. Мувофиқати институтсионалӣ ба дигаргуниҳои технологӣ | Самаранокии ислоҳоти сохторӣ аз мутобиқшавии муҳити институтсионалӣ ба технологияҳои нав вобаста аст. Мувофиқ наомадани ниҳодҳо ба рушд монеъ шуда, боиси номутаносибиҳо мегардад. | Д. Норт [7], О. Вилямсон [12] |
| 4. Даврӣ будани тағйироти сохторӣ | Тағйироти сохторӣ дар шакли мавҷҳо ба амал меоянд, ки бо давраҳои тӯлонӣ (мавҷҳои Кондратев) рост меоянд. Марҳилаҳои бухронӣ ба вайроншавии сохторҳои кӯҳна ва ташаккули сохторҳои нав мусоидат мекунанд. | Н.Д. Кондратев [5], Ҷ.А. Шумпетер [14] |
| 5. Афзоиши нақши истеҳсолоти ғайримоддӣ | Марҳилаи пасосаноатӣ бо гузариши маркази фаъолнокии иқтисодӣ аз соҳаи моддӣ ба соҳаи дониш, хизматрасонӣ, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ тавсиф мешавад. | Д. Белл [15], М. Кастеллс [16], К. Шваб [25] |
| 6. Идомаи таҳаввулотии шаклҳои сохторӣ | Ҳар як сохтори нав дар асоси сохтори қаблӣ ташаккул меёбад ва унсурҳои низоми кӯҳнаро нигоҳ медорад. Ин устуворӣ ва мутобиқшавии иқтисодиётро таъмин мекунад. | Р. Нелсон ва С. Винтер [21] |
| 7. Амиқтар шудани вобастагии ҷаҳонӣ байни равандҳои сохторӣ | Дар шароити ҷаҳонишавӣ, тағйироти сохторӣ дар як мамлакат дар иқтисоди ҷаҳонӣ инъикос ёфта, боиси ҳамоҳангии тағйироти технологӣ ва институтсионалӣ мегарданд. | М. Кастеллс [16], К. Перез [22] |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Қонуниятҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки тағйироти сохторӣ равандҳои тасодуфӣ ё якхела нестанд. Онҳо ба мантиқи воқеъбинонаи навсозии технологӣ, мутобиқшавии институтсионалӣ ва пайвастагии байниҳамдигарии ҷаҳонӣ тобеъ мебошанд. Марҳилаи муосир бо суръати баланди ин равандҳо аз ҳисоби рақамикунонӣ, ки таъсири мутақобилаи омилҳои технологӣ, ташкилӣ ва иҷтимоиро тақвият медиҳад, тавсиф мешавад.

Ҳамин тариқ, дарки қонуниятҳои тағйироти сохторӣ имкон медиҳад, ки заминаи назариявӣ барои таҳлили равандҳои табдили рақамии муосир, аз ҷумла дар низомҳои соҳавӣ бунёд карда шавад.

Назарияҳои иқтисодии муосир тағйироти сохториро ҳамчун раванди бисёрҷанба ва ғайрихаттӣ, ки асоси онро рақамикунонӣ, инноватсияҳо ва ҳамгироии донишҳо ташкил медиҳад, баррасӣ мекунанд. Дар ҳоле ки амсилаҳои классикӣ ва саноатӣ тағйироти сохториро асосан бо омилҳои истеҳсолӣ ва омилҳои ташаккулдиҳандаи сармоя алоқаманд мекунанд, амсилаи муосир нақши пешбари иттилоот, технологияҳо ва сармояи инсониро таъкид мекунад.
Дар шароити иқтисоди рақамӣ тағйироти сохторӣ дар тамоюлҳои асосии зерин зоҳир мешаванд:
– гузариш аз сохтори соҳавӣ ба сохторҳои шабакавӣ ва экосистемавии истеҳсолот;
– ташаккули технологияҳои рақамӣ, ки истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон ва миёнаравонро муттаҳид мекунанд;
– таҳкими махсусгардонии инноватсионию иттилоотии минтақаҳо ва мамлакатҳо;
– афзоиши ҳиссаи дороиҳои ғайримоддӣ дар ММД (маҷмуи маҳсулоти дохилӣ);
– тағйирёбии сохтори шуғл ва ташаккули салоҳиятҳои рақамӣ ҳамчун захираи появии рушд.
Марҳилаи муосири рушди иқтисодии ҷаҳонӣ бо рақамикунонии ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти иҷтимоӣ тавсиф мешавад, ки на танҳо як раванди технологӣ, балки як амсилаи нави иқтисодӣ мебошад. Табдили рақамӣ муносибатҳои истеҳсолӣ, шаклҳои ташкили меҳнат, сохтори шуғл, инчунин усулҳои бунёдсозӣ ва тақсими арзиши изофаро дар бар мегирад.
Аз нигоҳи назарияи иқтисодӣ, тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёти рақамӣ дигаргуниҳои муназзамеро ифода мекунанд, ки дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, зеҳни сунъӣ (artificial intelligence), маълумоти калон (Big Data), платформаҳои интернетӣ (online platforms), технологияҳои абрӣ (cloud computing), блокчейн ва экосистемаҳои рақамӣ ба вуҷуд омадаанд. Ин омилҳо на танҳо асоси технологии истеҳсолотро дигар мекунанд, балки муносибатҳои байни бахшҳои иқтисодиро низ тағйир дода, шаклҳои нави ҳамкории байни истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон ва ниҳодҳоро ташаккул медиҳанд.
Чунон ки К. Шваб қайд мекунад, «инқилоби чоруми саноатӣ на танҳо ҳосилнокиро афзоиш медиҳад, балки хусусияти муносибатҳои иқтисодиро низ тағйир медиҳад, ки боиси омезиши технологияҳои ҷисмонӣ, рақамӣ ва биологӣ мегардад. ... Дар ин замина, тағйироти сохторӣ хосияти ҳамгироӣ ва шабакавӣ доранд, ки гузаришро аз амсилаҳои рушди хаттӣ ба амсилаҳои рушди ба экосистема асосёфта ифода мекунанд» [25, с. 12].
Ҳамин тариқ, рақамикунонӣ ба омили асосии тағйироти сохторӣ табдил ёфта, амсилаи классикии себахшаи иқтисодиёт (К. Кларк, Ҷ. Фишер, Ҷ. Фурастйе)-ро ба амсилаи бисёрбахша, ки дар он бахшҳои иттилоотӣ, инноватсионӣ ва маърифатӣ асосӣ мебошанд, табдил медиҳад.
Тағйироти сохтории муосир таҳти таъсири дастаи нави омилҳо ташаккул меёбанд, ки дар байни онҳо технологияҳои рақамӣ, сармояи инсонӣ ва чандирии институтсионалӣ муҳим мегарданд. Бар хилофи давраи саноатӣ, ки дар он сармояи ҷисмонӣ ва меҳнат унсурҳои ҳалкунанда буданд, иқтисоди рақамӣ ба дониш, маълумот ва ҳамкории шабакавӣ асос ёфтааст.
Омилҳои асосии муосир, ки боиси тағйироти сохторӣ мешаванд, инҳо мебошанд:
1. Омили технологӣ – татбиқи васеъи технологияҳои рақамӣ ва зеҳнӣ дар истеҳсолот ва хизматрасонӣ, ки таносуби байни соҳаҳои моддӣ ва ғайримоддиро тағйир медиҳад.
2. Омили институтсионалӣ - ташаккули ниҳодҳои рақамӣ, иқтисоди шабакавӣ, амсилаҳои нави танзим ва идоракунии рақамӣ.
3. Омили иҷтимоию меҳнатӣ - тағйирёбии сохтори шуғл, пайдошавии шаклҳои нави меҳнат (фриланс, шуғли шабакавӣ, кори фосилавӣ), ки ба аз нав тақсим кардани сармояи инсонӣ таъсир мерасонад.
4. Омили инноватсионӣ - суръатбахшии пешрафти илмию техникӣ ва паҳншавии фаврии он дар фазои ҷаҳонӣ.

5. Омили иттилоотӣ - ташаккули фазои рақамӣ ҳамчун муҳити нав барои бунёди арзиш ва бартариятҳои рақобатӣ.

Табдили ин омилҳо боиси тағйироти сифатӣ дар сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ мегардад, ки акнун дар он соҳаҳои бунёдкунанда ва коркардкунандаи иттилоот, инчунин соҳаҳое, ки хизматрасониҳои рақамӣ, дониш ва маҳсулоти зеҳниро тавлид мекунанд, ба мақоми пеш мебароянд. Муҳаққиқони муосир (аз ҷумла, К. Перез, Р. Нелсон, С. Винтер, Д. Норт) таъкид мекунанд, ки рақамикунонӣ на танҳо як навсозии технологӣ, балки як инқилоби нави технологию институтсионалӣ аст, ки худи мантиқи рушди иқтисодӣ ва тақсимоти захираҳоро тағйир медиҳад.

Тафсири муосири тағйироти сохторӣ дар назар дорад, ки қонуниятҳои онҳо таҳти таъсири рақамикунонӣ, ки ҳамчун омили низомсоз дар навсозии технологӣ ва институтсионалӣ амал мекунад, тағйироти назаррасро аз сар мегузаронанд. Дар ҳоле ки амсилаҳои анъанавии иқтисодӣ тағйироти сохториро тавассути марҳилаҳои ғункунии сармоя, саноатикунонӣ ва шаҳрнишинӣ тавсиф мекарданд, давраи иқтисоди рақамӣ қонуниятҳои наверо ташаккул медиҳад, ки таъсири мутақобилаи технологияҳо, маълумот ва ниҳодҳои шабакавиро ифода мекунанд.

Ба хотири ба низом даровардани муқоисаи равишҳои классикӣ ва муосири дарки тағйироти сохторӣ қонуниятҳои асосии онҳоро дар ҷадвали 2 ҷамъбаст мекунем, ки дар он шаклҳои анъанавии зоҳиршавӣ ва тафсирҳои муосири онҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 2. Таҳаввули қонуниятҳои тағйироти сохторӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ**
**Table 2. Evolution of patterns of structural shifts in the digital economy**

| Қонунияти анъанавӣ | Зоҳиршавии муосир дар иқтисоди рақамӣ |
|---|---|
| 1. Рушди нобаробари соҳаҳо | Тақвияти тафовут байни соҳаҳои дорои технологияҳои рақамӣ ва анъанавӣ. Ташаккули унсурҳои нави пешқадами рушд – технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, технологияҳои молиявӣ (финтех), сайёҳии рақамӣ. |
| 2. Табдили низомҳои технологӣ | Гузариш ба низоми (тарзи) шашуми технологӣ, ки ба зеҳни сунъӣ, робототехника, биомуҳандисӣ, шабакаҳои нейронӣ ва технологияҳои квантӣ асос ёфтааст. |
| 3. Мувофиқати институтсионалӣ ба дигаргуниҳои технологӣ | Ташаккули ниҳодҳои рақамӣ: ҳукумати электронӣ, блокчейн, қарордодҳои ҳушманд, амсилаҳои ҳамкории платформавӣ. Мутобиқсозии пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ ба муҳити рақамӣ. |
| 4. Даврӣ будани тағйироти сохторӣ | Кам кардани давомнокии даврҳои иқтисодӣ ва суръат бахшидан ба навсозии амсилаҳои технологӣ тавассути паҳншавии босуръати инноватсияҳо. |
| 5. Афзоиши нақши истеҳсолоти ғайримоддӣ | Бартарии дороиҳои ғайримоддӣ (дониш, маълумот, брендҳо, платформаҳои рақамӣ) нисбат ба захираҳои моддӣ дар бунёди арзиши изофа. |
| 6. Идомаи таҳаввулотии шаклҳои сохторӣ | Гузариш аз сохтори соҳавӣ ба сохтори экосистемавӣ. Шаклҳои нави рақамӣ (платформаҳо, кластерҳо, шабакаҳои виртуалӣ) аз низомҳои қаблии истеҳсолию соҳавӣ таҳаввул меёбанд. |
| 7. Амиқтар шудани вобастагии ҷаҳонӣ байни равандҳои сохторӣ | Афзоиши ҳамгироии шабакавӣ: экосистемаҳо ва платформаҳои рақамӣ занҷираҳои ҷаҳонии арзишро бунёд карда, марзҳоро байни иқтисодиёти миллӣ аз байн мебаранд. |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Тавре аз ҷадвали 2 ба назар мерасад, дар асри рақамӣ қонуниятҳои классикии тағйироти сохторӣ аҳамияти худро нигоҳ медоранд, аммо шаклҳои нав пайдо мекунанд. Фарқияти асосии марҳилаи муосир суръатбахшӣ ва хосияти шабакавии тағйирот аст: тағйирот на пайдарпай, балки ба таври мувозӣ ва ба ҳам алоқаманд рух медиҳанд ва

ҳамаи сатҳҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ – аз технологӣ то институтсионалиро фаро мегиранд.

Дар натиҷа, намуди нави пӯёи сохторӣ ташаккул меёбад, ки дар он: сармояи зеҳнӣ ва рақамӣ ба манбаи рушд табдил меёбад; иқтисодиёт ҳамчун экосистемаҳои ба ҳам пайвастшуда, на чун соҳаҳои ҷудогона рушд мекунад; технологияҳои рақамӣ ба омили инфрасохтории умумӣ табдил меёбанд, ки истеҳсолот, истеъмол ва идоракуниро ҳамгиро мекунанд.

Ҳамин тариқ, қонуниятҳои тағйироти сохторӣ дар шароити табдили рақамӣ мураккабшавии сифатии низоми иқтисодиро инъикос мекунанд, ки дар он пойгоҳи технологию иттилоотӣ ба меҳвари раванди такрористеҳсол табдил меёбад. Ин заминаҳоро барои гузариш ба амсилаи рушди рақамию инноватсионӣ, ки самти рушди муосири иқтисодиёти миллӣ ва соҳавиро муайян мекунад, фароҳам меорад.

Равандҳои муосири рақамикунонӣ тақозо мекунанд, ки мухтавои назариявии мафҳуми «тағйири сохторӣ» равшан карда шавад. Дар тафсири классикӣ, тағйироти сохторӣ аз нав тақсим кардани омилҳои истеҳсолотро байни соҳаҳои иқтисодиёт, дигаршавии ҳиссаи нисбӣ ва ҳосилнокии онҳоро инъикос мекунад. Аммо, дар иқтисоди рақамӣ ин мафҳум сифати нав ва сатҳи дигари низомнокиро касб мекунад. Рақамикунонӣ намудҳои нави робитаҳои иқтисодӣ – платформавӣ, шабакавӣ ва экосистемаро бунёд мекунад, ки дар онҳо тағйироти сохторӣ на танҳо байни соҳаҳо (бахшҳо), балки дар дохили соҳаҳо низ ба амал меоянд, ки равандҳои ташкили истеҳсолот, мубодилаи иттилоот ва бунёди арзиши изофаро фаро мегиранд.

Дар ин робита, пешниҳод карда мешавад, ки истилоҳи «тағйироти сохтории рақамӣ» ворид карда шуда, он ҳамчун шакли гузариши сифатӣ ба намуди нави низоми истеҳсолӣ, ки ба технологияҳои рақамӣ, маълумот ва дониш ҳамчун омилҳои асосии рушд асос ёфтааст, фаҳмида шавад. Тағйироти сохтории рақамӣ на танҳо дар табдили сохтори технологӣ ва институтсионалӣ, балки инчунин дар табдили мантиқи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, ки дар он ҳамкорӣ тавассути платформаҳои рақамӣ ва самари шабакавӣ ба амал меояд, ифода меёбад.

**Муҳокима.** Таҳлили назариявию иқтисодии гузаронидашуда нишон дод, ки тағйироти сохторӣ раванди мураккаб ва бисёрсатҳаи табдили сифатии муносибатҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ буда, гузариши иқтисодиётро аз як ҳолати мувозинат ба ҳолати дигар тахти таъсири омилҳои технологӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ инъикос мекунанд.

Шарҳи таърихию назариявии рушди тафаккури иқтисодӣ (А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, С. Кузнетс, А. Люис, Р. Солоу, Н. Калдор ва дигарон) муайян кард, ки падидаи тағйироти сохторӣ ҳамеша дар таҳлили рушди иқтисодӣ мавқеи марказиро ишғол мекард ва мекунад. Дар назарияҳои классикӣ ва неоклассикӣ тағйироти сохторӣ ҳамчун натиҷаи аз нав тақсим кардани захираҳо байни соҳаҳо (бахшҳо) таҳти таъсири ҳосилнокии меҳнат ва ғункунии сармоя баррасӣ мешуданд. Дар амсилаҳои институтсионалӣ ва таҳаввулотӣ (Д. Норт, О. Вилямсон, Р. Нелсон, С. Винтер, Ҷ. Шумпетер, К. Фримен) ба нақши инноватсияҳо, ниҳодҳо ва низомҳои технологӣ ҳамчун омилҳои дигаргуниҳои амиқи сохтори иқтисодӣ тамаркуз карда мешавад.

Таҳқиқот ба мо имкон дод, ки қонуниятҳои тағйироти сохториро дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ки тамоюлҳои устувори рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро инъикос мекунанд, муайян кунем ва муназзам созем. Аммо, дар асри рақамӣ ин қонуниятҳо табдил меёбанд: суръати тағйирот баланд мешавад, хосияти шабакавии муошират шиддат мегирад; дониш, маълумот ва инноватсияҳо, ки дар технологияҳои рақамӣ таҷассум ёфтаанд, ба манбаи рушд табдил меёбанд.

Тафсири муосири тағйироти сохторӣ аз он бармеояд, ки рақамикунонӣ ба омили муайянкунандаи асосии пӯёи сохторӣ табдил меёбад. Дар тафовут аз дигаргуниҳои саноатии қаблӣ, тағйироти рақамӣ хосияти ғайрихаттӣ, ҳамгиро ва байнисоҳавӣ доранд. Онҳо боиси пайдошавии намуди нави низоми истеҳсолӣ – рақамию инноватсионӣ, ки ба зеҳни сунъӣ, маълумоти калон, блокчейн, технологияҳои абрӣ ва

платформаҳои рақамӣ асос ёфтааст, мегардад. Дар дохили ин низом сохтори иқтисодӣ чандиртар, шабакавӣ ва мутобиқшавандатар мешавад; экосистемаҳои рақамӣ бунёд карда мешаванд, ки истеҳсолот, хизматрасониҳо ва истеъмолкунандагонро дар фазои ягонаи иттилоотӣ муттаҳид мекунанд.

**Маҳдудияти таҳқиқот**. Ин таҳқиқот бо афзалияти доштани хосияти назариявию методологӣ, дар доираи таҳлили консептуалии тағйироти сохторӣ ва қонуниятҳои онҳо дар заминаи табдили рақамӣ маҳдуд аст. Он фарогири арзёбии миқдории муфассали тағйироти сохторӣ ва таъсироти соҳавӣ нест, инчунин хусусияти тафовутҳои институтсионалии байни низомҳои иқтисодии миллиро ба инобат намегирад. Ғайр аз ин, пойгоҳи амалии табдили рақамӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварии минбаъдаи маълумоти оморӣ ва такмили нишондиҳандаҳои фаъолнокии рақамиро талаб мекунад, ки мавзуи таҳқиқоти минбаъда хоҳад буд.

**Хулоса.** Натиҷаҳои таҳлил имкон медиҳанд, ки якчанд хулосаҳои назариявии муҳим баровавда шавад. Аввалан, дар шароити табдили рақамӣ тағйироти сохторӣ хосияти сифатан нав пайдо мекунанд – онҳо на танҳо дар байни соҳаҳо, балки дар дохили онҳо низ ба амал омада, шаклҳои ташкилӣ, амсилаҳои тиҷоратӣ ва мантиқи бунёди арзиши изофаро дигаргун мекунанд.

Дуюм, табдили рақамӣ омили умумии суръатбахшанда ва мураккабсозандаи пӯёи сохторӣ, ки дар он суръатҳо ва самтҳои тағйирот аз рӯйи сатҳи камолоти технологии ҷомеа ва мутобиқшавии ниҳодҳо муайян карда мешавад, мегардад.

Сеюм, зарурати густариши пойгоҳи назариявию методологӣ барои таҳлили тағйироти сохторӣ ба миён меояд, зеро амсилаҳои анъанавӣ (саноатӣ, омилӣ ва байнисоҳавӣ) хосияти шабакавӣ, платформавӣ ва экосистемавии иқтисодиёти муосирро инъикос намекунанд.

## АДАБИЁТ

1. Аликулов, А.Р. Теоретические аспекты определения структурных сдвигов в устойчивом развитии региональной экономики / А.Р. Аликулов, М.Ш. Давлатшоев // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2020. – № 4(43). – С. 129-135

2. Каримова, М.Т. Структурные сдвиги в промышленности регионов Республики Таджикистан / М.Т. Каримова // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 4-1. – С. 193-198

3. Каримов, Б.Ҳ. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3(42). – С. 180-188

4. Кейнс, Дж.М. **Общая теория занятости, процента и денег** / Дж.М. Кейнс; пер. с англ.; редактор Л.П. Кураков. – Москва: АСТ, 2024. – 352 с.

5. Кондратьев, Н.Д. Большие циклы конъюнктуры / Н.Д. Кондратьев // Вопросы конъюнктуры. – 1925. – Т. 1. – Вып. 1. – С. 28–79

6. Маркс, К. **Капитал. Критика политической экономии. Том II. Процесс обращения капитала** / К. Маркс; пер. с нем.; под ред. Ф. Энгельса. – Москва: Государственное издательство политической литературы, 1960. – 567 с.

7. Норт, Д. **Институты, институциональные изменения и функционирование экономики** / Д. Норт; пер. с англ. А.Н. Нестеренко; науч. ред. Б.З. Мильнера. – Москва: Фонд экономической книги «Начала», 1997. – 180 с.

8. Одиназода, К.С. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи таҷрибаи хориҷӣ / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 7. – С. 135-142

9. Расулова, Х.А. Оценка влияния структурных сдвигов электроэнергетического комплекса на экономический рост Таджикистана / Х.А. Расулова // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2020. – № 4(17). – С. 87-95

10. Рикардо, Д. **Начала политической экономии и налогового обложения** / Д. Рикардо; пер. с англ. В.И. Базарова; под ред. А.И. Кудрявцева. – Москва: Эксмо, 2021. – 544 с.

11. Смит, А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит; перевод с английского П.Н. Клюкин. – Москва: Эксмо, 2023. – 1056 с.

12. Уильямсон, О. **Экономические институты капитализма: фирмы, рынки, «отношенческое» контрактование** / О. Уильямсон; пер. с англ. А.Н. Нестеренко; под ред. и с предисл. Б.З. Мильнера. – Санкт-Петербург: Лениздат; CEV Press, 1996. – 702 с.
13. Фримен, К. **Технологические инновации и экономическое развитие** / К. Фримен; пер. с англ. А.А. Воробьёвой; под ред. В. Л. Макарова. – Москва: Издательский дом ГУ ВШЭ, 2011. – 368 с.
14. Шумпетер, Й.А. **Теория экономического развития: исследование предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла конъюнктуры /** Й.А. Шумпетер; пер. с нем. В.С. Автономова, М.С. Любского; под ред. Л.И. Абалкина. – Москва: Прогресс, 1982. – 455 с.
15. Bell, D. The Coming of Post-Industrial Society: A Venture in Social Forecasting / D. Bell. – New York: Basic Books, 1973. – 507 p.
16. Castells, M. The Information Age: Economy, Society and Culture. Volume I: The Rise of the Network Society / M. Castells – Oxford: Blackwell Publishers, 1996. – 556 p.
17. Hansen, A.H. Business Cycles and National Income / A.H. Hansen. – New York: W. W. Norton & Co., 1951. – 486 p.
18. Kaldor, N. A Model of Economic Growth //The Economic Journal / N. Kaldor. – 1957. – Vol. 67, No. 268. – P. 591-624
19. Kuznets, S. Modern Economic Growth: Rate, Structure and Spread / S. Kuznets. – New Haven: Yale University Press, 1957. – 546 p.
20. Lewis, W. Arthur. The Theory of Economic Growth / W. Lewis – London: George Allen & Unwin Ltd., 1955. – 420 p.
21. Nelson, R.R., Winter, S.G. An Evolutionary Theory of Economic Change / R.R. Nelson, S.G. Winter, – Cambridge, MA: Harvard University Press, 1982. - 437 p.
22. Perez, C. Technological Revolutions and Financial Capital: The Dynamics of Bubbles and Golden Ages / C. Perez. – Cheltenham, UK: Edward Elgar Publishing, 2002. – 198 p.
23. Solow, R.M. A Contribution to the Theory of Economic Growth / R.M. Solow // Quarterly Journal of Economics. – 1956. – Vol. 70, No. 1. – P. 65-94
24. Swan, T.W. Economic Growth and Capital Accumulation / T.W Swan // Economic Record. – 1956. – Vol. 32, No. 2. – P. 334–361
25. Schwab, K. The Fourth Industrial Revolution / K. Schwab – Geneva: World Economic Forum, 2016. – 192 p.

## АСОСИ НАЗАРИЯВИИ ДИГАРГУНИҲОИ СИФАТИ ИСТЕҲСОЛОТИ ҶАМЪИЯТӢ

Дар мақола асосҳои назариявӣ ва иқтисодии таҳлили тағйироти сохторӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ аз нигоҳи консепсияҳои муосири табдили рақамӣ баррасӣ мешаванд. Дар асоси банизомдарории равишҳои назарияи иқтисодии классикӣ, неоклассикӣ, институтсионалӣ ва таҳаввулотӣ, асоснок карда мешавад, ки тағйироти сохторӣ раванди табиии тағйироти сифатиро дар таносубҳо ва муносибатҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ифода карда, дар натиҷаи рушди низомҳои технологӣ ва дигаргуниҳои институтсионалӣ ба миён меоянд. Ин раванди мураккаб ва бисёрсатҳаи табдили сифатии муносибатҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ буда, гузариши иқтисодиётро аз як ҳолати мувозинат ба ҳолати дигар таҳти таъсири омилҳои технологӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ инъикос мекунад.
Таваҷҷуҳи махсус ба табдили қонуниятҳои пӯёи сохторӣ таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ, ки дар онҳо омилҳои асосии муайянкунанда дониш, навоварӣ ва иттилоот ҳамчун омилҳои нави истеҳсолот мебошанд, равона карда шудааст. Ба муҳтавои мафҳуми «тағйироти сохторӣ» ҷиҳати корбурд дар шароити иқтисоди рақамӣ равшанӣ андохта шуда, хусусиятҳои зоҳиршавии он дар сатҳҳои гуногун ошкор карда мешаванд. Муаллиф мафҳуми «тағйироти сохтории рақамӣ»-ро ҳамчун шакли гузариш ба намуди нави низоми истеҳсолӣ, ки ба таъсири мутақобилаи платформаҳои рақамӣ ва самари шабакавӣ асос ёфтааст, пешниҳод мекунад.

Хулоса дар бораи зарурати густариши пойгоҳи назариявию методологӣ барои таҳлили тағйироти сохторӣ оварда шудааст, ки заминаро барои таҳқиқоти минбаъдаи равандҳои табдили рақамии соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.
**Калидвожаҳо:** тағйироти сохторӣ, табдили рақамӣ, дигаргуниҳои институтсионалӣ, иқтисоди таҳаввулотӣ, тағйироти сохтории рақамӣ, истеҳсолоти ҷамъиятӣ, қонуниятҳои тағйироти сохторӣ, иқтисоди рақамӣ, рушди иқтисодӣ.

## ОСНОВЫ АНАЛИЗА СТРУКТУРНЫХ СДВИГОВ В СИСТЕМЕ ОБЩЕСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА

В статье рассматриваются теоретико-экономические основы анализа структурных сдвигов в общественном производстве с позиций современных концепций цифровой трансформации. На основе систематизации подходов классической, неоклассической, институциональной и эволюционной экономической теории обосновано, что структурные сдвиги представляют собой закономерный процесс качественных изменений в пропорциях и связях общественного производства, обусловленный развитием технологических система (укладов) и институциональных преобразований. Это сложный и многоуровневый процесс качественной трансформации отраслевых и межотраслевых отношений, отражающий переход экономики из одного состояния равновесия в другое под воздействием технологических, институциональных и социально-экономических факторов.

Особое внимание уделено трансформации закономерностей структурной динамики под воздействием цифровых технологий, где ключевыми детерминантами выступают знание, инновация и информация как новые факторы производства. Уточняется содержание категории «структурный сдвиг» применительно к цифровой экономике, раскрываются особенности его проявления на разных уровнях. Автором предложено понятие «цифрового структурного сдвига» как формы перехода к новому типу производственной системы, основанной на платформенных взаимодействиях и сетевых эффектах.

Сделан вывод о необходимости расширения теоретико-методологической базы анализа структурных изменений, что создаёт основу для дальнейшего исследования процессов цифровых преобразований отраслей экономики Республики Таджикистан.
**Ключевые слова:** структурные сдвиги, цифровая трансформация, институциональные изменения, эволюционная экономика, цифровой структурный сдвиг, общественное производство, закономерности структурных сдвигов, цифровая экономика, экономический рост.

## THEORETICAL AND ECONOMIC FOUNDATIONS FOR ANALYZING STRUCTURAL SHIFTS IN THE SOCIAL PRODUCTION SYSTEM

This article examines the theoretical and economic foundations for analyzing structural shifts in social production from the perspective of modern concepts of digital transformation. Based on a systematization of approaches from classical, neoclassical, institutional, and evolutionary economic theory, it is argued that structural shifts represent a natural process of qualitative changes in the proportions and relationships of social production, conditioned by the development of technological paradigms and institutional transformations. This is a complex and multi-level process of qualitative transformation of sectoral and intersectoral relations, reflecting the economy's transition from one state of equilibrium to another under the influence of technological, institutional, and socioeconomic factors.

Particular attention is paid to the transformation of patterns of structural dynamics under the influence of digital technologies, where knowledge, innovation, and information as new factors of production are key determinants. The concept of «structural shift» as it applies to the digital economy is clarified, and the specifics of its manifestation at various levels are revealed. The author proposes the concept of «digital structural shift» as a form of transition to a new type of production system based on platform interactions and network effects.

It is concluded that it is necessary to expand the theoretical and methodological framework for analyzing structural changes, which creates a foundation for further research into the digital transformation of economic sectors in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** structural shifts, digital transformation, institutional change, evolutionary economics, digital structural shift, social production, patterns of structural shifts, digital economy, economic growth.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Суфиев Довудхуҷа Ҷаъмаевич** – Донишгоҳи байналмилалиис айёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Тел.: +992 988-28-58-52 E-mail: sufizoda_003@mail.ru

## ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГ ВА РУШДИ БОСУРЪАТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МОЛИЯВИИ БОНКҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Файзов Н.З.-** ҷонишини сардори раёсати таълим, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии ДБССТ.

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди босуръати технологияҳои молиявӣ бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати бознигарии равишҳои анъанавӣ дар ташкили фаъолияти маркетинг рӯ ба рӯ шудаанд. Табдили рақамӣ на танҳо ба унсурҳои технологии фаъолият, балки ба ҷанбаҳои бунёдии идоракунии маркетинг, аз ҷумла фарҳанги корпоративӣ, амсилаҳои ҳамкории муштариён ва самтҳои стратегии рушди бонк низ таъсир мерасонад.

Маркетинги муосири бонкӣ аз иҷрокунандаи вазифаи таблиғотию иттилоотӣ ба низоми мураккаби иртиботи рақамӣ дар асоси таҳлил, фардикунонӣ ва автоматикунонӣ табдил меёбад. Ин раванд махсусан барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, ки дар онҳо камолоти рақамии низоми бонкӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, мубрамии махсус пайдо мекунад. Дар ин қарина, бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаҳои ҷолиби татбиқи низомҳои CRM, хизматрасониҳои ҳамаҷониба ва технологияҳои рақамиро нишон медиҳанд, вале ҳамзамон бо як қатор монеаҳои институтсионалӣ ва инфрасохторӣ дучор мешаванд.

Мақсади мақолаи мазкур таҳлили амсилаҳои муосири ташкилӣ ва воситаҳои идоракунии маркетинг дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити табдили рақамӣ, муайян намудани тамоюлҳои асосӣ, мушкилот ва самтҳои ояндадори маркетинги бонкӣ мебошад.

Таҳқиқи табдили фаъолияти маркетингӣ дар бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили васеътари таҳаввулоти маркетинг дар иқтисодиёти миллӣ анҷом дода мешавад. Дар як қатор корҳои муаллифони ватанӣ ҷанбаҳои ҳам назариявӣ ва ҳам методологӣ ва масъалаҳои татбиқи амалияи маркетинг дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла фаъолияти бонкӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, ҳаммуаллифи мақолаи мазкур Б.Ҳ. Каримов дар силсилаи мақолаҳои худ масъалаҳои ташаккул ва рушди таҳқиқоти маркетингиро инъикос намуда, ба ташаккули заминаи илмии маркетинг

ҳамчун як фан ва соҳаи фаъолияти амалӣ таваҷҷуҳи хоса медиҳад. Муаллиф таъкид мекунад, ки маркетинг дар шароити миллӣ таҳти таъсири равандҳои бозорӣ ва рақамикунонии соҳаҳои алоҳида, аз ҷумла молия ва сайёҳӣ инкишоф ёфтааст [4, с. 78]. Дар дигар мақолаҳои муаллиф усулҳои таҳқиқоти маркетингӣ таҳлил [3, с. 95] ва масъалаҳои соҳавии рушди маркетинг дар сайёҳӣ баррасӣ шудаанд, ки барои бахши бонкӣ низ мубрам мебошанд [5, с. 119]. Н.М. Валиева ба ҷанбаҳои амалии маркетинги бонкӣ тамаркуз мекунад [2, с. 114]. Г.Н. Қурбонова хусусиятҳои ташаккули стратегияи маркетинги бонкҳоро бо назардошти табдили рақамӣ таҳлил намуда, ба сатҳи нокифояи татбиқи равишҳои муосири маркетинги рақамӣ дар бонкҳо ишора мекунад [8, с. 236]. Ин ба муаллиф имкон додааст, ки дар бораи парокандагии табдили рақамии маркетинг дар бахши бонкӣ бо сабаби маҳдудиятҳои технологӣ ва омили инсонӣ сухан ронад. А.Р. Қурбонов нархгузориро ҳамчун унсури маҷмуи маркетинг баррасӣ намуда, аҳамияти мутобиқсозии онро ба тағйироти рафтори муштарии рақамӣ таъкид мекунад [7, с. 110].

Ҳамин тариқ, муҳаққиқони тоҷик дар омӯзиши масъалаҳои маркетинги бонкӣ бештар ба мушкилоти рақамикунонӣ ва табдили ташкилии он таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар баробари ин, оид ба зарурати равиши ҳамаҷониба таъкид карда мешавад, ки он ҳам рушди инфрасохтори рақамӣ ва ҳам табдили равишҳои идоракунии маркетинг, бахусус дар робита ба ҷанбаҳои инфиродикунонӣ, таҳлил ва иртиботи рақамиро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, норасоии корҳои илмии ба омӯзиши амсилаҳо ва воситаҳои мушаххаси рақамии маркетинги бонкӣ бахшидашуда мушоҳида мешавад, ки мубрамии мавзуи мақолаи мазкурро тасдиқ мекунад.

Табдили рақамӣ дар бахши бонкӣ ин тағйироти ҳамаҷониба дар равандҳои тиҷоратӣ, фарҳанги корпоративӣ ва ҳамкорӣ бо муштариён дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ мебошад. Он аз доираи автоматикунонии одии амалиёт фаротар рафта, аз нав дида баромадани тамоми амсилаи фаъолияти бонкиро дар назар дорад, ки дар он технологияҳои рақамӣ на танҳо восита, балки захираи стратегии рушди бонкҳо дар марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ мегарданд.

Табдили рақамӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, аз қабили зеҳни сунъӣ (AI - artificial intelligence), маълумоти калон (**Big Data**), Интернети ашё (IoT - Internet of Things), роёниши абрӣ (cloud computing), блокчейн (blockchain) ва автоматикунонии равандҳои роботӣ (RPA - Robotic Process Automation) асос ёфтааст. Ин технологияҳо ба бонкҳо имкон медиҳанд, ки рафтори муштариёнро амиқтар таҳлил карда, самаранокии равандҳои дохилиро беҳтар созанд, маҳсулот ва хизматрасониҳои инфиродикардашудаи молиявиро таҳия карда, дар фаъолияти худ ба кор баранд.

Хусусияти фарққунандаи табдили рақамӣ дар бахши бонкӣ ин хоҳиши бонкҳо барои татбиқи на танҳо технологияҳои нав, балки бунёди низоми иқтисодии рақамӣ мебошад, ки дар он муштарӣ таҷрибаи бефосила, бароҳат ва инфиродии ҳамкорӣ бо бонкро ба даст меорад. Дар ин замина, маркетинг дигар танҳо як воситаи таблиғот набуда, ба як унсури асосии ташаккули садоқат ва эътимод табдил меёбад, ки дар тамоми марҳилаҳои ҳамкорӣ бо муштариён ҳамгиро карда шудааст.

Рақамикунонӣ инчунин гузариш аз амсилаи анъанавии бонкиро, ки ба ҳузури ҷисмонӣ (филиалҳо, банкоматҳо) нигаронида шудааст, ба амсилаи рақамии бонкӣ, ки дар он ҳамкории асосӣ тавассути замимаҳои мобилӣ, платформаҳои онлайн ва шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад, тақозо мекунад. Ин аз бонкҳо талаб мекунад, ки дар фаъолияти худ чандир бошанд, ба зудӣ ба дигаргунӣ ва мушкилоти муносибат бо муштариён мутобиқ шаванд ва равишҳои худро барои идоракунии фаъолияти маркетинг аз нав дида бароянд.

Ҳамин тариқ, табдили рақамӣ дар бахши бонкӣ на танҳо навсозии технологӣ, балки бозбинии стратегии нақши бонк дар бозори молиявӣ ва ҳастии муштарӣ мебошад. Дар ин шароит маркетинг яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии бонк мегардад, зеро маҳз тавассути воситаҳои маркетинг бонк арзиши муносиби маҳсулот ва хизматрасониҳои худро тавлид карда, бо муштариёни гуногун робита муқаррар ва муносибатҳои дарозмуҳлатро бо онҳо ба роҳ мемонад.

Равандҳои иқтисодиёти рақамӣ нақш ва вазифаҳои маркетингро дар бахши бонкӣ ба куллӣ тағйир доданд. Агар қаблан маркетинг асосан вазифаи иттилоотӣ ва таблиғотиро иҷро мекард, имрӯз он ба механизми стратегии ташкили муносибатҳои устувор бо муштариён дар асоси таҳлили амиқ, фардикунонӣ ва ҳамкории рақамӣ табдил меёбад. Инро хулосаҳои муҳаққиқ М.С. Хатун Мунира тасдиқ мекунанд, ки дар баррасии муназзами адабиёт чунин қайд кардааст: «Бо таҳлили 150 мақолаи тақризшаванда, ки дар солҳои 2015-2025 нашр шудаанд, ин таҳқиқот нақши муҳими технологияҳои навро ... дар баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба муштариён ва дастрасии молиявӣ таъкид мекунад» [13, с. 78]. Ин манбаъ маълумоти ҷамъбастӣ аз 150 мақолаи соҳавиро пешкаш мекунад, ки тасдиқи ақидаро оид ба он ки маркетинг аз воситаи таблиғот ба стратегияи рақамӣ дар асоси технология ва таҳлил мегузарад, асоснок менамояд.

Дигаргунии назаррас дар таҳаввули маркетинг ин гузариш аз равиши ба маҳсулот нигаронидашуда ба равиши ба муштариён нигаронидашуда буд. Дар муҳити рақобати рақамӣ дороии асосии бонкҳо на маҳсулот, балки таҷрибаи муштарӣ (customer experience) мебошад, ки тамоми масири ҳамкорӣ – аз таблиғи аввалӣ то хизматрасонии пас аз фурӯшро фаро мегирад. Марҳилаи муҳими таҳаввули маркетинг ҷорӣ намудани

мафҳумҳои Маркетинг 4.0 ва Маркетинг 5.0 буд, ки аз ҷониби Ф. Котлер ва пайравони ӯ пешниҳод карда шуданд. Дар ҷадвали 1 тафовути асосии ифодакунандаи марҳилаҳои асосии рушди маркетинг дар бахши бонкӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Марҳилаҳои рушди маркетинг дар бахши бонкӣ**

**Table 1. Stages of marketing development in the banking sector**

| Марҳила | Тавсифи марҳила | Диққати асосӣ | Каналҳои ҳамкорӣ | Нақши муштарӣ |
|---|---|---|---|---|
| Маркетинги 1.0 | Ба маҳсулот нигаронидашуда | Маҳсулот | Фурӯши мустақим, таблиғ | Истеъмолкунандаи ғайрифаъол |
| Маркетинги 2.0 | Ба муштарӣ нигаронидашуда | Конеъ гардондани талабот | Телемаркетинг, CRM | Муштарии огоҳшуда |
| Маркетинги 3.0 | Ба арзиш нигаронидашуда | Муносибатҳои иҷтимоӣ ва эҳсосотӣ | Интернет, ҷомеаҳо | Шарик, ҷонибдор |
| Маркетинги 4.0 | Рақамӣ, ҳамгирошуда | Фаъолияти онлайн ва маълумоти калон (big data) | Шабакаҳои иҷтимоӣ, замимаҳои мобилӣ | Истифодабарандаи фаъол |
| Маркетинги 5.0 | Технологӣ, зеҳни сунъӣ | Фардикунонӣ, автоматикунонӣ | AI, шабакаҳои нейронӣ, чатботҳо | Истеъмолкунандаи оқил, шарик |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Маркетинги муосир ба бунёди муносибатҳои дарозмуҳлати рақамӣ нигаронида шудааст, ки истифодаи усулҳои чандир, дастаҳои вазифавӣ ва таҳлили доимии маълумотро дар вақти воқеӣ талаб мекунад. Аз ин ҷост, ки нақши нави маркетологи бонк - на танҳо як шахси эҷодкор, балки таҳлилгар ва меъмори қарорҳои муштариён мебошад.

Ба хотири таъмини айёният дар расми 1 тарҳе оварда шудааст, ки самтҳои асосии рушди маркетинги бонкиро ифода мекунад.

**Расми 1. Табдили маркетинги бонкӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ**

**Figure 1. The transformation of banking marketing in the digital economy**




Ҳамин тариқ, рушди муосири фаъолияти маркетингӣ дар бахши бонкӣ бо гузариш аз ҳамкорӣ дар шаклҳои муошırати содаи дуҷониба ба шарикии интерактивии рақамӣ тавсиф мешавад. Агар қаблан вазифаи асосии маркетинги бонкӣ расонидани паёмҳои таблиғотӣ ба доираи муштариёни оммавӣ тавассути каналҳои анъанавӣ бошад, имрӯз таваҷҷуҳи асосӣ ба ташкили муносибатҳои инфиродӣ ва дарозмуҳлат бо муштариён дар муҳити рақамӣ равона карда шудааст. Ин ба шарофати васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот, имкон медиҳад, ки рафтори истеъмолкунандагон беҳтар дарк карда шуда, ба онҳо дар лаҳзаи зарурӣ хизматрасониҳои мувофиқ пешниҳод карда шаванд.

Аммо, танҳо татбиқи воситаҳои рақамӣ муваффақиятро кафолат намедиҳад. Табдили рақамӣ таҷдиди амиқи равандҳои тиҷоратии дохилӣ, аз нав дида баромадани нақшҳо ва вазифаҳои шуъбаҳои маркетинг ва рушди салоҳиятҳои рақамии кормандонро талаб мекунад. Равишҳои муосир чандирӣ, суръати қабули қарорҳо, қобилияти мутобиқшавӣ ва ҳамкории мутақобила дар дастаҳои вазифавиро таъкид мекунанд. Маркетинг ба як вазифаи стратегии бо IT, таҳлил, хизматрасонӣ ва идоракунии маҳсулот ҳамгирошуда табдил меёбад.

Илова бар ин, муҳимтарин омили самаранокии маркетинги рақамӣ табдили тафаккури ташкилӣ ва фарҳанги корпоративӣ мебошад. Ин унсурҳои рад кардани равиши тобеият ба нафъи идоракунии шабакавӣ, рушди фарҳанги инноватсияҳо, таҷриба ва тамаркуз ба

муштариёнро дар бар мегирад. Идоракунии маркетинг дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бояд ба принсипҳои ошкорӣ, шаффофият ва такмили пайваста асос ёбад, ки дар он манбаи асосӣ на танҳо технология, балки қобилияти ташкилоти бонкӣ барои омӯзиш ва табдили ҳамзамон бо дигаршавии бозор мебошад.

Таҷрибаи табдили рақамии маркетинги бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ин принсипҳоро равшан нишон медиҳад. Баъзе ташкилотҳои молиявӣ, аз қабили Алиф Бонк, аллакай стратегияҳои рақамии ҳамаҷонибаро татбиқ кардаанд, ки дар онҳо инноватсияҳои технологӣ бо табдили фарҳанги ташкилӣ ва муошироти муштариён зич алоқаманд мебошанд. Ин ҳолатҳо тасдиқ мекунанд, ки муваффақияти устувор танҳо бо як равиши ҳамаҷониба имконпазир аст - вақте ки воситаҳои рақамӣ на танҳо татбиқ карда мешаванд, балки ба як ҷузъи ҷудонашавандаи фалсафаи маркетинг ва фаъолияти ҳаррӯзаи бонк мубаддал мегарданд.

Намунаи возеҳи ҷорӣ намудани равишҳои муосири маркетинги рақамӣ дар бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи Алиф Бонк мебошад. Дар доираи татбиқи стратегияи табдили рақамӣ, ин бонк як қатор тадбирҳоро барои азнавтаҷҳизонидани равандҳои маркетингӣ ва баланд бардоштани сатҳи тамаркуз ба муштариён равона кардааст.

Бояд гуфт, ки Алиф Бонк, ки дар муддати начандон тӯлонӣ – аз соли 2014 фаъолияташро оғоз карда буд, худро ҳамчун яке аз ташкилотҳои сердаромадтарини финтех (технологияҳои молиявӣ) дар минтақаи Осиёи Марказӣ муаррифӣ намудааст. Стратегияи рушди бонк аз ибтидо ба принсипҳои табдили рақамӣ, инноватсияҳои технологӣ ва тамаркуз ба ниёзҳои муштариён асос ёфтааст.

Марҳилаи муҳими рушди маркетинги рақамӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ таҳия ва роҳандозии замимаи мобилии бисёрвазифавии пардохтии Alif Mobi буд. Бо ёрии ин технология истифодабарандагон тавонистанд доираи васеи амалиёти молиявиро анҷом диҳанд: пардохти мол ва хизматрасониҳо, маблағҳоро ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам дар хориҷи он интиқол диҳанд ва дар вақти воқеӣ пардохтҳоро назорат ва идора кунанд. Ҳамгироии чунин вазифаҳо имкон дод, ки сатҳи бароҳатии муштариён ба таври назаррас баланд бардошта шавад ва доираи фарогирӣ, махсусан дар байни ҷавонон ва аҳолии қобили кор васеъ карда шавад.

Илова бар ин, лоиҳаи васеъмиқёси тиҷорати электронӣ - платформаи alifshop.tj оғоз гардид, ки он ба бузургтарин бозори онлайн (marketplace) дар мамлакат табдил ёфтааст. Он на танҳо ҳамчун воситаи савдои рақамӣ барои аҳолӣ, балки ҳамчун платформаи маркетингӣ барои брендҳои шарик амал мекунад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки маҳсулоти худро тавассути каналҳои рақамӣ, ки ба доираи муштариёни ҳадафнок нигаронида шудаанд, таблиғ кунанд. Ҳамин тариқ, низоми иқтисодии рақамӣ,

ки аз ҷониби Алиф Бонк сохта шудааст, унсурҳои молиявӣ, маркетингӣ ва тиҷоратиро муттаҳид мекунад, ки он ҳамчун намунаи беназири равиши ҳамгироӣ ба татбиқи маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ шудааст.

Дар Алиф Бонк аллакай дар соли 2015 низоми таҳияи худии идоракунии муносибатҳои муштариён (CRM - Customer Relationship Management) ҷорӣ карда шуд, ки коркарди маълумоти муштариёнро ба таври назаррас беҳтар ва дақиқии пешниҳодҳои инфиродиро зиёд кард. Дар давраҳои минбаъда бонк низоми иқтисодии рақамии худро боз ҳам васеъ намуд: чунин хизматрасониҳо ба монанди эквайринги онлайнӣ (Alif Pay), замимаи мобилӣ барои амалиёти молиявӣ (Alif Mobi) ва платформаи хариди онлайн бо мавқуфгузории пардохт (Alif Shop) ба кор андохта шуданд. Ин воситаҳо ҳамкории бисёрканалиро бо муштариён таъмин намуда, ба автоматикунонии иртиботҳои маркетингӣ саҳм гузоштанд ва сатҳи ҷалби муштариёнро хеле баланд бардоштанд. То охири соли 2024, барномаи Alif Mobi беш аз як миллион пайвастшавӣ дошт ва шумораи умумии муштариёни фаъоли он аз 480 ҳазор нафар гузашта буд. Зиёда аз 1100 шарикони тиҷоратӣ ба инфрасохтори харидорӣ пайваст шуданд [10].

Бо шарофати равиши ҳамаҷонибаи маркетинги рақамӣ, аз ҷумла истифодаи таҳлили CRM, ҳадафгирии инфиродӣ, огоҳиҳои push ва ирсолҳои почтаи электронӣ, бонк на танҳо равандҳои иртиботии худро беҳсозӣ кард, балки ба дараҷаи баланди садоқати муштариён низ ноил гардид. Ин дастовардҳо бо ҷоизаҳои байналмилалии аз ҷониби бонк гирифташуда дар соҳаи молияи рақамӣ, аз ҷумла Беҳтарин ҳамёни рақамӣ (2020), Ҷоизаи Global Finnovation Award (2021) ва Корти дебетии исломии сол (2024) қадр карда шуданд. Ҳолатҳои муваффақи Алиф Бонк тасдиқ мекунанд, ки табдили рақамӣ дар маркетинги бонкӣ на танҳо сармоягузориҳои технологӣ, балки таҷдиди муназзами идоракунии ташкилиро, ки ба инноватсияҳо, чандирӣ ва мутамарказии муштариён нигаронида шудааст, талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, Алиф Бонк бомуваффақият нишон медиҳад, ки чӣ гуна сармоягузориҳои технологӣ, тағйирот дар фарҳанги корпоративӣ ва маркетинги бисёрканалӣ (CRM, хизматрасониҳои мобилӣ, низомҳои иқтисодии платформаҳои онлайн) имкон медиҳанд, ки шарикии самарабахши рақамӣ бо муштариён ва расидан ба сатҳи байналмилалӣ фароҳам оварда шаванд.

Рақамикунонӣ амсилаҳои маркетингро дар бахши бонкӣ ба куллӣ тағйир дод. Тарҳҳои анъанавии иртиботи хатӣ, ки ба таъсири оммавӣ нигаронида шудаанд, ҷойи худро ба амсилаҳои фасеҳ, ба муштариён нигаронидашуда ва ба таҳлил асосёфта медиҳанд. Маркетинги муосири бонкӣ ба ҳамгироии технологияҳо, маълумот ва сохторҳои мутобиқшавандаи даставӣ такя мекунад, ки ҳамкориҳои инфиродӣ бо муштариёнро дар вақти воқеӣ таъмин мекунанд. Яъне дар шароити табдили босуръати рақамӣ, бахши

бонкӣ тақдиди амсилаҳои пойдоршудаи маркетинг ва ҷорӣ намудани равишҳои муосири чандирро талаб мекунад. Амсилаи дар расми 2 пешниҳодшуда се самти асосиро нишон медиҳад, ки ташкили фаъолияти маркетингиро дар бонкҳои насли нав муайян мекунанд: маркетинги бисёрканалӣ (omnichannel), маркетинги самаранокӣ (performance marketing) ва равиши фасеҳ (agile approach). Ин амсилаҳо тамоюлҳои мубрамро дар бунёди низоми маркетинги ба муштариён нигаронидашуда, аз ҷиҳати таҳлилӣ идорашаванда ва мутобиқшавии технологӣ инъикос мекунанд.

**Расми 2. Амсилаҳо ва равишҳои муосири ташкили маркетинги бонкӣ**

**Figure 2. Modern models and approaches to organizing banking marketing**




Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани равишҳои муосири ташкили маркетинги бонкӣ на танҳо баланд бардоштани самаранокии иртибот ва таҷрибаи муштариёнро таъмин мекунад, балки ба рушди устувори низомҳои иқтисодии бонкии рақамӣ низ мусоидат мекунад. Равиши бисёрканалӣ, такя ба таҳлил ва чандирии гурӯҳ ба унсурҳои ҷудонашавандаи стратегияи рақобат дар шароити иқтисодиёти рақамӣ табдил меёбанд.

Яке аз амсилаҳои асосии маркетинги рақамӣ равиши бисёрканалӣ мебошад, ки ҳамкориҳои пайваста ва доимиро бо муштарӣ тавассути тамоми каналҳои дастрас - замимаҳои мобилӣ, онлайн-банкинг, паёмрасонҳо, марказҳои тамос, шуъбаҳо, огоҳиҳо тавассути ирсолҳои почтаи электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ таъмин мекунад. Фарқи асосии байни равишҳои анъанавӣ ва бисёрканалӣ ин ҳамгироии амиқи каналҳо ва якрангии таҷрибаи муштариён дар ҳама марҳилаҳои ҳамкорӣ мебошад. Тибқи як таҳқиқоти МакКинси, бонкҳое, ки стратегияи бисёрканалиро истифода мебаранд, ба сатҳи баландтари қаноатмандии муштариён ноил мешаванд ва сатҳи нигоҳдории муштариён 15-25% зиёд мешавад [14].

Татбиқи бомуваффақияти маркетинги бисёрканалӣ ҳамоҳангсозии инфрасохтори IT, низомҳои CRM, платформаҳои таҳлилӣ ва равандҳои тиҷоратии дохилиро талаб мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои алоҳида, аз қабили Алиф Бонк ва Спитамен Бонк дар ин самт қадамҳои аввалини худро гузошта, ба муштариён интерфейси ягонаи рақамиро барои хизматрасониҳо ва дастгирии гуногуни рақамӣ пешкаш мекунанд.

Дар муҳити рақамӣ маркетинги самаранокӣ пеш аз ҳама ба натиҷаҳои ченшаванда нигаронида шудааст, аз қабили: табдилҳо, арзиши ҷалби муштариён (CAC - Customer Acquisition Cost), арзиши ҳастии муштарӣ (LTV - Lifetime Value), ҷалб ва баргардонидани сармоягузорӣ (ROI - Return On Investment). Истифодаи воситаҳои таҳлили веб, санҷиши A/B (муқоисаи самаранокии ду объект), ҳадафгирии рафтор (Behavioral Targeting) ва омӯзиши мошинҳо (Machine learning) ба бонкҳо имкон медиҳад, ки маъракаҳои таблиғотиро дар вақти воқеӣ мутобиқ созанд.

Бонкҳо беш аз пеш стратегияҳои маркетингро дар асоси равиши ба маълумот асосёфта - такя ба маълумот дар бораи амалиёт, афзалиятҳо ва намунаҳои рафтори истифодабарандагон таҳия мекунанд. Ин на танҳо дақиқии иртиботро афзоиш медиҳад, балки инчунин ба идоракунии самараноки буҷет, кам кардани хавф ва афзоиши даромаднокии пойгоҳи муштариён мусоидат мекунад.

Табдили рақамӣ аз бонкҳо талаб мекунад, ки на танҳо технологияҳои фаъолияти худро навсозӣ кунанд, балки ба он тағйироти ташкилӣ низ ворид кунанд. Яке аз равишҳои асосӣ маркетинги фасеҳ (Agile Marketing) – амсилае мебошад, ки ба принсипҳои чандирӣ, ҳамкории байнивазифавӣ ва вокуниши зуд ба тағйирот дар муҳити берунӣ асос ёфтааст. Ин равиш ба ташаккули дастаҳои кормандони соҳаи рақамӣ, аз ҷумла маркетологҳо, таҳлилгарон, тарроҳон, барномасозон ва мутахассисони UX/UI (User Experience, UI User Interface - Таҷрибаи истифодабаранда, интерфейси истифодабаранда) мусоидат мекунад. Чунин дастаҳои кормандон на танҳо суръати иҷрои лоиҳаҳоро метезонанд, балки фарҳанги омӯзиши пайваста, таҷриба ва такмил доданро ташаккул медиҳанд.

Маркетинги муосири бонкиро бидуни татбиқи фаъоли технологияҳои рақамӣ, ки дарки амиқтари ниёзҳои муштариён, чандирии идоракунии маҳсулот ва иртиботи муассирро таъмин мекунанд, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Воситаҳои рақамӣ на танҳо каналҳои ҳамкории мутақобиларо васеъ мекунанд, балки инчунин принсипҳои ташкили маркетингро ба таври куллӣ тағйир медиҳанд - аз таъсири оммавӣ то равиши инфиродӣ ва ба рафтори муштариён нигаронидашуда. Таваҷҷуҳ ба чунин соҳаҳо, ба монанди автоматикунонии равандҳо, таҳлили зеҳнии маълумот, идоракунии муҳтавои рақамӣ ва обрӯю эътибори онлайнӣ бештар аст.

Унсури марказии маркетинги рақамӣ дар бахши бонкӣ низоми идоракунии муносибатҳои муштариён (CRM) мебошад. Он ба бонкҳо имкон медиҳад, ки маълумотро дар бораи муштариён ҷамъ оваранд, таърихи муносибатҳоро пайгирӣ, рафторро таҳлил кунанд ва робитаҳои дарозмуддати стратегӣ бо муштарӣ бунёд намоянд. Дар заминаи афзоиши пойгоҳи муштариён, низомҳои CRM хизматрасонии инфиродӣ ва вокуниши саривақтӣ ба дархостҳои истифодабарандагонро пешкаш мекунанд. Тавре муҳаққиқ А.В. Кириллов қайд мекунад, «... Дар чунин вазъият стратегияиояндадортарин ва муосир барои роҳандозӣ намудани муносибатҳои дарозмуддат бо муштарӣ ва воситаи баланд бардоштани сатҳи садоқати муштариён стратегияи идоракунии муносибатҳои муштариён - CRM (Customer Relationship Management) мебошад» [6, с. 127].

Низомҳои муосири CRM-ро берун аз қаринаи автоматикунонии рақамӣ тасаввур кардан мумкин нест, зеро маҳз автоматикунонӣ аст, ки миқёспазирӣ, дақиқӣ ва самаранокии коркарди маълумоти муштариёнро таъмин мекунад. Ин платформаҳо на танҳо барои нигоҳ доштани маълумот дар бораи муштариён, балки инчунин барои таҳлили амиқи рафтори онҳо, ба бахшҳо ҷудо кардани пойгоҳи муштариён, ташкили робитаи инфиродӣ ва сохтани амсилаҳоиояндабинии рафтори муштариён хизмат мекунанд. Яке аз ҳадафҳои асосии татбиқи CRM ин ташаккули як доираи устувори муштариёни содиқ мебошад, ки дар шароити рақобати баланди бозор бартарии ғайримоддии стратегӣ ҳисобида мешавад. Тавре муҳаққиқони чинӣ С. Дон ва К. Зу қайд мекунанд, «Захираҳои CRM самаранокии ташкилотҳоро пеш аз ҳама тавассути эҷоди бартариҳои стратегӣ баландтар мекунанд (масалан, афзоиши нигоҳдории муштариён) [12, с. 8]. Ин аҳамияти низомҳои CRM-ро ҳамчун васила на танҳо барои коркарди маълумоти муштариён, балки барои тавлиди бартариҳои устувори рақобатӣ тавассути садоқат ва нигоҳдории муштариён таъкид мекунад.

Табдили рақамии маркетинг ба як самти муҳими рушди бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил меёбад. Дар шароити афзоиши рақобат ва тағирёбии интизориҳои муштариён, бисёре аз бонкҳо ба истифодаи фаъоли платформаҳои рақамӣ, низомҳои CRM, автоматикунонии равандҳо ва идоракунии эътибори онлайн мегузаранд.

Ориёнбонк, ки яке аз калонтарин бонкҳои ҷумҳурӣ ба шумор меравад, дар солҳои охир дар самти рақамикунонии маркетинг пешравиҳои назаррас ба даст овардааст. Бонк аз соли 2021 инҷониб низоми иқтисодии мобилиро рушд дода, дар замимаи Oryon Mobile вазифаҳои ҳамгирошудаи робитаи баръакс, пешниҳодҳои инфиродӣ барои қарзҳо ва пасандозҳо, инчунин push-огоҳиномаҳо бо ёдраскуниҳо ва иқдомҳоро ҷорӣ карда истодааст. Бонк аз веб-таҳлилҳо ва воситаҳои таҳлили рафтор истифода мебарад, ки ин барои ба бахшҳои гуногуни муштариён мутобиқ сохтани паёмҳои маркетингӣ имкон

медиҳад. Механизмҳои фардикунонии худкор низ ҷорӣ карда шудаанд: вобаста ба фаъолнокии истифодабаранда, низом маҳсулот ё хизматрасониҳои машваратии мубрамро пешниҳод мекунад. Идоракунии эътибори рақамӣ тавассути мониторинги мунтазами шабакаҳои иҷтимоӣ ва вокунишҳои муштариён дар платформаҳои берунӣ (Google Play, App Store, шабакаҳои иҷтимоӣ) бо таҳрири минбаъдаи муҳтаво ва стратегияи иртиботӣ амалӣ карда мешавад.

Амонатбонк низ ҳамчун бонки давлатӣ қадамҳо ба сӯи рақамикунонӣ мемонад, хусусан дар самти хизматрасонии рақамӣ ба аҳолӣ. Дар доираи лоиҳаи тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳо, Амонатбонк платформаи интерактивии «Амонат Онлайн»-ро ҷорӣ намудааст, ки барои аз фосилаи дур кушодани суратҳисобҳо, барориши кортҳо ва пешниҳоди дархост барои гирифтани қарз имкон медиҳад. Фаъолияти маркетингии бонк ба самти каналҳои рақамӣ - шабакаҳои иҷтимоӣ, почтаи электронӣ ва SMS, инчунин маъракаҳои мунтазами иттилоотӣ дар замимаи мобилӣ тақсим карда шудааст. Аз соли 2023, Амонатбонк барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба фаъолияти муштариён ба истифодаи вазифаҳои появии низоми CRM шуруъ кард, ки ин барои амалӣ кардани пешниҳодҳои инфиродӣ барои нафақахӯрон, донишҷӯён ва хизматчиёни давлатӣ имкон дод.

Бонки Эсхата ба рушди таҷрибаи рақамӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба тиҷорати хурду миёна тамаркуз мекунад. Истифодаи автоматикунонии равандҳои зеҳнӣ (IPA - Intelligent process automation) дар маркетинг имкон дод, ки ба коркарди дархостҳо ва роҳандозии маъракаҳои таблиғотӣ суръат бахшида шавад. Замимаи Eskhata Online бо модули таҳлилӣ ҳамгиро карда шуда, ба бонк имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи истифодабарандагонро ба маҳсулоти муайян пайгирӣ намуда, пешниҳоди фаврии хизматрасониҳои ҳадафнокро амалӣ намояд. Бонк инчунин идоракунии муҳтавои рақамиро тавассути маркази муҳтаво (контент-сентр) дар сомонаи интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар он ҷо маводи таълимӣ ва тавзеҳотӣ оид ба маҳсулоти бонкии бо таблиғи ҳадафнок дастгиришаванда нашр мешаванд, амалӣ мекунад.

Ин мисолҳо ва ҳолатҳои баррасишуда аз нақши афзояндаи технологияҳои рақамӣ дар стратегияи рушди маркетинги бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд. Ҳатто бо захираҳои маҳдуд, бонкҳо технологияҳоро ба шароити маҳаллӣ мутобиқ мекунанд ва онҳоро ҳамчун василаи таҳкими садоқати муштариён, кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани самаранокии маркетинг истифода мебаранд.

Дар шароити табдили рақамии бахши бонкӣ, фаъолияти маркетинг на танҳо бо имкониятҳои нав, балки бо як қатор мушкилоте, ки аз маҳдудиятҳои технологӣ ва институтсионалӣ ба вуҷуд омадаанд, рӯ ба рӯ мешавад. Ин мушкилот махсусан дар мамлакатҳои дорои инфрасохтори рақамӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, шадид

мебошанд. Мушкилоти маркетинги рақамӣ дар бахши бонкӣ ба се сатҳи асосӣ таъсир мерасонад: инфрасохтор ва технология, меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилӣ.

**Маҳдудиятҳои инфрасохтор ва малакаҳои рақамӣ**. Яке аз мушкилоти муҳимтарин рушди сусти инфрасохтори рақамӣ мебошад. Дастрасии маҳдуд ба интернети баландсуръат, бахусус дар деҳот ва манотиқи дурдаст, инчунин мавҷуд набудани таҷҳизоти замонавӣ барои истифодабарандагони ниҳоӣ ба рушди робитаи ҳамаҷониба ва ҳамкориҳои инфиродӣ бо муштариён монеъ мешавад. Илова бар ин, сатҳи саводнокии рақамӣ дар байни ҳам муштариён ва ҳам кормандони бонкҳо барои самаранок истифода бурдани воситаҳои нави маркетинг, аз қабили CRM, маълумоти калон, ҳадафгирии автоматикунонидашуда ва платформаҳои инфиродӣ ҳанӯз нокифоя мебошад. Ҳамин тавр, «... инфрасохтори нокифояи рақамӣ ва сатҳи пасти саводнокии рақамӣ дар як қатор мамлакатҳо ба истифодаи пурраи иқтидори иқтисодиёти рақамӣ монеа мешавад. Ин махсусан ба муассисаҳои молиявӣ дахл дорад, ки дастрасии маҳдуд ба Интернет ва набудани салоҳиятҳои захираҳои инсонӣ табдили рақамии бахши бонкиро бозмедорад» [15].

Тибқи гузориши Бонки Ҷаҳонӣ оид ба иқтисодиёти рақамӣ (World Bank Digital Economy Report, 2023) , дар соли 2023, камтар аз 45% аҳолии калонсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои малакаҳои асосии рақамии зарурӣ барои истифодаи бонкдории онлайн ва хизматрасониҳои рақамӣ мебошанд [11]. Аз нуқтаи назари ташкили маркетинг, ин доираи қабулкунандагони маъракаҳои рақамиро маҳдуд мекунад ва аҳамияти амсилаҳои гибридии таблиғро, ки форматҳои онлайн ва офлайнро муттаҳид мекунанд, баланд мебардорад.

**Хавфҳои киберӣ ва масъалаҳои махфияти маълумот**. Бо афзоиши ҳаҷми маълумоти шахсии коркардшуда ва шумораи каналҳои рақамӣ, сатҳи таҳдидҳои киберӣ меафзояд. Дуздии маълумоти шахсӣ, дастрасии беиҷозат ба суратҳисобҳои муштарӣ - ҳамаи ин на танҳо ба амнияти муштариён, балки ба обрӯи бонкҳо ва умуман самаранокии маркетинг таҳдид мекунад. Аз даст додани эътимод дар натиҷаи ҳодисаҳои амниятӣ метавонад боиси коҳиши пойгоҳи муштариён ва паст шудани самаранокии стратегияҳои CRM гардад. Дар робита ба ин, тавре муҳаққиқ А.Н. Лебедев қайд мекунад, «... Баланд шудани сатҳи рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ бо афзоиши хавфҳои марбут ба ихроҷи маълумоти шахсӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва қаллобӣ ҳамрадиф мебошад. Ташкилотҳои молиявӣ вазифадоранд, ки чораҳои ҳамаҷонибаи амнияти иттилоотиро амалӣ кунанд, зеро вайрон кардани махфият боиси паст шудани эътимоди истеъмолкунандагон ва таъсири манфӣ ба эътибори корӣ мегардад» [9, с. 18].

**Монеаҳои танзимкунанда ва мутобиқсозии қонунгузорӣ**. Мушкилоти ҷиддӣ ин ихтилофи байни рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва қонунгузории мавҷуда мебошад. Аз

ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол низоми мукаммали ҳуқуқии танзими коркарди маълумоти калон, мушаххаскунии рақамӣ ва маркетинги автоматикунонидашуда таҳия нашудааст. Набудани меъёрҳои дақиқи ҳуқуқӣ татбиқи технологияҳои инфиродӣ дар асоси таҳлили рафторро душвор мегардонад ва истифодаи иртиботи рақамии ҳадафнокро маҳдуд мекунад. Ҳамин тариқ, «… Яке аз мушкилоти асосии рақамикунонии маркетинги бонкӣ дар мамлакатҳои ИДМ ин ақиб мондани заминаи меъёрӣ аз суръати пешрафти технологӣ мебошад. Ин татбиқи технологияҳои пешрафтаро дар соҳаи таҳлили маълумоти калон, мушаххаскунии рақамӣ ва автоматикунонии маркетинг маҳдуд мекунад» [1, с. 35].

Илова бар ин, мураккабӣ ва номуайянии танзими таблиғи рақамӣ ва маркетинги почтаи электронӣ низ ба озодии амалҳои маркетологҳо таъсир мерасонад. Бонкҳо маҷбур мешаванд, ки стратегияҳои рақамии худро дар шароити маҳдуди пешгӯишаванда будани меъёрҳои танзимкунӣ мутобиқ созанд, ки суръати инноватсияҳоро суст ва хароҷоти амалиётро зиёд мекунад. Татбиқи маркетинги самараноки рақамӣ дар бахши бонкӣ бартарафсозии ҳамаҷонибаи монеаҳои инфрасохторӣ, меъёрӣ ва ташкилиро талаб мекунад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дар сурати рушди саводнокии рақамӣ, сармоягузорӣ ба инфрасохтори бехатар, инчунин такмили танзими ҳуқуқӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳамкории рақамӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, дар шароити табдили рақамӣ, фаъолияти маркетингии бонкҳо бояд на танҳо ҳамчун маҷмуи технологияҳо ва воситаҳо, балки ҳамчун як низоми технологияҳои стратегӣ, ки ба устуворӣ, рақобатпазирӣ ва инноватсияҳои бахши бонкӣ дар маҷмуъ таъсир мерасонанд, аз нав баррасӣ карда шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Ахмедов, Р.Х. Регуляторные аспекты цифровой трансформации банковской сферы в СНГ [Текст] / Р.Х. Ахмедов // Банковское дело. – 2023. – № 6. – С. 34–39

2. Валиева, Н.М. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии маркетинги бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.М. Валиева // Номаи донишгох. Силсилаи илмхои табиатшиноси ва иктисоди. – 2024. – № 4(71). – С. 114-121

3. Каримов, Б.Х. Маркетинговые исследования в туристической отрасли Республики Таджикистан / Б.Х. Каримов // ВРЕМЯ НАУКИ: АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ, ДОСТИЖЕНИЯ И ИННОВАЦИИ: сборник статей IV Международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение». –2024. – 336 с.

4. Каримов, Б.Х., Давлаталии, А. Основы возникновения понятия маркетинга и его развитие в Республике Таджикистан / Б.Х. Каримов, А. Давлаталии // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 4. – С. 78-87

5. Каримов, Б.Ҳ., Курбанова, С.М. Рушди таҳқиқоти маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ / Б.Ҳ. Каримов, С.М. Курбанова // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - № 4/2 (70). – С. 119-128

6. Кириллов, А.В. CRM как инструмент повышения конкурентоспособности коммерческого банка / А.В. Кириллов // Социально-экономические явления и процессы. – 2012. – № 12(46). – С. 127-130

7. Курбонов, А.Р. Политика ценообразования в системе банковского маркетинга / А.Р. Курбонов, Л.М. Халимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 4(29). – С. 110-116
8. Қурбонова, Г.Н. Масъалаҳои назариявии маркетинги бонкӣ дар шароити муосир / Г.Н. Қурбонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 4-2(43). – С. 236-242
9. Лебедев, А.Н. Информационная безопасность в цифровой экономике: вызовы и решения / А.Н. Лебедев // Финансовая аналитика: проблемы и решения. — 2022. — № 9(411). – С. 18–22
10. Наша история: Об Алифе: о нас в цифрах [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: https://alif.tj/ru/bank/about-us
11. Digital Progress and Trends Report 2023 [Electronic resource] / Access mode: URL: https://openknowledge.worldbank.org/server/api/core/bitstreams/95fe55e9-f110-4ba8-933f-e65572e05395/content
12. Dong, S., Zhu, K. The Business Value of CRM Systems: A Resource-Based Perspective [Text] / S. Dong, K. Zhu // Proceedings of the 41st Hawaii International Conference on System Sciences. - 2008. – P. 1-12
13. Khatun Munira, M.S. Digital Transformation in Banking: A Systematic Review of Trends, Technologies, and Challenges / M.S. Khatun Munira // Strategic Data Management and Innovation. – 2025. – Vol. 02. - N 1. - P. 78-95
14. McKinsey & Company. Best of both worlds: Balancing digital and physical channels in retail banking», July 13, 2022 [Electronic resource] / Access mode: URL: https://www.mckinsey.com/industries/financial-services/our-insights/integrated-channels-the-next-frontier-beyond-omnichannel-distribution#/
15. World Bank, 2023. Tajikistan Digital Economy Diagnostic. Washington, DC: World Bank Group [Electronic resource] / Access mode: URL: https://documents.worldbank.org/en/publication/documents-reports/documentdetail/899641682062124510/tajikistan-digital-economy-diagnostic

## АННОТАТСИЯ

Дар мақола ҷанбаҳои асосии табдили рақамии маркетинги бонкӣ, ки на танҳо ҷорӣ намудани технологияҳои нав, балки бознигарии стратегии нақши бонк дар иқтисоди рақамӣ мебошад, баррасӣ мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба тағйирот дар амсилаҳои ташкилӣ барои идоракунии фаъолияти маркетингӣ ва воситаҳое дода мешавад, ки ба бунёди муносибатҳои инфиродӣ бо мизоҷон мусоидат мекунанд. Таъкид карда мешавад, ки технологияҳои муосир ба монанди AI, маълумоти калон, низомҳои CRM ва автоматикунонии равандҳо дарки амиқтари ниёзҳои муштариён, дараҷаи баланди фардикунонии хизматрасониҳо ва вокуниши фаврӣ ба тағйироти рафторро таъмин мекунанд.

Се самти асосии маркетинги рақамӣ ҷудо карда мешавад: маркетинги бисёрканалӣ, маркетинги самаранокӣ ва равиши фасеҳ (Agile). Намунаҳои табдили муваффақи рақамии бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар бонкҳои тиҷоратии Алиф Бонк, Ориёнбонк, Амонатбонк ва Бонки Эсхата баррасӣ карда мешаванд. Таҷрибаи онҳо дар татбиқи замимаҳои мобилӣ, низомҳои CRM, воситаҳои таҳлилӣ ва воситаҳои инфиродӣ таҳлил карда шудааст. Истифодаи ин амсилаҳо ва воситаҳо имкон дод, ки садоқати муштариён ва самаранокии маркетинги бонкӣ ба таври назаррас афзоиш ёбад.

Ба мушкилоти марбут ба рақамикунонӣ, аз қабили набудани инфрасохтор ва малакаҳои рақамӣ, монеаҳои танзимкунӣ ва зарурати тағйир додани тафаккури ташкилӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Таъкид карда мешавад, ки табдили рақамӣ муносибати муназзамро талаб мекунад, ки таҷдиди технологӣ, мутобиқсозии фарҳанги корпоративӣ ва рушди салоҳиятҳои кормандонро дар бар мегирад.

Дар ҷамъбаст хулоса бароварда мешавад, ки маркетинги муосири бонкӣ дар шароити рақамикунонӣ ба як унсури ҷудонашавандаи стратегияи рушди устувори бонкҳо табдил ёфта, ба ҳамгироии технологияҳо, маълумот, амсила ва воситаҳои фасеҳи ташкилӣ, таъмини бартариҳои рақобатӣ ва баланд бардоштани сифати таҷрибаи муштариён такя мекунад.

**Калидвожаҳо:** табдили рақамӣ, маркетинги бонкӣ, фардикунонӣ, автоматикунонӣ, воситаҳои таҳлил, технологияҳои молиявӣ, таҷрибаи муштариён, маълумоти калон.

## АННОТАТСИЯ

В статье рассматриваются основные аспекты цифровой трансформации банковского маркетинга, которая представляет собой не только внедрение новых технологий, но и стратегический обзор роли банка в цифровой экономике. Основное внимание уделяется изменениям в организационных моделях управления маркетинговыми мероприятиями и инструментам, способствующим построению индивидуальных взаимоотношений с клиентами. Подчеркивается, что современные технологии, такие как ИИ, большие данные, CRM-системы и автоматизация процессов, обеспечивают более глубокое понимание потребностей клиентов, высокую степень персонализации услуг и быстрое реагирование на поведенческие изменения.

Выделяются три основных направления цифрового маркетинга: многоканальный маркетинг, performance-маркетинг и гибкий подход. Рассматриваются примеры успешной цифровой трансформации банков Республики Таджикистан, в том числе коммерческих банков Алиф Банк, Ориёнбанк, Амонатбанк и Банк Эсхата. Анализируется их опыт внедрения мобильных приложений, CRM-систем, аналитических инструментов и индивидуальных инструментов. Использование этих моделей и инструментов позволило существенно повысить лояльность клиентов и эффективность банковского маркетинга.

Особое внимание уделено вызовам, связанным с цифровизацией, таким как нехватка инфраструктуры и цифровых навыков, нормативные барьеры и необходимость изменения организационного мышления. Подчеркивается, что цифровая трансформация требует системного подхода, включающего технологическую модернизацию, адаптацию корпоративной культуры и развитие компетенций сотрудников.

Подводя итог, делается вывод о том, что современный банковский маркетинг в условиях цифровизации стал неотъемлемым элементом стратегии устойчивого развития банков и опирается на интеграцию технологий, данных, гибких организационных моделей и инструментов, обеспечивая конкурентные преимущества и повышая качество клиентского опыта.
**Ключевые слова:** цифровая трансформация, банковский маркетинг, индивидуализация, автоматизация, аналитические инструменты, финансовые технологии, клиентский опыт, большие данные.

**ANOTATION**

The article discusses the main aspects of the digital transformation of bank marketing, which is not only the introduction of new technologies, but also a strategic review of the bank's role in the digital economy. The main focus is on changes in organizational models for managing marketing activities and tools that help build individual relationships with customers. It is emphasized that modern technologies such as AI, big data, CRM systems and process automation provide a deeper understanding of customer needs, a high degree of personalization of services and a quick response to behavioral changes.

Three main areas of digital marketing are distinguished: multichannel marketing, performance marketing and a flexible approach. Examples of successful digital transformation of banks in the Republic of Tajikistan are considered, including commercial banks Alif Bank, Orienbank, Amonatbank and Bank Eskhata. Their experience in implementing mobile applications, CRM systems, analytical tools and individual tools is analyzed. The use of these models and tools has significantly increased customer loyalty and the effectiveness of bank marketing.

Particular attention is paid to the challenges associated with digitalization, such as the lack of infrastructure and digital skills, regulatory barriers and the need to change organizational thinking. It is emphasized that digital transformation requires a systematic approach, including technological modernization, adaptation of corporate culture and development of employee competencies.

In summary, it is concluded that modern bank marketing in the context of digitalization has become an integral element of the sustainable development strategy of banks and relies on the integration of technologies, data, flexible organizational models and tools, providing competitive advantages and improving the quality of customer experience.
**Keywords:** digital transformation, bank marketing, individualization, automation, analytical tools, financial technologies, customer experience, big data.

**Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич** - муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкӣ. ҷонишини сардори раёсати таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории

Тоҷикистон, , **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
E-mail: **nazr.faizov@mail.ru.** Тел.: **+992 900-14-15-53**

# МУТОБИҚСОЗИИ ТАҶРИБАИ НАЗАРИЯВИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ШАРОИТИ СОҲИБКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Иброҳимзода Одилхон Юлдош-**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои рушди соҳибкории инноватсионӣ, хусусан дар соҳаи саноат аҳамияти стратегӣ пайдо мекунанд. Соҳаи саноати мамлакат, сарфи назар аз мавҷудияти иқтидори захиравӣ ва меҳнатӣ, ба маҳдудиятҳои институтсионалӣ, молиявӣ ва технологӣ дучор меояд. Унсурҳои мавҷудаи инфрасохтори дастгирии фаъолияти инноватсионӣ пароканда буда, ба низоми бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ суст ҳамгиро карда шудаанд. Дар баробари ин, афзоиши рақобати ҷаҳонӣ ва зарурати навсозии технологӣ бозбинии равишҳои мавҷудаи дастгирии муҳити соҳибкориро тақозо мекунанд. Роҳбарияти мамлакат низ ба ин мушкилот аҳамияти хоса медиҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2024) қайд кардаанд: «ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон дар ин ҷода, хусусан, доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ карда шаванд» [8]. Ҳамчунин, Сарвари давлат бо таъкиди зарурати рақамикунонӣ ва рушди инноватсионии мамлакат солҳои 2025-2030-ро ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карданд. Ин мавқеъ афзалияти давлатии навсозии инноватсионии иқтисодиётро инъикос намуда, мубрамии таҳқиқоти мазкурро таъкид мекунад.

Сарфи назар аз мавҷудияти таҳқиқотҳои алоҳида дар соҳаи соҳибкорӣ ва инноватсияҳо [2; 3; 4; 5], дар адабиёти илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон асарҳои мукаммале, ки асосҳои назариявии рушди соҳибкории инноватсиониро ифшо мекунанд, кам ба назар мерасанд. Дарки назариявии падидаи соҳибкорӣ ва инноватсияҳо дар илми иқтисодӣ яке аз мавқеъҳои муҳимро ишғол мекунад, зеро маҳз ҳамин имконият медиҳад, ки механизмҳои рушди иқтисодӣ ва табдили низомҳои истеҳсолӣ шарҳ дода шаванд. Дар тӯли зиёда аз се аср иқтисоддонҳо ва ҷомеашиносон барои муайян кардани моҳияти фаъолияти соҳибкорӣ, вазифаҳо ва нақши он дар ҷомеа равишҳои гуногунро таҳия кардаанд. Дар баробари ин консепсияҳои инноватсияҳо ташаккул ёфтаанд, ки таъсири онҳоро ба равандҳои иқтисодӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ инъикос мекунанд.

Таҳаввулоти мактабҳои илмӣ гузариши ботадриҷро аз баррасии соҳибкорӣ танҳо ҳамчун омили ташкили истеҳсолот ва тақсимоти захираҳо ба фаҳмидани он ҳамчун механизми асосии рушди инноватсионӣ нишон медиҳад. Асарҳои Ҷ. Шумпетер, ки консепсияи мафҳуми «вайронкунии созанда»-ро пешниҳод кардааст ва дар доираи он он соҳибкор миёнарави дигаргунсозиҳо ва навсозӣ ҳисобида мешавад, барои илми муосири иқтисодӣ аҳамияти хоса доранд. Минбаъд назарияҳои инноватсияҳо тавассути ғояҳои муназзамӣ, ҳамкории шабакавӣ ва тарзҳои технологӣ рушд ёфтанд, ки ҳудудҳои таҳлили анъанавиро ба таври назаррас васеъ карданд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он дар марҳилаи дигаргунсозӣ қарор дорад, омӯзиши таҳаввулоти назарияҳои соҳибкорӣ ва инноватсияҳо аҳамияти

амалӣ дорад. Он имкон медиҳад, ки таҷрибаи байналмилалӣ дар ин самт ба шароити маҳаллӣ мутобиқ карда шуда, равишҳои методологии худӣ ҷиҳати омӯзиши шароит ва инфрасохтори соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи саноат таҳия карда шаванд.

Ҳамин тариқ, давраи иқтисоди сиёсии классикӣ ба таври ҳақиқӣ нуқтаи ибтидоии таҳлили муназзами назарияҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин давра аввалин андешаҳои илмӣ дар бораи соҳибкор ҳамчун миёнарави асосии низоми бозор ташаккул ёфтанд.

Падидаи соҳибкорӣ бори нахуст дар доираи илми иқтисоди сиёсии классикии асри XVIII – нимаи аввали XIX, вақте ки асосҳои низоми бозорӣ ташаккул ёфта, муносибатҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд омада буданд, дарк карда шудааст. Дар он давра соҳибкор пеш аз ҳама ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ, ки нақши миёнаравро дар байни истеҳсолот ва бозор иҷро мекард, баррасӣ мешуд ва фаъолияти он бо ташкили истеҳсолот, тақсимоти захираҳо ва хавфҳо алоқаманд буд.

Иқтисоддони фаронсавии аслан ирландӣ Р. Кантиллон яке аз аввалинҳо шуда мафҳуми «соҳибкор»-ро ба доираи муомилоти илмӣ ворид намудааст. Вай соҳибкорро ҳамчун субъекте меҳисобид, ки захираҳоро бо нархи муқарраршуда ба даст меорад, аммо натиҷаҳои онҳоро дар шароити бозори номуайян мефурӯшад. Ҳамин тавр, соҳибкор «барандаи хавф мегардад, ки вобаста ба вазъи бозор талафот ё фоидаи имконпазирро ба дӯши худ мегирад» [9, с. 55].

Дар асарҳои А. Смит («Сарвати миллатҳо», 1776) соҳибкор ҳамчун омили алоҳидаи мустақил амал накардааст, вале дар консепсияи ӯ оид ба тақсимоти меҳнат ва «дасти ноаёни бозор» унсурҳои дарки нақши соҳибкорро пайдо кардан мумкин аст. А. Смит қайд кардааст, ки соҳиби корхона (undertaker) сармоя гузошта, меҳнати кормандонро ташкил менамояд ва истеҳсолотро барои қонеъ гардондани талаботи бозор равона мекунад [18, с. 120].

Иқтисоддони француз Ж.-Б. Сэй («Рисолаи иқтисоди сиёсӣ», 1803) аввалин шуда соҳибкорро ҳамчун истилоҳи махсуси иқтисодии аз соҳиби сармоя фарққунанда муайян намудааст. Ба ақидаи ӯ соҳибкор субъекти фаъолест, ки омилҳои истеҳсолот (замин, меҳнат, сармоя)-ро бо ҳам мепайвандад, истифодабарии онҳоро ҳамоҳанг менамояд ва ҳаракати истеҳсолотро таъмин мекунад. Ж.-Б. Сэй ба вазифаи соҳибкор ҳамчун ташкилотчӣ ва ҳамоҳангсоз таваҷҷуҳ намуда, нақши ҳалкунандаи ӯро дар низоми иқтисодӣ таъкид кардааст [16, с. 89].

Сарфи назар аз саҳми олимони классик дар ташаккули фаҳмиши ибтидоии соҳибкорӣ, равишҳои онҳо як қатор маҳдудиятҳо доштанд. Аввалан, соҳибкор ба таври муқаррарӣ ҳамчун субъекте баррасӣ мешуд, ки танҳо захираҳоро бо ҳам мепайвандад ва бидуни таваҷҷуҳ ба вазифаи инноватсионии худ таваккал менамояд. Дуюм, дар назарияи классикӣ шарҳи он ба назар намерасид, ки чӣ гуна соҳибкор бо ёрии навовариҳо ба рушди иқтисодӣ саҳм мегузорад. Ин холигоҳ баъдтар тавассути асарҳои Ҷ. Шумпетер [17], ки фаъолияти инноватсиониро ба унсури марказии соҳибкорӣ табдил додааст, пур карда шуд.

Дар ҷадвали 1 равишҳои мактаби классикӣ ҷиҳати дарки моҳияти соҳибкорӣ оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Равишҳои мактаби классикӣ ҷиҳати дарки моҳияти соҳибкорӣ**

| Муалиф | Тавсифи асосии соҳибкор | Вазифаи асосӣ | Маҳдудиятҳои равиш |
|---|---|---|---|
| Р. Кантиллон [9, с. 55] | Субъекте, ки захираҳоро бо нархи муқарраршуда мехарад ва маҳсулоти аз онҳо ҳосилшударо дар бозори номуайян мефурӯшад. | Барандаи хавфе, ки номуайяниро қабул мекунад. | Вазифаи инноватсионӣ баррасӣ карда намешавад. |
| Ҷ.С. Милл [14, с. 210] | Субъекти якҷоякунандаи молики сармоя ва идоракунандаи истеҳсолот. | Идоракунии раванди истеҳсолӣ. | Мустақилияти вазифаи соҳибкорӣ таъкид нашудааст. |
| А. Смит [18, с. 120] | Соҳиби корхона, ки сармоя мегузорад ва истеҳсолотро ташкил мекунад. | Ташкилкунандаи раванди хоҷагидорӣ. | Соҳибкор ҳамчун мафҳуми алоҳида ҷудо карда нашудааст. |
| Ж.-Б. Сэй [16, с. 89] | Ҳамоҳангсози омилҳои истеҳсолӣ (замин, меҳнат, сармоя), ки онҳоро ба як низоми ягона пайваст мекунад. | Ташкил ва ҳамоҳангсозии захираҳо. | Таваҷҷуҳи нокифоя ба пӯёи рушд ва инноватсияҳо. |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Тавре аз муҳтавои ҷадвали 1 ба назар мерасад, дар доираи мактаби классикӣ соҳибкор дар ҷанбаҳои гуногун дарк карда мешуд: ҳамчун таваккалкунанда – барандаи хавф (Р. Кантиллон), ташкилотчии истеҳсолот (А. Смит), ҳамоҳангсози омилҳо (Ж.-Б.Сэй), сармоядор ва идоракунанда (Ҷ.С. Милл). Аммо дар ҳама ҳолатҳо, соҳибкор асосан ҳамчун унсури раванди иқтисодӣ, бидуни таъкид кардани рисолати инноватсионии худ баррасӣ мешуд.

Ҳамин тариқ, мактаби классикӣ барои омӯзиши минбаъдаи соҳибкорӣ, муайян кардани он тавассути хавф (таваккал), ташкил ва ҳамоҳангсозӣ замина гузошт. Аммо маҳдудияти тафсири он боиси рушди самтҳои нав гардид, ки таҳлили соҳибкориро ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ бо унсури инноватсионӣ, андозагирии институтсионалӣ ва вазифаҳои иҷтимоӣ мукаммал намуд.

Дар адабиёти иқтисодии мамлакатҳои пасошуравӣ (аз ҷумла, Россия) низ тафсирҳои классикии соҳибкорӣ ба таври васеъ инъикос ёфта, аз назари танқидӣ арзёбӣ карда шудаанд. Ҳамин тавр, Д.С. Лвов таъкид кардааст, ки дар асарҳои Р. Кантиллон, А. Смит ва Ж.-Б. Сэй соҳибкор пеш аз ҳама ҳамчун соҳиби сармоя (капиталист) ва ташкилотчии истеҳсолот дида мешуд, вале вазифаи инноватсионии он берун аз назар мемонад. Ба андешаи муҳаққиқ, «маҳз ҳамин норасоӣ дар асри XX ба рушди минбаъдаи назарияи соҳибкорӣ ангеза бахшид, вақте ки акнун ба инноватсияҳо ҳамчун манбаи рушди иқтисодӣ таваҷҷуҳ дода мешуд» [7, с. 45].

Дар ибтидои асри XX дар доираи парадигмаи неоклассикӣ ғояҳои мактаби классикӣ аз нав баррасӣ карда шуданд, ки дар рушди назарияи соҳибкорӣ қадами муҳим гардид. Дар ин ҷо омили асосӣ хоҳиши муҳаққиқон барои муайян кардани вазифаи хоси соҳибкор дар шароити ноустувор ва номуайянии муҳити бозор буд. Агар Р. Кантиллон ва Ж.-Б. Сэй соҳибкориро пеш аз ҳама ташкилкунанда ва ҳамоҳангсози омилҳои истеҳсолот ҳисоб мекарданд, пас дар тафсири неоклассикӣ таъкид ба нақши соҳибкор ҳамчун субъекти кабулкунандаи қарор дар шароити хавф мегузарад.

Дар ин қарина асари бунёдии Ф. Найт бо номи «Хавф, номуайянӣ ва фоида» (1921), ки дар он аввалин шуда тафовути истилоҳҳои «хавф» (таваккал) ва «номуайянӣ» равшан карда шудааст, аҳамияти махсус дорад. Ба гуфтаи Ф. Найт, «хавфро метавон андозагирӣ ва ҳисоб кард, дар ҳоле ки номуайяниро дақиқ муайян кардан ғайриимкон аст. Маҳз қобилияти соҳибкор ҷиҳати дар шароити номуайянӣ амал кардан, ба дӯш гирифтани масъулият барои натиҷаи қарорҳои иқтисодӣ, ӯро аз дигар иштирокдорони раванди иқтисодӣ фарқ мекунонад» [12, с. 19]. Ҳамин тариқ, соҳибкор барандаи вазифаи беназир мегардад, ки ҳуқуқи ӯро ба фоида асоснок мекунад.

Дар баробари Ф. Найт дар рушди мактаби неоклассикӣ И. Фишер, ки дар асари худ «Назарияи манфиат» (1930) соҳибкориро аз нигоҳи афзалиятҳои замон ва интизории фоида баррасӣ кардааст, саҳми арзанда гузоштааст. И. Фишер таъкид кардааст, ки соҳибкор субъекти иқтисодист, ки имрӯз ва ояндаро тавассути қарорҳои сармоягузорӣ, ки барои ба даст овардани даромад дар шароити номуайянӣ нигаронида шудаанд, мепайвандад [10, с. 72].

Ин ғояҳо ба рушди минбаъдаи назарияи иқтисодӣ таъсири бузург расонида, имкон доданд, ки соҳибкорӣ на танҳо ҳамчун вазифаи ташкилӣ, балки ҳамчун раванди мушаххаси идоракунии хавфҳо баррасӣ шавад.

Дар ҷадвали 2 равишҳои мактаби неоклассикӣ ҷиҳати дарки моҳияти соҳибкорӣ оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2. Равишҳои мактаби неоклассикӣ ҷиҳати дарки моҳияти соҳибкорӣ**

| Муаллиф | Таърифи соҳибкор | Саҳм дар назария |
|---|---|---|
| Ф. Найт [12, с. 19] | Соҳибкор субъектест, ки қодир аст дар шароити номуайянӣ, ки аз хавфи ченшаванда фарқ мекунад, қарор қабул кунад. | Муайян кардани вазифаи беназири номуайянӣ; шарҳ додани фоида ҳамчун подош барои гирифтани хавф. |
| И. Фишер [10, с. 72] | Соҳибкор имрӯз ва ояндаро тавассути қабули қарорҳои сармоягузорӣ бо назардошти интизориҳои фоида пайваст мекунад. | Робитаи соҳибкорӣ бо назарияи фоизҳо ва афзалиятҳои байнивақтӣ. |
| Д.С. Лвов [7, с. 63] | Соҳибкор қобилияти қабули қарорҳоро дар шароити маълумоти нопурра амалӣ намуда, табдили хавфҳоро ба натиҷаҳои иқтисодӣ таъмин менамояд. | Дарки нақши соҳибкор дар иқтисоди давраи гузариш. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, мактаби неоклассикии соҳибкорӣ дар дарки моҳияти он равишҳои ба куллӣ навро ворид кард. Намояндагони мактаби неоклассикӣ дар тафовут аз намояндагони мактаби классикӣ, ки ба ҷанбаҳои ташкилӣ ва идоракунӣ таваҷҷуҳ мекарданд, вазифаи асосии соҳибкор – қобилияти амал кардан дар шароити номуайяниро ошкор карданд. Ин имкон дод, ки на танҳо моҳияти иқтисодии фоида аниқ карда шавад, балки инчунин устувории соҳибкорӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоию иқтисодӣ шарҳ дода шавад.

Марҳилаи муҳими рушди назарияи соҳибкорӣ ташаккули равиши институтсионалӣ мебошад, ки дар он соҳибкорӣ ҳамчун падидаи миёнаравии низоми меъёрҳо ва ниҳодҳо баррасӣ мешавад. Асосгузори институтсионализм Торштейн Веблен ба шумор меравад. Ӯ дар асари худ «Назарияи корхонаи тиҷоратӣ» (1904) таъкид кардааст, ки фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо бо ҳисобкуниҳои иқтисодӣ, балки дар асоси одатҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои институтсионалӣ ва низоми арзишҳои ҷомеа муайян карда мешавад [19, с. 112].

Ин ғояҳо баъдтар аз ҷониби Дуглас Норт рушд дода шудаанд. Ӯ дар китоби худ «Ниҳодҳо, тағйироти институтсионалӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ» (1990) изҳор мекунад, ки «соҳибкорӣ метавонад танҳо дар сурати мавҷуд будани ниҳодҳои расмӣ ва

ғайрирасмӣ, ки хароҷоти муомилотро коҳиш медиҳанд ва эътимодро ба иқтисодиёт таъмин мекунанд, самаранок рушд ёбад» [15, с. 56].

Ҳамин тариқ, назарияи институтсионалӣ таҳқиқи соҳибкориро аз доираи мафҳумҳои маҳдуди иқтисодӣ берун баровардааст. Агар мактаби неоклассикӣ ба оқилонагӣ, таваккал ва ҳамоҳангсозии омилҳои истеҳсолӣ тамаркуз мекард, институтсионализм нишон дод, ки соҳибкорӣ на танҳо мафҳуми иқтисодӣ, балки мафҳуми иҷтимоӣ низ мебошад. Соҳибкор на танҳо таваккалкунанда, балки субъекте мебошад, ки бо низоми меъёрҳои иҷтимоӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва ниҳодҳо, ки имконият ва ҳудудҳои фаъолияти онро муайян мекунанд, ҳамгиро аст. Яъне барои рушди босамари соҳибкории инноватсионӣ на танҳо омилҳои иқтисодӣ, балки шароити институтсионалӣ – сифати қонунгузорӣ, сатҳи эътимод, рушди инфрасохтори молиявӣ ва инноватсиониро низ ба назар гирифтан лозим аст.

Барои равшании бештар андохтан, дар ҷадвали 3 равишҳои асосии намояндагони институтсионализм ва муҳаққиқони муосир оварда шудааст, ки нақши ниҳодҳоро дар ташаккули муҳити соҳибкорӣ ифшо мекунанд.

**Ҷадвали 3. Равишҳои мактаби институтсионалӣ ҷиҳати тафсири соҳибкорӣ**

| Муаллиф | Таърифи соҳибкорӣ | Саҳм дар назария |
|---|---|---|
| Т. Веблен [19, с. 112] | Соҳибкорӣ на танҳо аз рӯйи ҳисобкуниҳои иқтисодӣ, балки бо одатҳои иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва низоми арзишҳои ҷомеа низ муайян карда мешавад. | Асосноккунии нақши меъёрҳои иҷтимоӣ дар тиҷорат. |
| Д. Норт [15, с. 56] | Соҳибкории самаранок бо мавҷудияти ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки хароҷоти муомилотро кам мекунанд, имконпазир аст. | Таҳияи мафҳуми ниҳодҳо ҳамчун «қоидаҳои бозӣ». |
| О.Е. Бессонова [1, с. 73] | Соҳибкорӣ дар иқтисодиёти давраи гузариш хусусияти дугонӣ дорад: он бо ислоҳот ҳавасманд карда мешавад, вале ниҳодҳои заиф онро маҳдуд мекунанд. | Таҳлили хусусиятҳои соҳибкорӣ дар иқтисодиёти давраи гузариш. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, назарияи институтсионалии соҳибкорӣ доираи дарки илмии худро хеле васеъ кардааст. Акнун соҳибкор на танҳо ҳамчун субъект – миёнарави иқтисодӣ, балки ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, ки дар низоми ниҳодҳо ҷойгир шудааст, баррасӣ карда шавад. Барои мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рӯ ба рушд, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин равиш махсусан муҳим аст, зеро маҳз муҳити институтсионалӣ омили асосии муайянкунандаи муваффақият ё маҳдудияти фаъолияти соҳибкорӣ мегардад.

Баррасии мактабҳои классикӣ, неоклассикӣ ва институтсионалӣ нишон дод, ки равишҳои назариявӣ ҷиҳати омӯзиши падидаи соҳибкорӣ тадриҷан мураккабтар мешаванд: аз дарки соҳибкор ҳамчун ташкилотчии истеҳсолот то таҳлили нақши ӯ дар шароити номуайянӣ ва маҳдудиятҳои институтсионалӣ. Марҳилаи муҳими навбатии рушди тафаккури иқтисодӣ бо ташаккули назарияҳои мустақили инноватсияҳо алоқаманд аст, ки диди муосири соҳибкориро муайян кардааст. Маҳз дар ҳамин назарияҳо соҳибкор на танҳо ҳамчун ҳамоҳангсози захираҳо ё барандаи таваккал, балки ҳамчун миёнарави асосии дигаргуниҳои технологӣ ва тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт муаррифӣ карда мешавад.

Саҳми аз ҳама муҳимро дар рушди назарияи инноватсияҳо Ҷ. Шумпетер гузоштааст. Ӯ дар асари худ «Назарияи рушди иқтисодӣ» (1934) мафҳуми соҳибкори инноватсиониро ба доираи муомилоти илмӣ ворид намуда, онро ҳамчун субъекти ҷорикунандаи омезиши нави омилҳои истеҳсолӣ муайян кардааст. Ба ақидаи Ҷ. Шумпетер «маҳз соҳибкори инноватсионӣ раванди «вайронкунии созанда»-ро ба кор медарорад, ки дар рафти он технология ва сохторҳои кӯҳна ҷойи худро ба технология ва сохторҳои нав дода, пӯёи рушди иқтисодиро таъмин менамоянд» [17, с. 69].

Марҳилаи муҳими дигари таҳаввулоти назарияҳои инноватсияҳо таҳқиқоти Н.Д. Кондратев буд, ки консепсияи даврҳои дарозмуддати иқтисодиро таҳия кардааст. Дар

асари ӯ «Даврҳои калони конъюнктура» (1925) нишон дода шудааст, ки рушди иқтисодиёт табиатан мавҷмонанд буда, ҳар як «мавҷи дароз» тақрибан 40–60 сол давом мекунад ва бо дигаргуниҳои технологӣ ҳамрадиф аст [6, с. 28].

Аз миёнаҳои асри XX, таваҷҷуҳи таҳқиқот аз қарорҳои алоҳидаи соҳибкорӣ ба амсилаҳои муназзам ва шабакавии рушди инноватсионӣ гузашт. Кристофер Фримен ва Бенгт-Анке Лундвалл дар ин ҷо саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ҷумла, К. Фримен дар асари худ «Иқтисоди инноватсияҳои саноатӣ» (1997) консепсияи низоми миллии инноватсиониро асоснок кардааст, ки дар он муваффақияти инноватсияҳо на танҳо аз соҳибкори алоҳида, балки аз тамоми маҷмуи ниҳодҳо – донишгоҳҳо, марказҳои таҳқиқотӣ, корпоратсияҳо ва сохторҳои давлатӣ вобаста аст [11, с. 12].

Б. Лундвалл ин ғояро дар китоби худ «Низомҳои миллии инноватсия: сӯйи назарияи инноватсия ва омӯзиши интерактивӣ» (1992) рушд дода, таъкид кардааст, ки инноватсияҳо натиҷаи омӯзиши интерактивӣ ва ҳамкории субъектҳои гуногун – тиҷорат, илм ва давлат мебошанд [13, с. 34]. Ҳамин тариқ, соҳибкории инноватсионӣ дар ин ҷо ҳамчун унсури экосистемаи васеъ баррасӣ мешавад, ки муваффақият аз ҳамкориҳои шабакавӣ вобаста аст.

Таҳаввули ақидаҳо оид ба тинати соҳибкорӣ ва инноватсияҳо – аз мактаби классикӣ то институтсионализм ва консепсияи мавҷҳои дароз – нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ ҳамеша дар маркази равандҳои дигаргунсозӣ дар иқтисодиёт буд. Бо вуҷуди ин, чолишҳои асри XXI, ки бо рақамикунонӣ, ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба иқтисодиёти донишҳо алоқаманданд, равишҳои наверо талаб мекунанд, ки нақши соҳибкорӣ дар низомҳои мураккаб, пӯён ва шабакавиро шарҳ медиҳанд. Ин аст, ки дар илми иқтисодии муосир як қатор мактабҳо пайдо шудаанд, ки вазифаҳои соҳибкор ва инноватсияҳоро аз нав баррасӣ намуда, ба ҳамкории экосистема, инноватсияҳои кушод ва шаклҳои рақамии тиҷорат тамаркуз мекунанд.

Назарияи соҳибкории экосистемавӣ рушди инноватсиониро натиҷаи ҳамкории субъектҳои зиёд – тиҷорат, давлат, ташкилотҳои илмӣ, сохторҳои венчурӣ ва истеъмолкунандагон мешуморад. Дар ин ҷо соҳибкор на танҳо ҳамчун манбаи ғояҳо, балки ҳамчун ҳамоҳангсози шабакаи мураккаби муносибатҳои байниҳамдигарӣ амал мекунад. Ба фароҳам овардани шароит барои рушди худ ва устувории низом, ки дар он муҳити институтсионалӣ, сатҳи эътимод ва мавҷудияти инфрасохтори махсусгардонидашуда (инкубаторҳо, акселераторҳо, паркҳои технологӣ) нақши муҳим доранд, таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Ин равиш ба консепсияи «печони сегона» (донишгоҳ - тиҷорат - давлат) наздик аст, аммо фаротар аз он аст, бо дарбар гирифтани аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ ва платформаҳои рақамӣ.

Бо рушди технологияҳои инқилоби чоруми саноатӣ (Industry 4.0) мактаби нав – соҳибкории рақамӣ ташаккул меёбад. Он ба платформаҳои рақамӣ, маълумоти калон, зеҳни сунъӣ, роботикунонӣ ва Интернети ашё ҳамчун асоси амсилаҳои тиҷорати оянда тамаркуз мекунад. Соҳибкор дар ин ҷо ҳамчун меъмори экосистемаҳои рақамӣ амал намуда, тавассути ҳамгироии технологияҳо ва хизматрасониҳои инноватсионӣ арзиш эҷод мекунад. Соҳибкории рақамӣ барои васеъ кардани миқёсҳои тиҷорат бидуни хароҷоти зиёди моддӣ имконият фароҳам меорад, аммо ҳамзамон талаботро ба амнияти киберӣ, моликияти зеҳнӣ ва мутобиқшавии корхонаҳо ба муҳити зудтағйирёбанда зиёд мекунад.

Дар анҷоми баррасии таҳаввулоти назарияҳои соҳибкорӣ ва инноватсияҳо саҳми олимони тоҷикро, ки дастовардҳои илми ҷаҳониро ба шароити иҷтимоию иқтисодии миллӣ мутобиқ мекунанд, таъкид кардан лозим аст. Чунин таҳқиқот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дорад ва ба бартараф кардани мушкилоти мушаххаси иқтисодиёти рӯ ба рушд нигаронида шудаанд.

Тафаккури назариявии олимони тоҷик дар соҳаи соҳибкорӣ баъди ба даст овардани истиқлолият ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ташаккул ёфтааст. Аз ибтидо он ба таҳқиқи ақидаҳои классикон – Ҷ. Шумпетер, Ж.-Б. Сэй, Р. Кантиллон, намояндагони назарияи неоклассикӣ – Ф. Найт, И. Фишер, Д.С. Лвов ва назарияи институтсионалӣ –

Т. Веблен, Д. Норт, О.Е. Бессонова ва дигарон асос ёфтааст. Муҳаққиқони тоҷик аз қабили Н.Ш. Валиев [2], М.Д. Зиёева [3] ва дигарон барои дарк кардани соҳибкорӣ ҳамчун муҳаррики асосии дигаргунсозиҳои сохтории иқтисодиёт замина гузоштаанд. Дар асарҳои онҳо таъкид шудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкор на танҳо вазифаҳои анъанавии иқтисодӣ, балки нақши иҷтимоӣ (муътадилгардонӣ, таъмини шуғл ва ҳамгироӣ, ба муносибатҳои бозорӣ ҷалб намудани аҳолӣ)-ро низ иҷро мекунад. Диққати асосӣ ба нақши соҳибкор дар рафъи нобарориҳои давраи гузариш, аз қабили ниҳодҳои заиф, инҳисори бозорҳо, дастрасии маҳдуд ба захираҳо дода мешавад.

Муҳаққиқони тоҷик як қатор маҳдудиятҳои муназзамро қайд мекунанд, ки нусхабардории бевоситаи амсилаҳои хориҷии соҳибкории инноватсиониро душвор мегардонанд:

– монеаҳои институтсионалӣ (рушди сусти ниҳодҳои рамсӣ – ҳифзи ҳуқуқи моликият, волоияти қонун, коҳиши монеаҳои маъмурӣ, таъсири қавии монеаҳои ғайрирасмӣ, аз қабили ришвагирӣ, ангезаҳои фаъолияти инноватсиониро таҳриф мекунанд);

– холигии инфрасохтор (дастрасии маҳдуд ба инфрасохтори молиявии муосир, аз қабили сармояи венчурӣ, қарзҳои «дароз», рушди нокифояи инфрасохтори иттилоотӣ ва машваратӣ);

– нарасидани кормандон («фирори мағзҳо», низоми сусти омодасозии кормандон - мутахассисони муҳандисию техникӣ, надоштани салоҳиятҳои касбие, ки барои амалисозии инноватсияҳои саноатӣ заруранд);

– омили равонию фарҳангӣ (дар ҷомеа парҳез аз таваккал ва таваҷҷуҳи зиёд ба фаъолияти кӯтоҳмуддати тиҷоратию миёнаравӣ мушоҳида мешавад, на ба сармоягузории дарозмуддат ба инноватсияҳо, ки даромади онҳо номуайян аст).

Ҳамин тариқ, мактаби илмии тоҷик дар назарияи умумии соҳибкорӣ ва инноватсияҳо саҳми арзанда гузошта, ба хусусиятҳои рушди онҳо дар шароити иқтисодиёти рӯ ба рушд бо захираҳои маҳдуд таваҷҷуҳ мекунад. Ин далели он аст, ки рушди бомуваффақияти соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на интиқоли бевосита, балки ба таври эҷодӣ мутобиқ кардани назарияҳои хориҷиро бо назардошти хусусиятҳои институтсионалӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии мамлакат талаб мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Бессонова, О.Е. Институциональная экономика [Текст] / О.Е. Бессонова. – М.: ИНФРА-М, 2006. – 224 с.

2. Валиев, Н.Ш., Амонов, С.С., Асрорзода, А.С. Нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди устувори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ш. Валиев, С.С. Амонов, А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – № 1(51). – С. 63-75

3. Зияева, М.Д. Современный подход к теории предпринимательства / М.Д. Зияева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 1. – С. 23-30

4. Каримов, Б.Ҳ., Ғуломов, З.Т. Рушди назорати дохилӣ чун воситаҳои баландбардории самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои аудиторӣ / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 3(32). – С. 71-76

5. Каримов, Б.Х., Каримиён, М.Б. Формирование системы бухгалтерского учета и организация бухгалтерской работы в экономических субъектах / Б.Х. Каримов, М.Б.

Каримиён // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2024. - № 3 (53). – С. 150-156

6. Кондратьев, Н.Д. Большие циклы конъюнктуры / Н.Д. Кондратьев. – М.: Экономика, 1925. – 210 с.

7. Львов, Д.С. Наука и инновации в переходной экономике / Д.С. Львов. – М.: Наука, 2002. – 312 с.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.president.tj/event/missives/49225

9. Cantillon, R. Essai sur la nature du commerce en général / R. Cantillon. – London: Fletcher Gyles, 1755. – 430 p.

10. Fisher, I. The Theory of Interest, as determined by Impatience to Spend Income and Opportunity to Invest it / I. Fisher. – New York: Macmillan, 1930. – 566 p.

11. Freeman, C. The Economics of Industrial Innovation / C. Freeman. – 3rd ed. – Cambridge, MA: MIT Press, 1997. – 470 p.

12. Knight, F.H. Risk, Uncertainty and Profit / F.H. Knight. – Boston: Houghton Mifflin, 1921. – 381 p.

13. Lundvall, B.A. National Systems of Innovation: Towards a Theory of Innovation and Interactive Learning / B.-A. Lundvall. – London: Pinter, 1992. – 342 p.

14. Mill, J.S. Principles of Political Economy with Some of Their Applications to Social Philosophy / J.S. Mill. – London: John W. Parker, 1848. – 1012 p.

15. North, D.C. Institutions, Institutional Change and Economic Performance / D.C. North. – Cambridge: Cambridge University Press, 1990. – 159 p.

16. Say, J.-B. Traité d'économie politique / J.-B. Say. – Paris: Deterville, 1803. – 499 p.

17. Schumpeter, J.A. The Theory of Economic Development: An Inquiry into Profits, Capital, Credit, Interest, and the Business Cycle / J.A. Schumpeter. – Cambridge, MA: Harvard University Press, 1934. – 255 p.

18. Smith, A. An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations / A. Smith. – London: W. Strahan and T. Cadell, 1776. – 587 p.

19. Veblen, T. The Theory of Business Enterprise / T. Veblen. – New York: Charles Scribner's Sons, 1904. – 400 p.

## МУТОБИҚСОЗИИ ТАҶРИБАИ НАЗАРИЯВИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ШАРОИТИ СОҲИБКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба таҳлили муназзами таҳаввулоти ақидаҳои назариявӣ оид ба моҳияти соҳибкорӣ ва инноватсияҳо ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисодӣ бахшида шудааст. Мубрам будани таҳқиқот ба аҳамияти стратегии рушди соҳибкории инноватсионии саноатӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи дигаргуншавӣ қарор дорад ва бо чолишҳои институтсионалӣ ва инфрасохторӣ рӯ ба рӯ аст, вобаста

мебошад.Дар таҳқиқот пайдошавӣ ва рушди мактабҳои илмӣ пайваста мавриди баррасӣ қарор мегирад: аз иқтисоди сиёсии классикӣ (Р. Кантиллон, А. Смит, Ж.-Б. Сэй), ки дар он соҳибкор ҳамчун ташкилотчии истеҳсолот ва барандаи таваккал баррасӣ мешавад, тавассути равиши неоклассикӣ (Ф. Найт), ки ба нақши номуайянӣ тамаркуз мекунад, то назарияи институтсионалӣ (Т. Веблен, Д. Норт), ки аҳамияти ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмиро ифшо мекунад. Ба саҳми инқилобии Ҷ. Шумпетер, ки соҳибкорро ҳамчун миёнарави «вайронкунии созанда» муайян карда буд ва рушди минбаъдаи ғояҳои ӯ дар консепсияҳои низомҳои инноватсионии миллӣ (К. Фримен, Б. Лундвалл) ва соҳибкории экосистемавӣ диққати махсус дода мешавад.Мақсади мақола мутобиқсозии таҷрибаи назариявии байналмилалӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф чунин муқарраротро асоснок мекунад, ки рушди бомуваффақияти соҳибкории инноватсионӣ на нусхабардории бевосита, балки мутобиқсозии эҷодии амсилаҳои хориҷиро бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, аз ҷумла рафъи монеаҳои институтсионалӣ, камбудиҳои инфрасохторӣ ва норасоии кормандон тақозо мекунад. Маводи мақола ҳамчун заминаи назариявӣ ва методологӣ барои таҳияи механизмҳои амалии дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ ба кор бурда мешавад.

**Калидвожаҳо:** соҳибкор, назарияи соҳибкорӣ, иқтисодиёти рӯ ба рушд, инноватсияҳо, таҳаввулоти мактабҳои илмӣ, иқтисоди сиёсии классикӣ, назарияи инноватсияҳо, назарияи институтсионалӣ, низоми миллии инноватсионӣ, инфрасохтори соҳибкории инноватсионӣ.

## АДАПТАЦИЯ МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕОРЕТИЧЕСКОГО ОПЫТА К УСЛОВИЯМ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена системному анализу эволюции теоретических взглядов на сущность предпринимательства и инноваций как основных факторов экономического развития. Актуальность исследования обусловлена стратегическим значением развития инновационного промышленного предпринимательства для экономики Республики Таджикистан, находящейся в период трансформации и сталкивающейся с институциональными и инфраструктурными вызовами. В исследовании системно рассматривается становление и развитие научных школ: от классической политической экономии (Р. Кантильон, А. Смит, Ж.-Б. Сэй), в которой предприниматель рассматривается как организатор производства и человек, принимающий риск, через неоклассический подход (Ф. Найт), акцентирующий роль неопределенности, к институциональной теории (Т. Веблен, Д. Норт), раскрывающей значение формальных и неформальных институтов. Особое внимание уделено революционному вкладу Й. Шумпетера, определившего предпринимателя как посредника «созидательного разрушения», и дальнейшему развитию его идей в концепциях национальных инновационных систем (К. Фримен, Б. Лундвалл) и экосистемного предпринимательства.Целью статьи является адаптация международного теоретического опыта к условиям Республики Таджикистан. Автор обосновывает положение о том, что для успешного развития инновационного предпринимательства необходимо не прямое копирование, а творческая адаптация зарубежных моделей с учетом национальных особенностей, включая устранение институциональных барьеров, инфраструктурных недостатков и дефицита кадров.Материалы статьи могут быть использованы в качестве теоретической и методической основы для разработки практических механизмов поддержки инновационного предпринимательства в промышленном секторе республики.

**Ключевые слова:** предприниматель, теория предпринимательства, развивающаяся экономика, инновации, эволюция научных школ, классическая политическая экономия, теория инноваций, институциональная теория, национальная инновационная система, инфраструктура инновационного предпринимательства.

**ADAPTATION OF INTERNATIONAL THEORETICAL EXPERIENCE TO THE ENTREPRENEURIAL CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article is devoted to the system analysis of the evolution of theoretical views on the essence of entrepreneurship and innovation as the main factors of economic development. The relevance of the study is due to the strategic importance of the development of innovative industrial entrepreneurship for the economy of the Republic of Tajikistan, which is in a period of transformation and faces institutional and infrastructural challenges.

The study systematically examines the formation and development of scientific schools: from classical political economy (R. Cantillon, A. Smith, J.-B. Say), in which the entrepreneur is considered as an organizer of production and a person taking risks, through the neoclassical approach (F. Knight), emphasizing the role of uncertainty, to institutional theory (T. Veblen, D. North), revealing the importance of formal and informal institutions. Particular attention is paid to the revolutionary contribution of J. Schumpeter, who defined the entrepreneur as a mediator of "creative destruction", and the further development of his ideas in the concepts of national innovation systems (K. Freeman, B. Lundvall) and ecosystem entrepreneurship.

The purpose of the article is to adapt international theoretical experience to the conditions of the Republic of Tajikistan. The author substantiates the position that for the successful development of innovative entrepreneurship it is necessary not to directly copy, but to creatively adapt foreign models taking into account national characteristics, including the elimination of institutional barriers, infrastructural deficiencies and personnel shortages.

The materials of the article can be used as a theoretical and methodological basis for the development of practical mechanisms to support innovative entrepreneurship in the industrial sector of the republic.

**Keywords:** entrepreneur, entrepreneurship theory, developing economy, innovation, evolution of scientific schools, classical political economy, innovation theory, institutional theory, national innovation system, infrastructure of innovative entrepreneurship.

**Иброҳимзода Одилхон Юлдош-**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Тел.: (+992) 918-84-34-10. E-mail: ibrohimov_odil@mail.ru.

## САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ЯКЕ РОҲҲОИ АСОСИ БАРОИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Талбаков Лутфулло Қурбонович.-**унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДДК.

Дар замони муосир сайёҳӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба рушди тамоми соҳаҳои инфрасохтор таъсир мерасонад. Сайёҳии муосир дар заминаи ташаккули идоракунии мукаммали инфрасохтори нақлиётӣ,хизматрасонии иҷтимоӣ рушд ёфта, дар натиҷа ба соҳаи сердаромади иқтисодиёт метавонад мубаддал мегардад. Ҳамзамон, дар миқёси байналхалқӣ сайёҳӣ ҳамчун соҳаи зудинкишофёбанда на танҳо аз нигоҳи рушди иқтисод, воридоти асъор ва болоравии дараҷаи шуғл, инчунин барои ташаккули шуури фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, пойдории сулҳ ва эътирофи ҳамкории байналхалқӣ баҳо дода мешавад.

Таркибан сайёҳӣ ду низомро дар худ муттаҳид месозад, яъне иқтисодӣ ва иҷтимоӣ,ки ҳар яке дар навбати худ аз зернизомҳо иборатанд.Муносибатҳои иҷтимоӣ дар бахши сайёҳӣ дар амалигардонии ҳуқуқҳои сайёҳон барои истироҳат, фароғат, ҳаракати

озод, ҳуқуқ барои табобати санаторию-курортӣ, тамошои арзишҳои фарҳангӣ ва ғайра инъикос меёбад.

Аз гуфтаҳои боло маълум гардид,ки системаи иқтисодӣ ин системае маҳсуб меёбад,ки яке аз нишондиҳандаи таъсиррасонии он барои пешрафти иқтисодиёти кишвар ин паст намудани сатҳи бекорӣ,воридоти асъори хориҷӣ ва ба афзоишёбии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ оварда мерасонад.Таъсири дигари сайёҳи дар он мебошад,ки ҳар як халқияту миллат аз фарҳангу ананаҳои миллии кишвари мо бархурдор мегардад.

Ҳамзамон бояд қайд намуд,ки дар бештари кишварҳои ҷаҳон рушдёбии сайёҳи дар афзоишёбии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, дар рушд ёфтани савдои хориҷӣ, ташкил намудани ҷойҳои корӣ накши таъсиргузор дорад.[4,с.12]

Имрӯзҳо ҷалби сармоягузорӣ яке аз манбаҳои асосӣ дар рушд додани соҳаи сайёҳӣ маҳсуб ёфта,барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмини ҷойҳои корӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хеле зарур мебошад.Сармоягузорӣ яке аз соҳаи зарурӣ дар бахши иқтисодиёт маҳсуб ёфта,дар бахши соҳаи нақши ҳалкунанда дорад. Барои рушд додани соҳаи сайёҳӣ аввалан бояд инфрасохори сайёҳӣ зарур ва муҳиб мебошад, зеро барои ташкили инфрасохтори сайёҳӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ хеле зарур мебошад.Бе ҷалби сармоягузории хориҷӣ ташкили рушди инфрасохтори сайёҳӣ ғайриимкон мебошад.

Ҳамонтавре,ки Президенти маҳбубамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон иброз доштанд барои афзоиш додани ҷалби сармоягузорони хориҷӣ рушд додани бахши сайёҳи омили муҳим маҳсуб меёбад, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки аз ёдгориҳои таърихи, минтақаҳои барои фароғат,мавзеъҳои табобатию муолиҷавӣ,таърихию фарҳангӣ ва кӯҳҳои сарбафалак мебошад.Бояд зикр намуд,ки аз таҷрибаи дигар кишварҳои ҷаҳон маълум гардид,ки рушди бахши соҳаи сайёҳӣ яке манбаҳои асосии даромади аҳолӣ,барои пур намудани қисмати даромади буҷети давлат,ташкили кардани ҷойҳои корӣ,инчунин тарақиёти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ мебошад.

Барои сармоягузорон ва сайёҳон омода намудани шароити мусоид ва интихобу пешниҳоди лоиҳаҳои зарурӣ, инчунин ҳамкориҳои фоидабахш бо ин мақсад маданияти баланди хизматрасонӣ зарур аст. Барои равона сохтани сармоягузор ба бахши сайёҳӣ омилҳои мухталифи таъсиркунанда мавҷуд мебошад,ки аз қабили: ташкил кардани тарзи хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ, рақобати озод ва дигар омилҳоро ба назар мегиранд.

Аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз соҳаи сайёҳӣ дар ҳоли рушдёбӣ қарор дошта, дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар нақши ҳалкунанда дорад. [5,с.32-41]. Ҳамонтавре,ки аз маълумотҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ маълум гардид сармоягузорӣ дар ҷаҳон ба бахши сайёҳӣ ҳафт фоизро тақрибан ташкил

медиҳад. Мувофиқи маълумоти омори расмии созмони номбурда дар соли 2006 миқдори сайёҳон ба 842 миллион нафар расида, он дар муқоиса ба соли 2005, ки 808 миллион сайёҳ ба қайд гирифта шуда буд, 4,5 фоиз афзоиш ёфтааст[1]. Бояд ёдовар шуд,ки кишвари соҳибистиқлоламон Тоҷикистон сар то сар аз кӯҳҳои баланди осмонбус иборат буда, аз таърихи дурӯ дароз ва фарҳангӣ қадима иборат аст. Ин омилҳо номбурда боиси афзоиши сайёҳони кишварҳои хориҷ дар кишвари соҳибистиқлоламон Тоҷикистон мегардад.Аз руйи маълумотҳои омори байналхалқӣ муайян гардид,ки соли 2020 шумораи воридоти сайёҳони хориҷӣ сайёҳӣ нисбат ба соли 2000 2,2 маротиба зиёд гардидааст.Яъне ин нишондиҳанда аз 698 млн то 1,561 млрд нафар дар сафар буда, маблағи сайёҳон аз 476 млрд. то 2 трлн. доллари амрикоиро ташкил намуд. Соли 2007-2019 ворид гардидани сармояи мустақими хориҷӣ ба бахши сайёҳӣ - 28,2 млн. доллар равона шудааст. Бояд зикр намуд,ки аз рӯйи маълумотҳои АОНПҶТ воридоти сармояи хориҷӣ дар соли 2019 607,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 345,9 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим ташкил дод.Қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида бошад 261,2 млн. доллари ИМА –ро ташкил додааст. Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ бошад нисбат ба соли гузашта 19,1 млн доллари Иёлоти Мутаҳидаи Америкаро ташкил намуд.Ин аз он шаҳодат медиҳад,ки сол то сол сармояи мустақими хориҷӣ рӯ ба афзоишёбӣ дорад.Бояд қайд намуд,ки сармояи мустақим ба соҳаи саноат 49,2 млн доллари Иёлоти Мутаҳидаи Америка бо 14,2 фоиз,саноати истихроҷи маъдан 231,7 млн доллари Иёлоти Мутаҳидаи Америка бо 67,0 фоиз,фаъолияти молиявӣ ва ҳаргуна хизматрасониҳои тиҷоратӣ бошад 8,8 млн доллари Иёлоти Мутаҳидаи Америка бо 2,5 фоиз, ба нақлиёт ва алоқа бошад 36,4 млн. доллари Иёлоти Мутаҳидаи Америка бо 10,5 фоиз, соҳаи сайёҳӣ бошад 11,0 млн. доллари Иёлоти Мутаҳидаи Америка бо 3,2 фоиз, саноат ва сохтмон 2,7 миллион доллари Иёлоти Мутаҳидаи Америка ИМА бо 0,8 фоиз ва ғдигар соҳаҳо 6,1 млн. доллари ИМА ё бо 1,8 фоиз сармоягузории мустақимро ташкил медиҳад. [1, с 22-27]. Барои рушди ин соҳаи номбурда аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ ба маблағи 15 млн долари ИМА грант барои тадбиқӣ лоиҳаи «Рушди» иқтисодиёти деҳот ” ба маблағи 10 миллон доллари амрикоӣ аз ҷониби Бонки осиёии рушд барои тадбиқи лоиҳаи «Рушди сайёҳӣ» ҷудо гардидааст. Ҷалб гардидани ин маблағҳо ба мавзеи таърихии таърихии табии «Чилучорчашмы», мадрасай «Хоҷа Машҳад», мамнуъгоҳҳой «Қалъаи Ҳулбука» в «Қалъаи Ямчун», инчунин бунёди меҳмонхонаҳои хурд в фуруши армуғоий в дигар инфрасохтори ҷалбкунандаи соҳа равона карда шудааст [3].

**Ҷадвали 1.-Динамикаи воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2022**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Тоҷикистон ворид шудаанд.(ҳаз. нафар) | 246 | 463 | 420 | 490 | 1154 | 1319 | 410,1 |
| Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки ба сифати сайёҳ ворид шудаанд. (ҳаз. нафар) | 213 | 413 | 344 | 431 | 1038 | 1257 | 350,6 |

**Сарчашма:** Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022. саҳ. 290

Таҳлили ҷадвали 1 нишон дод,ки ҳамаи шаҳрвандони хориҷие,ки ҳамчун сайёҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд дар соли 2016 246 нафар,соли 2017 бошад 463 нафар,соли 2018 420 нафар,соли 2019 490 нафар,соли 2020 1154 нафар,соли 2021 1319 наффар,соли 2022 410,1 нафар сайёҳ ворид шудааст. Аз кишварҳои хориҷ шаҳрвандоне,ки ҳамчун сайёҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд дар соли 2016 213 нафар,соли 2017 413 нафар,соли 2018 344 нафар, соли 2019 431 нафар, соли 2020 1038 нафар,соли 2021 1257 нафар, соли 2022 3506 нафарро ташкил дод.

Мақсад аз озод намудани иншоотҳои сайёҳи аз пардохти андоз мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст,ки ҳарчи бештар бояд соҳай сайёҳӣ рушду равнақ ёбад. Дар иқтисодиёти муосир сайёҳӣ аз омилҳои мураккаб баҳрабардорӣ менамояд, ки татбиқи ҷузъҳои таркибии он: иншооти манзил, воситаҳои нақлиёт, иншооти хӯрока, манзил, ташкилотҳои соҳибкорӣ, тандурустӣ, варзиш ва ғайра ба пешрафти иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон иншоотҳое,ки аз андоз озод мебошанд дар ҷадвали 1 нишон дода шуда аст.

**Ҷадвали 2.- Иншооти сайёҳие, ки аз андоз озод шудаанд**

| № | Номгӯйи иншоот |
|---|---|
| 1 | Меҳмонхонаҳо, аз ҷумла меҳмонхонаҳои махсус (хурд,гестҳаус, ҳостел) |
| 2 | Осоишгоҳҳои табобатӣ, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо |
| 3 | Марказҳои хизматрасонии маҷмӯии сайёҳӣ (маҷмааи сайёҳӣ) |
| 4 | Нуқтаҳои хизматрасонии маҷмӯии сарироҳӣ (мотел) |
| 5 | Боғҳои фарҳангию фароғатӣ |
| 6 | Мавзеъҳои фарҳангию таърихӣ ва динӣ (осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо, иншооти таърихӣ) |
| 7 | Инфрасохтори моҳигирӣ ва шикор бо мақсади сайёҳӣ |
| 8 | Тарабхонаҳои дорои бренди байналмилалӣ |
| 9 | Марказҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ |
| 10 | Пойгоҳҳои махсуси мутобиқгардонии минтақаҳои баландкӯҳ бароии сайёҳон |
| 11 | Маҷмааи сайёҳию лижаронӣ |

**Сарчашма:** Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои сармоягузорӣ намудан аввалан рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимои ва фарҳангии кишвар ба инобат гирифта мешавад,зеро рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимои дар рушди сайёҳи заминагузор мебошанд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад,

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд карда шудааст, ки "ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои рушди минбаъда пеш аз ҳама бо фаъолияти самараноки низоми идоракунии давлатӣ, ки дар истифодаи якҷояи оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, алоқаманд мебошад. Шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ бояд асоси модели идоракунии технократӣ ва меритократӣ (шоистасолорӣ) гардад, ки қобилияти таъмин намудани рушди пешгирикунанда, индустриалӣ ва инноватсионии кишварро дорост"[1,с 30]. Вобаста ба ин дар шароити муосир мукаммалгардии механизмҳои идоракунии давлатии рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат сурат гирифта истодааст. Айни замон баланд шудани нерӯи давлат дар танзими иқтисодиёт вобаста марҳилаҳои рушди низоми иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа мушоҳида мегардад. Иқтисоди муосирро, ки иқтисоди қарордодӣ ва ё контрактӣ меноманд[2,с 272], бинобар он вазифаи давлат дар таъмини риояи қарордодҳои иқтисодӣ, ҳуқуқ ба моликият фаъол гашта трансформатисияи кишварро ба сатҳи нави рушд баровард.

Тавсеаёбии нерӯи танзими системаи иҷтимоию иқтисодиро, пеш аз ҳама, ҳиссаи бахши давлатӣ дар иқтисодиёт муаяйн менамояд. Дар ин бахш нақши калидиро манбаи ғании молиявии фаъолияти субъектҳои он ташкил медиҳад. Вобаста ба ташаккулу рушди бахши давлатии иқтисодиёт назарияҳои гуногун низ рушд ёфтаанд.

Ҷиҳати тавзеҳи ҳиссаву андозаи бахши давлатӣ ва рушди он инкишофи он назарияҳо ва фарзияҳои зиёде вомехӯранд. Аммо, дар онҳо тавзеҳи пурраи мӯъҷизаву падидаҳои ин бахш ва муносибатҳои мурраккабу пуртазоди иқтисодиву иҷтимоӣ дида намешавад. Бештари таҳқиқҳо ба масаълаҳои алоҳидаи рушди он бахшида шудааст.

Дар адабиётҳои илмии иқтисодӣ вобаста ба тавсифи бахши давлатии иқтисодиёт консепсияҳо таҳти унвони **назарияҳои омилҳои дохилии иқтисодӣ** паҳн шудааст, ки ба назари неъматҳо ва ё молҳои ҷамъияти такия менамояд. Мутобиқи ин назария сатҳи хароҷоти давлатиро бо неъматҳои ҷаъмиятӣ ва хизматрасониҳое, ки аз ҷониби давлат пешниҳод мешавад, алоқаманд менамоянд. Доираи ин харочот ва ҳаҷми истеҳсолу пешниҳоди неъматҳо ва ё молҳои ҷамъиятиро бо хусусиятҳои талабот ва хароҷот, инчунин сатҳи рушди талаботи ҷомеа ба онҳо муайян карда мешавад. Дар ин маврид

масаълаҳои арзёбии чандириҳои пешниҳодот ва талабот ба молҳои ҷамъиятӣ аз рӯи нарху даромадҳо, ҳамзамон сатҳи сарбории буҷети далатӣ, ки метавонад боиси гаронии сатҳи андоз шавад, муббраммият пайдо менамояд. Чуноне, ки мебинем объекти асосии фаъолияти бахши давлатиро истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд. Неъматҳое ҷамъиятӣ, неъматҳои иқтисодиест, ки дар шакли дастаҷамъона (пешниҳоди фардӣ ҷой дорад) истифода мешавад ва ягон фард аз истеъмоли он истисно намебошад.

Сатҳу сифати қонеъгардонии талаботи аъзоёни ҷомеа ба неъматҳои ҷамъияӣ-маҳсулоти бахши давлатӣ бо ҳаҷму тақсимоти буҷети давлатӣ алоқманд мебошад. Бинобар он тарҳи ташаккулёбии буҷети давлатиро, яъне муаяйн намудани харҷномаи ҳарсолаи маблағҳои буҷетиро ҳаҷму сохтори талаботи ҷомеа ба неъматҳои ҷамъиятӣ муайян менамояд. Чунин харҷнома бо назардошти марҳилаҳои рушди мамлакат ва нерӯи рушди иқтисодии он муқарар карда мешавад. Ҳамин тариқ, буҷети давлатӣ заминаи иқтисодиву моддии иҷрои вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодии давлатро ташкил медиҳад. Бинобар он буҷети давлатӣ ҳамчун нақшаи тасдиқшудаи асосии ҳокимияти иқтисодии он буда, пас аз тасдиқ шудани самтҳои хароҷоти буҷет иҷрои он шурӯъ мешавад.

Нақшаҳои молиявии даромадҳо ва хароҷот дар системаи буҷетии мамлакат, яъне дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тартиб дода шуда бахши давлатии иқтисодиётро ба як системаи муайян ташаккул медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста бо афзудани маҷмӯи маҳсулоти дохилии он ҳаҷми даромадҳои буҷетӣ низ афзуда истодааст, ки тавассути тақсимоти самараноки онҳо рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва инфрасохторҳо тамоюли рушди устувор гирифтаанд. Чуноне, ки аз расми 1. дида мешавад, дар давраи солҳои 2000-2023 истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,7 то 130,7 млрд. сомони ва ё 73 маротиба афзудааст.Мувоффиқан ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ аз 251,7 то 43903,4 млн. сомони ва ё 174 маротиба афзудааст.




**Расми 1. Динамикаи ММД ва даромади буҷети давлатӣ (Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с.12-13 )**

Афзудани ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ имконият додааст, ки давлат, пеш аз ҳама барои таъмини рушди соҳаи иҷтимоӣ ҳаҷми калони маблағгузориро сафарбар намояд, яъне лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории иҷтимоӣ таҳрезиву татбиқ гарданд. Афзудани ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ имконият додааст, ки механизмҳои иқтисодиву молиявии татбики сиёсати ичтимоӣ густариш ёфта сифатҳои низоми иқтисоди бозории рӯ ба иҷтимоиёт нигаронида шуда нерӯ гирад. Ҳамзамон пайваста бо афзудани ҳаҷми хароҷоти давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ, на танҳо андозаи фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёт афзуда рушди ҳаҷми талаботи самаранок дар иқтисодиёт

рӯи кор меояд, балки барои нерӯ гирифтани омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ (илму дониш, сармояи инсонӣ) таконӣ ҷиддӣ бахшидааст[3,с 69,79]. Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад дар соли 2023 ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ ба 43 миллиард сомонӣ расида, беш аз 30 фоизи хароҷоти буҷет барои таъминоти молиявии рушди соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг) равона карда шудааст.

**Ҷадвали 1. Динамика маблағгузории буҷети давлати ба соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ хизматрасонӣ (млн. сомонӣ)**

| Солҳо | Ҳамагӣ хароҷотҳои буҷети давлатӣ | Аз ҷумла: | | | Бо % нисбат ба ММД |
|---|---|---|---|---|---|
| | | *Маориф* | *Тандурустӣ* | *Чорабиниҳои оммавии маданӣ солимгардонӣ ва динӣ* | |
| **2000** | 291,3 | 38,2 | 18,5 | 9,2 | 5,6 |
| **2005** | 1402,7 | 253,1 | 82,4 | 41,8 | 5,2 |
| **2010** | 7272,3 | 1019,5 | 367,2 | 298,5 | 6,8 |
| **2015** | 16277,4 | 2539,3 | 1037,2 | 574,3 | 8,5 |
| **2020** | 24812,5 | 4311,4 | 2583,1 | 987,1 | 9,5 |
| **2023** | 43034,8 | 7108,5 | 3277,4 | 1471,7 | 9,0 |

**Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, С 369-391**

Дар ин давраи таҳлилӣ ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ба соҳаи маориф аз 38,2 млн. сомонӣ то 7108,5 миллион сомонӣ, дар соҳаи тандурустӣ аз 18,5 то 3277,4 млн. сомонӣ ва ба соҳаи фарҳанг бошад аз 9,2 1 то 1471,7 млн. сомонӣ афзоиш ёфтаст. Ҳиссаи маблағгузориҳои буҷети дар ин соҳаҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар аз 5,6 то 9,0 фоиз ё 3,4 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ҳиссаи маблағгузории буҷети ба соҳаҳои номбурда дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ соли 2023, 27,5 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2000-ум 4,9 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Тамоюли хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ, ки ба истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим машғуланд, афзоиш ёфта истодааст. Ин тамоюлот дар бораи устуворгардии сифатҳои давлати иҷтимоӣ гувоҳи медиҳад. Чи тавре ки дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд карда шудааст: “Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлати Тоҷикистон мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад. Соли 2024-ум ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба 19 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба буҷети соли 2023-юм беш аз 2 миллиард сомонӣ зиёд буда, 43 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад» [4]. Афзудани ҳаҷми хароҷот захираҳои буҷети давлатӣ оид ба тавсеаёбии бахши давлатии иқтисодиёт гувоҳи медиҳад. Ин бо сабаби афзоиши талабот ба неъматҳои ҷамъиятӣ сурат гирифтааст. Дар давраи солҳои 2010-2023 шумораи аҳолии доимии ҷумҳурӣ 8551,2 то 10288,3 ҳазор нафар ва ё 20,3% афзоиш ёфтаст[5,с 15]. Бинобар ин, зарурати объективии дар васеъ гаштан ва ё рушди бахши давлатӣ вуҷуд дорад. Бояд зикр намуд, ки пайваста бо афзоиши хароҷоти буҷети давлатӣ ба ташкилотҳои бахши давлатии иқтисодиёт бардошти рентаи фискали аз тарафи аҳолӣ рӯи кор меояд. Яъне, бо баробари афзоиши аҳолӣ (афзоиши табиии аҳолӣ) арзиши андозии неъматҳои ҷамъиятӣ ба ҳар нафар бошандагони мамлакат (бо сабаби тақсими гарони андозӣ ба шумораи бештари одамон) тамоюли паствавиро мегирад. Аммо, ин зуҳурот дар назари аҳолӣ тира мемонад, хароҷоти неъматҳои ҷамъиятиро назарногирӣ мекунанд, бинобар он фоҷиаи “моликияти умум ва ё ҷамъиятӣ” ҳам рӯй медиҳад[6,с 67].

Илова бар ин бояд қайд намуд, ки афзоиши даромад, чун афзоиши аҳолӣ, низ талаботи ҷомеаро ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва сифати он, ки маҳсулоти бахши давлатӣ мебошад, баланд мебардорад. Дар натиҷа ҳодисоти суръати афзоиши ҳаҷми хароҷоти давлатӣ нисбат ба сурати афзоиши маҷмӯи арзиши нав ва иловагӣ сохташудаи ҷомеа ва ё маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ рӯи майдон меояд. Ин қонуният - тамоюли сатҳи

афзоиши хароҷоти давлатӣ нисбат ба сатҳи рушди даромади миллӣ дар адабиёти илмӣ унвони қонуни Вагнер, ки ба иқтисодчии олмонӣ Адолф Вагнер [7,с 47-70] тааллуқ дорад, маъмул мебошад. Вагнер тамоюлоти афзоишро ҳосилаи рушди табиии тамаддун пазируфта онро бо афзоиши аҳолӣ ва зичии он, ки онҳо талаботро ба фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёт робита дод. "Воқеан ҳам пайваста бо афзоиши системаи иқтисодӣ, ва сураътгирии таксимоти меҳнат, рӯи майдони фаъолият омадани корхонаҳои азими иқтисодӣ, ки боиси ташаккулу рушди маҷмӯи муносибатҳои мураккаби миёни агентҳои иқтисодӣ мегардад, сабаби тавсеаёбии миқёсҳои фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ, бахши давдатии иқтисодиёт мегардад"[8,с 45-47].

Зуҳури муҷизаҳои ин қонун дар Тоҷикистон мушоҳида мешавад. Сифати динамикии афзоиши ҳаҷми хароҷоти давлатӣ дар марҳилаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи принсипҳои давлатӣ иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҷизаи қонуни Вагнер мушоҳида мешавад. Дар давоми 10 соли охир пешравии суръати афзоиши хароҷоти давлатӣ назар ба суръати афзоиши ММД ба назар мерасад, яъне коэффисиенти пешравии суръати хароҷоти давлатӣ нисбат ба сатҳи рушди ММД аз воҳид баланд аст. Вазни холиси хароҷоти давлатӣ дар ММД дар фосилаи 27-33 қарор дошт. Ин нишондиҳанда доир ба сол ба сол васеъ гаштани андозаи бахши давлатӣ шаҳодат медиҳад ва ин тамоюл дар минбаъда устувор мегардад. Зеро, давлати мо, ки сифати иҷтимоӣ дорад, масаълаи таъмини рушди соҳаҳои иҷтимоии мамлакат самти стратегӣ ва афзалиятнок дорад.

Назарияи омилҳои дохилии рушди бахши давлатии иқтисодиёт ба равандҳои татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат рабт дорад. Яъне тамоюлоти афзоиши хароҷоти давлатиро, пеш аз ҳама, метавон ҳамчун натиҷаи раванди татбиқи сиёсати иҷтимоӣ маънидод намуд.

Новобаста аз он, ки дар мамлакат тамоюли рушди бахши давлатӣ мушоҳида мешавад, аммо самаранокии фаъолияти муассисаву ташкилотҳо нокифоя мебошанд. Фақат тавоноии ин бахши иқтисодиётро дар тасмимгириҳои стратегӣ ҳама эътироф менамоянд. Тачрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ташкили фаъолияти самарабахши бахши давлатиро таҳияву татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии асоснок муайян менамояд. Маҳз таҳияву татбиқи истифодаи механизмҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва иктисодӣ, муайяну мушахас намудани самт афзалиятноки он дар марҳилаи нави рушди мамлакат, тарҳи фаъолияти бахши давлатии иқтисодиётро низ муаяйн менамояд. Ин раванд дар доираи асоснок намудани тақсимоти ҷамъияти меҳнат ва фаъолиятҳо марбут ба вазифаҳои бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо самти муассир пайдо менамояд. Бинобар он таҳқиқи муаммоҳои илмии бахши давлатии иқтисодиёт ва вазифаҳои афзалиятноки он дар марҳилаи муосири рушди мамлакат ба миён меояд. Ин имкон медиҳад, конеспсияи нави идоракунии ин бахш таҳия гардад, ки то ин, ки самранокии фаъолияти ташкилоти онҳо таъмин гардад.

Аммо мутолиаи адабиёти илмии ватанӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир шавқу ҳавас ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии соҳаи таҳқиқоти мо як кадар кам шудаст. Заминаҳои меёриву ҳуқуқии фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёт, ки хусусиятҳои фаъолияти онро дар умум муайян мекунад, аз сатҳи мукаммалӣ дур аст. Дар давраҳои гузашта, ки нақши бахши давлатӣ дар иқтисодиёти миллӣ маҳдуд шуда буд, барои ҳали бисёр маъсалаҳои иҷтимоӣ ва бунёди инфрасохтори он қафомонӣ ҳам шуд.

Дар солҳои минбаъдаи давраи истиқлолияти давлатӣ пайваста бо пойдориву рушди иқтисоди бозорӣ бахши давлатии иқтисодиёт чун ҷузъи муҳими низоми иқтисодиёти омехта бо моҳияту сохтори нав, ки тамоилу сифати умумибашарро касб намуд ва рушд ёфта истодааст. Ин бахш на танҳо моликияту амволи давлатиро, балки буҷети давлатӣ ва дигар захираҳоро, ки дар ихтиёри истифодаи самарноку оқилони ниҳодҳои давлатӣ ба мақсади таъмини пешрафти иқтисодиёти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона шудааст, дар бар мегирад. Таҷрибаи ҷаҳони нишон додааст,

ки иштироки давлат дар ҳаёти иқтисодӣ дар доираи тамсилаи мушахас, ки афзалиятҳои соҳави ва ҳадафҳои стратегиро дар марҳилаҳои муайян дар бар мегирад, сурат мегирад. Бахши давлатӣ олоти махсуси таъсирасон ба иқтисодиёти миллӣ буда худ бевосита дар объекти назорату танзими давлатӣ аст дар ташаккулу рушди иқтидори иқтисодии давлат ва таъсири нерӯи синергетикии он ба тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии давлат бузург аст.

Чи тавре маъмул аст стратегияи ноил гаштан ба истиқлолияти энергетикии, ташаккулу рушди низоми миллии энергетикии мамлакат, ки ҳамзамон вазифаи инфрасохтори бузурги иқтисодиву иҷтимоиро ба иҷро мерасонад, ҷойгоҳи марказиро дар бахши давлатӣ ишғол намудааст. Мусаллам аст, ки иқтидори гидроэнергетикии кишварамон, ки зиёда аз 527 млрд.кВт. соатро дар як сол ташкил медиҳад ва шояд ҳамагӣ 10 фоизи он истифода мешаваду халос. Қобили зикр аст, захираҳои мавҷудаи гидроэнергетикӣ яке аз манбаъҳои асосии рушди мамлакат ва аз ҷиҳати экологӣ тозаю фоидаовар ба шумор меравад. Айни замон, пайваста бо бо бо афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ ва аҳолӣ талабот ба нерӯи барқ зиёд шуда истодааст, ки он бояд ба рушди ин соҳа ангезиш бахшад. Солҳои охир Ҳукумати ҷумҳурӣ сохта ба истифода додани як қатор иншоотҳои афзалиятноки энергетикиро ба роҳ мондааст, сохтмон, барқарорсозӣ ва ба истифодадиҳии иқтидорҳои дигари энергетикӣ тадриҷан амалӣ шуда истодаанд, ки баҳри бартараф намудани норасоии барқ дар фасли зимистон мусоидат менамоянд. Вобаста ба ин масаълаи саривақт бунёд намудани шабакаҳои гармидиҳӣ ва пайвастшавии иншоотҳои иҷтимоӣ, истиқоматӣ, фарҳангию маъмурӣ ба шабакаҳои гармидиҳӣ ба миён омадааст, ки он андешидан тадбирҳои заруриро тақозо менамояд.

Пойдорӣ ва таъмини рушди низоми комуникатсионӣ ва нақлиётӣ, мамлакат, ки дар табдили мамлакат ба кишвари транзитивӣ нақши гиреҳиро иҷро менамояд, дар бахши давлатӣ вазни стратегиро дорост. Инкишофи ҳама намуди нақлиёт ва пайваста ба он ташкили марказҳои логистикӣ дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Айни замон, дар соҳаи нақлиёт лоиҳаи инвеститсионии мухталиф мавриди татбиқ қарор дорад. “Ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва истифодаи имкониятҳои транзитии он ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии рушди кишвар пазируфта шудааст. Соли 2024-ум дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 155 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, 20 пули бузург ва 3 нақб ба маблағи умумии 4,6 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд. Аз ҷумла роҳҳои мошингарди «Роғун – Обигарм – Нуробод» ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ ба дарозии 76 километр ва «Бохтар – Левакант – Лолазор – Данғара» – 69 километр ба маблағи 800 миллион сомонӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд карда шуданд” [9]. Пайваста бо таҷдиду азнавсозии роҳҳои автомобилгарди аҳамияти ҷумҳуриявию байналмилалӣ дошта доир ба таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ ва пайваст шудани онҳо бо шоҳроҳҳо низ лоиҳаҳои инвеститсионӣ таҳрезӣ шуда истодааст. Ҳамин тариқ, тадбиқи стратегии раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ барои гусатришу рушди мнинтақаҳои мамлакат ва ба шоҳроҳҳои ҷаҳонӣ пайваст шудани он сурат гирифта истодааст.

Зимнан бояд таъкид намуд, ки бо мақсади пурра ба меъёрҳои байналмиллалӣ мутобиқ гардонидани роҳҳои автомобилгард ва инфрасохтори дигари нақлиётӣ дар давраи миёнамуҳлат таҷдид ва азнавсозии роҳҳои автомобилгард бо дарёфти сармояи хориҷию ватанӣ пешбинӣ шудаанд. Дар низоми нақлиётӣ ва комуникатсионни мамлакат ташкили ниҳодҳои низоми логистикӣ, ки омили асосии ташаккул ва рушди иқтисодиёти тразитӣ мебошад, тақозои замони муосир мебошад.

Дар айни замон нақш ва самтҳои фаъолияти ташкилотҳои бахши давлатӣ дар марҳилаи нави рушди мамлакат аз рӯи ҷанбаҳои зерин муайян карда мешаванд:

– таъмини рушди ин бахш дар доираи самтҳои рушди дигар бахшҳои иқтисодӣ барои таъмини сатҳи баланди амнияти миллӣ ва иқтисодӣ равона шуда истодааст;

– густариш додани раванди рушди соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама маориф, тандурустӣ, ва фарҳанг, ки барои инкишофи сармояи инсонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки омили рушди дарозмуддати ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад;

- таъмини рушди инфрасохторҳои иҷҷтимоиву истеҳсолӣ, ки рушди равандҳои татбиқи страегияи саноатикунонии босуръати мамлакат ва ташаккулу рушди низоми инноватсионии миллиро мусоидат намуда, амнияти иқтисодиву иҷтимоиро таъмин менамояд.


## АННОТАТСИЯ

*Дар мақола ҳолати муосири тавсеаёбии бахши давлатии иқтисодиёт, нақши он дар таъмини рушду танзими системаи иҷтимоию иқтисодиии мамлакат, инчунин омилҳои муаяйнкунандаи андощаи бахши давлатӣ дар иқтисодиёт мавриди таҳқиқи қарор гирифтааст. Муаллиф, ҷиҳати тавзеҳи бахши давлатӣ ва рушди он назарияҳои гуногуне, ки ба таҳқиқи ин бахш бахшида шудааст, таҳлили назариявӣ намуда, ақидаи худро баён намудааст. Дар мақола, вобаста ба тавсифи бахши давлатии иқтисодиёт асосан ба консепсияҳо, ки таҳти унвони назарияҳои омилҳои дохилии иқтисодӣ маъмул аст, таваҷӯҳ додааст. Объекти асосии фаъолияти бахши давлатӣ, ки асосан истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд, дар риштаи таҳлил қарор мегирад. Дар марҳилаи нави рушди мамлакат самтҳои фаъолияти ташкилотҳои бахши давлатӣ ба монанди таъмини рушди ин бахши барои таъмини сатхи баланди амнияти миллӣ ва иқтисодӣ, тавассути густариш додани раванди рушди соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама маориф, тандурустӣ, ва фарҳанг, ки инкишофи саармояи инсониро мусоида менамояд, инчунин таъмини рушди инфрасохторҳои истеҳсолӣ, ки рушди равандҳои татбиқи страегияи саноатикунонии босуръати мамлакат ва ташаккулу рушди низоми инноватсионии миллиро мусоидат менамояд, асосеок карда шудааст.*



***Калимаҳои гиреҳӣ:*** *иқтисодиёти миллӣ, бахши давлатии иқтисодиёт, буҷети давлатӣ, танзими давлатӣ, неъматҳои ҷамъиятӣ, иқтисодиёти омехта, соҳаи иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, системаи энергетика ва комуникация.*



## АННОТАЦИЯ

В статье рассматриваются современное состояние развития государственного сектора экономики, его роль в обеспечении развития и регулировании социально-экономической системы страны, а также факторы, определяющие роль государственного сектора в экономике. Автор провёл теоретический анализ и высказал своё мнение относительно объяснения государственного сектора и его развития в различных теориях, посвящённых его изучению. В статье, применительно к описанию государственного сектора экономики, основное внимание уделено концепциям, известным под названием «теории внутренних экономических факторов». В анализ включен основной объект деятельности государственного сектора, заключающийся в основном в производстве и предоставлении общественных благ. На новом этапе развития страны особое значение приобретают такие направления деятельности организаций государственного сектора, как обеспечение развития этого сектора для обеспечения высокого уровня национальной и экономической безопасности, за счет расширения процесса развития отраслей социальных услуг, в первую очередь обоснованы образование, здравоохранение и культура, способствующие развитию человеческого капитала, а также обеспечивающие развитие производственной инфраструктуры, способствующей развитию процессов реализации стратегии ускоренной индустриализации страны, формированию и развитию национальной инновационной системы.



**Ключевые слова**: национальная экономика, государственный сектор экономики, государственный бюджет, государственное регулирование, общественные блага, смешанная экономика, социальный сектор, социальные услуги, энергетика и связь.



## ABSTRACT

The article examines the current state of development of the public sector of the economy, its role in ensuring the development and regulation of the country's socio-economic system, as well as the factors determining the role of the public sector in the economy. The author conducted a theoretical analysis and expressed his opinion regarding the explanation of the public sector and its development in various theories devoted to its study. In this article, in relation to the description of the public sector of the economy, the main focus is on concepts

known as theories of internal economic factors. The analysis includes the main object of public sector activity, which consists primarily of the production and provision of public goods. At the new stage of the country's development, such areas of activity of public sector organizations acquire particular importance, as ensuring the development of this sector to ensure a high level of national and economic security, by expanding the process of development of social services industries, first of all, education, healthcare and culture are justified, contributing to the development of human capital, as well as ensuring the development of production infrastructure that facilitates the development of processes for the implementation of the strategy of accelerated industrialization of the country, the formation and development of a national innovation system.
**Key words**: national economy, public sector of the economy, state budget, state regulation, public goods, mixed economy, social sector, social services, energy and communications.

Адабиёт:

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с.37
2. Саланье Бернар Экономика контрактов – Издательство Дело, 2019, 272 с.
3. Мирсаидов А.Б. Развитие социального сектор экономики Таджикистан// Иқтисодиёти Тоҷикистон, № 3. 2025, с.69-79 ISSN 2310-3957
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024. / http://prezident.tj/ru/node/13747
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, С.15.
6. Вольчик В.В. Институциональная и эволюционная экономика. Ростов-на-Дону, Изд-во ЮФУ, 2011, 230 с. с.67
7. Афанасьев М.П., Афанасьев Я.М. Методологические и теоретические основы формулировки закона А.Вагнера. Подходы к его тестировнаию // Вопросы государственного и муниципального управления. — 2009. — № 3. — С. 47—70. .
8. Мирсаидов А.Б Место и роль общественного сектора в экономики Республики Таджикиствап//Экономика Таджикистан, 2016, № 4. с 45-54, с 47
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024. / http://prezident.tj/ru/node/13747

## СОХТОРИ НИЗОМИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шомаҳмадзода Ф.Ш.**-***Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон***

**Мубрамии таҳқиқот.** Мубрам будани мавзуи таҳқиқот аз зарурати дарки назариявии ҷойгоҳ ва нақши низоми буҷетӣ дар шароити табдили низоми миллии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Дар заминаи расидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низоми буҷетӣ на танҳо як механизми техникии азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ, балки як ниҳоди асосие мебошад, ки фаъолияти босамари он суръати рушди иқтисодӣ, сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва сатҳи некӯаҳволии иҷтимоиро муайян мекунад. Дарки сохтори институтсионалӣ ва иқтидори вазифавии низоми буҷетӣ барои таҳияи тадбирҳои муносиби сиёсати фискалӣ заминаи ҳатмӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади мақола таҳлили ҳамаҷонибаи институтсионалӣ ва вазифавии низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири муайян намудани муносибатҳои муназзаме, ки нақши онро дар сохтори низоми молиявии миллӣ муайян мекунанд ва дар ин асос таҳияи амсилаи назариявии рушди он мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот аз он иборат аст, ки самаранокии татбиқи вазифаҳои низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори молияи миллӣ на танҳо дар асоси қоидаҳои расмӣ, балки бештар аз сифати муҳити институтсионалӣ, аз ҷумла механизмҳои ҳамоҳангсозии байни субъектҳои муносибатҳои буҷетӣ, инчунин хусусияти ҳамкории он бо дигар унсурҳои низоми молиявӣ муайян карда мешавад.

**Методологияи таҳқиқот.** Таҳқиқот ба равиши муназзам, ки барои ҳамчун унсури мукаммали низоми молиявӣ баррасӣ кардани низоми буҷетӣ имкон медиҳад, асос ёфтааст. Ҳамчун усулҳои асосӣ инҳо истифода шудаанд: таҳлили институтсионалӣ – барои омӯзиши қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, сохтор ва таҳаввулоти ниҳодҳои буҷетӣ; таҳлили вазифавӣ – барои арзёбии иҷрои вазифаҳои тақсимкунӣ, танзимкунӣ ва назоратии низоми буҷетӣ; усули сохторию вазифавӣ – барои муайян кардани робитаи байни сохтори институтсионалӣ ва самаранокии низоми буҷетӣ дар иҷрои вазифаҳои худ; таҳлили муқоисавӣ – барои муқоиса кардани амсилаҳои назариявӣ бо амалияи ташкили буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муҳтавои асосии таҳқиқот**. Низоми буҷетӣ ниҳоди марказии низоми молиявии давлат буда, маҷмуи хусусиятҳои хосро доро мебошад. Аз нуқтаи назари институтсионалӣ, низоми буҷетӣ – ин маҷмуи қоидаҳои расмӣ (қонунгузории буҷетӣ, расмиёт) ва маҳдудиятҳои ғайрирасмӣ (амалиёти пойдоршудаи ҳамкорӣ) мебошад, ки тартиби ташаккул ва иҷрои буҷетҳои сатҳҳои гуногунро муайян мекунанд. Моҳияти он тавассути чунин хусусиятҳои муназзам зоҳир мешавад:

– ҳатмӣ будан (салоҳият барои гирифти маҷбурии як қисми даромади субъектҳои иқтисодӣ);

– мақбул будан барои ҷомеа (нигарониш ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъият);

– қонунӣ будан (дар қонунгузорӣ муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқии амалкунӣ);

– зинасохтор (тақсимоти возеҳи ваколатҳо дар байни сатҳҳои низоми буҷетӣ).

Муҳити институтсионалии низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистонро пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ ва низоми мақомоти давлатӣ ташкил медиҳанд. Унсурҳои асосии танзими ҳуқуқии низоми буҷетӣ дар мамлакат инҳо мебошанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор (навбатӣ), Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии таҳиянамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили қонунгузорӣ таҳаввулоти ботадриҷро аз амсилаи маъмурии тақсимкунӣ дар асоси харҷнома (смета) то ҷорӣ намудани унсурҳои буҷетикунонии ба натиҷа нигаронидашуда (БНН)-ро нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, тафовути назарраси фосилаи байни меъёрҳои расмӣ ва татбиқи амалии онҳо, махсусан дар сатҳи маҳаллӣ боқӣ мемонад.

Сохтори низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дигаргуниҳои ҷиддиро паси сар кардааст. Дар айни замон, он аз ду сатҳ иборат аст: сатҳи якум – буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ; сатҳи дуюм – буҷетҳои маҳаллӣ. Сохтори институтсионалии муфассали низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 1 тасвир карда шудааст.

**Расми 1. Сохтори институтсионалии низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Рисунок 1. Институциональная структура бюджетной системы Республики Таджикистан**

**Figure 1. Institutional structure of the budget system of the Republic of Tajikistan**




Таҳаввулоти ниҳодҳои буҷетӣ дар доираи қонунгузории буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоюлҳои зерин тавсиф мешавад:

1. Содасозии зинасохтор: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2011) низоми дузинагии буҷетро ба расмият даровардааст, ки шаффофият ва возеҳи бештари тақсимоти ваколатҳоро фароҳам меоварад.

2. Якхелакунии вазъи ҳуқуқӣ: тамоми буҷетҳои маҳаллӣ, сарфи назар аз воҳиди маъмурию ҳудудӣ, ба зинаи дуюм тааллуқ доранд, ки принсипи ягонагии низоми буҷетиро таҳким мебахшад.

3. Мутамарказии ҷараёнҳои молиявӣ: зинаи якум на танҳо буҷети ҷумҳуриявӣ, балки буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатиро низ дар бар мегирад, ки аҳамияти ҷумҳуриявии онҳоро таъкид намуда, назорати марказии захираҳои асосии молиявиро таъкид мекунад.

4. Муқарраркунии дақиқи қонунгузорӣ: сохтори низом бевосита дар матни қонун ба таври муфассал шарҳ дода шудааст, ки хавфҳои норавшаниро коҳиш медиҳад ва заминаи устувори раванди буҷетро фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, сохтори институтсионалии муосири низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон амсилаи дорои ҷузъи пурқуввати мутамаркази сатҳи якум ва сатҳи

якхелакардашудаи дуюмро инъикос менамояд, ки хусусияти муносибатҳои байнибуҷетӣ ва идоракунии молияи давлатиро дар Ҷумҳурӣ муайян мекунад.

Дурнамои рушди минбаъдаи низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳаввулоти пайвастаи ниҳодҳои он дар чунин самтҳо дида мешавад:

– тадриҷан коҳиш додани салоҳиятҳои идоракунӣ бо нигоҳ доштани ягонагии низоми буҷетӣ, ки сифати хизматрасониҳои давлатиро дар сатҳи маҳаллӣ беҳтар мекунад;

– амиқтар намудани татбиқи методологияи ба натиҷа нигаронидашудаи буҷетикунонӣ тавассути ташкили системаи маҷмуи арзёбии самаранокии хароҷот ва таҳкими ҳамгироии банақшагирии стратегӣ бо раванди буҷет;

– рушди ниҳодҳои идоракунии сармоягузориҳои давлатӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба хотири баланд бардоштани нақши буҷет дар ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ ва диверсификатсияи сохтории иқтисодиёт;

– такмили низоми идоракунии хавфҳои фискалӣ ва рушди бозори молиявии дохилӣ ба хотири коҳиш додани вобастагӣ аз манбаъҳои ноустувори берунии маблағгузорӣ.

Татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда ба табдили низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як воситаи маблағгузорӣ ба механизми самараноки стратегии идоракунӣ, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди миллӣ дарояндаи дарозмуддат мусоидат мекунад, мусоидат менамояд.


## АДАБИЁТ

1. Акбарова, Н.А. Таҷрибаи байналмилалии идоракунии низоми хазинадорӣ / Н.А. Акбарова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 2(36). – С. 396-407

2. Бюджетная система России: учебник / Под ред. Г.Б. Поляка. 3-е изд. перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ, 2011. – 703 с.

3. Давлатов, Ҳ.Ҷ., Маҳмадуллоев, А.С. Нақш ва мақоми молияи давлатӣ дар низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.Ҷ. Давлатов, А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2023. – №. 4(16). – С. 207-212

4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https: //moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/2235

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/134

7. Молияи давлатӣ: воситаи таълимӣ / Э.Қ. Миршарипов, Ҳ.Ҷ. Давлатов, С.А. Деҳқонов, С.М. Ҳайдаров. – Душанбе: Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, 2023. – 94 с.


## СОХТОРИ НИЗОМИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур таҳлили назариявии низоми буҷет ҳамчун унсури сохтории низоми молиявии давлат аз нигоҳи равишҳои институтсионалӣ ва вазифавӣ баррасӣ карда шудааст. Муносибати муназзами байни низоми буҷет ва дигар унсурҳои низоми молиявӣ тавассути партави вазифаҳои иҷрошаванда ва ҳамкории институтсионалӣ таҳқиқ карда мешавад.

Натиҷаҳои бадастомада барои таҳқиқоти минбаъдаи амалӣ дар самти такмили низоми буҷетӣ заминаи назариявӣ фароҳам оварда, метавонанд дар таҳияи консепсияи рушди низоми молиявии миллӣ истифода шаванд.



**Калидвожаҳо:** низоми буҷет, низоми молиявӣ, равиши институтсионалӣ, сохтори институтсионалӣ, таҳлили вазифавӣ, мустақилияти фискалӣ, ниҳодҳои буҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, молияи давлатӣ.

## СТРУКТУРА ГОСУДАРСТВЕННОЙ БЮДЖЕТНОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается теоретический анализ бюджетной системы как структурного элемента государственной финансовой системы с точки зрения институционального и функционального подходов. Системная взаимосвязь бюджетной системы с другими элементами финансовой системы исследуется через призму выполняемых функций и институционального взаимодействия.

Полученные результаты создают теоретическую основу для дальнейших практических исследований в направлении совершенствования бюджетной системы и могут быть использованы при разработке концепции развития национальной финансовой системы.

Ключевые слова: бюджетная система, финансовая система, институциональный подход, институциональная структура, функциональный анализ, фискальная независимость, бюджетные институты, межбюджетные отношения, государственные финансы.

## STRUCTURE OF THE STATE BUDGET SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article presents a theoretical analysis of the budget system as a structural element of the state financial system from the perspective of institutional and functional approaches. The systemic interconnection of the budget system with other elements of the financial system is examined through the lens of its functions and institutional interactions.

The obtained results provide a theoretical basis for further practical research aimed at improving the budget system and can be used in developing a concept for the development of the national financial system.

**Key words:** budget system, financial system, institutional approach, institutional structure, functional analysis, fiscal independence, budget institutions, interbudgetary relations, public finances.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шомаҳмадзода Фирдавс Шомаҳмад** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. E-mail: bekovfirdavs@mail.ru. Тел.: +992 972346688

## МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| ПЕШГУФТОР……………………………………………………………………………… | | **3-4** |
| **БАХШИ I: МАСОИЛИ МУБРАМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ** | | |
| 1 | **Асрорзода У.С., Бобоев А.М. -** Механизми низоми идоракунӣ ва баҳисобгирии хавфҳои амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзӣ................................. | **5-12** |
| 2 | **Давлатзода Д.А., Шамсова М. Ш. -** Эволюция и современное состояние системы обязательного пенсионного страхования (опс) в республике таджикистан........................................................................................ | **13-21** |
| 3 | **Ҷуразода Х. Ҳ.**- Баланд бардоштани сатҳи шуғл ва таъмини суботи иқтисодӣ рушди устувори соҳибкории хурд................................................ | **22-36** |
| 4 | **Ҷалилов Р.Р., Ғуломов З.Т.-** Низоми назорат ва сифати хизматрасонии ташкилотҳои аудиторӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон ...................................... | **37-45** |
| 5 | **Раҳимов С.Х.**- Баъзе ҷанбаҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ........................................................................................ | **46-50** |
| 6 | **Ходжаев П.Д**. - Экономико-математическое моделирование влияние налогов на туристское предпринимательство……………………………………… | **51-54** |
| 7 | **Каримов Б.Ҳ**.- Таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ дар шароити сбҳм.................................................................................... | **55-62** |
| 8 | **Шарифов З.Р**. **Мирзоев С.А -** Методологияи такмили баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити рақамикунонӣ........................................................... | **63-69** |
| 9 | **Ҳоҷиева Ш. А.-**Нақши аудит дар шароити рақамикунонии молиявӣ........... | **70-78** |
| 10 | **Мирзоев С.А. Юнусов А.Қ**.- Хусусиятҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар иқтисоди рақамӣ……………………………………………………………………… | **79-81** |
| 11 | **Тоҳиров В. С**.- Бонки миллӣ ҳамчун танзимкунанда ва пешбарандаи сиёсати пулию қарзии давлат............................................................................ | **82-88** |
| 12 | **Самиева М.Б.**- Рушди фаъолияти аудиторӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ........................................................................................ | **89-92** |
| 13 | **Саидҷаъфарзода М. С**.- Баҳисобгирии корхонаҳои саноатӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ......................................................................... | **93-97** |
| 14 | **Иброҳимзода О.Ю**.**-**Самаранокии равандҳои истеҳсолӣ дар бахши соҳибкории инноватсионӣ ........................................................................... | **98-112** |
| 15 | **Қосимов Ҳ. З**.- Арзёбии сиёсати пулию қарзӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон..... | **113-121** |
| 16 | **Мирзоев С.А**. **Сафарзода Ҳ.С**.- Хусусиятҳои баҳисобгирии идоракунии стратегии субъекти иқтисодӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт...... | **122-124** |
| 17 | **Камолова Ш.С**.-Налогового аудит как самостоятельный элемент аудита финансовой отчетности в республике таджикистан ...................................... | **125-129** |
| 18 | **Сафарова М.Б**. **Нуралиева М.Д -** Муҳоҷирати дохилӣ: омилҳои таркибӣ ва таъсиррасон.................................................................................................. | **130-134** |
| 19 | **Исмоилов Ҷ.Қ**. – Саноат омили пешбаранда ва инкишофдиҳандаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат.................................................................. | **135-138** |
| 20 | **Пирова Ш.С**. - Таъсири тиҷорати хориҷӣ ба рушди бомароми иқтисодиёт**.........................................................................................................** | **139-146** |
| **БАХШИ II: НАҚШИ СОҲАҲОИ АЛОҲИДА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМИКУНОНӢ** | | |
| 1 | **Ходжаев П. Д. -**Статистическая оценка развития цифровой экономики в республике таджикистан........................................................................... | **147-154** |
| 2 | **Ходжаев П. Д. - Давлатзода Э.Д**.- Некоторые особенности принятие решения о выдаче кредита на основе прогнозной модели с помощью искусственного интеллекта…………………………………………………………… | **155-159** |
| 3 | **Ходжаев П.Д. Мирзомуродов Ҳ.А -** Статистический анализ экономической устойчивости предприятий промышленности на | **160-166** |

| | | |
|---|---|---|
| | современном этапе………………………………………………………… | |
| 4 | **Одинаев Ф.Ф., Шомахмадзода Ф.Ш**.- Бюджетирование, основанное на результаты……………………………………………………………………….. | **167-170** |
| 5 | **Саидҷаъфарзода М.С**.- Баҳисобгирӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар заминҳои обёришавандаи минтақаи кӯлоб........................ | **171-178** |
| 6 | **Бобохонова Ш. Х-** Инноватсияҳо ва саҳми онҳо дар рушди соҳаиэлектроэнергетика ва бозори фурӯши барқи ҷумҳурии тоҷикистон.... | **179-184** |
| 7 | **Мирзоев С.А. Сафарзода Ҳ. С**.- Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерии) ҷумҳурии тоҷикистон................................. | **185-188** |
| 8 | **Махмудова М. Х**.- Создание углеродного рынка в республике таджикистан : риски и преимущества……………………………………….. | **189-193** |
| 9 | **Саидова М.С**.- Зелёная энергетика и направления её развития в респулике таджикистан.......................................................................................... | **194-197** |
| 10 | **Ятимов А. Ҷ -** Рабитаҳои технологӣ дар амалигардонии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ …………………........................................... | **198-200** |
| 11 | **Шарипов Ҳ.А**.-Развития зеленой экономики ка механизм для решения экономически проблем……………………………………………………… | **201-204** |
| 12 | **Мирзоев Ш. Д**.- Рушди кишоварзӣ дар шароити рақамикунонӣ................ | **205-208** |
| 13 | **Тоҳиров В. С**.- Нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ……………………………………………………………………… | **209-214** |
| 14 | **Қурбонова С.М**. **Мирзоев С.А** .– Масъалаҳои идоракунии молияви дар иқтисоди рақамӣ.................................................................................... | **215-219** |
| 15 | **Окилов Ф.М**.- Мақоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти кишвар.............................................................................. | **220-226** |
| 16 | **Раҳматов С. М**. - Аудити самаранокӣ ҳамчун воситаи афзоиши натиҷанокии идоракунии давлатӣ............................................................... | **227-229** |
| 17 | **Самиева М. Б**. –Зарурияти рақамикунонӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ...... | **230-234** |
| 18 | **Ғуломова З.З.-**Тиҷорати меҳмонхонаҳо ва мавқеи он дар рушди сайёҳӣ...... | **235-237** |
| 19 | **Қосимов Ҳ. З**.- Идоракунии корпоративӣ дар ҷамъиятҳои саҳомии ҷумҳурии тоҷикистон........................................................................... | **238-244** |
| 20 | **Сайдалиев Х.А. Мирзоев С.А -** Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ.............................................................. | **245-250** |
| 21 | **Шомаҳмадзода Ф. Ш**.-Сарчашмаҳои ташаккулёбии даромади сатҳҳои гуногуни низоми буҷетии ҷумҳурии тоҷикистон......................................... | **251-253** |
| 22 | **Сафарова М.Б**.-Механизмы регулирования рынка труда в условиях трансформации экономики……………………………………………………… | **254-260** |
| 23 | **Суфиев Д. Ҷ**.- Асоси назариявиидигаргуниҳои сифати истеҳсолоти ҷамъиятӣ........................................................................................... | **261-270** |
| 24 | **Файзов Н.З**.-Ташкили фаъолияти маркетинг ва рушди босуръати технологияҳои молиявии бонкҳои ҷумҳурии тоҷикистон .......................... | **271-286** |
| 25 | **Иброҳимзода О. Ю**.-Мутобиқсозии таҷрибаи назариявиибайналмилалӣ ба шароити соҳибкории ҷумҳурии тоҷикистон................................................ | **287-295** |
| 26 | **Талбаков Л.К**.-Сармоягузориҳои хориҷӣ яке роҳҳои асоси барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон....................................................... | **296-304** |
| 27 | **Джумъаев Б.М., Ҳакимов К.С**..-Регрессионное моделирование влияние экономики знаний на экономический рост в республики таджикистан…… | **305-316** |
| 28 | **Куганов Н.К .,Давлаталии А.-**Шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва модели идоракунӣ....................................................... | **317-321** |
| 29 | **Шомаҳмадзода Ф.Ш** -Сохтори низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………………………………………………… | **322-326** |